**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**
**МИНИСТЕРСТВО ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ**

# МАВОДИ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ ДАР МАВЗУИ «АФЗАЛИЯТҲОИ РУШДИ БАХШИ МОЛИЯВӢ ДАР ДАВРАИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ» БАХШИДА БА РӮЗИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (07.12.2023)

# МАТЕРИАЛЫ МЕЖДУНАРОДНОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ НА ТЕМУ «ПРЕОРИТЕТЫ РАЗВИТИЯ ФИНАНСОВОГО СЕКТОРА В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ», ПОСВЯЩЕННАЯ К ДНЮ РАБОТНИКОВ ФИНАНСОВЫХ ВЕДОМСТВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (07.12.2023)

**Душанбе – 2023**

**Ҳайати таҳририя:**
**Кошонова М.Р.** – д.и.и., профессори кафедраи молия;
**Бегматов А.А.** – н.и.и., профессори кафедраи молия;
**Убайдуллозода Ф.У.** – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молия;
**Қурбонализода Д.Т.** – ассистенти кафедраи молия.

**Редколлегия**:
**Кошонова М.Р.** - д.и.и., профессор кафедры финансов;
**Бегматов А.А.** - н.и.и., профессор кафедры финансов;
**Убайдуллозода Ф.У.** - н.и.и., доцент, заведующий кафедрой финансов
**Қурбонализода Д.Т**. – ассистент кафедра финансов

Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ / Маҷмӯи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ ( ш.Душанбе 7-уми декабри соли 2023) - Душанбе, ДДМИТ. – 390 саҳ.

Преоритеты развития финансового сектора в условиях перехода к цифровой экономике /Сборник материалов научно-практической международной конференции (г. Душанбе, 7 - декабря 2023 года) – Душанбе, ТГФЭУ.-390 стр.

Ҳайати таҳририя ва мураттибон мақолаҳои муаллифонро вобаста ба талаботи муқарраргардида дар доираи ин маҷмӯа ба чоп тавсия намудаанд. Бинобар ин, саҳеҳияти муҳтавои илмӣ, мазмун, далел ва иқтибосҳо ба зиммаи муаллифони мақолаҳо гузошта мешавад. Маҷмӯаи маводи конференсия барои истифодаи донишҷӯён, унвонҷӯён, мутахассисон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

Редакционная коллегия рекомендовала статьи авторов к публикации в соответствии с установленными требованиями в рамках данного сборника. Поэтому точность научного содержания, доказательств и цитат возлагается на авторов статей. Сборник материалов конференции рекомендуется к использованию студентам, соискателям, специалистам и преподавателям учреждений высшего профессионального образования Республики Таджикистан.

© Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» бахшида ба рӯзи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (07.12.2023)

©Материалы международной научно-практической конференции на тему «Преоритеты развития финансового сектора в условиях перехода к цифровой экономике», посвященная дню работников финансовых ведомств Республики Таджикистан (07.12.2023)

| Мундариҷа | | |
|---|---|---|
| 1. | Сухани ифтитоҳии ректори ДДМИТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. | 6 |
| 2. | **Абдуалимзода Ҳ.А.** Рушди низоми молиявӣ ва иқтисоди миллӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ | 8 |
| 3. | **Убайдуллозода Ф.У.** Моҳияти иқтисодӣ ва тавсифи иқтидори молиявии мамлакат | 12 |
| 4. | **Ҷурахонзода Б.Ҷ. Муқимов Қ.М., Раҳимов С.Қ.** Баъзе масъалаҳои назариявии ташаккулёбии таваррум ва баҳодии он дар шароити муосир | 16 |
| 5. | **Нурализода А. Н.** Истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ҳамчун омили ташаккули хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 24 |
| 6. | **Ходжазода Д. К., Самариддини Ш.** Региональноя интеграця как важный фактор роста взаимной инвестиции | 29 |
| 7. | **Бегматов А.А., Шерқулов О.Д.** Ташаккул ва татбиқи механизми молиявӣ-қарзии рушди соҳибкории истеҳсолӣ | 34 |
| 8. | **Шарифзода Б.М., Нуриддинзода А., Абдусатори В**. Роль цифровизации банковского сектора в обеспечении ускоренного и сбалансированного развития промышленности Таджикистана | 39 |
| 9. | **Оймаҳмадов Г.Н., Расулов Ғ. Р. Аминов Ш.А.** Муаммоҳои молиявии рушди иқтисодиёти «сабз» дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 45 |
| 10. | **Шералиев Э. Н., Раимқулова А.Ҳ.** Рушди молияи давлатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт | 53 |
| 11. | **Қурбонализода Д.Т.** Омилҳо ва хавфҳои рақамикунонии сифати зиндагии аҳолии минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 57 |
| 12. | **Ҳикматов М. Каримов М.А.** Ҷанбаҳои муҳими рақамикунонии бахши хизматрасониҳои логистикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 61 |
| 13. | **Давлатов Х.М.** Тақвияти рушди логистикаи гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 66 |
| 14. | **Сулаймонзода Ш.Ф., Ҳақбердиев А.Н.** Услуги физической культуры и спорта в условиях цифровизация | 69 |
| 15. | **Зубайдов Ҷ.И., Сафаров Н.И., Иброҳимов Д. Н.** Иқтидори сармоягузории минтақа ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ | 73 |
| 16. | **Маъдиев С., Вохидов У.М.** Приоритеты развития страхования в условиях Республика Таджикистан | 80 |
| 17. | **Ахмедов Х.А., Қодиров Ҷ. Файзудинова Ф.Х.** Управление внешним долгом в системе финансовой безопасности государства | 86 |
| 18. | **Махшулов С. Ҷ.** Иқтидори қарзии субъектҳои кишоварзӣ ва механизмҳои баланд кардани карздиҳии соҳаи кишоварзӣ | 91 |
| 19. | **Зокир Х., Исматуллозода А.И. Маҳмадҷонзода М.Т.** Низоми саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таъсири фаъолнокии сармоягузорӣ дар шароити саноатикунонии иқтисодиёт | 99 |
| 20. | **Расулов Ҷ. Қ., Бобоев Ҷ. М.** Сармоягузорӣ ба рушди минтақаи Хатлон хамчун самти муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ | 103 |
| 21. | **Бобомуродов Б.Э.** Асосҳои назариявии ҳисобгирии молияи хоҷагиҳои хонавода | 107 |
| 22. | **Сафаров Қ.С., Султон З.Р.** Баҳодиҳии қарзи бонкӣ дар нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 113 |
| 23. | **Рустам Р. Убайдуллозода Ф.У., Қудратова Ф.Р.** Услусҳои ҳисоббаробаркунии лоҳияҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 124 |
| 24. | **Рахимова А.В.** Кредит как фактор развития экономики | 129 |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | **Досиев М. Н.** Буҷети давлатӣ ҳамчун омили танзими макроиқтисодӣ дар шароити муосир | 133 |
| 26. | **Абдулхайров Ф.М., Саёраева Р.Ш.** Аудити дохилӣ: роҳҳои такмили он дар низоми назорати идоракунии корпоративӣ | 139 |
| 27. | **Шарипова М.М**. Прогнозирования теоретико-методологические основы валютного курса | 144 |
| 28. | **Пирова М.А., Назарова М. Саидова С.У.** Механизми молиявии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 149 |
| 29. | **Сайдуллаев У.У.** Влияние цифровой экономики на телевизионную индустрию Республики Таджикистан | 156 |
| 30. | **Хасанова Н.Д., Назмидинов Д. К.** Развитие финансовых инноваций как фактор повышения конкурентоспособности коммерческих банков | 159 |
| 31. | **Низомиддинов С.Ш., Узакова Г.М., Ибрагимова Д.И**. Роль информационных технологий в развитии инвестиционной сферы | 165 |
| 32. | **Мамадризоева Н.М.** Бюджетно-налоговая политика Республики Таджикистан и ее реализация на современном этапе | 168 |
| 33. | **Курбонова Ф.А.** Банковские услуги в электронной среде | 174 |
| 34. | **Солиев Н.А. Гулзода Ҳ.Н.** Проблемы и возможности оптимизации косвенного налогообложения в современных условиях | 178 |
| 35. | **Холматова Ф.А., Иномова Д.И.** Саҳми молия ва рушди он дар давраи иқтисодиёти бозорӣ | 184 |
| 36. | **Намозализода Ш.Н. Каримов У.М.** Ҷанбаҳои назариявию амалии таъмини устувории молияи ҷамъияти саҳомӣ | 188 |
| 37. | **Рахматова Н.М.** Аналитический обзор мировых и отечественных инфляционных процессов в современных условиях | 192 |
| 38. | **Саидов Р.Н. Солиҳова М.Б.** Баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ ва пайомадҳои мусбии он | 197 |
| 39. | **Арабов М.К.** Прогнозирование цен на фондовом рынке с помощью алгоритмов машинного обучения | 205 |
| 40. | **Азизкулов Б. Ҷ. Гулов Х.Х.** Развитие ипотечного капитала в Республике Таджикистан | 209 |
| 41. | **Сатторов У.А.** Экономическое содержание влияния цифровизации на эффективность банковской деятельности | 213 |
| 42. | **Содиков Р.Х.** Управление рисками инвестиционных проектов промышленного предприятия | 219 |
| 43. | **Джабаров Г.Н.** Инновационный менеджмент: сущность, значение и ее роль в развитии цифровой экономики | 224 |
| 44. | **Хамидова С.Х., Солиева С.Ҳ.** Идоракунии корпоративӣ ҳамчун роҳи баланд бардоштани иқтидори муассисаҳои молиявӣ | 228 |
| 45. | **Юсупов И.Н.** Механизмҳои танзими давлатии истеҳсолоти инноватсионӣ | 232 |
| 46. | **Сафаров Ш.Ш., Нарзулоева Ф.Х. Умарзода У.Н.** Финансовый леверидж и его показатели в рыночной стоимость компании | 238 |
| 47. | **Мирзозода А.Д. Саъдиева Д.Н.** Муаммоҳои ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон | 245 |
| 48. | **Муртазоқулов М.Р.** Развитии цифровая экономика и этапы экономическая категории Республики Таджикистан | 252 |
| 49. | **Шерматов Ҷ.А., Шамсидинов Х.М.** Усулҳои криптографии ҳифзи маълумот барои бехатарии молявӣ | 256 |
| 50. | **Одинаев Э.С. Суробова Ш. Ш.**Таъсири низоми андоз ба рушди иқтисодӣ: назария ва амалия | 259 |

| | | |
|---|---|---|
| 51. | **Бобошерова Ф.Г. Тоҳири М.** Зарурати ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 267 |
| 52. | **Дустова Х.Ф.** Зарурияти таҳлили молиявӣ дар таъмини суботи фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ | 270 |
| 53. | **Фатхуддинзода О.Т., Мирджанова М.** Инновации в экономике: роль технологий в устойчивом развитии | 275 |
| 54. | **Мансуров Ш.М.** Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 279 |
| 55. | **Тохиров В.С. Абдураҳмонов Т.Х.** Причины и факторы современных банковских кризисов | 283 |
| 56. | **Албинаи К. Макинаи К. Тоҳири М.** Мушкилот ва самтҳои маблағгузории рушди инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 288 |
| 57. | **Хакимова М.С., Мирзоев Ҳ.Ҳ,. Карахонова Н.** Финансовое образование населения в условиях перехода к цифровой экономике | 294 |
| 58. | **Мирзоев Ҳ.Ҳ., Саъдиев Ҳ.Ф. Рухшонаи М.** Нақш ва аҳамияти буҷети давлатӣ дар идоракунии молияи давлатӣ | 298 |
| 59. | **Хамидова С.Х., Тошматова М.А.** Таҳқиқоти усулҳои таҳлили оморӣ дар раванди баландбардории иқтидори бонкӣ | 302 |
| 60. | **Кудратова Ф.Р., Нурмахмадова Р.М. Алиева З.** Теоретические аспекты современного состояния индустриального развития аграрной экономики | 307 |
| 61. | **Миршарипов Э. Давлатзода Р. Рустамзода М.** Масъалаҳои қарздиҳии соҳаи саноат ва таъмини рушди он дар шароити имрӯза | 312 |
| 62. | **Қурбонов В. Н. Амрихудозода Г.Т.**Ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии таварурум ва механизмҳои паст кардани шиддати таъсири манфии он | 317 |
| 63. | **Аъзамова Т. Т.** Ҷанбаҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир | 320 |
| 64. | **Қуватзода С. С.** Рушди низоми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ дар шароити имрӯза | 327 |
| 65. | **Ҷиҳонова З. А.** Аҳамият ва зарурияти иқтисодии низоми бонкӣ дар ҷомеа | 333 |
| 66. | **Норжигитов Р.О., Мирзахмедов С.Н.** Цифровые технологии и перспективы их внедрения в финансовую сферу Таджикистана | 340 |
| 67. | **Кошонова М.Р., Сафарзода М.М., Кошонова Ф.С.** Финансовая безопасность в системе социальной политики республики таджикистан | 344 |
| 68. | **Мирзоева Е.Ш.** Цифровая стратегия царэс как предпосылка развития инновационных технологий | 351 |
| 69. | **Саидзода Д.С.** Особенности привлечения инвестиций в сельское хозяйство | 355 |
| 70. | **Воҳидов У.М., Файзуллоев Б.С.** Арзёбии муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурд дар заминаи моделҳои эконометрикӣ | 360 |
| 71. | **Хаитов С.П., Хаитов С.С.** Принцип работы электронной подписи в сферах налогово-финансовых правоотношений Республики Таджикистан | 365 |
| 72. | **Алишоев Х.Ҳ** Рушд ва дурнамои низоми молиявӣ ва бонкдории исломӣ | 370 |
| 73. | **Мамадов С. В.** Мировой опыт обеспечения финансовой безопасности: новые угрозы и пути их преодоления | 374 |
| 74. | **Курбонов А.К., Назирзода Н.** Таҳлили маъмурикунонии имтиёзҳои андозӣ дар низоми иқтисоди миллӣ | 377 |
| 75. | **Ҳасанова М.И.** Таъмини самтҳои инфрасохтори иқтисодиёти рақамӣ барои рушди иқтисодиёти минтақа | 380 |
| 76. | **Кошонова М.Р., Зубайдов Ҷ.И., Асматбекзода Ф.** Такмили механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ | 384 |

**Сухани ифтитоҳии ректори ДДМИТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.**

Аз соли 2011 то ин ҷониб дар асоси қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 7-уми декабр ҳамасола ҳамчун рӯзи иди касбии кормандони мақомоти молия ҷашн гирифта шуда, чун ҷамъбасти солонаи дастовардҳои молиячиён ва муассисаҳои молиявӣ мансуб мебошад. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳамасола бахшида ба рӯзи иди касбии молиячиён конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва ё мизҳои мудавар баргузор меамояд, ки дар он дастоварҳои илмӣ ва таълимии ҳайати профессорону устодон пешкаш карда мешаванд. Соли равон низ идомаи анъанаи тасмим гирифта мебошад.

Гузариш ба модели рушди индустриалӣ - инноватсионӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян карда шудааст, ки ин раванд ба рушди босуръати саноатӣ ва инноватсионӣ асос меёбад. Раванди рақамикунонӣ на танҳо дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, балки хизматрасониҳои бонкӣ, идоракунии истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ, тандурустӣ ва маориф, савдо ва логистика, ва дигар соҳаҳо ба таври васеъ инкишоф ёфта истодааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои меъёрии ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ ташаккул ёфта истодааст ва якчанд хуҷҷатҳои давлатӣ, аз ҷумла Консепсияи ҳукумати электронӣ, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва мавриди истифода қарор доранд. Вале истифодаи технологияи рақамӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ҳануз назаррас нест.

Иқтисоди рақамӣ дар таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нақши муҳимро бозида, соли 2019 ҳиссаи иқтисоди рақамӣ дар ММД-и Ҷумҳурии Халқии Хитой 36,2 фоиз, Кореяи Ҷанубӣ 12 фоиз, Британияи Кабир 8 фоиз, ИМА 6 фоиз ва Россия 3 фоизро ташкил медиҳад.

Тибқи Индекси глобалии ҳамгироӣ дар давоми 15 соли охир суръати рушди иқтисоди рақамӣ дар ҷаҳон нисбат ба рушди иқтисоди ҷаҳонӣ 2,5 маротиба зиёд мебошад. Дар сурати таъмини ҳамгироии пурраи рақамии иқтисоди глобалӣ ММД-и ҷаҳонӣ иловатан ба 23 трлн. доллари ИМА то соли 2025 афзоиш меёбад.

Бо вуҷуди дастовардҳои назарраси таҳияи заминаи ҳуқуқии соҳа, истифодаи тиҷоратӣ ва таъсири иқтисодии бахши ТИК дар Тоҷикистон масъалаҳои таъмини шароити рақобати озод, дастрасӣ ва истифодаи инфиродии алоқаи интернет дар муқоиса ба кишварҳои минтақа беҳбудиро тақозо менамоянд.

Чунончи, индекси омодагии шабакавӣ (Форуми иқтисодии ҷаҳонӣ) Тоҷикистон аз 7 холи имконпазир 3,3 холро соҳиб буда, байни 139 кишвари ҷаҳон мавқеи 114-умро ишғол менамояд.

Бояд қайд кард, ки имрӯз дар зери таъсири инкишофи минбаъдаи низоми иқтисодӣ, рушди уфуқӣ ва амудӣ муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт, муносибатҳои молиявӣ ва идоранамоии онҳо нисбат ба давраҳои пеш мураккаб мегарданд. Тамоюлҳо ва муаммоҳои нав дар инкишофи муносибатҳои молиявӣ ва низоми молиявӣ ба вуҷуд меоянд, ки онҳо пайваста гузаронидани ислоҳоти молиявӣ ва таҳияи сиёсати давлатии молиявиро бо назардошти талаботҳои гузариш ба модели рушди индустриалӣ - инноватсионӣ ва равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт тақозо менамояд. Консепсия рушди технологияҳои молиявӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ ва ташаккули ҷомеаи аз нигоҳи молиявӣ фаъолро дар назар дорад, ки дар соҳаи молиявии самаранок амалкунанда ва инфрасохтори рушднамудаи бозори хизматрасониҳои пардохтӣ нақши калидӣ дорад.

Бахши молия бо истифодаи технологияҳои пешқадам, ба монанди феҳристҳои тақсимгардида, пешниҳоди воситаю маҳсулоти нави молиявӣ, рақамикунонии ҳамаи равандҳои буҷетӣ ва содакунии амалиётҳо аз ҳисоби ҳамгироӣ бо низомҳои

иттилоотии давлатӣ такмил дода мешавад. Ҷомеаи аз нигоҳи молиявӣ фаъол бо дастгирии танзимкунанда татбиқ намудани технологияҳои муосирро амалӣ намуда, дар маҷмӯъ ҳамкории мутақобили ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ширкатҳои коммуникатсионӣ ва дигар ширкатҳои соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, ҷиҳати паст кардани хавфҳои амалҳои қаллобӣ дар муҳити онлайн, ҷорӣ намудани маҳсулоти нави хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, беҳтар намудани таҷрибаи муштариён ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои муосир ва баланд бардоштани устувории низоми молиявиро дар назар дорад.

Аз ин рӯ, гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳои илмӣ оид ба такмили механизмҳои молиявӣ, ки тавассути онҳо самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ таъмин мегардад, зарур мебошад. Дар баробарии ин, омодагии кадрҳои баландихтисос барои бахши молияи рақамӣ, ки ҷавобгӯи талаботҳои замони муосир мебошанд, дар мадди аввал гузошта мешавад.

Дар ҳалли ин ду вазифаи ҳамбаста, коллективи устодони донишгоҳ саҳми худро гузошта истодаанд. Дар соли равон аз тарафи устодон як силсила корҳои илмӣ ба табъ расида, рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ба ҳимоя пешниҳод гардиданд, ки дар онҳо масъалаҳои асосҳои методологию иниститутсионалии ташаккул ва баамалбарории сиёсати давлатии молиявӣ дар шароити гузариши мамлакат ба марҳилаи рушди индустриалию инноватсионӣ, нақшаи танзими молиявии иқтисодиёт ва самаранокии он дар шароити гузариши мамлакат ба марҳилаи рушди индустриалию инноватсионӣ, муаммоҳои ҷалби сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ ба  рушди иқтисодиёти миллӣ, истифодаи самаранокии онҳо, идоракунии қарзи давлатӣ ва роҳҳои бехатаргардонии он дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва муаммоҳои беҳтаргардонии вазъи молиявии корхонаҳои ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар соли равон дар раванди баланд бардоштани сифати омодагии кадрҳои баландихтисос дастовардҳои назаррасро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Танҳо дар солҳои охир устодони донишкада даҳҳо китобҳои  дарсӣ ва воситаҳои таълимиро таҳия ва нашр намудаанд. Дар раванди таълим бошад усулҳои  муосири таълим ва воситаҳои техникӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Теъдоди зиёди донишҷӯёни мо дар озмунҳо ва олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, ҷойҳои фахриро ишғол намуданд.

Аҳли устодони донишгоҳи мо Иди касбии хешро бо дастовардҳои назаррас дар раванди таълим ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пешвоз мегиранд ва фахр аз он доранд, ки ба рушди молияи мамлакат бо тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳа ва ҳалли муаммоҳои илмии молиявӣ саҳм гузоранд.

Дар интиҳои суханронии худ донишҷӯён ва коллективи устодони донишгоҳро бо Иди кормандони мақомоти молия аз таҳти дил муборакбод намуда, ба ҳар яки Шумо тани сиҳат, умри дароз, хушбахти ва комёбиҳои беназирро дар зиндагӣ ва фаъолияти илмию эҷодӣ таманно дорам.

Доимо сарбаланду сарфароз бошед.

# РУШДИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ВА ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

**Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим** – *н.и.и. дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

*Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи нави рушди устувор қарор дошта он ба таҳкими минбаъдаи суботи иқтисодӣ ва зиндагии шоиста нигааронида шудааст. Вобаста ба тақвияти ин рушди низоми молиявӣ ва иқтисоди миллӣ калиди асосии расидан ба ҳадафҳои стратегии мазкур дар доираи истифодаи имкониятҳои мавҷуда мебошад.*

***Калимаҳои асосӣ.*** *иқтисодиёт, ҳадаф, субот, марҳила, низоми молиявӣ, рушд, арзиш, сиёсати иқтисодӣ, пули миллӣ.*

# РАЗВИТИЕ ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМЫ И НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

*Республика Таджикистан находится на новом этапе устойчивого развития, ориентированном на укрепление источника экономической стабильности и достойной жизни. В зависимости от этого усиление финансовой системы и национальной экономики является основным ключом к достижению этих стратегических целей в рамках использования имеющихся возможностей.*

***Ключевые слова.*** *Экономика, цель, стабильность, этап, финансовая система, развитие, стоимость, экономическая политика, национальная валюта.*

# *DEVELOPMENT OF THE FINANCIAL SYSTEM AND NATIONAL ECONOMY DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE*

*The Republic of Tajikistan is at a new stage of sustainable development, aimed at strengthening the source of economic stability and a decent life. Accordingly, strengthening the financial system and the national economy is the main key to achieving these strategic goals within the framework of taking advantage of existing opportunities.*

***Keywords.*** *Economy, goal, stability, stage, financial system, development, cost, economic policy, national currency.*

Тоҷикистони тозаистиқлол дар марҳилаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ қарор дошта, ҳамеша дар роҳи расидан ба ҳадафҳои устувори худ талош менамояд. Маълум аст, ки роҳи расидан ба истиқолияти комили иҷтимоию иқтисодӣ роҳи душвор буда, Тоҷикистон дар ин роҳ як қатор арзишҳои миллию таърихӣ ва иқтисодию молиявии хуро аз даст дод, то ба як марҳали рушд қарор гирад. Дар сипарӣ намудани ин роҳи душвор хушбахтона саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар корнамоию ҷонфидоиҳо дар арсаҳои гуногуни ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар дар бунёд ва таҳкими низоми бонкии мамлакат низ муҳим ва сазовор арзёбӣ мешавад. Зеро, Сарвари давлати тоҷикон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба мақоми роҳбарии кишвар интихоб шуданаш бо дарки амиқи муҳиммияти соҳаи мазкур ба масъалаи сиёсати мустақили пулию қарзӣ ва ташкили низоми миллии бонкдорӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир мекард. Вале рӯзгори тӯфонхези оғози даврони истиқлол ва ба гирдоби ҷанги дохилӣ кашида шудани кишвар барои ташкилу барқарории чунин низоми ҳаётан муҳим монеа эҷод менамуд.[1] Фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати таҳкими суботи низоми молиявию иқтисодӣ ва аз бунбасти сиёсию иқтисодӣ баровардани

[1] Рушди низоми бонкӣ дар 25 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон

кишвар дар як давраи ҳасос ва тақдирсоз бори дигар ташаббусҳои Пешвои миллатро пеши назар меорад.

Зеро аз байн рафтани алоқаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, халалдор гардидани ҳисоббаробариҳо бо собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, қатъ гардидани воруди маблағҳои муттамарказ аз буҷети умумииттифоқӣ, якбора боло рафтани нархҳои воридотии захираҳои энергетикӣ, молҳои истеъмолӣ иқтисодиёти мамлакатро фалаҷ кард ва ба хоҷагии халқ миллиардҳо доллари ИМА зарар овард. Новобаста аз оне, ки пас аз соли 1991 иқтисодиёти Тоҷикистон якбора рӯ ба таназзул ниҳод дар ин марҳила роҳҳо ва механизмҳои ислоҳот ба таври зарурӣ коркард мегардид. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар солҳои аввали 1991 баъди пош хурдани ИҶШС иқтисодиёти Тоҷикистон якбора рӯ ба таназзул ниҳод. Илова бар ин қайд кардан зарур аст, ки яке аз масъалаҳои асоссие, ки ба рушд ва вазъи иқтисодиёти давлат баҳо медиҳанд ин ММД-и мебошад ва дар солҳои ававали соҳибистиқлой тамоили манфӣ дошт (диаграмаи 1).

**Диаграммаи 1. Рушди нишондиҳандаи Маҷмӯи маҳсулоти дохили дар солҳои 1991-2022 (бо %)**




*Сарчашма. Дар асоси маълумотҳои рушди низоми бонкӣ дар 25 соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022 сохта шудааст.*

Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, дар дар чунин марҳалаҳои ҳассос ва душвор дар баробари душвор шудани фазои мураккаби иқтисодӣ, ҳатто вазъият аксари соҳибкорони хориҷӣ бо сабаби хавфи сиёсӣ ва иқтисодӣ, майл ва хоҳиши ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистонро надоштанд, ки ин масъала ҷанбаи дигар душвориҳои кишвари моро ташкил менамуд. Ҳамасола ба ҳисоби миёна ба андозаи 19,8 фоиз коҳиш ёфтани ММД дар Тоҷикистон дар баробари душвориҳои сиёсӣ душвориҳои иҷтимоию иқтисодиро низ ба давлат зам менамуд. Аз маълумотҳои диаграммаи мазкур аён аст, ки баъд аз соли 1991 дар соли 1992 Маҷмӯи маҳсулоти

дохилӣ ба андозаи 32,4% коҳиш ёфт ва ин тамоил то соли 1996 идома пайдо намуд. Баъд аз соли 1996 дар натиҷаи андешидани як қатор чораҳои зарурӣ, аз қабили ба муомилот баровардани пули миллӣ, қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор, фароҳам овардани инфрасохтори зарурии рушд, тақвияти робитаҳои байналмилалӣ, ташкили сиёсати мукаммали пулию қарзӣ, таъмини суботи низоми бонкӣ ва як қатор масъалаҳои муҳими дигар иқтисодиёти Тоҷикистон тамоили болоравиро касб намуда, ҳамасола ба ҳисоби миён дар ҳаҷми 7,3% таъмин карда мешавад.

Боиси қаноатмандист, ки сатҳи рушди иқтисодиёт ва таъмини мувозинати рушди он дар кишвар пеш аз ҳама аз талошҳои пайвастаи роҳбари олии кишвар ва қабул намудани як қатор барномаю стратегияҳои муҳими давлатӣ мебошад. Ин аст, ки баъд аз соли 2020 дар натиҷаи гирифтани таҷриба аз ҳисоби таъсири манфии

| **Номгӯи институтҳои молиявӣ** | **Солҳо** | | | | | **Тағйирёбӣ нисбат ба 2017** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Ташкилотҳои қарзию молиявӣ | 20 932 | 21 201 | 21 975,9 | 26 307,4 | 22414,7 | 7,0% |
| Бонкҳо | 18 237 | 18 070 | 18 725,4 | 22 781,5 | 18195,0 | -0,23% |
| Ташкилотҳои қарзии хурд | 2 696 | 3 131 | 3 250,4 | 3 525,9 | 4219,7 | 56,4% |
| Ташкилотҳои суғуртавӣ | 295 | 372 | 452,9 | 412,4 | 527,3 | 78,7% |
| Ташкилотҳои лизингӣ | 186 | 185 | 221,9 | 248,6 | 221,4 | 19,0% |
| АСИН | 1 391,5 | 1 412,5 | 1 432,5 | 1 484,1 | 1481,4 | 6,4% |

бемории ҳамагири COVID-19 рушди иқтисодиёти Тоҷикистон дар соли 2021 7,5 ва дар соли 2022 8%-ро ташкил намуд. Таъмини рушди мутавозини масъалаи мазкур боиси рушди низоми молиявӣ дар сатҳи институтҳои молиявию қарзӣ гардид.

Тамоюли сути рушди нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишвар агар аз як тараф бо таъсири омилҳои беруна вобаста бошанд аз дигар тараф аз бамаротиб барҳам хурдани низоми бонкӣ ва дигар ташкилотҳои ғайрибонкӣ вобаста мебошанд. Аз ин лиҳоз ҳиссаи ин низом дар ММД-и кишвар тамоюли манфиро касб намуда, ҳиссаи он кам мегардад. Вақеият ва густариши муносибатҳои иқтисодии гуногунҷанба ва фароҳам овардани шароити хуби рушди иқтисодӣ дар кишвар боиси он гардид, ки низоми молиявии кишвар аз ҳисоби равандҳои ҳамгироишудаи байнисоҳавӣ тақвият дода шаванд. Ин аст, ки баъди таъмини рушди иқтисодиёт махсусан пас аз соли 2017 баъди таҷриба таъсири як қатор омилҳои манфии дохилию берунӣ рушд дар бозори молиявии кишвар таъмин гардид, ки тамоили масъалаи мазкурро дар ҷадвали 1 дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои пулии низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳои 2017-2021**

**Сарчашма.** Ҳисоби муаллиф дар асосии маълумотҳои сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj.

Густариши доимии рушди низоми молиявӣ боиси ба миён омадани имкониятҳои нави молиявӣ гардида дар натиҷа ба таъмини иҷроиши буҷети давлат ва ғанӣ гардонидани он мусоидат менамояд. Чи тавре, ки таҳлили маълумотҳои ҷадвали 1 нишон медиҳанд ҳиссаи нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишвар аз 34,5% соли 2020 ба 24,9% дар соли 2021 баробар гардидааст, ки он муттаносибан дар муқоиса ба соли 2020 9,6% кам гардидааст. Дар сатҳи низоми молиявии кишвар нақши низоми бонкӣ назаррас буда он дар таъмини рушди иқтисодиёти кишвар нақши сазовор дора два ҳиссаи он дар маҷмӯи нишондиҳандаҳои бозори молиявӣ назаррас мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дороиҳои низоми қарзию молиявӣ афзоиш ёфта сатҳи тағйирёбии онҳо дар муқоиса ба соли 2017 дар ҳаҷми 7% афзоиш ёфтаанд. Аммо чунин афзоиш ба низоми бонкӣ вобаста намебошанд. Дар ин давра агар соли 2017 дороиҳои бонкҳо 18237 миллион сомониро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2021 18195 миллион сомониро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда муттаносибан дар муқоиса ба соли 2017 -0,23% коҳиш ёфтааст. Аммо новобаста аз он, ки шумораи ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ бамаротиб коҳиш ёфтааст, аммо дороиҳои онҳо якчанд маротиб афзоиш ёфта ҳиссаи онҳо дар соли 2022 зиёда аз 26 милиард сомониро ташкил намуд. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки фароҳам овардани шароити зарурӣ ва таъмини механизмҳои самараноки ҳамгироии низоми молиявӣ бо бахши воқеии иқтисодиёт имконият медиҳад, ки ба ҳадафҳои олии ҳукумату кишвар, ки дар барномаву стратегияҳои рушд пешбинӣ шудаанд сарбаландона расем.

**Адабиётҳои истифодашуда**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022 сохта шудааст.
2. Рушди низоми бонкӣ дар 25 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Дастурамали №176-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» аз 9 октябри соли 2009, таҳти №304, бо Қарори Раёсати БМТ тасдиқ гардидааст (аз 19 ноябри соли 2009, таҳти №550 «ж», дар Вазорати адляи ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст).
4. Дастурамали №186-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ» аз 28 апрели соли 2011, таҳти №73, бо Қарори Раёсати БМТ тасдиқ гардидааст (аз 10 июни соли 2011, таҳти №612, дар Вазорати адляи ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст).
5. Дастурамали №194-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд» аз 25 апрели соли 2012, таҳти №77, бо Қарори Раёсати БМТ тасдиқ гардидааст (аз 4 июни соли 2012, таҳти №238 «е», дар Вазорати адляи ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст).

# МОҲИЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА ТАВСИФИ ИҚТИДОРИ МОЛИЯВИИ МАМЛАКАТ

**Убайдуллозода Ф.У.** - *н.и.и., дотсент мудири кафедраи молияи- Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур моҳияти иқтисодии мафҳуми "иқтидори молиявии мамлакат" кушода шуда, равишҳои гуногуни олимони хориҷӣ оид ба мазмуни ин мафҳум таҳлил шудааст. Муаллиф иқтидори молиявии мамлакат ва қисмҳои таркибии онро муайян намудааст. Қайд гардидааст, ки қисмҳои асосии иқтидори молиявии мамлакат инҳо мебошанд: захираҳои молиявӣ, захираҳои сармоягузорӣ, захираҳои қарзӣ, иқтидори буҷетӣ, иқтидори андозӣ, иқтидори қарзӣ, иқтидори инноватсионӣ. Хусусиятҳои хоси қисмҳои таркибии иқтидори молиявии мамлакат тавсиф карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтидори молиявӣ, захираҳои сармоягузорӣ, захираҳои қарзӣ, иқтидори буҷетӣ, иқтидори андозӣ, иқтидори қарзӣ, иқтидори инноватсионӣ.*

## ЭКОНОМИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ И ХАРАКТЕРИСТИКА ФИНАНСОВОГО ПОТЕНЦИАЛА СТРАНЫ

*В данной статье раскрывается экономическая сущность понятия «финансовый потенциал страны», а также анализируются различные подходы зарубежных учёных относительно содержания этого понятия. Автор определил финансовый потенциал страны и ее составных частей. Отмечается, что основными частями финансового потенциала страны являются: финансовые ресурсы, инвестиционные ресурсы, кредитные ресурсы, бюджетный потенциал, налоговый потенциал, кредитный потенциал, инновационный потенциал. Описаны характерные особенности составных частей финансового потенциала страны.*

***Ключевые слова:*** *финансовый потенциал, инвестиционные ресурсы, кредитные ресурсы, бюджетный потенциал, налоговый потенциал, кредитный потенциал, инновационный потенциал.*

## ECONOMIC ESSENCE AND CHARACTERISTICS FINANCIAL POTENTIAL OF THE COUNTRY

*This article reveals the economic essence of the concept of "financial potential of the country", and also analyzes the various approaches of foreign scientists regarding the content of this concept. The author determined the financial potential of the country and its components. It is noted that the main parts of the country's financial potential are: financial resources, investment resources, credit resources, budget potential, tax potential, credit potential, innovation potential. The characteristic features of the components of the country's financial potential are described.*

***Keywords:*** *financial potential, investment resources, credit resources, budget potential, tax potential, credit potential, innovative potential.*

Иқтидори молиявӣ яке аз унсурҳои асосии иқтидори иқтисодӣ ба шумор меравад. Иқтидори молиявӣ, аз як тараф, асосан тақсим ва аз нав тақсимкунии маблағҳо ва селаҳои зарурироро таъмин карда, аз ҷониби дигар, бе иқтидори молиявӣ истифодаи самараноки унсурҳои иқтидори иқтисодӣ, чун истеҳсолӣ, меҳнатӣ, сармоягузорӣ ва ғайра имконнопазир мебошад.

Барои муайян намудани мафҳуми иқтидори молиявии мамлакат шарҳи моҳияти мафҳуми «иқтидор» («потенсиал») ва истилоҳи манбавии он «имконият» («потенсия»)

зарур аст. Дар адабиёти илмӣ потенсия (аз калимаи лотинии potentia - имконият) ҳамчун қобилият; доштани қувваи кофӣ барои амалисозии ин ё он фаъолият, кор; он чизе, ки дар шакли пинҳонӣ (қувваи ниҳонӣ) мавҷуд аст ва метавонад дар шароити муайян зоҳир гардад, фаҳмида мешавад.

«Иқтидор» ҳамчун категорияи иқтисодӣ чунин таъриф дода мешавад: имконият ва тайёрии субъектҳои бозор барои ба ҳамон намудҳои фаъолият махсусгардонида шудан аст, ки бо онҳо дар ҳар як лаҳза бартариҳои мутлақ ва ё муқоисавӣ мавҷуд мебошад.

Истилоҳи «иқтидори молиявӣ» нисбати дигар намудҳои иқтидор (мисол, иқтисодӣ, сармоягузорӣ, андозӣ ва ғайра) ба таври васеъ тадқиқ нагардидааст. Мавҷуд набудани фаҳмиши ягона оиди моҳияти «иқтидори молиявӣ», аз ҷониби бисёре аз олимони иқтисодчӣ монанд ё як чиз дониста шудани иқтидори молиявӣ бо иқтидори сармоягузорӣ ва ё бо иқтидори буҷетӣ ва унсурҳои он, инчунин робитаи тарафайни онҳо, ҷараёни ташкил, истифода ва афзун намудани иқтидори молиявиро мушкил мегардонад.

«Иқтидори молиявӣ» ва «иқтидори сармоягузорӣ» категорияҳои мустақил буда, бо унсурҳо ва механизмҳои таъсиррасонӣ аз ҳам фарқ мекунанд, вале дар баъзе ҳолатҳо бо ҳам пайваст мегарданд – иқтидори сармоягузорӣ як қисми иқтидори молиявиро ба худ қабул менамояд, иқтидори молиявӣ бошад қисми захираҳоест, ки барои сармоягузорӣ равона карда мешавад.

Иқтидори молиявӣ аввалин маротиба дар сатҳи мамлакат дар соли 1970 аз ҷониби Волков А.М. муайян карда шуд. Волков А.М. иқтидори молиявиии мамлакатро бо афзоиши захираҳои молиявии мамлакат алоқаманд шуморида, нақши ҳавасмандкунии иқтидори молиявиро дар пайдо намудани ҷараёнҳои нави истеҳсолӣ қайд намуда буд [1, с.120].

Дар солҳои 90-уми асри XX фаҳмишҳои нав оиди моҳияти иқтидори молиявӣ пайдо шуд. Яке аз чунин фаҳмишҳои нахустин иқтидори молиявиро ҳамчун синоними иқтидори андозӣ муҳокима менамуд. Чунин фаҳмиш бештар хоси мамлакатҳоест, ки дар онҳо шаклҳои федерализми буҷетӣ рушд ёфтааст. Ба ин гурӯҳ мамлакатҳое дохил мешаванд, ки сохти давлатдории федеративӣ (Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада, Бразилия, Австралия, Мексика), конфедеративӣ (Швейтсария), инчунин унитарӣ (Япония, Шветсия, Дания) доранд.

Мувофиқи фаҳмиши дигар иқтидори молиявӣ маҷмӯи захираҳои молиявиест, ки барои ҳадафҳои рушди мамлакатҳо ва қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳрвандон, ҷалбсозии онҳо дар ҳаҷми пурра ҳеҷ гоҳ имконпазир намегардад. Чунин нуқтаи назар имрӯз ҳам мавҷуд аст. Мисол, иқтисодчиёни муосири рус Коломиетс А.Л. ва Мелник А.Д. қайд менамоянд, ки иқтидори молиявии мамлакат маҷмӯи ҳамаи захираҳои молиявии ин ё он мамлакатро дар бар мегирад [3, с.92].

Сабитова Н.М. иқтидори молиявии мамлакатро ҳамчун «қобилияти даромаддиҳии захираҳои мавҷудаи мамлакат ба субъектҳои иқтисодии мухталиф дар давраи муайян» маънидод кардааст [6, с.64].

Иқтисодчии рус Доронина Т.В. иқтидори молиявии мамлакатро ҳамчун ҳаҷми маблағҳое, ки метавонад ба таври объективӣ барои ташкили маҷмӯи маҳсулоти мамлакатвӣ ва таъмини аҳолӣ бо тамоми неъматҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода шавад, муайян кардааст [2, с.13].

Барои муайян намудани мафҳуми иқтидори молиявии мамлакатҳо ду фаҳмиши амиқан таҳлилшударо муҳокима кардан муҳим аст.

1. Фаҳмиши коллективи муаллифони рус таҳти роҳбарии В.Н. Лажентсев, ки иқтидори молиявиро ҳамчун як қисми иқтидори маҷмӯии мамлакат муайян кардаанд. Ба ақидаи онҳо иқтидори молиявӣ натиҷаи моддии татбиқи иқтидорҳои манбавӣ мебошад. Дар фаҳмиши онҳо иқтидори молиявӣ ду мафҳуми манбавиро дар бар мегирад: даромади молиявӣ ва захираҳои молиявӣ. Комёбии ин фаҳмиш дар нишон додани асоси захиравии ташкили иқтидори молиявӣ (активҳои гуногуншакли мамлакатҳо) мебошад [4, с.41].

2. Ба ақидаи иқтисодчии рус Менкова Н.М. иқтидори молиявии мамлакат маҷмӯи қобилияти захираҳои молиявӣ барои ноил шудан ба самаранокии воқеии иҷтимоӣ ва иқтисодии рушди мамлакати муайян мебошад [5, с.130]. Ӯ ба таври махсус қайд менамояд, ки на ҳамаи захираҳои молиявии дар ҳудуди мамлакат ҳосилшуда дар ихтиёри мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ боқӣ мемонад, зеро як қисми онҳо ба буҷетҳои зинаи дигар равона карда мешавад. Аммо захираҳои молиявии ба буҷетҳои зинаҳои дигар равонашавандаро аз таркиби сарчашмаҳои ташкили иқтидори молиявии мамлакат ҷудо намудан номумкин аст, чунки онҳо низ дар истифодаи имкониятҳои мавҷудаи мамлакат ва ҳосил намудани даромадҳо иштирок менамоянд.

Менкова Н.М. иқтидори молиявиро ба ду намуд ҷудо мекунад:

- иқтидори молиявии истифодашаванда (қисми иқтидори молиявӣ, ки истифода гардидааст);
- иқтидори молиявии истифоданашаванда (қисми истифоданашудаи иқтидори молиявӣ) [5, с.139].

Иқтидори молиявии истифодашаванда - захираҳоест, ки ноил шудан ба ҳадафҳои муайяншударо (қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ) таъмин кардааст.

Иқтидори молиявии истифоданашаванда - захираҳоест, ки ба ҷараёни такрористеҳсол ҷалб нашудаанд ва дар ноил шудан ба ҳадафҳои муқарраршуда иштирок намекунанд.

Иқтидори молиявии мамлакатро ба таври васеъ ва кӯтоҳ шарҳ додан мумкин аст. Иқтидори молиявии мамлакат ба тариқи васеъ ҳамчун қобилияти низоми молиявии мамлакат оиди таъмини болоравӣ ва рушд дарояндаи дур аз ҳисоби маҷмӯи максималии захираҳои дастрасбуда, ҳамчуни шароити (механизмҳо ва воситаҳои) муҳайё кардаи давлат, ташкилотҳо ва хоҷагиҳои хонаводагии мамлакат барои ташкил, тақсим ва истифодаи ин захираҳо, бо мақсади ноил шудан ба натиҷаҳои муайяни молиявӣ, таъмини такрористеҳсоли васеъ ва рушди иҷтимоӣ, фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат бояд мавҷудияти сарчашмаҳои худии маблағгузорӣ пешбинӣ карда шавад, зеро онҳо талаботҳои асосии мамлакатро таъмин карда, барои дар ҳаҷми зарурӣ ва бо шарти мувофиқ ҷалб намудани сарчашмаҳои берунӣ имкон дода, хаҷми захираҳои молиявиро бо назардошти сатҳи имконпазири хавф ташкил менамоянд.

Дар зери мафҳуми иқтидори молиявии мамлакат ба таври кӯтоҳ маҷмӯи захираҳои молиявии аз ҷониби давлат ва субъектҳои иқтисодиёт ҷалбшударо, ки барои таъмини такрористеҳсоли оддӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати некӯаҳволии аҳолӣ заруранд, фаҳмидан мумкин аст.

Барои таҳлили амиқ таснифи васеи иқтидори молиявии мамлакатро бо назардошти маҷмӯи параметрҳо гузаронидан имконпазир мебошад. Дар чуини ҳолат

ду фаҳмишро ба инобат гирифтан зарур аст: ҷараёнӣ ва унсурӣ. Аз нуқтаи назари фаҳмиши ҷараёнӣ қисмҳои таркибии зерини иқтидори молиявиро ҷудо кардан мумкин аст: захираҳои дар марҳилаи мазкур ташкилшаванда; захираҳои қарзӣ; захираҳои ғуншуда.

Дар шакли умумӣ механизми ташкил ва истифодаи иқтидори молиявӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад [3, 90]:

- маҷмӯи принсипҳое, ки дар асоси онҳо ҷараёни ташкил ва истифодаи иқтидори молиявӣ, баҳисобгирии хусусиятҳои мамлакат, бетанаффусии ҷараёни ташкил ва истифодаи иқтидори молиявӣ, худтаъминкунӣ, робитаи тарафайни унсурҳои иқтидори молиявӣ, такмилдиҳии муносибатҳои молиявӣ, ғункунӣ ва истифодабарии захираҳои молиявӣ, шаффофии ҷараёни ташкил ва истифодаи захираҳо ва иқтидори молиявӣ, шарики давлатӣ-шахсӣ дар соҳаи ташкили захираҳои молиявӣ, то ҳадди ниҳоӣ кам кардани хавфҳо ва ғайра амалӣ мегардад.

- маҷмӯи олотҳои молиявӣ – қарзҳо, вомбаргҳо, андозҳо ва ғайра.

- маҷмӯи усулҳои молиявии баҳодиҳӣ - ҳисобкунии коэффитсиентҳо, таҳлили омилӣ, баҳодиҳии арзишӣ, меъёрӣ, таҳлили калавиш ва дигар нишондиҳандаҳо.

Иқтидори молиявии мамлакат ва қисмҳои таркибии онро шартан дар шакли расм тасвир намудан мумкин аст (расми 1.).




Расми 1. Иқтидори молиявии мамлакат

**Манбаъ: таҳияи муаллиф**

Дар зери мафҳуми иқтидори сармоягузорӣ ба таври кӯтоҳ тавсифи сифатии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, таъмин будани мамлакат бо омилҳои истеҳсолот (захираҳои табиӣ, қувваи корӣ, фондҳои асосӣ, зерсохтор ва ғайра), талаботи истеъмолии аҳолӣ ва дигар нишондиҳандаҳо фаҳмида мешавад.

Иқтидори қарзии мамлакатро аз ду ҷиҳат муайян намудан мумкин аст. Аз як тараф, иқтидори қарзӣ қисми таркибии иқтидори сармоягузорӣ буда, сармоягузории захираҳои молиявии худии мамлакатро бо мақсади гирифтани фоида ва ё гирифтани захираҳои қарзӣ барои таъмини муваққатии талаботи мамлакат ба захираҳои молиявӣ дар бар мегирад. Аз ҷониби дигар, иқтидори қарзӣ – ин маҷмӯи нишондиҳандаҳоест, ки самаарнокии фаъолияти низоми қарзии мамлакатро баҳогузорӣ менамояд.

Иқтидори молиявии мамлакат миқдоран ҳамчун натиҷаи таъсири тарафайни унсурҳои зерин муайян карда мешавад: иқтидори корхонаҳо ва ташкилотҳо, иқтидори буҷетӣ-андозӣ, иқтидори муассисаҳои қарзӣ, иқтидори ширкатҳои суғурта, иқтидори ширкатҳо ва фондҳои сармоягузорӣ, иқтидори хоҷагиҳои хонаводагӣ.

Бояд ба назар гирифт, ки иқтидори молиявӣ натиҷаи фаъолияти ҳам субъекти алоҳидаи иқтисодиёт, ҳам мамлакат ва ҳам давлат дар маҷмӯъ буда, шароити зарурии таъмини бехатарии иқтисодии мамлакат ва мамлакато мебошад.

Дар кори ташкили иқтидори молиявии мамлакат ҷои махсусро захираҳои молиявии аҳолӣ ишғол менамояд. Ин намуди захираҳои молиявии ғайримарказонидашуда дар таъмини рушди ҷараёнҳои иқтисодӣ бо маблағ иштирок менамояд. Захираҳои молиявии аҳолӣ дар натиҷаи тақсимоти аввалини даромади миллӣ (музди меҳнат ва дигар пардохтҳо ба кормандони соҳаҳои истеҳсолӣ, даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ) ва ё дар натиҷаи ҷараёнҳои аз нав тақсимкунӣ дар ҷомеа (мисол, кӯмакпулӣ, музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ) ба вуҷуд меояд.

**Адабиёт**

1. Волков А.М. Перспективное планирование финансовых ресурсов. - М.: Финансы. - 2016. - 174 с.

2. Доронина Т.В. Финансово-экономическое обеспечение устойчивости региональных бюджетов: автореф. дисс. ... канд. экон. наук. - М. 2019. - 24 с.

3. Коломиец А.Л., Мельник А.Д. О соотношении финансового потенциала в региональном разрезе. - М.: ЮНИТИ. - 2017. - 328 с.

4. Лаженцев В.Н Финансовый потенциал экономической системы: структура и методика оценки // Современные проблемы науки и образования. - 2021. - №2. - С. 36-47.

5. Менкова Н.М. Системная диагностика экономики региона. - М.: ЮНИТИ-ДАНА. - 2020. - 232 с.

6. Сабитова Н.М. О понятии финансового потенциала региона и методологии его оценки / Н.М. Сабитова //Финансы. - 2021. - С. 63-69.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ ТАВАРРУМ ВА БАҲОДИИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Ҷурахонзода Баҳодур Ҷурахон –*** *н.и.и.дотсент, муовини якуми ректор оид ба таълими ДДМИТ*

***Муқимов Қ.М.,*** *н.и.и., дотсент, мудири кафедраи андоз ва сугуртаи ДДМИТ, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/16, тел: 902644004, qutbiddin-24@mail.ru*

***Раҳимов С.Қ.,*** *н.и.и., дотсенти филиали МДТ ДБССТ дар ш. Хуҷанд, тел: 927540047, crahimov80@mail.ru*

Тибқи назария ва амалияи иқтисодӣ таваррум яке аз нишонаҳои номӯътаъдилии макроиқтисодӣ мебошад. Мавҷудияти таваррум маънои онро дорад, ки байни талаботи умум ва маҷмуаи пешниҳодҳо номутаносибии макроиқтисодӣ мавҷуд аст. Яке аз ҳолате, ки дар иқтисодиёт мавҷуд будани таваррумро нишон медиҳад ин баландшавии дараҷаи умумии нарх мебошад. Бинобар ин, барои чен намудани сатҳи таваррум дар илми иқтисодии ҷаҳонӣ низоми нишондиҳандаҳо коркард карда шудааст, ки онҳоро дар кулли адабиётҳои таълимии иқтисодӣ оид ба назарияи иқтисодиёт, макро ва микро иқтисодиёт дарҷ намудааст. Бо тарзи дигар гуем мазмун ва мундариҷаи нишондиҳандаҳои таваррум пурра дар адабиётҳои иқтисодӣ таърифу тавсиф карда шуда, тартиби ҳисоби онҳо пурра навишта шудааст. Ба ин нигоҳ накарда

дар мақолаи мазкур онҳоро мо ба низом дароварда дар шакли ҷадвали 1 пешниҳод намудем, ки дар поён пурра истода мегузарем.

Боиси қайд аст, ки дар низоми нишондиҳандаҳои ченкунии таваррум ҷойи махсусро индекси нархҳо ишғол менамояд, зеро онҳо имкон медиҳад, ки тағирёбии нисбии дараҷаи миёнаи нархҳоро дар давраи муайян инъикос намояд ва дар натиҷаи муқоисаи онҳо дараҷаи таваррумро низ ҳисоб кардан имконият пайдо мегардад.

Бо воситаи нишондиҳандаҳои муайян ба ҷараёни таваррум баҳои миқдорӣ дода мешавад, ки ин на танҳо аз нуқтаи назари макро ва ҳам аз нуқтаи назари микроиқтисодиёт низ аҳамияти бузург дорад, зеро дар таҳия намудани сиёсати пулии қарзӣ, сиёсати андозию буҷетӣ, сиёсатҳои сохторӣ дар миқёси миллӣ ба ҳисоб гирифтани дараҷаи таваррум хело аҳамияти бузург дорад. Илова бар он, дар низоми микроиқтисодӣ ҳар як молистеҳсолкунанда, қарздиҳанда, қарзгиранда ва истеъмолгар маҷбур аст, ки дар тули фаъолияти худ ба масъалаҳои таваррум диққати махсус диҳад. Зеро сатҳи баланди таваррум омили вайроншавии фаъолиятро пайдо карданаш мумкин аст.

Ба ақидаи мо кулли нишондиҳандаҳои таваррумро ба ду гурӯҳи калон ҷудо кардан мумкин аст, ки як қисми онро чун нишондиҳандаҳои мустақим, ки бевосита сатҳи таваррумро инъикос менамояд ва ғайримустақим, ки бо воситаи дигар нишондиҳандаҳо оид ба баландшавии сатҳи нарх дар ҷомеа маълумот гирифтан мумкин аст (ҷадвали **1.**).

**Ҷадвали 1. Усулҳои ҳисобу китоб намудани сатҳи таваррум дар илми иқтисодиёти муосир**

| **Номгӯи нишондиҳанда** | **Мундариҷаи ҳисобу китоб** | |
|---|---|---|
| | **Формулаи ҳисоб** | **Моҳият** |
| Нишондиҳандаи мустақим | | |
| Индекси нархҳои истеъмолӣ (индекс Ласпейрес) | $J_{\text{ини}} = \frac{\sum P_1 Q_1}{\sum P_1 Q_0}$ | Бо мурури вақт тағйир ёфтани дараҷаи умумии нархи сабади истеъмолии дар давраи ҷорӣ, тақсим ба нархи сабади истеъмолии давраи гузашта (бо %) |
| Дефлятори ММД (индекс Пааше) | $J_{\text{ини}} = \frac{\sum P_1 Q_1}{\sum P_1 Q_0}$ | Тақсими ММД бо нархҳои ҷорӣ ба ММД-и ҳақиқӣ, яъне бо нархи муқоисавӣ (бо %) |
| Дараҷаи таваррум | $T_{\text{тав}} = \frac{J_{\text{ини ҷ}} - J_{\text{ини б}}}{J_{\text{ини б}}}$ | Индекси нархи ҷорӣ тарҳи (минуси) индекси нархи давраи базавӣ тақсими нархи давраи базавӣ (бо %) |
| Қоидаи «70» | $= \frac{70}{\text{Сатҳи таваррум}}$ | Адади 70 тақсими сатҳи таваррум |
| Индекси арзиши ҳаёт | Инд. сабати истеъм./ Хароҷ. ҳақиқӣ ба саб.истеъм. | Тамоюли арзиши сабади молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар муқоиса бо сохти хароҷотҳои истеъмолии аҳолӣ |
| Индекси қобилияти харидории пул | $K_{\text{пул}} = \frac{1}{T_{\text{тав}}}$ | Мутаносибии чапа ба сатҳи таваррум |
| Нишондиҳандаҳои ғайримустақим | | |
| Индекси таъминоти | $\frac{\text{Зах.молӣ}}{\sum \text{амонат пулӣ}} * 100$ | Тақсимоти захираҳои молӣ ба маҷмуаи амонатҳои пулии аҳолӣ зарби сад |

| | | |
|---|---|---|
| Индекси хароҷоти зиндагӣ | $\frac{\text{Даром. аҳолӣ}}{\text{Хароҷоти аҳолӣ}}$ | Тақсимоти даромадҳои аҳолӣ ба хароҷотҳои аҳолӣ (бо % ) |
| Муқоисаи индекс нархҳои дороиҳо бо истеъмолӣ | $\frac{J_{\text{дороиҳо}}}{J_{\text{ини}}}$ | Тақсими индекси нархҳои дороиҳо ба индекси нархҳои молҳои истеъмолӣ |
| Тағирёбии қурби асъор | Нархи як сомонӣ бо асъорҳои хориҷӣ | Муқоисаи паритети қобилияти харидории асъори миллӣ бо дигар асъорҳои хориҷӣ |
| Коэффитсиенти монетизатсия | $\frac{\text{Хаҷми пул}}{\text{ММД}} * 100$ | Тақсими ҳаҷми массаи пулӣ М2 ба арзиши ММД (бо %) |

*Ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаҳои зерин таҳия карда шудааст: Большой экономический словарь./Под ред. Борисова А.В. – М.: Книжный мир, 2008. – 789 с.; Самуэльсон П., Вильям Д. Нордхаус. Экономика: Пер. с англ. – М.: «Бином», Лаборатория базовых знаний», 1997.; Булатов А.С. Экономика: учебник. – М.: Знание, 2009.; Дорнбуш Р., Фишер С. Макроэкономика / Пер. с англ. – М.: Изд-во МГУ: ИНФРА-М, 1997.*

Чӣ хеле ки дар ҷадвал оварда шудааст, бо нишондиҳандаи мустақим, яъне индекси нархҳо, сатҳи таваррум, қобилияти харидории пул имкон ҳаст, ки бо тарзи кушод ба баландшавии нархҳо баҳогузорӣ намоем. Вале дар ин самт вақте, ки индекси нархҳои истеъмолӣ ҳисоб карда мешавад маҷмӯаи молҳое, ки таҳқиқ карда мешаванд, дар баъзе ҳолатҳо гуногунанд. Дар бештар ҳолатҳои ба маҷмӯаи молҳо, ки аз рӯи он индекси нархи истеъмолӣ ҳисоб карда мешавад аз 25 номгӯи маҳсулотҳои истеъмолӣ, дар баъзе ҳолатҳо аз 40 номгӯй ва баъзан аз 70 номгӯй иборат мебошанд. Чӣ тавре ки аз назария маълум аст, зиёдшавӣ ё камшавии шумораи гурӯҳи молҳо барои бақайдгирии нарх аз сиёсати давлат вобаста аст, тағйироти номгӯи молҳои истеъмолӣ, ҷаҳишҳо дар сохтори истеҳсолот, дараҷаи даромаднокии аҳолӣ тағйир дода мешавад.

Дар бештар ҳолатҳо барои муайян кардани миқдори солҳое, ки дар тӯли давомнокиаш дараҷаи нарх ду маротиба зиёд мегардад, дар илми иқтисодиёт қоидаи «70» истифода бурда мешавад. Дар асоси истифодабарии усули мазкур пас аз чанд сол дараҷаи нарх дар кишвар ду маротиба зиёд мешавад, муайян карда мешавад. Бо ақидаи олимон интихоби адади «70» аз он бармеояд, ки ҳисобу китобҳо дар бонкҳо бо фоизи мураккаб ба роҳ монда шудааст.

Дар илми иқтисодиёт дар қатори нишондиҳандаҳои мустақим нишондиҳандаи ғайримустақим низ васеъ истифода бурда мешавад. Номгӯи онҳо ки дар ҷадвали боло инъикос гардидааст, дар умум оид ба баландшавии сарбории таваррумро дар ҷомеа нишон медиҳад. Дар зумраи чунин нишондиҳанда инҳоро қайд кардан мумкин аст: *нисбати захираҳои молӣ ба ҳосили ҷамъи маблағҳои пасандозҳои аҳолӣ, муқоисаи даромадҳои аҳолӣ нисбати хароҷотҳо, индекси нархҳои дороиҳо (саҳмияҳо, амволи ғайриманқул) бо муқоиса ба нарҳои истеъмолӣ ва ғайраҳо.* Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо хафви зиёдшавии сатҳи таваррумро бо тарзи ғайримустақим барои маънидод намудан имконият медиҳад.

Дар шароити муосир баҳодиҳӣ ба тағирёбии дараҷаи нарх яке аз масъалаҳои актуалӣ мебошад. Ин ҳолат бо масъалаи таҳияи сиёсати давлатӣ дар самти танзими иқтисодиёт вобастагӣ дорад, ки аз ҷониби олимон, тадқиқотчиён дар ҳама давру замон мавриди тадқиқ қарор дорад. Мафҳуми қобилияти харидории пул аслан муҳтавои

тамоюлҳои таваррумро инъикос менамояд. Дар ин замина, иқтисодшиноси ватанӣ Т.Р. Ризоқулов қайд мекунад: "*таваррум ҳангоми гузариш аз иқтисоди маъмурӣ ба шароити бозаргонӣ танҳо бо болоравии умумии нархҳое, ки дар илми иқтисодшиносии ғарбӣ қабул карда шудааст, наметавонад шарҳ дода шавад. Азбаски, дар ин ҷо тамоми қонунҳои бозор ҳоло татбиқи худро наёфтаанд, бинобар ин, вақте сухан дар бораи таваррум меравад, бояд раванди беқурбшавии пулро, ки дар паст шудани қобилияти харидории пули миллӣ, яъне тамоюли паствавии шумораи молҳо ва хидматҳо барои як воҳиди пулӣ харидоришуда фаҳмида шавад*".[2]Маҳз ҳамин намуди таваррум ба иқтисодиёти имрӯзаи давраи ташаккул ва рушди ниҳодҳои бозаргонӣ хос буд. Аз ин рӯ таъкид кардан мумкин аст, ки тавассути назорати сатҳи таваррум қобилияти харидории пулро назорат кардан мумкин аст.

Дар илми иқтисодиёт нишондиҳандаи қобилияти харидории пул ҳамчун қимати баръакси сатҳи таваррум ё индекси нархҳои кишвар ҳисоб карда мешавад.[3] Дар шакли формула ин чунин ифода меёбад:

$$\textbf{Қобилияти харидорӣ} = \frac{1}{T_{\text{таваррум}}}$$

Ба ибораи дигар, тағйирёбӣ дар арзиши пул бо сатҳи ҷории таваррум дар кишвар тавсиф шуда буд ва аксарияти олимон дар тадқиқотҳои худ барои муайян кардани қобилияти харидории пул ба ҳамин равиш диққат додаанд. Аммо, дар илми иқтисодшиносии муосир кӯшишҳои мухталифи муайян кардани сатҳи қобилияти харидории пул мавҷуданд, ки дар ин замина ақидаи иқтисодшиноси ватанӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Л. Ҳ. Саидмуродов ҷолиб аст. Аз ҷумла, ӯ қайд мекунад, ки қобилияти харидории сомонӣ дар асоси индекси нархҳои истеъмолӣ камбудиҳои муайян дорад, зеро нархи молу хидматрасонии инвеститсиониро ба назар намегирад. Аз ин рӯ, қобилияти харидории пули миллӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ бояд тавассути индекси дефлятори ММД ($J_{ММД}$) бо истифодаи формулаи зерин ҳисоб карда шавад: $J_{п.q}$/= 1- ($J_{ДММД}$ - 1)".[4]

Тавассути методикаи мазкур ҳисоб кардани индекси қобилияти харидории сомонӣ аз рӯи дефлятори ММД зарур аст. Маълум аст, ки тибқи талаботҳои байналмилалӣ барои таҳлили босифати иқтисодӣ ҳисобкунӣ дар асоси дискретиро (ҳам бо нархҳои ҷорӣ ва ҳам бо нархҳои доимӣ) ба роҳ мондан зарур аст. Аз ин сабаб, дар маҷмӯаҳои оморӣ қайд карда шудааст, ки арзёбии ММД бо нархҳои доимӣ ба заминаи муайяншуда бо нархҳои миёнаи давраи заминавӣ ҳисоб карда мешавад. Консепсияи нархҳои доимӣ. барои давраи заминавӣ ҷиҳати баҳогузорӣ бо нархҳои доимӣ дар дилхоҳ давра (моҳ, семоҳа ва сол) қабул карда мешавад. Тибқи консепсияи нархҳои доимӣ ба сифати давраи заминавӣ як сол тавсия дода мешавад, зеро нархҳо метавонанд дар муддати кӯтоҳ тағйиротҳои мавсимӣ дошта бошанд. Аз ин рӯ, барои сохтани силсилаи пайдарҳамии ҳисобҳо, ки бо нархҳои доимии солҳои заминавӣ ҳисоб карда мешаванд, бо истифода аз тартиби пайвасткунӣ ба як замина оварда мешаванд.

---

[2] Ризокулов Т.Р. Проблемы инфляции в экономике Республики Таджикистан. (монография). - Душанбе: «Ирфон», 2006. – С. 47
[3] Пол А. Самуэльсон, Вильям Д. Нордхаус. Экономика: Пер. с англ. — М.: «БИНОМ», «Лаборатория Базовых Знаний», 1997. — 800 с.: ил.
[4] Саидмуродов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана – Душанбе: Изд-во «Ирфон», 2005. – 260 с., С. 154

Барои баҳодиҳӣ ба “иқтидори таваррум” аз ҷониби олими рус Д.Р. Белоусов чор намуди методикаи баҳодиҳӣ пешниҳод карда шудааст, ки онҳо аз усулҳои зерин иборат аст:

*1. Ҳаҷми даромадҳо, маблағгузории хароҷотҳои истеҳсолиро баҳри таъмини такрористеҳсолоти содда дар шароити баландшавии нарх ба захираҳо таъмин менамоянд;*

*2. Фарқият байни хароҷотҳо ва ҳаҷми реалии даромадҳо мебошад, ки дар умум ҳаҷми даромади таваррумро ифода менамояд;*

*3. Дараҷаи “иқтидори таваррум” ҳамчун тақсимоти даромади умумии талабкардашуда ба даромади ҳақиқӣ ҳисоб карда мешавад.*

*4. Афзоиши қимматшавии маҳсулот, ки талабот ба захираҳои молиявиро таъмин менамояд низ чун иқтидори таваррумӣ ҳисоб карда мешавад.*[5]

Усулҳои қайдгардидаи олими мазкур дар ҳисоб намудани “иқтидори таваррум” бевосита аҳамияти бузург дорад.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки “интизории таваррумӣ” аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ хело баланд аст ва он хавфи зиёд дорад. Интизории таваррумиро, ки бо тарзи ғайримустақим “иқтидори таваррум”ро инъикос менамояд, гуфтан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, усулҳои баҳодиҳии интизории таваррумиро чун усулҳои баҳодиҳӣ ба “иқтидори таваррумӣ” ҳисоб кардан мумкин аст, ки ҳоло онҳоро бо тарзи кутоҳ дида мебароем.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ чор усули баҳодиҳии интизории таваррумро аз ҳам фарқ менамояд: *усулҳои эконометрикӣ, пурсишҳои сотсиологӣ, индикаторҳои биржавӣ, усули истифодабарии маълумотҳои калонҳаҷм (усули BD - Big Data).*[6]

Дар ин ҷода ба мазмун ва мундариҷаи усулҳои мазкур каме аҳамият медиҳем ва онро таҳлил менамоем. Якум ба усули “пурсишҳои сотсиологӣ”, ки он дар асоси пурсишҳои шаҳрвандони оддӣ, ё ин ки экспертҳое, ки дар соҳаҳои худ мутахассисони варзида ба ҳисоб меравад дар шакли анкета гузаронида шуда ва натиҷаҳои он ба нашр мерасанд.

Индикаторҳои биржавӣ бошад, дар асоси ахборотҳои дохилаи биржавӣ оид ба низоми фоиз, даромаднокии коғазҳои қимматнок, бафурӯшравии пардохтпазирии дороиҳо, индексатсияи коғазҳои қиматнок ва ғайраҳо ҳисоб карда мешавад.

Дар шароити муосир дар баҳодиҳии “интизории таваррумӣ” истифода бурдани усулҳои анбори маълумоти калонҳаҷм (усули BD - big data) ояндаи бузург дорад. Вале барои ин маълумотҳои зиёди калонҳаҷм ва реалӣ аз шабакаи Интернет, аз ҳисоботҳои мақомотҳои давлатӣ, хусусӣ ва дигари дахлдор оид ба нархҳо, мол ва хизматрасониҳо, тарофаҳо факту рақамҳои заруриро дастрас намудан зарур аст, ки ҳоло ин масъала дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон каме бошад ҳам мушкилот дорад. Бинобар ин истифодабарии усули анбори маълумоти калонҳаҷм (усули BD - big data) новобаста аз он, ки ояндаи бузург дорад, ҳоло дар иқтисодиёти кишвари мо натиҷаҳои дилхоҳ надоданаш мумкин аст.

---

[5] Белоусов Д.Р. Механизм инфляции в современной экономике России (финансово-воспроизводственный аспект). // Диссертация на соискание ученной степени кандидата экономических наук. – М.; 1998, - С.16-17

[6] Балацкий Е. В., Юревич М. А. Измерение инфляционных ожиданий: традиционные и новаторские подходы // Вестник Санкт-Петербургского университета. Экономика. 2018. Т. 34. Вып. 4. С. 534–552. https://doi.org/ 10.21638/spbu05.2018.403

Барои ҳамин дар шароити муосир дар ҷумҳурӣ хуб мешуд усулҳои экономтерикиро васеъ истифода барем. Дар ин самт боиси қайд аст, ки дар ҳисобу китоби интизории таваррум формулаи зеринро истифода бурдан мумкин аст, ки он ба тамоилҳои пештара асос ёфтааст[7].

$$\pi_t^e = (1/4) \times \left(\pi_{t-1} + \pi_{t-2} + \pi_{t-3} + \pi_{t-4}\right)$$

Дар ин ҷо: $\pi_t^e$ – интизори таваррумӣ дар иқтисодиёт дар умум дар давраи t; tn – қиммати таваррумӣ ҳақиқӣ нисбати давраи ҷорӣ t.

Истифодабарии формулаи мазкур, асосан ба усули экстраполятсионӣ такя карда шудааст, яъне тамоюли таварруме, ки дар давраи пешина мавҷуд буд ба ояндаи наздик гузаронида мешавад.

Ҳамчун альтернатива ба усули мазкур аз ҷониби олимон дигар формулаи ҳисоб кардани “интизории таваррумӣ” пешниҳод карда шудааст, ки он ба тамоюлҳои дар оянда ба вуҷуд меомада такя карда мешавад. Формулаи мазкур[8] дар поён оварда шудааст:

$$\pi_t - \pi_t^e = a + bx_t + e_t,$$

Дар ин ҷо $\pi_t^e$ – интизори таваррумӣ $\pi_t$ - қиммати таваррумӣ ҳақиқӣ, $x_t$ – таъғирёбандае, ки фарқияти байни ҳақиқӣ ва иқтидории дараҷаи рушди иқтисодиётро нишон медиҳад (ҳаҷми ММД-и реалӣ ва иқтидорӣ (потенсиалӣ)), $e_t$ – адади тасодуфӣ.

Боиси зикр аст, ки ҳар як усулҳои қайд гардида, оид ба баҳодиҳӣ ба интизории таваррумӣ бартарият ва норосиҳои худро дорад. Новобаста ба ин истифодабарии ин ё он усули баҳодиҳии интизории таваррумӣ дар ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодиёт аҳамияти басо муҳим дорад. Дар оянда истифодабарии усули анбори маълумоти калонҳаҷм (усули BD - big data) бештар паҳн мегардад. Зеро имрӯз рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ бештар ба технологияи инноватсионӣ асос ёфта истодааст ва вобаста ба ин дар ҷомеа массивҳои иттилоотӣ, ки бо факту рақамҳои нав дар тамоилҳои иқтисодӣ пурра гардида истодааст, имкон медиҳад, ки сегментҳои иттилоотӣ бештар тараққӣ ёбанд.

Сатҳи афзоиши нарх (баландшавии дараҷаи таваррум) яке аз нишондиҳандаҳои калидии ҳолати иқтисодиёт мебошад, бинобар ин пешгӯӣ намудани он дар назария ва амалия аҳамияти ҷиддӣ дорад. Дар илм ва амалияи ҷаҳонӣ таҷрибаи хело зиёд ва усулҳои пешгӯикунии тамоюли нарх барои давраҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ғанӣ гаштааст. Аз ин лиҳоз, усулҳои пешгӯикуние, ки дар илми иқтисодиёт бештар паҳн гардидааст, ҳамчун методикаи таҳқиқот, ки барои оянда дар илми иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст, дида мебароем. Бо тарзи умум гуфтан ҷоиз аст, ки кулли равияҳои пешгӯикунии афзоиши сатҳи нархҳоро шартан дар адабиётҳои иқтисодӣ ба 3 гурӯҳ тақсим кардааст: *«1) пурсишҳо, 2) усулхои математикӣ, 3) моделонӣ бо ҳисоби баҳодиҳии экспертӣ*[9]*»*.

---

[7] Ball L., Mazumder S.Inflation dynamics and the great recession // Brookings Papers on Economic Activity. 2011. P. 337–406.
[8] Coibion O., Gorodnichenko Y.Is the Phillips curve alive and well after all? Inflation expectations and the missing disinflation // American Economic Journal: Macroeconomics. 2015. Vol. 7, No. 1. P. 197–232.
[9] Балацкий Е. В., Юревич М. А. Прогнозирование инфляции: практика использования синтетических процедур. Мир новой экономики.2018;12(4):20-31.

Ҳар яки онҳо бо механизм ва услубҳои худ гузаронида мешаванд ва дар ин ҷода бештар ба таҳқиқи моделҳои пешгӯикунии таваррум таваҷҷӯҳ медиҳем. Моделҳои пешгӯикунии таваррум якомила ва бисёромила мебошанд, ки дар адабиёти иқтисодии муосир ҳоло зиёда аз 20 намуди ин моделҳои пешгӯикунии таваррумро истифода бурда истодаанд.

Ба моделҳои бисёрпаҳнгашта моделҳои зеринро ворид кардан ҷоиз аст, ки онҳоро дар ҷадвали 2. инъикос намудем.

**Ҷадвали 2. -Моделҳои пешгӯикунии сатҳи афзоиши таваррум дар илми иқтисодиёт**

| Номгӯъ | Формулаи ҳисоб | Сарчашма |
|---|---|---|
| Модели тағйиротҳои тасодуфии гумроҳгашта (RW) | $\pi_{t+h} = \frac{1}{4}\sum_{i=1}^{4}\pi_{t+1-i} + \varepsilon_{t+h},$ | Atkeson A. et al. Are Phillips curves useful for forecasting inflation? Federal Reserve Bank of Minneapolis Quarterly Review. – 2001. -№25(1). –C.2–11. |
| $\pi_t$ - сатҳи таваррум дар давраи t; h — давраи пешгӯикуни; $\varepsilon_{t+h}$ – хатогии тасодуфӣ | | |
| Модели мустақими авторегрессионӣ | $\pi_{t+h} = a + \sum_{i=1}^{p} b_i \times \pi_{t-i} + \varepsilon_{t+h},$ | Моисеев С. Р. Аналитика центральных банков: обзор эконометрических моделей. // Финансы и кредит. – 2000. - № 11. – С. 119–124. |
| $\pi_t$ - сатҳи таваррум дар давраи t; h — давраи пешгӯикуни; $\varepsilon_{t+h}$ – хатогии тасодуфӣ; a,b - коэфсиентҳои омилӣ; | | |
| Модели интегриронии авторегресионӣ | $(\Delta^d \pi_t) = a + \sum_{i=1}^{p} b_i \times \Delta^d \pi_{t-i} + \sum_{j=1}^{q} c_j \times \Delta^d \varepsilon_{t-j} + \varepsilon_t$ | Турунцева М. Ю., Астафьева Е. В., Петренко В. Д. Прогнозирование инфляции: эмпирика и реальность. Экономика. Налоги. Право. 2014. - №1. С.53–57. |
| p — тартиби авторегрессионӣ; q — қиммати ғеҷиши миёна; d — қиммати фарқият; $\pi_t$ - сатҳи таваррум дар давраи t; h — давраи пешгӯикуни; $\varepsilon_{t+h}$ – хатогии тасодуфӣ; a,b - коэфсиентҳои омилӣ; | | |
| Модел дар асосии каҷхаттаи Филлипс | $\pi_t = a + b\pi_{t-L} + cu_{t-L} + dz_{t-L} + \varepsilon_t$ | Gordon R. Inflation, Flexible Exchange Rates, and the Natural Rate of Unemployment. In Workers, jobs and inflation. Baily M., ed. Washington: Brookings; 1982:88–152. |
| $U_t$ – сатҳи бекорӣ; $z_t$ – таъғирёбандаи касри пешниҳод; L — воҳиди давомноки; $\pi_t$ - сатҳи таваррум дар давраи t; $\varepsilon_{t+h}$ – хатогии тасодуфӣ; a,b - коэфсиентҳои омилӣ; | | |

| | | |
|---|---|---|
| Моделҳои авторегрессионии векторӣ | $\begin{cases} Y_{1t} = a_1 + b_1 Y_{1t-1} + c_1 Y_{2t-1} + d_1 X_{1t-1} + e_1 X_{2t-1} + \varepsilon_{1t} \\ Y_{2t} = a_2 + b_2 Y_{1t-1} + c_2 Y_{2t-1} + d_2 X_{1t-1} + e_2 X_{2t-1} + \varepsilon_{2t} \end{cases}$ | Sims C. A. Interpreting the macroeconomic time series facts: The effects of monetary policy. European Economic Review. 1992. -№ 5 (36). – P. 975–1000. |
| $Y_{1t}$, $Y_{2t}$ – таъғирёбандаи эндогенӣ; $X_{1t}$, $X_{2t}$ – таъғирёбандаи экзогенӣ; $\varepsilon_{1t}$, $\varepsilon_{2t}$ – хатогии тасодуфӣ; a,b,c,d,e - коэффсиентҳои омилӣ; | | |

*Ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия карда шудааст:* Faust J., Wright J. H. Forecasting inflation.// Handbook of economic forecasting. – 2013. № 2. - С. 56.

Дар асоси омӯзиши моделҳои дар боло зикрёфта қайд кардан ҷоиз аст:

*Якум,* дар илми иқтисодиёти муосир усулҳои гуногуни методии пешгӯикунии таваррум мавҷуд аст, ки ҳар яки онҳо ҷабҳаҳои манфӣ ва мусбии худро доранд.

*Дуввум,* фаъолият дар самти пешгӯикунии таваррум сараввал аз интихоби усули аниқ ва бештар мутобиқ будаи он ба иқтисодиёти ин ё он кишвар бояд оғоз гардад.

*Саввум*, то давраи муосир дар илм ва амалияи ҷаҳонӣ усулҳо ва моделҳои пешгӯикунии таваррум хело зиёд ба роҳ монда шудааст, ки он барои тадқиқотчӣ маҷмаи воситаҳо барои коркард намудани пешгӯии таваррум имконият фароҳам меорад.

*Чорум,* дар вақти интихоби ин ё он равияи методии пешгӯикунӣ дар навбати аввал сатҳи рушди ҳар як давлат, давраи таҳқиқот, мутобиқати модели интихобшуда ба хусусиятҳои хоси кишварҳо низ ба инобат гирифта мешавад.

Панҷум, дар шароити муосир, ки бештар кишварҳои ҷаҳон, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати кушоди иқтисодӣ дорад, зарур аст, ки дар вақти пешгӯикунии таваррум на як модели хоса, балки дар асоси якчанд моделҳои пешгӯикунӣ истифода хоҳад шуд. Зеро чунин муносибат имкон медиҳад, ки ҷабҳаҳои мусбии бисёр моделҳои зиёдро имкон медиҳад дар худ инъикос намояд ва пешгӯии коркардашуда бо тарзи системавӣ ва комплексӣ бошад. Чунин муносибат барои баланд бардоштани саҳеҳияти пешгӯӣ низ таъсир мерасонад.

**Руйхати адабиёти истифодашуда:**


*1. Ризокулов Т.Р. Проблемы инфляции в экономике Республики Таджикистан. (монография). - Душанбе: «Ирфон», 2006. – С. 47;*

*2. Пол А. Самуэльсон, Вильям Д. Нордхаус. Экономика: Пер. с англ. — М.: «БИНОМ», «Лаборатория Базовых Знаний», 1997. — 800 с.: ил.;*

*3. Саидмуродов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана – Душанбе: Изд-во «Ирфон», 2005. – 260 с., С. 154;*

*4. Белоусов Д.Р. Механизм инфляции в современной экономике России (финансово-воспроизводственный аспект). // Диссертация на соискание ученной степени кандидата экономических наук. – М.; 1998, - С.16-17;*

*5. Балацкий Е.В., Юревич М.А. Измерение инфляционных ожиданий: традиционные и новаторские подходы // Вестник Санкт-Петербургского университета. Экономика. 2018. Т. 34. Вып. 4. С. 534–552. https://doi.org/ 10.21638/spbu05.2018.403;*

*6. Ball L., Mazumder S.Inflation dynamics and the great recession // Brookings Papers on Economic Activity. 2011. P. 337–406.*

# ИСТИФОДАБАРИИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАШАККУЛИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОЙ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Нурализода Амрулло Назрулло**, *н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе, к. Нахимов, 64/14. Тел.: (+992) 918-75-76-68, E-mail: amrullon@mail.ru.*

**Аннотатсия:** *Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои муҳими маблағгузориҳои буҷетӣ ба соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ оварда шудааст. Дар адабиёти илмӣ мафҳуми «хизматрасонии иҷтимоӣ» нисбатан кам истифода мешавад. Мувофиқи ақидаи як қатор олимон, хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир ҳамчун яке аз самтҳои кори иҷтимоӣ ва шакли ташкилии ин намуди фаъолияти иҷтимоӣ баромад мекунад, ки ҳамчун системаи усулҳои муайяни фаъолияти инсондӯстии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, ки ба мутобиқшавӣ, иҷтимоӣ ва барқарорсозии шахс, оила ё ҷомеаи инсонӣ нигаронида шудааст.*

***Калимаҳои асосӣ:*** *ҳифзи иҷтимоӣ, маблағгузорӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, буҷет, аҳолӣ, қобилияти корӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, донишҳои аҳолӣ.*

# ИСПОЛЬЗОВАНИЕ БЮДЖЕТНЫХ СРЕДСТВ КАК ФАКТОР ОРГАНИЗАЦИИ СОЦИАЛЬНОГО ОБСЛУЖИВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Нурализода Амрулло Назрулло,** - *к.э.н., доцент кафедры налоги и налогообложения, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 918-75-76-68. E-mail: amrullon@mail.ru.*

**Аннотация:** *В данной статье представлены важные аспекты бюджетного финансирования сферы социальных услуг. В научной литературе понятие «социальная услуга» используется сравнительно редко. По мнению ряда ученых, социальное обслуживание в современных условиях выступает как одно из направлений социальной услуги и организационная форма этого вида социальной деятельности, которая рассматривается как система определенных методов социально-гуманитарной деятельности, которая направлена на адаптацию, социализацию и реабилитацию человека, семьи или ориентирована на человеческое общество.*

**Ключевые слова:** *социальная защита, финансирование, социальные услуги, бюджет, население, работоспособность, связи с общественностью, знания населения.*

# THE USE OF BUDGET FUNDS AS A FACTOR OF THE ORGANIZATION OF SOCIAL SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Nuralizoda Amrullo Nazrullo**, *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of taxes and taxation, Tajik State Financial and Economic University. Addres: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Phone:(+992) 918-75-76-68, E mail: amrullon@mail.ru*

**Abstract:** *This article presents important aspects of budget financing of the social services sector. In the scientific literature, the concept of "social service" is used relatively rarely. According to a number of scientists, social service in modern conditions acts as one of the areas of social work and the organizational form of this type of social activity, which is considered as a system of certain methods of social and humanitarian activity, which is aimed at adaptation, socialization and rehabilitation of an individual, family or is focused on human society.*

**Key words:** *social protection, financing, social services, budget, population, efficiency, public relations, knowledge of the population.*

Ташаккули сиёсати иҷтимоии давлатӣ дар шароити муосир механизмҳо, шаклҳо ва усулҳои нави татбиқи онро, ки ба таъмини аҳолӣ бо доираи зарурии хизматрасонии мустақими иҷтимоӣ асос ёфтааст, тақозо мекунад, ки яке аз муҳимтарин звеноҳои ин механизм таъсиси системаи хизматрасонии иҷтимоӣ мебошад, ки шаклҳои гуногуни кори иҷтимоиро бо категорияҳои гуногуни аҳолӣ таъмин менамояд. Он бояд маҷмӯи хизматрасониҳои гуногуни мақсаднокро ба гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоие, ки зери хатар қарор доранд ва бо назардошти воқеияти нави иҷтимоӣ ба дастгирии ҷамъиятӣ эҳтиёҷ доранд, илова бар хизматрасониҳои мутамарказро дар бар гирад.

Хизматрасонии иҷтимоӣ – маҷмӯи хизматҳои иҷтимоии марбут ба фаъолияти хадамоти иҷтимоӣ дар бобати дастгирии иҷтимоӣ, расонидани хизматҳои иҷтимоӣ, маишӣ, иҷтимоӣ — тиббӣ, равонишиносию педагогӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, хизматҳои дигар ва кӯмаки моддӣ, мутобиқшавӣ ва офияти иҷтимоии шаҳрвандон, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд.

Мақсадҳои хизматрасонии иҷтимоӣ инҳо мебошанд:

- мусоидат намудан ба таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи аъзои ҷамъият, ки ба таҳкими ягонагии иҷтимоӣ ва роҳ надодан ба ҷудокунии иҷтимоӣ равона гардидаанд;
- таъмин намудани имконияти ба сар бурдани ҳаёти сазовору бехатар, ҳамзамон иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ;
- кӯмак намудан ба шаҳрвандон барои рафъи ҳолати душвори зиндагӣ, ки онҳо бо маблағи худ ва имкониятҳои мавҷудбуда қудрати бартараф кардани онро надоранд;
- тақвият додани ҷидду ҷаҳди шахсии шаҳрвандон ва оилаҳо, муҳайё кардани шароит барои ҳалли мустақилонаи масъалаҳои пешомада аз тарафи онҳо;
- пешгирӣ кардани ҳолати душвори зиндагӣ.

Таъсиси системаи хизматрасонии иҷтимоӣ барои рафъи мушкилоти зиёди соҳаи маориф, нигоҳубини аъзоёни маъюби оила, тавонбахшӣ, ташкили ҳаёти ҳаррӯза, вақтхушӣ, мушкилоти муноқишаҳо дар муносибатҳо, паст кардани қобилияти худтаъминкунӣ, мусоидат намудан ба маржинализатсия ва дигар зуҳуроти ҷамъиятие, ки ба баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии иҷтимоӣ имкон медиҳад, бояд ба ҳамоҳангсозии кӯшишҳои мақомоти давлатӣ ва сохторҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла ташкилотҳои ғайридавлатӣ, хусусӣ, хайриявӣ ва шабеҳи кӯмаки иҷтимоӣ дар ин самт мусоидат намояд.

Аз ин рӯ, самаранокии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ба ақидаи олимон, метавонад дар асоси ҳам умумӣ (барои баҳодиҳии самаранокии он дар маҷмӯъ) ва ҳам мушаххас (барои баҳодиҳии хизматрасониҳои иҷтимоии мушаххаси намудҳо ва усулҳои кори иҷтимоӣ, кори инфиродӣ муайян карда шавад. Манбаи бевоситаи муайян кардани меъёрҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ҳадаф ва вазифаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ва дараҷаи татбиқи онҳо мебошад.

Нуқтаҳои зерин асосан муҳиманд:

- аввалан, мақсадҳои хизматрасонии иҷтимоиро дар сатҳи ҷамъият, минтақаҳои алоҳида, ноҳия ва шаҳракҳо, дар сатҳи гуруҳҳои аҳолӣ ва шахсони алоҳида баррасӣ кардан мумкин аст;
- дуюм, мақсадҳои хизматрасонии иҷтимоӣ бояд шароити иҷтимоию иқтисодӣ, ахлоқӣ-психологӣ, экологӣ, сиёсӣ ва дигар шароитро, ки дар шароити ислоҳоти сиёсию иқтисодии баъди ҷанги шаҳрвандӣ инкишоф ёфта буданд, ба назар гиранд;

- сеюм, ҳадафҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони муосир бояд бо баҳодиҳии объективӣ ва инъикоси мусбати равандҳои кишвар ва минтақаҳои он, ки аз бӯҳрон баромадаанд, инчунин ба эътидол овардани вазъи иҷтимоии категорияҳои гуногуни аҳолии кишвар алоқаманд бошанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло инро бояд қайд кард, ки маблағгузорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ба рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ, варзиш, фарҳанг.. ) сол то сол афзоиш ёфта, истодааст.

Дар ҷумҳурӣ муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ (мактабҳои ибтидоӣ, асосӣ, миёнаи умумӣ), таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, таҳсилоти иловагӣ, махсус ва муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд, фаъолият менамоянд.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2023 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи маориф ба маблағи 7210,4 млн сомонӣ пешбинӣ карда шуда, 18,9 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 5,7 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.




Соҳаи тандурустӣ низ яке самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мансуб ёфта, хароҷоти соҳа барои соли 2023 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 3343,1 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки он 8,8 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 2,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.




Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои соли 2023 ба маблағи 4898,6 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, 12,9 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 3,9 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Хароҷот аз рӯи гурӯҳбандии вазифавӣ барои соли 2023

| Номгӯи кумакпулиҳо | Нишондиҳанда барои ҳисобҳо | Андоза аз рӯи 68 сомонӣ | Шумораи гирандагони кумакпулӣ дар соли 2023 | Талаботи солона аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо млн.сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| | аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ | | | |
| Кӯмаки унвонии иҷтимоӣ | 9 | 612 | 238 762 | 154,3 |
| | аз ҳисоби буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | | | |
| Нафақагирони аҳамияти ҷумҳуриявидоша | аз 3 то 6 | аз 204 то 408 | 2 826 | 0,9 |
| Кумакпулӣ барои дафн | 20 | 1360 | 20 000 | 27,2 |
| Кумакпулӣ барои таваллуд ва нигоҳубини кудак аз ҳисоби маблағҳои АСИН | 1, 2 ва 3 | 68, 136, 204 | 103 300 | 14,0 |

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2023 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи фарҳанг ва варзиш ба маблағи 1494,3 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст ва 3,9 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 1,1 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

## Хароҷот ба соҳаи фарҳанг аз рӯи гурӯҳбандии вазифавӣ барои соли 2023, млн. сомонӣ




Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2023 – 38 103,7 млн. сомониро ташкил медиҳад. Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷети иҷтимоӣ буда, дар соли 2023 – 44,5 % ҳаҷми умумии хароҷоти он барои маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ равона мегардад, ки маблағи 16 946,4 млн. сомониро ташкил медиҳад.

## Хароҷоти Буҷети давлатӣ ба самтҳои иқтисодиёт, нақша барои соли 2023, бо %




Ҳамин тавр, муҳимтарин вазифаи давлат дар марҳилаи имрӯза аз он иборат аст, ки системаи муассири хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун маҷмӯи хизматрасонӣ ба категорияҳои гуногуни аҳолии дар минтақаи хатари иҷтимоӣ воқеъгардида таъсис дода шавад.

Хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои кӯмак ба мизоҷон дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии онҳо, барқарор ё таҳкими қобилияти худкифоӣ ва худхизматрасонӣ ва

фароҳам овардани шароити зарурӣ барои қобилияти ҳаёти маъюбон пешбинӣ шудаанд.

Мақсади асосии ташаккули ин низом баланд бардоштани сатҳи кафолатҳои иҷтимоӣ, расонидани кӯмаки суроға ва дастгирии шаҳрвандони маъюб, пеш аз ҳама дар сатҳи худудӣ ва бо назардошти кафолатҳои нави иҷтимоӣ мебошад.

**Адабиёт:**


1. Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» ш.Душанбе, 5 январи соли 2008,

№359

2. Буҷети шаҳрвандӣ. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023». - Душанбе. - 2022. - 36 с.
3. Баркер Р. «Словарь по социальной работе». – Москва. 1994 г.
4. Николаева Я.Г. Воспитание ребенка в неполной семье: Организация педагогической и социальной помощи неполным семьям. Издательство: Владос, 2006
5. Фирсов М., Студенова Е. Теория социальной работы: Учебное пособие для студентов вузов. Издательство: Владос, 2000
6. Николаева Я.Г. Воспитание ребенка в неполной семье: Организация педагогической и социальной помощи неполным семьям. Издательство: Владос, 2006
7. Фирсов М., Студенова Е. Теория социальной работы: Учебное пособие для студентов вузов. Издательство: Владос, 2000
8. Ерусланова Р.И. "Технологии социального обслуживания лиц пожилого возраста и инвалидов на дому. Учебное пособие" Издательство: Дашков и К, 2007.

# РЕГИОНАЛЬНОЯ ИНТЕГРАЦЯ КАК ВАЖНЫЙ ФАКТОР РОСТА ВЗАИМНОЙ ИНВЕСТИЦИИ

***Ходжазода Давронджон Курбонали*** *- кандидат экономических наук, доцент, декан факультета финансы и кредит, Таджикского государственного финансово – экономического университета. Адрес: (РТ, г. Душанбе улица Нахимова 64/14. E-mail: d.hojaev86@mail.ru. Телефон : (+992) 918-41-81-11)*

***Самариддини Шохназар****-соискатель кафедры биржевого дела ДГФЭУ*

*В статье авторы рассматривают влияние региональной интеграции на инвестиционные процессы стран-участниц ЕАЭС и СНГ. На основе использовании методов экономического анализа авторами исследованы нынешнее состояние и перспективы развития ЕАЭС и были обоснованы вступления Республики Таджикистан в это интеграционное образование.*

***Ключевые слова:*** *Евразийский экономический союз (ЕАЭС), региональная экономическая интеграция, прямые иностранные инвестиции, таможенный союз, валовой внутренний продукт (ВВП).*

*Дар мақолаи мазкур муаллифон таъсири ҳамгирои минтақавиро ба равандҳои сармоягузориҳо дар доираи давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии Авро-Осиё ва Иттиҳоди давлатҳои мустақил мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар асоси метод ва таҳлилиҳои иқтисодӣ муаллифон кӯшиш намудаанд, ки ҳолати ҳозира ва дурнамои рушди Иттиҳоди Авро-Осиё-ро таҳлил намуда, имконияти аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ин иттиҳод асоснок намоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *Иттиҳоди иқтисодии Авро-Осиё (ИИАО), ҳамгирои иқтисодии минтақавӣ, сармоягузории мустақими хориҷӣ, иттиҳоди гумрукӣ, маҷмуи маҳсулоти миллӣ (ММД).*

*In the article, the authors examine the impact of regional integration on the investment processes of the EAEU and CIS member states. Based on the use of methods of economic analysis, the authors investigated the current state and development prospects of the EAEU and substantiated the entry of the Republic of Tajikistan into this integration entity.*

***Key words:*** *Eurasian Economic Union (EAEU), regional economic integration, foreign direct investment, customs union, gross domestic product (GDP).*

Перспективы углубления и расширения, начатой во второй половине 1990-х гг. интеграции в рамках Таможенного союза и Единого экономического пространства Республики Беларусь, Республики Казахстан и Российской Федерации связаны с созданием и началом функционирования с 1 января 2015 г. Евразийского экономического союза. Евразийский экономический союз является более высокой ступенью интеграции по сравнению с Таможенным союзом и Единым экономическим пространством, поэтому, очевидно, произошло усиление роли его наднациональных органов и, в частности, Евразийской экономической комиссии (ЕЭК). При этом в отличие от ЕС, руководители государств ЕАЭС установили, что при принятии решений каждая страна имеет равный голос [1, с.4].

Для того чтобы избежать без инвестиционного роста, обеспечивающегося в основном за счет увеличения производства продукции сырьевого назначения, направляющейся на экспорт, необходимо добиваться опережающих темпов роста ВВП с использованием реальных инвестиций, поскольку именно этот показатель может характеризовать эффективность инвестиционной деятельности и свидетельствовать о повышении отдачи вложений в реальный сектор экономики. В этой связи возникает проблема межгосударственного взаимного инвестирования в рамках ЕАЭС, которые, по наш

убеждению, Республика Таджикистан, имеет предпосылки для присоединение к этой группировке.

При анализе интеграционного процесса важным показателем является определение изменения структуры интеграционной группировки в различных направлениях, т.е. имеется в виду изменение мест каждой страны-участницы в тех или иных межстрановых операциях. Анализ можно проводить с помощью показателей различных межстрановых отношений. В нашем исследовании мы опирались на показатель общего объема взаимных инвестиций. Межгосударственное взаимное инвестирование представляет собой взаимное инвестирование государств-участников, принимающих участие в формировании интеграционной группировки. Оно включает вывоз и ввоз капитала между странами участницами интеграционной группировки.

Следует отметить, что за последние годы региональная интеграция на постсоветском пространстве в рамках СНГ активизировалась. При этом перспективы Евразийского экономического союза на базе Таможенного союза России, Казахстана и Белоруссии, а также возможности его территориального расширения во многом зависят от интенсивности деловых контактов фирм разных стран СНГ. В этой связи представляет определенный научно-практический интерес анализ взаимных прямых инвестиций в рамках стран СНГ. Приведенные в таблицах 1 и 2 статистические данные показывают, что за рассматриваемый период (2016 – 2022 гг.) общий объем взаимных ПИИ в рамках стран СНГ увеличился с 20612 млн. долл. США до 45050 млн. долл. США или в 2,2 раза [2, с.20].

Наше исследование показало, что характер взаимных прямых инвестиций стран СНГ соответствует ключевым теоретическим представлениям о производном характере большинства внешних связей относительно процессов, происходящих в национальной экономике тех или иных стран. Это касается и соотношения стран СНГ по масштабам экспорта капитала и его структурным параметрам (таблица 1).

**Таблица 1**

**Динамика объёма взаимных ПИИ в рамках стран СНГ (ввоз капитала) млн. долл. США**

| **Страна-получатель инвестиций** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2016/ 2022 раз** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Азербайджан | 25 | 1300 | 1370 | 1380 | 1400 | 780 | 910 | 36,4 |
| Армения | 1763 | 2800 | 1940 | 2210 | 3006 | 3100 | 3620 | 2,1 |
| Беларусь | 5741 | 7500 | 7570 | 7940 | 8330 | 8380 | 8630 | 1,5 |
| Грузия | 3030 | - | 2520 | 2260 | 2400 | 3080 | 3380 | 1,1 |
| Казахстан | 2063 | 12200 | 10910 | 9320 | 9120 | 7150 | 8270 | 4,0 |
| Кыргызстан | 363 | 1000 | 1100 | 1140 | 1334 | 1510 | 1470 | 4,0 |
| Молдова | 388 | 500 | 630 | 490 | 520 | 520 | 490 | 1,3 |
| Россия | 1097 | 4200 | 6140 | 4310 | 3920 | 4450 | 6110 | 5,6 |
| Таджикистан | 309 | 1000 | 1090 | 1100 | 1090 | 1140 | 950 | 3,1 |
| Туркменистан | 174 | - | 20 | 20 | 20 | 20 | 250 | 1,4 |
| Узбекистан | 1118 | 3300 | 4310 | 3720 | 3880 | 3630 | 5400 | 4,8 |
| Украина | 4541 | 18600 | 16780 | 15090 | 10200 | 8580 | 1170 | 1,2 |
| **Итого** | **20612** | **52400** | **54410** | **48980** | **45220** | **42350** | **45050** | **2,2** |

*Источник:* *Расчет авторов на основе данных Докладов ЦИИ ЕАБР по мониторингу взаимных инвестиций в странах СНГ, www. eabr.org*

Во взаимных потоках ПИИ, особенно в ввозе капитала в страны СНГ, как видим из данных таблица 1, особое место занимает Россия, на долю которой в 2022 году приходилось свыше 77,2% от общего объема вывоза капитала (прямых инвестиций) в рамках стран СНГ. Доминирование России во взаимных потоках ПИИ стран СНГ неизбежно из-за её экономического веса и большого числа полноценных российских транснациональных корпораций (ТНК). Это означает, что в рамках стран СНГ фактического изменения структурного сдвига не происходит, что свидетельствует о декларативном характере действий, предпринимаемых интеграционной объединения в рамках СНГ. В этом случае страна, являющаяся центросистемной силой группировки (Россия), не активизирует свои действия для ее объединения.

Как видно из данных таблиц, 1 и 2 другие значимые инвестиционные пары в регионе обусловлены не столько альтернативными политическими проектами (ГУУАМ и др.), сколько традиционным для географии ПИИ эффектом соседства (Азербайджан и Грузия).

Тем не менее не следует абсолютизировать эффект соседства в географии ПИИ стран СНГ. С одной стороны, сформированные вокруг отдельных олигархов российские, казахстанские многоотраслевые бизнес - группы нередко предпочитают вывозить капитал в страны Западной Европы и Северной Америки. С другой стороны, в самом СНГ инвесторы из постсоциалистических стран часто сталкиваются с конкуренцией более мощных транснациональных корпораций (ТНК) высокоразвитых стран. В результате в некоторых отраслях и даже целых государствах региона (прежде всего в Туркменистане) инвесторы из России или других стран СНГ не играют ключевой роли среди представителей иностранного бизнеса.

**Таблица 2**

**Динамика объёма взаимных ПИИ в рамках стран СНГ (вывоз капитала) млн. долл. США**

| **Страна-инвестор** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022/ 2019 раз** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Азербайджан | 2661 | 100 | 1550 | 1250 | 1550 | 2120 | 2480 | 0,9 |
| Армения | 6 | - | - | - | - | - | - | - |
| Беларусь | 186 | 200 | 400 | 520 | 520 | 290 | 2170 | 11,7 |
| Грузия | - | - | 140 | 70 | 70 | 80 | 150 | 1,1 |
| Казахстан | 1706 | 3800 | 5630 | 4370 | 4230 | 4920 | 4340 | 2,5 |
| Кыргызстан | 1 | - | - | - | - | - | - | - |
| Молдова | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Россия | 16052 | 47400 | 45120 | 41630 | 38010 | 33830 | 34780 | 2,2 |
| Таджикистан | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Туркменистан | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Узбекистан | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Украина | - | 900 | 1570 | 1140 | 840 | 1110 | 1030 | 1,1 |
| **Итого** | **20612** | **52400** | **54410** | **48980** | **45220** | **42350** | **45050** | **2,2** |

***Источник:*** *Расчет авторов на основе данных Докладов ЦИИ ЕАБР по мониторингу взаимных инвестиций в странах СНГ, www. eabr.org*

Для изучения влияния региональной интеграции на осуществление взаимных инвестиций будет интересен анализ динамики объема взаимных инвестиций в рамках ЕАЭС за 2016-2022 гг.

Объем взаимных инвестиций в рамках стран ЕАЭС, как видно из данных таблица 3, имеет устойчивую тенденцию к росту и в 2022 году составил 26760 млн. долл. США, что в 2,4 раза больше, чем в 2016 году. Основная доля взаимных инвестиций в рамках стран ЕАЭС приходится на членов Таможенного Союза – Россию, Казахстан и Белоруссию. Это еще раз подтверждает положительное воздействие региональной интеграции на инвестиционные процессы в странах интеграционной группировки.

С вступлением Кыргызстана и Армении в ЕАЭС объем инвестиций, поступивших в эти страны из стран ЕАЭС, существенно увеличился, и их доля в общем объеме ввоза капитала в рамках ЕАЭС в 2019 году составила соответственно 5,5% и 12,9% (таблица 4). Впервые эти страны начали вывозить капитал в другие страны – члены ЕАЭС.

**Таблица 3**

**Вывоз капитала в рамках ЕАЭС за 2016-2022 гг.**

**(млн. долл. США)**

| **Страна-инвестор** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022/ 2016 раз** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Россия | 9597 | 23100 | 21060 | 20010 | 21046 | 19259 | 21033 | 2,1 |
| Беларусь | 157 | 200 | 330 | 440 | 438 | 238 | 2091 | 13,3 |
| Казахстан | 1197 | 3500 | 4810 | 3490 | 3564 | 4123 | 3610 | 3,0 |
| Кыргызстан | - | - | - | - | 3 | 4 | 2 | - |
| Армения | 6 | - | - | - | 15 | 13 | 24 | 4 |
| **Итого** | **10957** | **26800** | **26200** | **23940** | **25066** | **23637** | **26760** | **2,4** |

***Источник:*** *Расчет авторов на основе данных Докладов ЦИИ ЕАБР по мониторингу взаимных инвестиций в странах СНГ, www. eabr.org*

Это еще раз подтверждает положительное воздействие региональной интеграции на инвестиционные процессы в странах интеграционной группировки. В этом контексте вступление Таджикистана в ЕАЭС, возможно, будет содействовать росту иностранных инвестиций в экономику нашей страны.

**Таблица 4**

**Ввоз капитала в рамках ЕАЭС за 2016-2022 гг.**

**(млн. долл. США)**

| **Страна-получатель Инвестиций** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022/ 2016 раз** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Россия | 1053 | 3300 | 4700 | 3350 | 2340 | 3547 | 5010 | 4,7 |
| Беларусь | 5741 | 7500 | 7550 | 7920 | 8318 | 8364 | 8597 | 1,4 |
| Казахстан | 2037 | 12200 | 10910 | 9320 | 1922 | 7129 | 8246 | 4 |
| Кыргызстан | 363 | 1000 | 1100 | 1140 | 1329 | 1506 | 1466 | 4 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Армения | 1736 | 2800 | 1940 | 2210 | 3057 | 3064 | 3441 | 1,9 |
| **Итого** | **10957** | **26800** | **26200** | **23940** | **25066** | **23637** | **26760** | **2,4** |

***Источник:*** *Расчет авторов на основе данных Докладов ЦИИ ЕАБР по мониторингу взаимных инвестиций в странах СНГ, www. eabr.org*

Из анализа опыта двух региональных групп стран, (СНГ, ЕАЭС) по осуществлению взаимных инвестиций можно сделать следующие выводы:

1. Опыт Армении и Кыргызстана, которые недавно стали членами ЕАЭС, показывает, что членство в этом союзе содействовало им в существенном увеличении притока взаимных инвестиций, и более того, они становятся странами-инвесторами.

2. Рост уровня региональной интеграции весьма положительно отражается на росте взаимных инвестиций и, особенно, на увеличении притока иностранных инвестиций из стран интеграционной группировки.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Договор о Евразийском экономическом союзе. Подписан в г. Астане (29.05.2014) (ред. от 08.05.2015). С.4 [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_163855/

2. Мониторинг взаимных инвестиций в странах СНГ, Доклад Евразийского банка развития №45, 2019-С. 20 [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://eabr.org/analytics/integration-research/cii-reports/

3. Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республика Таджикистан, Аналитические данные о притоке иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан за 2019г.-С.5 [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://gki.tj/tahlil_ru.pdf

4. Мониторинг взаимных инвестиций в странах СНГ, Доклад Евразийского банка развития №6, 2019г. -С.18 [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://eabr.org/upload/iblock/d8f/edb-report-6_rus.pdf

# ТАШАККУЛ ВА ТАТБИҚИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВӢ-ҚАРЗИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ

**Бегматов А.А. – профессори кафедраи молияи ДДМИТ**
**Шерқулов О.Д.- корманди Академияи хизматчиёни давлатии Тоҷикистон**

*Дар мақола моҳият ва сохтори механизми молиявӣ-қарзии рушди соҳибкории истеҳсолӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, муаллифон ба унсурҳои он (механизми буҷетӣ, механизми андозӣ, механизми қарзӣ, механизми худмаблаггузорӣ) тавсиф додааст. Инчунин дар мақола ба ҳолати кунуни ташаккул ва татбиқи механизми молиявӣ-қарзии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ баҳогузорӣ карда шудааст.*

*В статье исследуется сущность и структуры финансово-кредитного механизма развития производственного предпринимательства, дается подробную характеристику его составляющих элементов (бюджетный механизм, налоговый механизм, кредитный механизм и механизм самофинансирования. Также в статье дана оценка современному состоянию формирования и внедрения финансово-кредитного механизма развития производственного предпринимательства в республике.*

Механизми молиявию қарзӣ аз рӯи табиати худ унсури муҳими сохтории механизми иқтисодӣ мебошад. Мақсади он ташаккул, тақсим ва истифода намудани захираҳои молиявию қарзӣ дар иқтисодиёт мебошад. Механизми молиявию қарзӣ ба чунин мафҳумҳои иқтисодӣ, ба монанди молия, қарз, нарх, андоз бо механизмҳои хоси онҳо асос ёфтааст. Механизми молиявию қарзӣ барои танзими раванди такрористеҳсол тавассути ташаккули муносиби (оптималии) фондҳои пулӣ дар марҳилаҳо гуногуни истеҳсол, мубодила, тақсим ва истеъмоли маҳсулот пешбинӣ шудааст.

Солҳои охир дар таҳқиқотҳои иқтисодчиёни ватанӣ Назаров Т.Н., Қаюмов Н.Қ., Уроқов Д.У., Шарифов Х., Ҷабборов Р.Қ., Исмоилова М.М., Умаров Х.У., Эргашев Р.А. ва ғ.[10] масъалаҳои такмили механизмҳои молиявию қарзӣ ва истифодаи онҳо барои ҳалли вазифаҳои имрӯза ва ояндаи рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат омӯхта мешаванд. Онҳо пурзур намудани таъсири фишангҳои молиявию қарзӣ тавассути тақсим ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, паст кардани меъёри бозтамвил ва меъёри захиравии Бонки миллӣ, пешниҳоди қарзҳои сармоягузорӣ, зиёд намудани субсидияҳои давлатӣ ва такмили низоми андози кишвар дар самти паст намудани гарони андозро пешниҳод мекунанд.

Вале дар адабиёти иқтисодии муосири ватанӣ ба истифодаи фишангҳои молиявию қарзӣ дар инкишофи сохибкории истеҳсолӣ диққати кофӣ дода намешавад. Бо дарназардошти он, ки дар Тоҷикистон суръати нисбатан пасти рушди соҳибкории истеҳсолӣ вуҷуд дорад, ин масъала аҳамияти хоса дорад.

Вале то имрӯз дар адабиёти иқтисодии муосири ватанӣ таҳқиқотҳои махсусе, ки ба масъалаҳои ташаккул ва такмил додани механизми молиявию қарзии рушди соҳибкории истеҳсолӣ бахшида шудааст, мавчуд нест.

Механизми молиявию қарзии рушди соҳибкории истеҳсолӣ, ба фикри мо, механизми буҷетӣ, механизми андозӣ, механизми қарзӣ ва механизми худмаблағгузориро дар бар мегирад, ки дар ягонагӣ ва ҳамкории мутақобила барои қонеъ гардонидани талаботи субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ба захираҳои молиявӣ, ки барои васеъ намудани такрористеҳсол ва ноил шудан ба устувории молиявӣ пешбинӣ шудаанд.

Ҳар як узви сохтории механизми молиявию қарзӣ, дар навбати худ, аз воситаҳо ва фишангҳои гуногуни молиявӣ ба онҳо хос иборат аст (расми 1).

Механизми буҷетӣ маҷмӯи васеи усулҳои дастгирии молиявии мустақим ва ғайримустақимро дар бар мегирад, ки рушди соҳибкории истеҳсолӣ аз ҷониби тамоми буҷетҳои низоми буҷетӣ амалӣ карда мешавад. Механизми буҷетии рушди соҳибкории истеҳсолӣ аз унсурҳои зерин иборат аст: барномаҳои давлатии рушди соҳибкории истеҳсолӣ;низоми фармоишҳои давлатӣ; дастгирии молиявӣ; дастгирии амволӣ; дастгирии иттилоотӣ; дастгирии машваратӣ; дастгирии дар самти омодосозӣ, азнав омодокунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; дастгирии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ; дастгирии рушди инфрасохтории соҳибкории истеҳсолӣ.

Мо дар ин ҷо унсурҳои алоҳидаи механизми бучетии инкишофи соҳибкории саноатиро муфассалтар дида мебароем.

**Барномаҳо.** Асосҳои ташкилии сиёсати дастгирии давлатиро барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ ташкил медиҳанд. Ҳадафи онҳо фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ мебошад. Барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ, ки бо амалиётҳои воқеъӣ ва захираҳо таъмин карда мешаванд, асоси рушди миқьёсан калони сохибкории истеҳсолӣ мегарданд. Одатан, барномаҳо ба муҳлати то панч сол тартиб дода шуда, маҷмӯи тадбирҳоеро пешниҳод мекунанд, ки ба рушди сохибкории истеҳсолӣ дар ҳудудҳои алоҳида ва соҳаҳои мушаххас нигаронида мешаванд.

Самтҳои муҳимтарини дастгирӣ дар асоси таҳлили вазъи кунунӣ ва мушкилоти корхонаҳо дар бахши вокеии иқтисодиёт муайян карда мешаванд. Дар вақти тартиб додани тадбирҳои мушаххас самтҳои афзалиянокии рушди иқтисодиёт муайян карда шуда, талаботи аҳолӣ ва захираҳои мавҷуда ба назар гирифта мешаванд.

Дар барномаҳо ба соҳибкорон расондани кӯмакҳои гуногун: чудо кардани майдонҳои истеҳсолӣ, қитъаҳои замин, таҷҳизот, захираҳои молиявӣ, таблиғоти асосҳои соҳибкорӣ ба аҳолӣ ва такмили ихтисоси шахсони мансабдоре, ки барои рушди сохибкории истеҳсолӣ масъуланд, пешбинӣ шуда метавонанд. Барномаҳо метавонанд шартҳои дастраси ба маблағҳои буҷетӣ ва дастовардҳои илмию техникиро мукаррар кунанд, тартиби соддакардашудаи бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ ва аттестацияи маҳсулотро муқаррар кунанд, барои вусъат додани робитаҳои тиҷоратӣ, илмию техникӣ ва истеҳсолӣ бо шарикони хориҷӣ тадбирхо пешниход намоянд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ барномаҳои дастгирии минтақавӣ ва ноҳиявии худро таҳия намуда, барои ин мақсадҳо ҷудо намудани маблағҳои буҷетиро пешбинӣ менамоянд. Ҳамзамон, барномаҳои минтақавӣ, чун қоида, бо назардошти андешаҳои ҳукуматҳои ноҳияҳо, инчунин сохторҳои дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ тартиб дода мешаванд. Онҳо аз ташхиси бисёрмарҳала мегузаранд, мавриди муҳокимаи соҳибкорон қарор гирифта, аз ҷониби мақомот бо мусоидати сохторҳои соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ амалӣ мегарданд ва дар воситаҳои ахбории оммавӣ васеъ инъикос мегарданд.

**Инфрасохтори дастгирӣ.** Инфрасохтори дастгирӣ маҷмӯи ташкилотҳои гуногун (фондҳо, агентиҳо, марказҳои хизматрасонӣ ва намоишгоҳҳо, муассисаҳои суғурта ва лизинг, бизнес-инкубаторҳо ва ғайра) мебошад, ки бо иштироки мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ таъсис дода мешаванд.

Инфрасохтори дастгирӣ барои ҳавасмандгардонии рушд ва худидоракунии соҳибкории истеҳсолӣ ва равона кардани фаъолияти онҳо ба соҳаҳои муҳимтарини иқтисодиёти миллӣ пешбинӣ шудааст. Ба зерсохтори дастгирӣ фаъолиятҳои гуногунро метавон дохил дод.  Масалан, ба аҳолӣ омӯзонидани асосҳои соҳибкорӣ, зуд бақайдгирии корхонаҳо ва расонидани хизматрасонии ҳуқуқӣ ва машваратӣ ба онҳо, гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ ва ташкили намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо бо намоиши маҳсулоти корхонаҳо, расонидани хизматрасонии лизинг, мусоидат ба азнавтаҷҳизонидани техникӣ ва таблиғ. маҳсулот, таъмини амнияти соҳибкорон, ҷалби сармоя ва ғайра.

Солҳои охир созмонҳои зиёде пайдо шуданд, ки онҳоро метавон ба объектҳои инфрасохтори ёрирасон тасниф кард.  Дар ин ҷо баъзе аз онҳоро дида мебароем.

**Мактабҳои тиҷоратӣ (Бизнес-школы).** Онҳо барои омӯзиш ва такмили ихтисоси соҳибкорон ва шаҳрвандоне, ки мехоҳанд тиҷорати худро оғоз кунанд, таъсис дода шудаанд.  Кормандони давлатӣ ва ҳукумати маҳаллӣ низ   метавонанд дар мактабҳои тиҷоратӣ таълим гиранд.

**Марказҳои таълимӣ ва тиҷоратӣ (Учебно-деловые центры).** Онҳо ба соҳибкорон дастгирии ҳамаҷониба, аз ҷумла хадамоти таълимӣ ва машваратӣ ва дастгирии иттилоотӣ мерасонанд.

**Агентҳои мададгор** (Агентства поддержки).  Одатан, инҳо ширкатҳои консалтингӣ мебошанд, ки ба соҳибкорон доираи хеле васеи хидматҳо, аз ҷумла кӯмак дар бақайдгирии давлатӣ ва омӯзиши кормандонро пешниҳод мекунанд.

**Бизнес-инкубаторҳо**.  Онҳо дар биноҳои худ корхонаҳои хурди махсус интихобшударо “тарбия мекунанд” ва дар марҳилаҳои аввал ба онҳо хизматҳои машваратӣ, таълимӣ ва офисӣ мерасонанд.  Бизнес-инкубаторҳо раванди рушди корхонаҳои хурдро (нисбат ба шароити “табиӣ”) 10-20 маротиба метезонанд ва ҳамзамон шумораи нокомии тиҷоратро 1,5-2,0 маротиба коҳиш медиҳанд.  Бизнес-инкубаторҳо метавонанд дар ҳайати паркҳои технологӣ, марказҳои технологи ва дигар сохторҳои хизматрасонӣ фаъолият кунанд.

**Технопаркҳо.**  Онхо дар заминаи пажуҳишгоҳҳои калони тақиқоти илмӣ ва ё донишгоҳҳои олӣ бо максади самараноктар истифода бурдани иқтидории илмӣ онҳо ташкил карда мешаванд.  Технопаркҳо барои тиҷоратикунонии коркардҳои илмӣ ва технологияҳои нав тавассути фаъолияти корхонаҳои хурди инноватсионӣ пешбинӣ шудаанд.  Ҳарчанд ташкили онҳо маблағҳои зиёди ибтидоиро талаб мекунад, аммо чунин сохторҳо имкон медиҳанд, ки нақши корхонаҳои хурд дар соҳаи инноватсионӣ баланд бардошта, онҳоро ба ҷорӣ намудани инноватсияҳои радикалӣ, коркарди технология ва маҳсулоти нав равона намуда, ба пойгоҳи таҷрибавӣ ширкатҳои калон табдил дода шаванд.

**Марказҳои инноватсионӣ ва технологӣ.**  Онҳо инчунин дар заминаи институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ бо мақсади тақрибан ҳамон паркҳои технологӣ таъсис дода мешаванд.  Ягона тафовут дар он аст, ки ин марказҳо, ки пешбурди тиҷоратии технологияҳои навро амалӣ мегардонанд, на бештар ба корхонаҳои хурд, балки ба

ширкатҳои бузурге, ки қодиранд коркардҳо ва лоиҳаҳои илмии хеле мураккаб ва гаронарзишро амалӣ созанд, нигаронида шудаанд.

**Марказҳои иҷтимоӣ ва тиҷоратӣ**. Онҳо одатан дар марказҳои минтақавии шуғли аҳолӣ ва аз ҳисоби онҳо ташкил карда мешаванд. Баръакси агентиҳо ва бизнес-инкубаторҳо, онҳо барои ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии аҳолии бекор пешбинӣ шудаанд.

**Марказҳои тиҷоратӣ**. Онҳо ба соҳибкорон хизматрасонӣ ва хизматҳои офисиро (таъмини биноҳо, воситаҳои алоқа, таҷҳизоти компютерӣ, таҷҳизоти идоравӣ) пешниҳод мекунанд. Марказҳои тиҷоратӣ дар марказҳои савдо ва нақлиёт, меҳмонхонаҳо сохта шудаанд. Ба мизоҷон пулакӣ хизмат мекунад.

**Марказҳои иттилоотӣ ва маркетингӣ.** Дастгирии иттилоотӣ ба корхонаҳои хурд ва сохторҳое, ки ба дастгирии тиҷорати хурд машғуланд. Бозорҳоро таҳқиқ карда, стратегияи пешбурди мол ва хидматҳоро таҳия кунед.

Сохторҳои номбаршуда танҳо маълумоти умумиро дар бораи шаклҳои маъмултарини дастгирии инфрасохториро медиҳанд. Дар ҳар як минтақа вобаста ба сатҳи рушди соҳибкорӣ ва мураккабии хизматрасонӣ дастгирии инфрасохтори ихудро бо назардошти хусусияти минтақавӣ таъсис додан мумкин аст.

**Дастгирии молиявӣ.** Фонди давлатии дастгирии соҳибкорӣ, ки (2010) таъсис ёфта, ҳар сол аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра карда мешавад. Фонд ба соҳибкорон дар асоси лоиҳаҳои сармоягузории пешниҳодкардаашон грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок медиҳад. Дар соли 2020 Фонд ба Бонки давлатии «Саноатсодиротбонк» табдил дода шуда, вазифаҳои қаблии худро нигоҳ доштааст.

Фондҳои дастгирии соҳибкорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки бояд аз ҳисоби буҷетҳои вилоятӣ ва маҳаллӣ таъсис дода, барои расонидани кумаки молиявӣ дар татбиқи нақшаҳои бизнеси соҳибкории истеҳсолӣ мусоидат намоянд, ба мақсад мувофиқ мешавад.

Ҳанӯз соли 2008 дар ҷумҳурӣ Фонди қарздиҳии имтиёзнок ба хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсис дода шуда буд, ки он тавассути БДА «Амонатбонк» ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бо фоизи паст нисбат ба бозор қарз медиҳад.

**Лизинг.** Навъи қарзи сармоягузорӣ барои харидани таҷҳизот ва додани он аз рӯи шартномаи иҷора ба шахсони воқеъӣ ва ё ҳуқуқи бо пардохти муайян, ба мухлати муайян ва бо шартҳои муайян бо ҳуқуқи харид. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки шакли лизингии қарз барои корхонаҳои хурду миёна, ки захираҳо надоранд, мувофиқ ва самаранок аст. Барои соҳибкорон лизинг ҳамчун шакли иҷораи дарозмуддат бо ҳуқуқи харид амал мекунад. Мутаассифона, дар Тоҷикистон ба истифодаи густурдаи лизинг ҳанӯз ҳам суст будани омодагии иқтисодии соҳибкорон ва номукаммалии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ халал мерасонад.

**Франчайзинг.** Хариди тиҷорати аллакай "пешбурдашуда" - ро ифода мекунад. Он имкон медиҳад, ки бо истифода аз таҷриба, дониш, дастгирӣ ва таблиғи ширкатҳои маъруф тиҷорати худро оғоз кунед. Он дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта хеле маъмул аст. Мо акнун ба он одат карда истодаем.

**Маблағгузории венчурӣ (таваккалӣ).** Он дар шаклҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Ба гардиши маблағҳо барои ба итмом расонидани таҳияҳои илмию техникӣ, ки эҳтимолияти хеле фоидаовар ҳисоб карда мешавад, мусоидат мекунад. Дар баробари ин, хавфи назарраси истеҳсолӣ ва молиявӣ аз номуайянии натиҷаи ниҳоӣ ба

вуҷуд меояд. Сарчашмаҳои маблағгузорӣ метавонанд фондҳои махсуси венчурӣ ва сармоягузорони инфиродӣ бошанд.

Ин намуди кӯмаки молиявӣ дар хориҷи кишвар васеъ истифода мешавад. Масалан, дар ИМА ҳамасола ҳазорҳо лоиҳаҳои хатарнок маблағгузорӣ мешаванд ва дар Англия маблағгузории венчурӣ барои зиндагӣ ва рушди «шаҳри академӣ» бо номи Кембриҷ кӯмак мекунад. Чӣ хел? Якум, сармояи венчурӣ аз андоз аз даромад ва андоз аз фоида озод аст, ки захираҳои иловагиеро фароҳам меорад. Сониян, миёнарав байни ихтироъкор ва истеъмолкунандаи эҳтимолии маҳсулоти ӯ корхонаи венчурӣ мебошад, ки ба он одатан худи олимон ё онҳое, ки бо онҳо таҳсил кардаанд ё кор кардаанд ва мушкилотро хуб медонанд, роҳбарӣ мекунанд. Саввум, давлат барои “пайдо кардани” ихтироъкорон онҳоро бо пул ҳавасманд мекунад ва барои тавсеаи марказҳои тиҷоратӣ ба чунин миёнаравҳо замин ҷудо мекунад.

Ин схема дар бисьёр мамлакатҳо нағз кор мекунад. Онро дар Тоҷикистон низ метавон татбиқ кард (дар пойтахт - Душанбе, ки дар он ҷо марказҳои бузурги тадқиқотӣ ва пешрафтҳои назаррас барои бахши воқеӣ вуҷуд доранд). Барои роҳандозии чунин механизм дар Тоҷикистон бояд қонунгузории венчурӣ қабул шавад. Ин дар баробари ба тартиб андохтани кор дар маблағгузории илм, маоши олимону муҳандисони тоҷик зиёд мешавад.

**Механизми андоз** нисбат ба соҳибкории истеҳсолӣ, ба андешаи мо, метавонад унсурҳои зеринро дар бар гирад: низомҳои махсуси андоз; системаи соддакардашудаи ҳисобдорӣ; тартиби соддакардашудаи тартиб додани ҳисоботи оморӣ; имтиёзҳои андоз ва гумрук; озод намудани соҳибкорони соҳаҳои алоҳидаи афзалиятнок аз пардохти андоз; қарзҳои андоз, мораторий ба санҷишҳои андоз, баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда барои содирот, ки то ин ё он дараҷа ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ мусоидат мекунанд.

**Механизми қарз**, чунон ки маълум аст, маҷмӯи шаклу усулхои амалисозии моликияти сармояи қарзӣ буда, аз ин чихат аз принсипҳо, шартҳо, усулҳо ва субъектҳои қарздихӣ иборат аст, ки дар якчояги сиёсати қарзии ташкилотҳои қарзиро амали менамоянд. Вале дар робита ба соҳибкории истеҳсолӣ, ба назари мо, унсурҳои зерини он аҳамияти муайян доранд: меъёри фоиз, мӯҳлати қарз, ҳадди ниҳоии маблағи қарз (дар бонкҳои тиҷоратии мо то 1 миллион сомонӣ), шакли қарз (овердрафт, хатти қарзӣ, қарзи тиҷоратӣ), усулҳои пешниҳод, усулҳои баргардонидан, қарздиҳии лоиҳавӣ.

**Механизми худмаблағгузории** рушди соҳибкории истеҳсолӣ ин фишангҳо ва воситаҳои молиявие мебошанд, ки барои таъмини афзоиши сармояи худи соҳибкор ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи мустақилияти молиявии ӯ пешбинӣ шудаанд, ки барои таъмини устувории молиявии соҳибкорӣ муҳим мебошанд. Механизми худмаблағгузории рушди соҳибкории истеҳсолӣ, чунон ки омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ нишон медиҳад, унсурҳои зеринро дар бар мегирад: фонди захиравӣ, фонди рушди истеҳсолот, илм ва техника, фонди амортизатсия, даромад аз идораи моликият. (иҷора, дивидендҳо ва фоизҳои коғазҳои қиматнок, фурӯши воситаҳои асосӣ), даромад аз иштироки саҳомӣ дар дигар ташкилотҳо), кӯмаки молиявӣ ё сармоягузории иловагии муассисон ба фонди оинномавӣ, грантҳои ташкилотҳои байналмилалӣ.

**Адабиёт:**

1. Пушкарева В. М. История финансовой мысли и политики налогов: Учеб. пособие. – М.: ИНФРА-М, 1996. – 192 с.

2. П. Самуэльсон. Экономика. Том II. – М: НПО «АЛГОН» ВНИИСИ «Машиностроение», 1994.
3. П. Самуэльсон. Экономика. Том II. – М: НПО «АЛГОН» ВНИИСИ «Машиностроение», 1994.
4. Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ, 2021. С. 36, 37, 200, 201. 334, 335, 653-564, 658-677. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. С.449-464. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. С.25, 124, 213, 384-389.
5. http://www.worldbank.org; http://www.imf.org.
6. Швецов А.В. Бюджетно-налоговая политика как социально-экономическая категория. Вопросы экономики и права. Москва, 2011. № 11. - С.131.

# РОЛЬ ЦИФРОВИЗАЦИИ БАНКОВСКОГО СЕКТОРА В ОБЕСПЕЧЕНИИ УСКОРЕННОГО И СБАЛАНСИРОВАННОГО РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

**Шарифзода Бахром Махмуд**, д.э.н., главный научный сотрудник,
**Нуриддинзода Ахлиддин** – Аспирант, Таджикский технологический университет,
**Абдусатори Ворис**, соискатель,

*В данной статье рассматривается вопросы увеличения вклада банковского сектора в обеспечении ускоренного и сбалансированного развития промышленности Таджикистана. С использованием цифровых технологий. Выявлена ее цель, связанная с созданием благоприятных условий для повышения конкурентоспособности отраслей промышленности на основе роста объемов ее банковского кредитования.*

*Проведен анализ реализации программы индустриализации в стране, отражены успехи в развитии промышленности, связанные с высокими темпами промышленности и ростом ее доли в ВВП. Однако, вклад отечественного банковского сектора в процесс индустриализации экономики Таджикистана недостаточен и требует принятия дополнительных мер комплексного характера, охватывающие цифровизацию банковской системы и его взаимодействия с промышленными предприятиями.*

***Ключевые слова:*** *промышленность, банковская система, взаимодействие, цифровизация, кредиты, депозиты, инновационное развитие, финансовая реформа.*

## *THE ROLE OF DIGITALIZATION OF THE BANKING SECTOR IN ENSURING ACCELERATED AND BALANCED DEVELOPMENT OF INDUSTRY IN TAJIKISTAN*

**Sharifzoda Bakhrom Makhmud-** Doctor of Economics, Chief Researcher, 907-78-65-68
**Nuriddinzoda Akhliddin** – Postgraduate student, Tajik Technological University. 717171818
**Abdusatori Voris**, applicant, 56-221-22-11

*This article discusses the issues of increasing the contribution of the banking sector in ensuring the accelerated and balanced development of industry in Tajikistan. Using digital technologies. Its goal has been identified, related to the creation of favorable conditions for increasing the competitiveness of industrial sectors based on the growth in the volume of bank lending.*

*An analysis of the implementation of the industrialization program in the country is carried out, successes in industrial development associated with high industrial rates and the growth of its share in GDP are reflected. However, the contribution of the domestic banking sector to the process of industrialization of the economy of Tajikistan is insufficient and requires the adoption of additional comprehensive measures, covering the digitalization of the banking system and its interaction with industrial enterprises.*

***Key words:*** *industry, banking system, interaction, digitalization, loans, deposits, innovative development, financial reform.*

Цифровизация в общем это процесс превращения аналоговых данных и рабочих процессов в цифровой формат, использование цифровых технологий для изменения бизнес-процессов и их автоматизации, улучшения качества услуг, оптимизации производства и повышения эффективности модели бизнеса с целью повышения конкурентоспособности и создания новых возможностей для устойчивого развития.

Первые упоминания о цифровизации появились в конце 90-х годов XX века 4. Однако, на сегодняшний день, цифровизация стала одним из главных приоритетов для многих субъектов экономики и компаний, особенно банковский сектор.

Процесс цифровизации в банковском секторе получила значительное развитие в течение последних десятилетий в мировой практике. Она охватывает несколько ключевых этапов, в частности, использование в банковской деятельности:

- онлайн-банкинга и интернет-банкинга (1990-2000-е), когда коммерческие банки начали предоставлять онлайн-банковские услуги через интернет, позволившее клиентам осуществлять банковские операции не посещая физические отделения банков. Эти инновационные продукты и технологии улучшило доступность и качество обслуживания;

- мобильных приложений и мобильных услуг (2000- 2010-е), когда с развитие использования смартфонов и мобильных технологий получило развитие мобильных банковских приложений, позволяющие клиентам дистанционно управлять своими счетами, осуществлять платежи;

- цифровые кошельки и электронные платежи (2010-е), которые широко использовались для проведения онлайн-транзакций, обеспечивая быстроту и удобные методы оплаты;

- финтех-технологий (2010-е), позволившие банкам во взаимодействии с инновационными финансовыми компаниями предлагают инновационные финансовые услуги, используя современные технологии, такие как блокчейн, искусственный интеллект и машинное обучение;

- искусственного интеллекта и автоматизация (2010-е) для рационализации и автоматизации рутинных операций, анализа данных, предоставления персонализированных услуг и улучшения клиентского опыта;

- API для авторизации и аутентификации клиентов (Authentication and Authorization APIs) для обеспечения безопасного доступа и проверку подлинности для сторонних приложений для выполнения различные финансовых операций, такие как переводы, платежи, пополнение счета и другие операции через сторонние приложения.

- цифровая трансформация традиционных банков (2010-е), когда она позволяет улучшить цифровую инфраструктуру, предоставить новые цифровые услуги и повысить конкурентоспособность.

То есть, вышерассмотренные этапы отражают эволюцию цифровизации в банковском секторе, где технологии становятся все более важными для обеспечения эффективности, безопасности и удобства финансовых услуг, в том числе для субъектов отраслей промышленности. [9] Соответственно отечественные банки должны учитывать опыт и этапы внедрения цифровых технологий в практике взаимодействия с промышленными предприятиями.

Цифровизация банковской деятельности играет значительную роль в развитии промышленности, предоставляя различные выгоды и возможности, включая:

- более быстрый доступ к финансированию, так как цифровые технологии в банковском секторе позволяют ускорить процессы одобрения и предоставления кредитов;

- оптимизации кредитных технологий, когда использование искусственного интеллекта позволяют банкам лучше оценивать кредитоспособность предприятий, снижать риски и способствует выдаче более адаптированных кредитных продуктов;

- цифровые технологии позволяют оказание банками предприятиям услуги по управлению финансами и ликвидностью, включая проведение электронных платежей, управление счетами;

- оказывать цифровые банковские услуги для предприятий, включая цифровые инструменты для учета и мониторинга финансовых потоков предприятий, что делает управление счетами и финансами более эффективным;

- осуществлять электронную торговлю и цифровые платежи, улучшая процессы закупки и продажи для предприятий, сокращает время на финансовые транзакции и повышает эффективность бизнеса;

- предоставляет предприятиям доступ к новым финансовым продуктам и услугам, включая финансирование через платформы краудфандинга, онлайн-кредитование и другие инновационные решения;

- обеспечение безопасности финансовых операций, через внедрение современных методов безопасности, включая двухфакторную аутентификацию, биометрическую идентификацию и многие другие, что снижает риски финансовых мошенничеств и улучшает общую безопасность.

Обобщая можно сделать вывод, что цифровизация банковской деятельности создает благоприятную среду для развития промышленности, обеспечивая ей доступ к современным финансовым инструментам, повышая эффективность их бизнес-процессов и обеспечивая финансовую устойчивость. Их широкое использование помогут создать более интегрированное и эффективное взаимодействие между банками и промышленными предприятиями, способствуя их развитию на цифровых платформах. Так, внедрение цифровых технологий в маркетинге может значительно улучшить взаимодействие банков и промышленных предприятий улучшив между ними коммуникацию и расширяя предоставление банковских услуг за счет:

- использования данных о клиентах и аналитики для создания и предложения индивидуализированных финансовых продуктов и услуг, а также адаптацию коммуникации под уникальные потребности предприятий;

- позволяет банкам быстро реагировать на изменения в потребностях предприятий и эффективно взаимодействовать с клиентами за счет учета их потребностей в банковских продуктах;

- предоставлять предприятиям инструменты для управления финансами, выявлять потребность в соответствующих банковских услугах и продуктах с наибольшей эффективностью с минимальными рисками, в том числе используя и разнообразные цифровые бизнес-порталы, и онлайн-сервисы;

- использование технологий искусственного интеллекта и облачных технологий позволит хранить, обрабатывать большие массивы данных как банка, так и предприятий, прогнозировать поведение клиентов и предоставлять рекомендаций по разработке Стратегии их развития, в том числе маркетинговых планов, ориентированных на потребности клиентов;

- развивать и продвигать цифровые бизнес-экосистемы, в которых банки и промышленные предприятия взаимодействуют, обмениваясь данными и создавая цифровые решения для оптимизации производства и финансов;

- оказывать услуги по обучению и консультации сотрудников предприятий по использованию цифровых маркетинговых инструментов и технологий и т.д.

В целом, применение этих методов в мировой практике оказывает содействие коммерческим банкам лучше понимать потребности промышленных предприятий и строить более эффективные маркетинговые стратегии, что в итоге может укрепить взаимоотношения сторон, давая им дополнительные конкурентные преимущества в бизнесе как на внутреннем, так и на внешних рынках.

Учитывая, что обеспечение долгосрочного устойчивого экономического роста и решения совокупности социальной-экономических проблем, стоящих перед страной

невозможна без ускоренного развития промышленности в контексте индустриализации экономики в целом, Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан, уважаемым Эмомали Рахмоном в Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан в 2018 г., индустриализации экономики была объявлена четвертой национальной стратегической целью. [2]

В целях, с учетом ключевой роли промышленности в ее реализации, наряду с национальными документами, включая Национальную стратегию развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, были дополнительно приняты следующие отраслевые программы как «Стратегия развития промышленности в Республике Таджикистан на период до 2030 года», «Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан на 2020-2025 годы» и т.д. Так, основной целью ускоренной индустриализации страны было определено создание развитой, конкурентоспособной национальной промышленности и на ее основе поднять на качественно более высокий уровень всю национальную экономику и благосостояние населения страны.

Реализация этой стратегической цели обеспечит одновременно уменьшение зависимости от импорта потребительских товаров, обеспечению различных отраслей необходимым современным оборудованием, увеличению экспортного потенциала и диверсификации промышленного производства на базе производства товаров с высокой добавленной стоимостью, созданию новых продуктивных рабочих мест с высоким уровнем заработной платы, появлению новых производств, тем самым формированию прогрессивной отраслевой структуры национальной экономики. Так, согласно реализуемых в стране долгосрочных и среднесрочных национальных и отраслевых программ развития до конца 2030 г. доля промышленности должна увеличиться до 30 % ВВП. [1]

Анализ реализации вышеперечисленных документов показывает, что Таджикистан за последние годы (за период 2018-2021 гг.) добился значительных успехов в развитии промышленности. Так, ежегодные темпы роста промышленной продукции составили в 2018 г.- 11,8%, в 2019 г. -13,6 %, в 2020 г.- 9,7 % и в 2021 г. - 22,0%. Это позволило увеличить долю промышленности в ВВП до 21,2 % в 2018 и за 2019г, в 2020 г. до 23,1%, в 2021 г. -23,8 % ВВП против 15.1 в 2015 г. [4].

Однако, как показывает анализ оценки вклада отечественного банковского сектора в процесс индустриализации экономики Таджикистана, ситуация складывается тревожная. Так, с учетом того, что доля остатков депозитов населения и кредитов, выданных экономике за период 2015-2020 гг. снизилась с 10,6 % до 6,5 % (или на минус 4,1 п.п.) и 23,2 % до 13,2 % (или на минус 10,0 п.п.) соответственно. [7] Это при том, что в развитых индустриальных странах мира доля кредитов, выданных экономике на несколько порядков больше, и в частности, составляет в США -236,5% ВВП, в Китае- 194,4% ВВП, страны ЕС – 151% ВВП, России – 66,0%, Казахстан- 44,9% и т.д.

Более углубленный анализ развития банковской системы Республики Таджикистана показывает, что доля наличных денег, обращаемых с стране за пределами банковской системы превышает более 29 млрд. сомони (денежный агрегат М0) и составляет долю более 80% в совокупном денежном предложении (по денежному агрегату М4) на конец 2020 г. Кроме того, учитывая наличие структурных диспропорций в банковском секторе страны, фактический текучий уровень ликвидности сложился на уровне (67,4%) значительно выше нормативного (30%), установленного Национальным банком Таджикистана. [7].

Это указывает на низкую способность отечественного банковского сектора в мобилизации наличных денег в депозиты, их трансформации в долгосрочные финансовые инструменты с минимальными затратами и рисками в контексте увеличения кредитной поддержки предприятий реального сектора, особенно промышленности. Так, анализ показывает, что по итогам 2021 г. из общего объема выданных кредитов экономике 35,5% приходится на сферу потребления, и только 10% - на промышленность. То есть, налицо формирование потребительской модели в развитии банковской системы Таджикистана, что

отражается в формировании совокупности противоречий в ходе реализации национальных целей и стратегических задач. [7].

Сложившиеся положение с учетом того, что и бюджетные расходы сосредоточены преимущественно на финансировании завершения строительства Рогунской ГЭС и развитие транспортной коммуникаций, обуславливают основным источником развития промышленности за последние годы привлечение прямых иностранных инвестиций. Однако, это усиливает зависимость реализации четвертной национальной цели от внешних факторов. Кроме того, прямые иностранные инвестиции преимущественно (более 80%) направляются на развитие добывающих отраслей, вследствие чего в структуре промышленности формируются новые диспропорции, формирующие, наряду с положительными и негативные последствия в контексте реализации стратегических целей развития.

Так, согласно прогнозным данным Национальной стратегии развития Республики Таджикистана на период до 2030 г. (СНР 2030) предусматривается поддержание доли добывающих отраслей в диапазоне 12,5-13,2 % к общей промышленности. Однако, на практике, доля этих отраслей в общем объеме промышленной продукции выросла с 13,5 % в 2015 г. до 21,6% в 2021 г., или на 8,1 п.п. Это происходит на фоне того, что доля обрабатывающих отраслей в структуре промышленности сократилась с 65,6 % в 2015 г. до 57,5 % в 2021 г., или на 8,1 п.п. [4]. Однако, в СНР 2030, предусматривается формирование иных тенденций и пропорций промышленности, в частности увеличение доли обрабатывающих отраслей до 74%. [1].

Кроме того, несмотря на внушительные успехи в развитии промышленности за период 2015-2021 гг. в целом, оно не сопровождается переходом преимущественно к инновационному типу развития отрасли. Так, всего 2 % объема промышленной продукции относиться к категории высокотехнологичных товаров. Кроме того, общий уровень технологичности отраслей промышленности за рассматриваемый период снизился за счет роста доли сырьевых отраслей с низким технологическим уровнем. [5] Вследствие этого, сохраняется низкая конкурентоспособность отечественной промышленной продукции не только на внешних, но и на внутреннем рынках, сокращаются возможности расширения экспорта отечественных товаров и расширения их диверсификации. Сохранение подобной тенденции формирует новые вызовы, включая появление рисков срыва качественных аспектов ускоренной индустриализации, включая устранение преимущественно сырьевой направленности промышленности и всей национальной экономики со всеми вытекающими отрицательными последствиями. [9]

Основными причинами сложившегося положения является недостаточная финансовая поддержка развития отечественной обрабатывающей промышленности из-за наличия совокупности проблем, когда крупные коммерческие банки и банковский сектор в целом, ориентирован в современных условиях на осуществление преимущественно спекулятивных (валютные и обменные операции как на внутреннем, так и на внешних рынках) з) и банковские операции с минимальными рисками (облуживание денежных переводов, комиссионные услуги по облуживанию платежных карт, выдача краткосрочных потребительских кредитов и т.д.). Наличие и деформаций на формируемом отечественном финансовом рынке (сектора) страны, связанные с слабым и неадекватным формированием сегментами первичного и вторичного обращения корпоративных ценных бумаг, а также сохранением хронической убыточности большей части промышленных предприятий.

В этом контексте, поддерживая процесс стимулирования притока прямых иностранных инвестиций в национальную экономику, в не только в добывающую, но и обрабатывающую отрасли промышленности, с целью устранения отмеченных выше негативных последствий в процессе ускорения индустриализации экономики, на наш взгляд, необходимо предпринять совокупность дополнительных мер по существенному увеличению объемов финансирования за счет мобилизации как внешних, так внутренних финансовых резервов, включая цифровизацию банковской деятельности и

промышленности, включая налаживание их эффективного взаимодействие и получения мультипликативного эффекта.

Помимо этого, важно принять дополнительные меры по :

***- углублению реформ финансового сектора:***

- повышения доверия населений к кредитно-депозитным финансовым организациям за счет повышение финансовой устойчивости банковского сектора;

- развития сети небанковских финансовых институтов как важного условия ускоренного развития рынка ценных бумаг, особенно корпоративного сегмента;

- ускоренное развитие сегмента производных финансовых инструментов и страхового сегмента как условия для снижения финансовых рисков (кредитного, валютного, ликвидности и т.д.) за счет их хеджирования и страхования и т.д.;

- усиления интеграции банковского сегмента в глобальную и региональные банковские структуры и т.д.

***- за счет наращивания и оптимизации ресурсов государственного бюджета:***

- обеспечение роста объемов государственного бюджета за счет сохранения высокой экономической динамики в средне и долгосрочной перспективе до 2030 гг.;

- поиска новых источников финансирования строительства Рогунской ГЭС, в частности, за счет внебюджетных источников;

- переориентации бюджетных средств, высвобождаемых от финансирования Рогунской ГЭС на финансовую поддержку комплексного развития отраслей промышленности, особенно обрабатывающих отраслей в виде предоставления налоговых и иных льгот, субсидий и т.д.;

- снижения налогового бремени для обрабатывающих отраслей промышленности, в том числе за счет применения совокупности налоговых и таможенных льгот, направленных на поддержку внедрения ресурсосберегающих и экологичных инновационных технологий;

- привлечения дополнительных финансовых ресурсов в пределах безопасных параметров облуживания внешнего долга (до 60 % ВВП против 47 % ВВП в настоящее время);

– перехода к широкому применению новых методов и форм финансирования промышленности, включая ГЧП, внедрение принципов бюджетной и налоговой эффективности и т.д.

***- за счет оптимизации размеров золотовалютных резервов страны:***

- доведение размеров золотовалютных резервов до 3-х месячной нормы, согласно международным стандартам, вместо сохранения 8-10 месячной нормы в настоящее время;

- обеспечить доступ к поддержанию внешней ликвидности национальной экономики за счет выхода на международные финансовые рынки;

- обеспечения ускоренного развития отечественного рынка ценных бумаг и т.д.

Результатом проведения дальнейших комплексных реформ финансового и реального секторов, включая цифровизацию банковской деятельности и промышленности, налаживание их эффективного взаимодействие на цифровых площадках, возможно многократно увеличить вклад банковского сектора в развитии устойчивого и сбалансированного развития промышленности, включая увеличение объемов кредитования и инвестирование не только своего капитала, но и привлеченных ресурсов на внутреннем и внешних рынках в промышленные предприятия, создав условия для устойчивого и динамичного развития национальной экономики и роста благосостояния населения страны.

Только комплексный подход к обеспечению финансирования промышленных предприятий на цифровых технологиях создаст действенные и эффективные стимулы для многократного увеличения вклада банковской системы в кредитование и инвестирование совокупного капитала в промышленные предприятия, созвав условия для устойчивого и динамичного развития национальной.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, сайт Национального банка Таджикистана, https://www.nbt.tj/ru/.
2. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан, сайт Президента Республики Таджикистан, http://president.tj/ru/taxonomy/term/5/69
3. Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2021-2025 годы, сайт Национального банка Таджикистана, https://www.nbt.tj/ru/
4. Промышленность Республики Таджикистан. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, Душанбе, 2022. с. 89.
5. Рахимов Р.К., Довгялло Я.П., Шарипов Б.М., Юсуфбеков Ю.Р. Макроэкономические пропорции и механизмы экономического роста в Республике Таджикистан (проблемы и основные направления совершенствования [Текст] / Р.К.Рахимов, Я.П.Довгялло, Б.М.Шарипов, Ю.Р. Юсуфбеков. – Душанбе: Дониш, 2016. – 651с.
6. Словарь русского языка: В 4-х т. / РАН, Ин-т лингвистич. исследований; Под ред. А. П. Евгеньевой. — 4-е изд., стер. — М.: Рус. яз.; Полиграфресурсы, 1999; (электронная версия): Фундаментальная электронная библиотека. https://kartaslov.ru/значение-слова/индустриализация.
7. Статистический банковский бюллетень [Текст]. –2015. – № 2 (235); - 2019. – № 12 (289); - 2020- № 12 (305); - 2021 № 12 (316).
8. Толковый словарь русского языка. Под редакцией Д. Н. Ушакова (1935-1940); (электронная версия): Фундаментальная электронная библиотека. https://kartaslov.ru/значение -слова/индустриализация.
9. Тренды цифровизации банков в 2023. https://www.diasoft.ru/ about/ publications/ 20738/? ysclid=lpku7gdvpc818842751(дата просмотра 20.11.2023).
10. Шарипов Б.М. Тенденции формирования и развития финансового рынка в современном Таджикистане [Текст]/ Шарипов Б.М. / Душанбе: «Дониш», 2022. – 481 с.

## *МУАММОҲОИ МОЛИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ «САБЗ» ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

***Оймаҳмадов Г.Н.,*** *н.и.и., дотсенти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

***Расулов Ғ. Р.,*** *н.и.и., дотсенти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*

***Аминов Шаҳромҷон Абдусаторович*** *– магистранти курси 2 – юми ихисоси молия ва қарзи ДДМИТ*

*Дар мақола муаммоҳои молиявии назария ва амалияи ратсионализатсияи раванди ташкил, тақсим, мақсадноку самаранок истифодабарии захираҳои молиявии ҳангоми тақсиму азнавтақсими ММД ва даромади миллӣ бавуҷудоянда инъикос гардидааст. Муаллифон қайд намудаанд, ки то имрӯз дар ҷумҳурӣ истифодаи нокифояи дастовардҳои инноватсионӣ доир ба фаъолияти соҳаҳои растанипарварию боғдорӣ, чорводорӣ, моҳипарварӣ, занбӯрпарварӣ, генетикаи онҳо, обёрию мелиоратсия нисбат ба истифодаи пурсамари воситаҳои асосии меҳнат дар соҳа ба назар мерасанд.*

*Зарурати истифодаи таҷрибаи пешқадам, таъсиси иттиҳодияҳои агросаноатие, ки дар онҳо давлат, бонк, ташкилоти суғурта ва ширкати лизингии таъминнамоии воситаҳои асосӣ якҷоя фаъолият менамоянд, ташкили таъмиргоҳҳои минитракторҳо, хариди патенту литсензияҳои ихтироот қайд гардидааст. Тадбирҳои зикршуда, инчунин нисбатан пасттар муқаррар кардани нархи барқ, ташкили истеҳсоли бепартов,*

*кластерҳои дахлдор ва истифодаи обҳои ҳароратӣ бо мақсади кишоварзӣ метавонанд манбаъҳои молиявии иқтисоди "сабз"-ро ғанӣ гардонанд.*


***ФИНАНСОВЫЕ ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ «ЗЕЛЕНОЙ» ЭКОНОМИКИ В СФЕРЕ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН***

*В статье отражены финансовые проблемы теории и практики рационализации процесса организации, распределения, целевого и эффективного использования финансовых ресурсов при распределении и перераспределении ВВП и национального дохода. Авторы отмечают, что до сих пор в республике наблюдается недостаточное использование инновационных достижений в области селекции и садоводства, животноводства, рыбоводства, пчеловодства, их генетики, ирригации, и мелиорации и эффективного использования основных средств труда.*

*Отмечается необходимость использования передового опыта, создание агропромышленных объединений, в которых совместно работают государство, банк, страховая организация и лизинговая компания по предоставлению основных средств, организации мастерских по ремонту минитракторов, приобретение патентов и лицензий на изобретения. Указанные меры, а также установление цен на электроэнергию на относительно низком уровне, организация безотходного производства, соответствующих кластеров, использование термальных вод в сельскохозяйственных целях могут обогатить финансовые источники «зеленой» экономики.*

***FINANCIAL PROBLEMS OF DEVELOPING A "GREEN" ECONOMY IN THE FIELD OF AGRICULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN***

*The article reflects the financial problems of the theory and practice of rationalizing the process of organization, distribution, targeted and effective use of financial resources in the distribution and redistribution of GDP and national income. The authors note that until now in the republic there has been insufficient use of innovative achievements in the field of selection and horticulture, livestock farming, fish farming, beekeeping, their genetics, irrigation, and land reclamation and the effective use of basic means of labor.*

*The need to use best practices, the creation of agro-industrial associations in which the state, bank, insurance organization and leasing company work together to provide fixed assets, organizing mini tractor repair workshops, acquisition of patents and licenses for inventions is noted. These measures, as well a setting electricity prices at a relatively low level, organizing waste-free production, appropriate clusters, and using thermal waters for agricultural purposes can enrich the financial sources of the "green" economy.*


Пеш аз гузаштан ба баёни матлаб, ба баромади вожаи "проблема", ки мо муродифи тоҷикии он – муамморо дар номгузории мавзуъ истифода бурдем, диққат медиҳем. Калимаи "проблема" аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънои вазифаеро дорад, ки омӯзишу ҳалнамоиро талаб менамояд. Дар илм нисбати ҳамон як мавзуъ ҷой доштани фикру ақидаҳои ба якдигар мухолифро проблема (муаммо) меноманд. Муаммо аслан калимаи арабӣ буда, дар забони тоҷикӣ асоснокнамоиҳои илмии фикру ақидаҳои мухталифро нисбати ин ё он мавзуи алоҳидаи мавриди баҳс мефаҳмонад. Муаммо аз ҷиҳати таркиб ба соҳаҳо ва мавқеъҳои дар назария ва амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ ҷойдошта, ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти одамон ва алоқамандӣ бо қонунҳои иқтисодии дар ҷомеа амалнамояндаро фаро мегирад.

Айнан чунин муаммоҳо дар татбиқи стратегияи рушди иқтисодиёти «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар самти молиявии он вуҷуд доранд. Ҷанбаҳои молиявии татбиқи стратегияи мазкур, пеш аз ҳама, аз сатҳи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ ва хусусиятҳои фаъолияти он вобастааст. Истифодаи нокифояи дастовардҳои инноватсионӣ доир ба фаъолияти соҳаҳои растанипарварию боғдорӣ, чорводорӣ, моҳипарварӣ, занбӯрпарварӣ, генетикаи онҳо, обёрию мелиоратсия нисбат ба истифодаи пурсамари воситаи асосии меҳнати соҳа (замин) дар ҳолати молиявии хоҷагидорӣ дар кишоварзӣ инъикос меёбанд.

Хусусияти дигари соҳаи кишоварзӣ ва муносибатҳои молиявии он бо ҳосилхезии замин, аз ҷумла баландҳосилӣ, миёнаҳосилӣ ва камҳосилӣ, обӣ, лалмӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ҷудо кардану андозбандӣ намудани онҳо мебошад.

Бо баҳисобгирии ҳамин хусусиятҳо, меъёри коэффитсенти андоз ба амволи ғайриманқулро моддаи 348-и Кодекси андоз аз 1,0 то 0,1 нисбати шаҳру ноҳия муқаррар кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои 4730,1 ҳазор гектар заминҳои кишоварзӣ мебошад, ки аз онҳо 618,7 ҳазор гектар обӣ ва 673,3 ҳазори он заминҳои корам мебошанд.[11] Хусусияти заминҳои кишоварзӣ, ки ба ҳолати молиявии субектҳои иқтисодиёт бевосита таъсир мерасонад, ин дар асоси арзиши маҳсулоти дар заминҳои камҳосил рӯёнидашуда муқаррар карда шудани нархи фурӯши ҳамон як маҳсулоти дар заминҳои миёнаҳосил ва серҳосил рӯёнидашудаи кишоварзӣ мебошад.

Ин тарзи нархмуайяннамоӣ бо сабаби бавуҷудоии рентаи диференсиалии яку ду ва мутлақ ба вуҷуд омадааст. Мавқеи ҷойгиршавии замин низ нисбат ба бозор рентаҳои қайдшударо ба вуҷуд меорад, ки ба ҳолати молиявии субъекти хоҷагӣ бетаъсир намебошад. Ҳиссаи асосии воситаҳои асосӣ ва гардон, яъне сӯзишворӣ, заҳрхимикатҳо, нуриҳои минералӣ нисбати растанипарварию чорводорӣ, моҳипарварӣ ва парандапарварӣ, аз берун бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи соҳаи кишоварзӣ ворид мегардад, ки бевосита ба ҳолати молиявӣ ва ташкили захираҳои молиявии худии онҳо таъсир мерасонад.

Дар ин самт ба таври густурда бунёд намудани корхонаҳои ба инноватсия нигаронидашудаи воридотивазнамоии саноатии бо соҳаи кишоварзӣ алоқаманд, қобилияти ҳисоббаробаркунии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва устувории молиявии онҳоро афзоиш медиҳад. Бо истифода аз лизинг таъмин кардани зерсоҳаҳои кишоварзии дар боло овардашуда, аз як тараф, муттаҳид шуда фаъолият кардани хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳоро ифода намояд, аз тарафи дигар, сатҳи пасттари самаранокиро барои хоҷагидориҳо ба вуҷуд меорад.

Мушкилоти асосии стратегияи рушди иқтисоди «сабз», аз як сӯ, ба муаммои маҳдудияти заминҳои кишоварзию ҳосилгирии онҳо ва таъмини бехатарии озуқаворӣ алоқаманд бошад, аз сӯйи дигар, бо мушкилоти маҳдудияти захираҳои молиявии барои соҳа зарурӣ ва мавсимӣ будани кишоварзӣ иртибот дорад.

Илова ба ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати якуми январи соли 2022 36,2 ҳаз. гек. заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш (бинобар ботлоқшавӣ, шӯршавӣ) ва 5013 гектар заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба қайд гирифта шудаанд[12], ки мустақиман ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳолати молиявӣ таъсири манфӣ расонида, муаммои маҳдудияти захираҳои моддию молиявии кишоварзии дар ҷумҳурӣ шадидтар мегардонад.

---

[12] Стратегияи рушди иқтисодиёти сабз дар ҶТ барои солҳои 2023-2037, саҳ.18.

Қайд кардан зарур аст, ки маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса бо саноат арзиши гаронтар дорад. Бо мақсади парваришу истеҳсоли молу маводи кишоварзии барои инсон бехатар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи рушди иқтисоди «сабз»-ро барои солҳои 2023-2037 таҳия карда, ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ оғоз кард. Истеҳсоли маҳсулоти органикӣ бо истифода аз дастовардҳои инноватсионии замонавӣ ба роҳ монда шудааст, ки арзиши аслӣ ва нархи фурӯши он маҳсулотҳоро қимат карда. сатҳи нави спирали болоравии музди меҳнат ва нархро ҳамчун муаммо аз як тараф, ба вуҷуд орад, аз тарафи дигар, ба сатҳи рентаи дифференсионалию мутлақ, даромаднокии соҳа ва ҳаҷми андозҳои ба буҷет воридшаванда таъсири худро мегузорад. Илова ба ин, ҳолати ба вуҷудомада ба тамоюли пасандозу истеъмол ва сатҳи бетафовутии иҷорагирандаю иҷорадиҳанда ва истеъмолгарон низ бетаъсир буда наметавонад.

Амалинамоии стратегияи болозикр на танҳо истифодабарии воситаҳои истеҳсолоти комплексии безарари ҳозиразамонро, балки сатҳу сифати ҷиҳозонидани инноватсионии озмоишгоҳҳо ва ноҳиябандиро ба субъектҳо тақозо менамояд, ки сармояғунҷоишу меҳнатғунҷоиш ва илмталаб буда, ҳатман ба даромаднокии хоҷагиҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Бо сабаби масоҳати хурд ва миёна доштани заминҳои дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ қарордошта, новобаста аз он ки аз он ду ва се ҳосил мегиранд. ин хоҷагиҳо имкониятҳои маҳдудро нисбати дастрасӣ ба захираҳои молиявии худӣ ва қарзӣ доранд, ки боиси сатҳи пасти моликшавӣ бо техникаи кишоварзию дастовардҳои инноватсионии дар зироаткорию парвариши полезиҳо истифодашаванда ва захираҳои қарзӣ мегардад. Таъсиси заводҳои истеҳсолӣ қисмҳои алоҳидаи минитракторҳои барқии дар асоси барномаҳо коркунанда дар якчанд минтақаҳои вилояти Хатлон ва тавассути лизинг ба он хоҷагиҳо пешниҳод кардани воситаҳои асосии кишоварзӣ мушкилоти соҳаро нисбати таъмини онҳо ба воситаҳои истеҳсолу дастрасӣ ба қарз ҳал карда, боиси таъмини даромаднокии миёнаи байнисоҳавӣ мегардад. Илова ба ин таъсиси устохонаҳо нисбати таъмири минитракторҳо дар минтақаҳо сатҳи таъмин будани аҳолиро ба кормандони муҳандисию техникӣ боло бардошта, эҷодкории онҳоро зиёд менамояд.

Барои дар агрокластерҳои «сабз» зиёд намудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, пеш аз ҳама, аз таҷрибаи истеҳсолии зироатҳои кишоварзии Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, ИМА ва Канадаю Австралия истифода кардан ба манфиати кор аст.

Ҳанӯз соли 1968 ҷопониҳо дар намоишгоҳи «Экспо-68» дар шаҳри Отаваи Канада, ниҳоли помидор, тарбуз, харбуза ва бодиринги дар маҳлули об сабзандаро ки ҳосили бениҳоят баланд медиҳад, ба намоиш гузоштанд. Ҳамон як ниҳоли помидор 3000 кг помидор ва ҳамон ниҳоли тарбуз то 120 дона тарбуз медиҳад.[13] Ин маҳсулот таъминкунандаи бехатарии озуқаворӣ ва даромаднокии кофӣ нисбати ҷуброни хароҷот мебошанд. Ҳамаи растаниҳо намакҳои гуногунро, ки об онҳоро ҳал менамояд, бо решаашон аз хок ва минералҳо гирифта, ҳосил медиҳанд. Айни замон субъектҳои хоҷагидор дар кишвари мо таҷрибаи дар об сабзонидани гулҳоро доранд, аммо онро барои рӯёнидани ҳосили баланд истифода карда наметавонанд. Барои ин ташкили озмоишгоҳ ва гузаронидани корҳои озмоишӣ зарур аст.

Барои дарёфти захираҳои молиявии иловагӣ ҷиҳати рушди кишоварзӣ давлат бояд заминҳоро аз соҳибмулконе, ки худашон бо замин сару кор нагирифта ба иҷора медиҳанд, харида гирад ва онро ба заминиҷорагирон фурӯшад, он гоҳ як табақаи тайёрхӯр аз байн

---

13

меравад ва онҳое ки бевосита бо замин кор мекунанд, соҳиби захираҳои молиявӣ мегарданд.[14] Омода кардани обҳои маҳлулдор ва пешниҳоди онҳо ба кластерҳои агросаноатӣ имконияти дар ҳамаи минтақаҳои кӯҳӣ истеҳсол кардани маҳсулоти кишоварзиро фароҳам меорад. Ин шакли хоҷагидориро мо бояд дар шароити ҳарорати муътадилдоштаи ватанамон истифода барем, то ки аз гармӣ бухоршавии обро пешгирӣ намоем.

Роҳи осонтари истифодаи таҷрибаи аз маҳлул гирифтани ҳосили зироатҳои кишоварзӣ хариди патенту литсензияҳои ихтироот нисбати таркиби об ва истифодаи он мебошад. Ин ҷо як мисол меорем: Консерни Дюпон 11 сол нисбати истеҳсоли «Нейлон» корҳои илмию амалӣ анҷом дода, 25 млн. доллар сарф кард. Ширкати ҷопонии «Тойо Рейон» патентро нисбати истеҳсоли нейлон аз Дюпон ба маблағи 7,5 млн. доллар харид. Маблағи зикршударо ба дюпониҳо дар зарфи солҳои 1951-1959 баргардонид, вале дар зарфи ҳамин солҳо содироти нейлон ба ширкат 90 млн. доллар даромад овард.[15] Таҷрибаи мазкур барои ҳамаи давлатҳои дар давраи гузариш ва бунёди иқтисодиёти худтаъминнамоянда қарордошта нафънокии баландро дорад, дар ҳоле, ки он литсензия ва ё патентро дар мулкашон татбиқ карда тавонанд. Дар ин росто, бунёди заводҳои истеҳсоли нуриҳои минералии ба талаботи стандартҳои иқтисодиёти «сабз» ҷавобгӯй, аз як тараф, мушкилоти ба воридот алоқамандиро пурра ҳал намояд, аз тарафи дигар, то андозае сатҳи даромадоварии соҳаи кишоварзиро боло мебарад.

Бо мақсади беҳтар кардани дастрасии хоҷагиҳои деҳқонӣ бо захираҳои молиявии қарзӣ ташкил кардани иттиҳодияи агросаноатиеро, ки дар он давлат, бонк, ташкилоти суғурта ва ширкати лизингӣ якҷоя фаъолият менамоянд, зарур мешуморем. Фаъолияти мазкурро давлат на танҳо дар асоси ташкили хоҷагиҳои деҳқонии давлатии бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғулбуда ба роҳ мемонад, балки дар асоси дар заводу фабрикаҳои аз фаъолият бозмондаи ғайридавлатӣ гардонидашуда ташкил кардани коркарди маҳсулот ва бароҳмонии фурӯши он дар минтақаҳо истифода мебарад.

Бо сабаби таъмин набудани бехатарии озуқаворӣ аз ҳисоби ғалладонагиҳо ва маҳсулоти боғдорию сабзавоткорӣ бобати танзими нархи фурӯши истеъмолӣ дар дохили ҷумҳурӣ, аввало фурӯши онро дар дохили мамлакат таъмин карда, нархи мувозинро фароҳам оварда, гардиши пулро аз як тараф тезонида, даромадгирии буҷетро муътадил гардонидан даркор аст. Аз тарафи дигар, имконияти дастрасиро ба субвенсияҳои буҷетию захираҳои молиявии худӣ ва қарзӣ зиёд намуда, танҳо баъди таъмини муътадили тақозои бозори истеъмоли дохилӣ, содироти он маҳсулотҳоро ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст.

Барои камхарҷ кардани истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва раҳоӣ ёфтан аз фарсудашавии аз меъёр зиёди иншоотҳои гидротехникӣ ва обтаъминнамоӣ, дарёфти захираҳои молиявии худию қарзии иловагӣ ва дар ҳаҷми нисбатан пасттар муқаррар кардани нархи барқ барои ин сохторҳо зарур мебошад.

Дуюм, аз тарзи кӯҳнаи обтаъминнамоӣ даст кашида, дар алоқа бо имкониятҳои имрӯза аз хусусиятҳои мавқеи ҷойгиршавӣ истифода карда, бо ёрии қубурҳои пластикии васлшаванда обро аз қисмати баландкӯҳҳо ба заминҳои обёришавандаи дар ҳамвориҳо дар баланди ҷойгирбуда расонидан ба фоидаи кор аст. Сеюм, бо обкашҳои навъи нави иқтидорашон зиёдтару арзишашон пасттар, ки муҳлати нафъноки истифодабарии тӯлонитарро доранд, таъмин кардани об зарур мебошад. Чорум, дар асоси корхонаҳои

---

[14] Экономика США, ФРГ и Япония «Политиздат» 1982 стр. 45.

[15] Экономическая история мира, том 4, коллектив авторов, 2018 г. стр. 171, 517, 770.

ғайридавлатӣ гардонидашуда ташкил кардани истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии иншоотҳои гидротехникӣ ва обтаъминнамоиро бо дигар воситаҳои асосии барои кишоварзӣ лозимӣ зарур мешуморем.

Бо ҳамроҳ кардани иловаҳо гузаштан ба истеҳсоли намудҳои нави хӯроки чорвою паранда ва моҳӣ, ки мақсади қонеъгардонии тақозои бозори дохилӣ ва ба роҳ мондани содироти онро аз Тоҷикистон дорад, мувофиқи мақсад мешуморем.

Дар минтақаҳои оби гарми шифоӣ ва гейзерҳои хушкдошта ташкил кардани на танҳо гармхонаҳои парвариши меваю сабзавот, балки гарм кардани боғча, мактаб, табобатхона, иншоотҳои хоҷагии манзилии коммуналӣ, қасрҳои фарҳанг ва табобати муроҷиаткунандагон таъсисдиҳии захираҳои молиявии иловагӣ ба буҷет шуда метавонад.

Ташкили озмоишгоҳҳои бо технологияи ҳозиразамон ҷиҳозонидашуда нисбати гузаронидани тадқиқотҳои генетикӣ ва истеҳсоли маҳсулоти органикӣ аз генҳо самти ояндадор ба ҳисоб меравад.

Дар назди заводҳои консервабарорӣ, пахтатозакунӣ ва винотайёрнамоиҳои аввалия бунёд кардани коргоҳҳои равғанкашӣ аз донаки помидор, тухми ангур, зарур аст. Чунин корхонаҳо дар Италия ва ИМА манбаи қонеъгардонии талаботи аҳолӣ бо равған ва чорвою паранда, моҳӣ бо хӯрок мебошанд.

Ташкили истеҳсоли бепартов бо ба роҳ мондани парвариши лаблабуи қанд ва истеҳсоли шакар ва аз лаблабуи боқимонда тайёр кардани спирти нӯшокӣ ва партовҳои лаблабуро ба чорвои калони шохдор ва моли майда хӯрондан мумкин, ки арзиши аслии маҳсулоти чорворо арзонтар намуда, даромаднокиро боло мебардорад.

Тадбирҳои пешниҳодшуда на танҳо муаммоҳои бо захираҳои молиявӣ таъминнамоиро, балки худтаъминнамоии Тоҷикистонро бо воситаҳои истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, қувваи кории соҳибихтисос, ки дар бозори ҷаҳонии меҳнат талабот ба он баланд аст, ҳал менамояд.

Дар зер нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ва мувофиқати онро ба стратегияи рушди иқтисодиёти "«сабз»" месанҷем (ҷадв.1).

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мувофиқати он ба Стратегияи рушди иқтисодиёти "«сабз»"-и соҳа.**

| Солҳо | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|
| Хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ, адад | 148 | 159 | 161 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ, адад | 171975 | 179005 | 167009 |
| Замини умумӣ, ҳаз. гек. | 3674,1 | 3673,7 | 3666,4 |
| Замини кишт ҳаз гек | 847,0 | 856,7 | 861,7 |
| Замини кишт ба ҳар як хоҷагии деҳқони гек | 4,9 | 4,8 | 5,1 |
| Истифодаи нуриҳои маъданӣ, ҳаз тонна | 67,9 | 69,0 | 69,1 |
| Истифодаи поруҳо, ҳаз тонна | 265,4 | 247,7 | 160,0 |
| Ба замини кишт андохтани нуриҳои маъданӣ ба гек. кг | 141,8 | 136,9 | 140,4 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ба замини кишт рехтани пору, ба 1 гектар кг | 4,1<br>4100 | 3,7<br>3700 | 2,6<br>2600 |
| Адади тракторҳо | 27776 | 27376 | 27590 |
| Рехтани пору нисбат ба поруи маъдани | 28,9 | 27,0 | 18,6 |
| Миқдори тракторҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ | 0,16 | 0,15 | 0,16 |

**Сарчашма**: маҷмуаи омории «Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, соли 2022, саҳ. 266-277.

Аз нишондиҳандаҳои дар ҷадвал овардашуда маълум гардид, ки миқдори хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ нисбат ба хоҷагиҳои деҳқонӣ бениҳоят кам аст. Миқдори умумии онҳо дар солҳои тадқиқотӣ аз 148 адад то 168 ададро ташкил медиҳанд. Ба андешаи мо, зиёд кардани хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ бо фаъолияти намунавиашон ва ташкили нуқтаҳои савдои давлатии маҳсулоти кишоварзӣ сатҳи рақобатро ба эътидол оварда, боиси ташкили нархҳои миёна ба маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкили шакли давлатии иқтисодиёти "«сабз»" дар ин соҳа мегардад.

Миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ дар 2 соли тадқиқотӣ тамоили устувори рушдро инъикос намуда, агар дар соли 2019 наздики 172 ҳаз. адад бошад, соли 2020 ба 179 ҳаз. расида, соли 2021 то ба 167 ҳаз. коҳиш ёфтааст. Ба ҳисоби миёна бе баҳисобгирии заминҳои ба хоҷагиҳои давлатӣ ростоянда миқдори заминҳои ба ҳар як хоҷагии деҳқонӣ мансуббуда дар соли 2020 аз 4,9 гектар то 5,1 гектарро ташкил медиҳад. Дар давлатҳои рушдёфта ба ҳисоби миёна ба ҳар як фермер зиёда аз 126 гектар замин рост меояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи марказонидани замини ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ростоянда бениҳоят хурд мебошад, ки имконияти истифодаи технологияҳои ҳозиразамонро дар соҳа маҳдуд месозад. Миқдори заминҳои ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ростоянда истифодаи тракторҳои пурқувватро дар чунин хоҷагиҳо камсамар менамояд.

Барои он ки ин хоҷагиҳо аз минитракторҳо ва парки тракторӣ истифода карда, коркарди заминҳояшонро ба амал бароранд, таъсис додани паркҳои техникаи кишоварзӣ дар ноҳияҳо, ки бо фаъолияти лизингӣ машғул мебошанд, ба манфиати кор хоҳад буд.

Таъсиси корхонаҳои истеҳсоли техникаю поруҳои минералӣ ва заҳрхимикат, ки хизматрасониҳои бойторӣ ва зоотехникиро низ ба уҳда доранд, фонд ва бо мутахассис муҷаҳҳазбудани ноҳияҳоро боло бардошта, истифодаи меҳнати дастиро ба эътидол меорад. Ҳамаи маҳсулотҳои кишоварзии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, асосан, бо истифода аз пору истеҳсол шудааст, дар солҳои тадқиқотӣ ба ҳар як гектар замин истифодаи он аз 4100 то ба 2600 килограммро ташкил дод. Вазни поруи истифодашуда, ки нисбат ба истифодаи нуриҳои минералӣ дар соли 2019 28,9 маротиба, соли 2020 27 маротиба ва соли 2021 наздик ба 19 маротиба зиёд аст, инъикосгари истеҳсоли ба талаботи иқтисодиёти «сабз» мувофиқ мебошад.

Ташкили кластерҳои кишоварзӣ бо истифода аз обҳои гарми дар минтақаҳо мавҷуда, имконияти дар 4 фасли сол гирифтани ҳосили сабзавотҳоро таъмин карда метавонад. Обҳои гарми зоеъравандаро аввалан дар гармхона бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баъдан онро дар табобатгоҳҳо истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамин гуна обҳои гарм дар Ҷиргатол, Оби Гарм, Файзобод, Ваҳдат, Ромит, ноҳияи Рудакӣ, Ҳисор, Айнӣ, Шаҳринав, Ғончӣ, Истаравшан ва ғайра мавҷуд бошанд ҳам, онҳо дар кишоварзӣ мавриди истифода нагирифтаанд.

Истифодаи оби гарм дар гармхонаҳо боиси истеҳсоли маҳсулоти ба талаботи иқтисодиёти "«сабз»" ҷавобгӯй мегардад. Ташкили корхонаҳои истеҳсоли нуриҳои минералии ба талаботи иқтисодиёти "«сабз»" ҷавобгӯй на танҳо сатҳи бехатарии озуқавориро кам менамояд, балки имконияти зиёдтар истеҳсол кардани маҳсулоти содиротиро таъмин менамояд.

Истифодаи тракторҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ нишондиҳандаи бевоситаи стратегияи рушди иқтисодиёти "«сабз»" набошад ҳам, кам кардани истифодаи меҳнати дастӣ баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва сатҳи таъминот бо маҳсулоти кишоварзӣ аз он вобаста аст. Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар хоҷагии деҳқонӣ, ба ҳисоби миёна соҳиби 30 гектар замин ва ба он як адад трактор рост меояд, ки бениҳоят кам мебошад. Бо истифода аз лизинг бо трактор, минералҳо ва заҳрхимикатҳо таъмин кардани хоҷагиҳои деҳқонӣ аз як тараф, шароитро барои дастрасӣ ба қарз бавуҷуд орад, аз тарафи дигар, муҷаҳҳазшавиро бо техникаи кишоварзӣ зиёд менамояд, ки қобилияти ҳисоббаробарии хоҷагиҳо боло меравад.

Дар Стратегияи миллии рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати татбиқи сиёсати иқтисоди "сабз" вазифаҳои муҳим гузошта шудаанд. Иҷрои онхо имконият медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ бо истифода неруи эҳёшаванда ҳарчи бештар маҳсулоти хушсифат ва ба рақобат тобовар истеҳсол карда шавад[16].

**Адабиёти истифодашуда:**


1. Стратегияи рушди иқтисодиёти «сабз» дар ҶТ барои солҳои 2023-2037.
2. Советский энциклопедический словарь, М. Международный словарь, 1985 г. 1559 стр.
3. Налоговый кодекс Республики Таджикистан, Душанбе 2022.
4. Экономическая история мира в пяти томах. Москва т 4, 2018 т.4 515 стр.
5. Омори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021.
6. Экономика США, ФРГ и Япония «Политиздат» 1982 стр. 45.
7. Экономическая история мира, том 4, коллектив авторов, 2018 г. стр. 171, 517, 770.
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 201, саҳ. 20


***Қодиров Ҷаъфар*** *- старший преподаватель кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета.*

***Файзудинова Фариза Худойназаровна*** *- преподаватель Технологического колледжа города Душанбе*

*В статье отмечается об управлении внешним долгом государства в системе финансовой безопасности страны, изложены факторы и связанные с ними показатели. Также приводится основные оценочные показатели долговой политики государства для определения уровня экономической безопасности страны. Проанализированы данные о государственных и гарантированных государственных долгах в сравнении с ВВП за 2018-2022 годы.*

***Ключевые слова:*** *государственный внешний долг, внутренний долг, финансовая безопасность, долговая политика, экономическая безопасность, развития экономики и т.д.*

В последние годы острой проблемой финансовой системы большинство стран стало значительный объём их государственного долга. Увеличение долговой нагрузки до предельных параметров из-за значительного привлечения средств на невыгодных условиях способствует уязвимости собственной экономики к различным угрозам и существенно тормозит ее развитие.

В Республике Таджикистан рост внешнего государственного долга наблюдается в течение длительного периода, он определяется высокими валютными рисками, меняющейся ситуацией с рефинансированием долгов предыдущих лет, а также давление выплат по долгам на государственный бюджет. Проблема государственного долга и его влияния на финансовую безопасность является чрезвычайно важной в условиях экономических трудностей, от которых многие страны страдают в последние годы.

Поскольку Таджикистан провозгласил свою независимость и является неотъемлемой частью мирового сообщества, определив стратегической целью развития, с этой точки зрения важно заимствовать лучший международный опыт в части управления государственным долгом, что приведет к укреплению финансовой системы и экономическому росту государства. Внешний долг как неотъемлемый элемент современной мировой экономики и эффективный инструмент всех глобальных экономических отношений изучался в научных трудах современных отечественных и зарубежных ученых. Однако остается еще много нерешенных вопросов, касающихся причин возникновения внешнего долга, его законодательного регулирования, механизма управления и влияния на финансовую безопасность государства. Поэтому вопросы формирования государственного долга Таджикистана и все процессы, связанные с ним, сегодня очень актуальны, поскольку с каждым годом долговые обязательства Таджикистана растут и, соответственно, растут расходы на его управление и обслуживание. Наиболее актуальным вопросом в современной политике управления государственными финансами является эффективное определение ее долговой политики в отношении привлечения и расходования средств государственных заимствований. Ученные выделяют ряд макроэкономических каналов, через которые государственный долг может негативно повлиять на средне и долгосрочную экономическую ситуацию. Таким образом, значительное увеличение соотношения долга к ВВП может в будущем привести также к увеличению налогов как дополнительные бюджетные расходы и, как следствие, снижение инвестиций в страну. Наряду с этим получили распространение утверждения других исследователей о том, что долговое финансирование дефицита бюджета за счет расширения государственных расходов стимулирует совокупный платежеспособный спрос, который является основным фактором экономического роста. Для получения положительного эффекта необходимо, чтобы объем капитальных вложений превышал объем заимствований, а темпы роста ВВП превышали темпы роста долга. Достижение критического состояния финансовой системы страны, вероятный рост угрожающих факторов долговой нагрузки и чрезмерное и неэффективное привлечение финансовых ресурсов приводит к финансово-экономическому и социально-политическому нестабильностью. Для решения вышеназванных проблем на наш взгляд, основные критерии эффективного управления долговой политики государства являются:

- сбалансированность финансовой системы, которая определяется уровень дефицита бюджета, стабильности банковская система, национальная валюта, уровень цен и уровень развития финансового рынка и рынка ценных бумаг;
- устойчивая внешнеэкономическая политика и рациональная структура внешней торговли, которая должна быть ориентирована на удовлетворение потребностей внутреннего рынка

и защиту отечественных производителей, достаточный уровень жизни населения, численность населения и стабильная социально-политическая ситуация в стране, снижение социальной напряженности, высокий уровень инвестиционной привлекательности страны.

Быстрые темпы увеличения национального дохода страны должны происходить за счет возможных дополнительных иностранных инвестиций. Для преобразования экономики важно сравнивать показатели государственного долга с макроэкономическими показателями, в частности:

дефицит государственного бюджета; динамика платежного баланса; стоимость официальных резервных активов; обменный курс; уровень инфляции; валютные резервы; налоговая нагрузка в стране; развитие рынка ценных бумаг; уровень доходов населения; объемы инвестиционной активности в стране и т.д. Согласно методологии расчета уровня экономической безопасности страны, основными показателями для оценки долговой политики являются следующие (рис. 1).




Рис. 1. Показатели для оценки уровня долговой нагрузки

Обратите внимание, что оценка указанных показателей основана на сравнении фактических значений в стране с предельными показателями. Мы считаем, что, учитывая существующие зоны уязвимости к влиянию кризиса факторы, порождаемые долговыми процессами, государству следует учитывать сложные взаимосвязи между долговой политикой, степенью финансовой стабильности и социально-экономическим и инвестиционно-инновационным развитием страны.

Использование показателей долговой нагрузки позволяет внести существенную корректировку в долговую политику и повысить качество общей оценки государственного долга по объему и срокам погашения. Внешний государственный долг как показатель долговой обеспеченности был максимально полно проанализирован экспертами Всемирного банка. Согласно методологии Всемирного банка, критический уровень государственного внешнего долга составляет 50% ВВП.

Подводя итог, можно отметить, что, хотя такой быстрый рост внешнего государственного долга приведет к проблеме бюджетной устойчивости в среднесрочной перспективе.

**Таблица 1.**

**Показатели государственного и гарантированного государством долга Таджикистан на 2018- 2022 гг. (млн. долл. США)**

| Годы | Валовой внутренний продукт | Государственный внутренний долг | Государственный внешний Долг | Гарантированный государством долг | Государственный долг/ ВВП, % |
|---|---|---|---|---|---|
| **2018** | 7543,4 | 749,1 | 2924,2 | 65,8 | 48,7 |
| **2019** | 8172,5 | 726,8 | 2925,3 | 75,3 | 44,7 |
| **2020** | 8134,0 | 536,7 | 3243,7 | 96,4 | 46,5 |
| **2021** | 8937,8 | 447,6 | 3299,3 | 119,1 | 41,9 |
| **2022** | 10492,1 | 424,6 | 3228,3 | 140,73 | 34,8 |

Источник: составлено автором на основе данных

Анализируя статистические данные в таблице 1, можно сделать вывод, что государственный долг Республики Таджикистан по состоянию на 1 января 2023 года составил 3652,9 млн. долларов США, или 34,8% к Валовому Внутреннему Продукту. Данный показатель сократился по сравнению с 2020 годом на 59,5 млн. долларов США. В структуре государственного долга по прежнему преобладают внешние заимствования, на долю которых приходится 88% от общего государственного долгового портфеля. Внешний долг Республики Таджикистан по состоянию на 1 января 2023 года составил 3228,3 млн. долл. США, т.е. 30,8% ВВП. Объём внешнего долга Республики Таджикистан за 2022 год снизился по сравнению с показателем 2021 года на 71 млн. долларов США. Внутренний государственный долг Республики Таджикистан по состоянию на 1 января 2023 года составил 4,7 млрд. сомони (424,6 млн. долларов США), что в процентном выражении составляет 4,0% к ВВП. По сравнению с показателем 2021 года внутренний государственный долг сократился на 373,8 млн. сомони. Критическим считается уровень, при котором общая сумма государственного долга на конец бюджетного периода превышает 60 процентов годового номинального объема валового внутреннего продукта.

Основной причиной увеличения государственного долга Таджикистана является необходимость финансирования дефицита государственного бюджета. Для достижения этой цели правительство страны пользуется международными займами. Основными кредиторами Таджикистана являются Всемирный банк, Азиатский банк развития, МВФ, Исламский банк развития, ЕБРР, Фонд Организации стран экспортеров нефти (ОПЕК), Антикризисный фонд Евразийского экономического союза, Экономический союз (ЕАЭС), Европейский инвестиционный банк, Международный фонд сельскохозяйственного развития и Азиатский банк инфраструктурных инвестиций. Для управления внутренним государственным долгом Таджикистан использует государственные казначейские векселя, которые покрывают более 90% общего внутреннего государственного долга. С 2014 года наблюдается устойчивый рост как внешнего, так и внутреннего государственного долга. Чтобы эффективно управлять им, правительство реализовало Программу государственных внешних заимствований. По прогнозам Министерства финансов, рост объема государственного долга на данный момент не является критичным и составит 34,8% ВВП в 2022 году. В любом случае, правительство планирует продолжать использовать кредитные соглашения для покрытия дефицита государственного бюджета и поддержки экономики страны. Таким образом, погашение существующего долга может происходить за счет новых займов, поскольку бюджет страны не может самостоятельно покрыть эти долги. В текущих условиях не ожидается снижения государственного долга, и продолжение тенденции к его росту может вызвать проблемы в среднесрочной перспективе после того, как его объем превысит критический показатель (60% ВВП).

**Литература:**

1. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. – Душанбе: АСПРТ, 2022. -с.425.
2. Селезнев А. З. Государственный долг и внешние активы: Учеб. пособие - М.: ИНФРА-М, 2012. - 284 с.
3. Солдаткин С.М. Государственный и муниципальный долг: Теория, методология, практика. Учебное пособие. М.: КНорус-М, 2020. 304 с.
4. Отчет о состоянии государственного долга на 2022 год. – Душанбе, 2023 год: МФРТ, 2023.-с.26.
5. Разработка макроэкономической модели для Таджикистана /Бюллетень. Проект ЕС «Поддержка отдельных направлений реформ в сфере УГФ», Душанбе, 2018 г. с.299.

## ИҚТИДОРИ ҚАРЗИИ СУБЪЕКТҲОИ КИШОВАРЗӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ БАЛАНД КАРДАНИ КАРЗДИҲИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

***Махшулов Саидхуҷа Ҷумъаевич,*** *муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 918563308. E-mail: saidkhuja-86@mail.ru.*

*Соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар маҳсуб ёфта тавасути рушди ин соҳа сатҳи зиндагии аҳолии кишвар хуб карда мешавад. Аз ин лиҳоз таҳқиқи низоми қарздиҳи ва заминаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ҳамчун масъалаи асосӣ маҳсуб меёд.*

***Калидвожаҳо.*** *Иқтидор, қарздиҳӣ, устуворӣ, молиявӣ, дастгирӣ, шакли қарз, принсипи қарз, сифат, соҳаи кишоварзӣ.*

## *КРЕДИТОСПОСОБНОСТЬ СУБЪЕКТОВ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА И МЕХАНИЗМЫ УВЕЛИЧЕНИЯ КРЕДИТОВАНИЯ В АГРАРНОМ СЕКТОРЕ*

*Сельскохозяйственный сектор считается одним из приоритетных направлений экономики страны, и за счет развития этого сектора повышается уровень жизни населения страны. С этой точки зрения основным вопросом считается изучение кредитной системы и основ развития аграрного сектора.*

*Ключевые слова. Емкость, кредитование, устойчивость, финансы, поддержка, форма кредита, принцип кредита, качество, сельское хозяйство.*

## *THE CREDITWORTHINESS OF AGRICULTURAL ENTITIES AND MECHANISMS FOR INCREASING LENDING IN THE AGRICULTURAL SECTOR*

*The agricultural sector is considered one of the priority areas of the country's economy, and through the development of this sector, the standard of living of the country's population increases. From this point of view, the main issue is the study of the credit system and the fundamentals of development of the agricultural sector.*

***Keywords.*** *Capacity, lending, sustainability, finance, support, form of credit, principle of credit, quality, agriculture.*

Дар ҳама шароит ҷараёни устувории молиявии соҳаҳоро аз рӯи иқтидори захираҳо ва сифати онҳо баҳо додан мумкин аст. Маъмулан рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлолии кишвар то имрӯз ба маблағҳои иловагӣ дар шакли қарз ё маблағгузории иловагӣ ниёз дорад. Албатта, таъмини зарурати талаботи пулии соҳа аз ҳисоби давлат, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва дигар институтҳои молиявии дохилию хориҷӣ амалӣ карда мешавад. Таъмини талаботи мазкур, пеш аз ҳама, аз иқтидори молиявию қарзии

институтҳои молиявӣ вобастагии зиёд дорад.

Имрӯз дар баробари иқтидори қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ қобилияти қарзадокунӣ ва пардохтпазирии субъектҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи асосӣ ва муаммодор боқӣ мемонад.

Иқтидори қарзии ташкилотҳои қарзӣ ин маҷмӯи захираҳои пулии бонк, сармояи оинномавӣ, сифати сандуқи қарзӣ, меъёри захираҳои ҳатмӣ, захираҳои пулии хазина, фондҳои таъйиноташон махсус, захираҳои байналмилалӣ ва дигар дороиҳоеро дар назар доранд, ки тавассути онҳо иқтидори молиявии он арзёбӣ карда мешавад. Дастгирии самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар, аз он ҷумла, соҳаи кишоварзӣ аз иқтидори қарзӣ ва захиравии тамоми ташкилотҳои қарзӣ вобастагии зиёд дорад.

Қобилияти қарзадокунии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ аз рӯи имкониятҳои молиявӣ нишондиҳандаи муҳим барои муайянсозии ҳаҷми маблағҳои захиравии ҷиҳати пӯшонидани қисми фоизи қарзҳои ба соҳа додашуда ва сари вақт бозпасгардонии онҳо мебошад. Арзёбии иқтидори он дар бораи миқдори захираҳои қарзие, ки ба соҳаи кишоварзӣ ҷалб карда мешавад, инчунин, оид ба ҳаҷми маблағи зарурӣ ҳамчун дастгирии молиявии иловагӣ ба субъектҳои кишоварзӣ мебошад.

Дар манбаъҳои омӯхтаамон иқтидори қарзӣ танҳо аз нуқтаи назари бонк ё низоми бонкӣ баррасӣ карда мешавад ва ин миқдору меъёре мебошад, ки бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ метавонанд миқдори пулро дар муомилот ба воситаи пешниҳоди қарзҳои нав ба шаҳрвандон ва ширкатҳо зиёд намоянд. Иқтидори қарзӣ, бо ифодаи сода, дар таърифҳои мавҷуда маънои захираҳои барзиёди бонк ё низоми бонкиро ифода мекунад.

Ба ақидаи мо, аз рӯйи чунин меъёр тасаввур намудани иқтидори қарзӣ маҳдуд мебошад, зеро бояд ба назар гирифт, ки дар амалиёт ду тараф иштирок мекунанд ва аз ин рӯ, эҳтимолияти анҷоми амалиёти қарзӣ аз қарздиҳанда ва қарзгиранда вобаста аст. Иқтидори қарзии қарзгиранда миқдори захираҳои қарзиро ифода мекунад, ки қарзгирандаро дар шароити кунунии молиявию иқтисодӣ қодир аст ҷалб намояд.

Иқтидори қарзии қарздиҳанда бошад, танҳо бо низоми бонкӣ маҳдуд намешавад, зеро шумораи зиёди қарздиҳандагон ва шаклҳои гуногуни қарздиҳӣ мавҷуданд. Иқтидорҳои қарзии қарздиҳанда ва қарзгиранда аз рӯи меъёрҳои мавҷуда дар доираи ду субъект якдигарро мукаммал намесозанд, лекин ҳамдигарро пурра менамоянд, яъне, дар ҳолати ихтилофи манфиатҳои субъектҳо ҳам қобилияти қарзӣ ва ҳам ҳаҷми воситаҳои дар ихтиёри ӯ буда, инчунин, таъмини гарави қарзгиранда ва қобилияти қарзадокунии ӯ ба назар гирифта мешаванд.

Мувофиқи таърифи баъзе олимон, «иқтидори молиявӣ ва қобилияти қарзадокунии ташкилоти соҳаи кишоварзӣ ин маҷмӯи шаклҳо ва воситаҳое мебошанд, ки метавонанд худро бо шартҳои маблағрасонӣ ва қарздиҳӣ бо маблағҳои зарурӣ таъмин карда, ба сатҳи муайяни устуворӣ, пардохтпазирӣ ва бозоргирӣ ноил гардида, ҷараёни такрористеҳсолро таъмин намуда, бо ин васила, фоидаи ҳадди аксарро ба даст оранд»[40].

Таҳқиқоти мо муносибатҳои усулиро барои ҳисоби иқтидори қарзии соҳаи кишоварзӣ асоснок мекунад ва он миқдори захираҳои қарзиро, ки дар соҳаи кишоварзӣ барои такрористеҳсоли он дода мешаванд, ифода менамояд.

Барои ҳисобкунии иқтидори қарзӣ қобилияти қарзгир ҷиҳати гирифтан ва саривақт пардохт кардани қарзро ба ҳисоб гирифтан муҳим аст. Тавре ки медонем, вобаста ба таъсири шароит, ҳатто қарзгирандагони аз ҷиҳати молиявӣ устувор барои гирифтани маблағҳои қарзӣ душворӣ мекашанд. Аз ин рӯ, ба қарзгирандаи эҳтимолӣ ҷиҳати таъмин намудани маблағи қарзӣ ва кам кардани хатари қарздиҳанда захираи устувори молиявӣ ва амволӣ зарур аст[3].

Олимони хориҷӣ чунин мешуморанд, ки намуди нисбатан боэътимоди таъмини созиши қарзӣ гарави замин мебошад, ки нархи бозории он яке аз нишондиҳандаҳои

муҳим дар муайян кардани қобилияти қарзадокунии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Аммо дар Тоҷикистон бозори замин вуҷуд надорад, зеро замин моликияти давлат буда, барои истифодаи бепул дар муддати дароз ба истифодабарандагони замин дода шудааст, бинобар ин, онро ба гарав мондан мумкин нест. Вобаста ба ин, мувофиқи усулҳои мавҷуда ҳисоб кардани иқтидори қарзии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон ғайриимкон аст.

Қобилияти қарзадокунии қарзгиранда аз пардохтпазирии он вобаста аст. *Қобилияти пардохтпазирӣ* ин имконият ва қобилияти қарзгиранда барои ҷавоб додан ба ҷамъи уҳдадориҳояш дар муддати муайян мебошад. Ифодаи ин мафҳумҳоро ҳамчун муқоиса дар ҷадвали 2.1.1. дидан мумкин аст.

Иқтидори қарзии қарзгир ба қобилияти қарзадокунии он ва таъмини бозоргирии молу хизматрасониҳо алоқаманд аст. Усулҳои мавҷудаи арзёбии қобилияти қарзадокунии қарзгир дар бораи имкониятҳои пешниҳоди қарз тасаввуроти мукаммал медиҳанд. Онҳо арзёбии тиҷорати муштарӣ ва воситаҳои худии муштариро ифода мекунанд. Вале онҳо намегузоранд ҳаҷми маблағҳои имконпазири ҳадди аксарро, ки қарзгиранда метавонад барои хароҷоти худ ҷалб кунад, ҳисоб намоянд.

**Ҷадвали 2.1.1. - Муқоисаи мафҳуми «қобилияти қарзадокунӣ» ва «пардохтпазирӣ»**

| | **Қобилияти қарзадокунӣ** | **Қобилияти пардохтпазирӣ** |
|---|---|---|
| Таносуби мафҳумҳо | Мафҳуми қарзадокунӣ нисбат ба пардохтпазирӣ аз рӯи вобастагии захираҳо маҳдудтар аст | Мафҳуми қобилияти пардохтпазирӣ масъалаҳои марбут ба уҳдадориҳои пардохтиро дар бар мегирад |
| Мавзӯи таҳлил | Воқеият ва ҳолати қарзгиранда ва додугирифти амалиёти мушаххаси қарзӣ | Қарзгирандагони эҳтимолӣ дар доираи иҷрои уҳдадориҳо |
| Пойгоҳи иттилоотӣ | Дар доираи пойгоҳи иттилоотӣ масъалаҳо оид ба таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ баррасӣ мешаванд | Таҳлили миқдорӣ дар доираи «Ҳисоботи тавозунӣ» ва «Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ» истифода мешаванд |
| Давраи таҳлилшаванда | Пардохтпазирии қарзгирандаро барои мӯҳлати қарз ва адои иҷрои уҳдадориҳои саривақтии он пешгӯӣ мекунад | Уҳдадориҳои пардохтнашударо барои мӯҳлати гузашта ё ягон санаи дигар қайд менамояд |
| Хусусияти қарз | Имкони пардохти як қисми қарзи умумӣ, аммо маҳз қарзи таъминбударо тавсиф менамояд | Қобилият ва имконияти пардохти ҳама намуди қарзро тавсиф мекунад |
| Манбаъҳои пардохти қарз | - даромад аз фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ;<br>- даромад аз фурӯши амволи аз ҷониби бонк ба сифати гарав ба қарз қабулшуда;<br>- кафолати бонк ё ширкати дигар;<br>- ҷубронҳои суғуртавӣ | - даромад аз фурӯши мол, кор, хизматрасонӣ;<br>- даромад аз фурӯши амволи қарзгиранда бо назардошти руйпӯш намудани маблағи қарз |
| Арзёбии қобилияти ҳуқуқӣ | Шарти муҳим барои гузаронидани амалиёти қарзӣ | Ба инобат гирифта намешавад |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси вазъи воқеии иқтидори соҳа**

Ҳамин тавр, қобилияти қарзадокунӣ нисбат ба пардохтпазирӣ мафҳуми маҳдуд аст. Аз таносуби мафҳумҳо маълум кардан мумкин аст, ки агар қарзгиранда қобилияти

қарзадокунӣ дошта бошад, пас ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар доираи ин меъёрҳо субъектҳои кишоварзӣ қобилияти пардохтпазирии қаноатбахш дорад. Тахти қобилияти қарзадокунии муштарӣ бояд қобилияти қарзгир оид ба пурра ва сари вақт пардохткунии уҳдадориҳои қарзиаш фаҳмида шавад.

Аммо чизеро, ки ба қобилияти қарзадокунии қарзгирандагон дахл дорад, муайян кардан мумкин аст, агар субъектҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоббаробаркуниро, алалхусус барои воситаҳои гардон анҷом медоданд. Дар айни замон дар аксарияти соҳаҳо баҳисобгирӣ ва ҳисоббаробаркунӣ бурда намешавад ва маводҳои зарурӣ барои муайян кардани қобилияти қарзии ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон низ вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, мо дар ин параграф таҷрибаи кишварҳои хориҷиро барои муайян кардани қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои соҳавии кишоварзӣ ба назар гирифтаем.

Самтҳои асосии арзёбии қобилияти қарзадокунии муштарӣ инҳоянд: тавсифи умумии иқтидори иқтисодии муштарӣ; таҳлили иқтидори истеҳсолӣ ва техникии қарзгир; арзёбии самаранокии истифодаи воситаҳои асосӣ ва гардон; таҳлили фаъолияти вазъи молиявӣ; таҳлили устувории молиявӣ; арзёбии бозоргирии тавозун ва пардохтпазирии қарзгири эҳтимолӣ; ҷамъбасти натиҷаҳои таҳлили фаъолият ва омода кардани хулосаҳо оид ба қобилияти қарзадокунии муштарӣ[25]. Дар айни замон такрористеҳсоли васеъ дар соҳаи кишоварзӣ асосан тавассути қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат таъмин карда мешавад. Қарзи дарозмуҳлати сармоягузорӣ асосан ба таҳия ва пурра кардани воситаҳои асосӣ, ворид ва аз худ намудани технологияҳои нав равона гардида, хавфи қарзии бонки қарздиҳандаро зиёд мекунад. Қарздиҳӣ ба лоиҳаҳои дарозмуҳлати сармоягузорӣ, ки дар соҳаи кишоварзӣ татбиқ карда мешавад, барои бонкҳо яке аз самтҳои хавфноки фаъолият мебошад. Барои қабули қарор дар бораи додани қарзи сармоягузорӣ барои соҳаҳои кишоварзӣ бонк бояд аз рӯи қобилияти қарзадокунӣ раванди сармоягузории худро арзёбӣ кунад. Қарорҳои сохторҳои идоракунии давлатӣ оид ба зиёд кардани қарздиҳӣ ба ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ боиси баланд шудани хавфҳои бонкӣ гашта, ба пурзӯр намудани шартҳои додани қарз, аз ҷумла масъалаҳои ташкилӣ (баррасии дархост ҷиҳати гирифтани қарз, оқибатҳои таъхири қарзӣ), таҳлилӣ (муайянкунии қобилияти қарзадокунии қарзгиранда, пардохтпазирӣ ва кифоягии гарав) ва дар натиҷа, боло рафтани арзиши қарз мегардад. Сарфи назар аз дастгирии муайяни давлатӣ дар самти кумаки пулӣ бо роҳи додани қарзҳои имтиёзнок аз ҳисоби фонди дастгирии соҳибкорӣ захираҳои қарзӣ дастрастар нагаштанд. Ин манбаи захираҳои молиявиро ҳоло ҳам ташкилотҳои аз ҷиҳати молиявӣ устувори кишоварзӣ ва ташкилотҳои маҳдуди соҳаи кишоварзӣ, ки барои маблағҳои қарзӣ таъминоти кофӣ доранд, истифода бурда метавонанд.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон масъалаи қобилияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ ҳанӯз ҳам масъалаи муҳим ва муаммодор боқӣ мемонад. Қобилияти қарзадокунӣ вобаста аст аз қобилияту иқтидори қарзгир барои татбиқи бомуваффақияти лоиҳаи сармоягузорӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои пешбинишуда: эътимоднокӣ ва устувории сатҳи тиҷорат вобаста ба талабот; ба даст овардани натиҷаҳои фосилавӣ дар шакли фоида; баҳисобгирии нишондиҳандаҳои воқеии низоми хавфҳо бо равандҳои қарздиҳӣ вобаста.

Дар таҷрибаи муносибатҳои қарзӣ нақшаҳо ва усулҳои муайяни арзёбии қобилияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ вуҷуд дорад, ки аз ҷониби бонкҳои давлатҳои хориҷӣ бо дараҷаи гуногуни объективият истифода мешаванд. Арзёбии қобилияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ аз рӯи тавозуни муҳосибӣ дар муддати кӯтоҳ таъсирбахш мебошад.

Нишондиҳандаи дигари қобилияти қарзадокунии қарзгирандагон пардохтпазирии онҳо мебошад. Қобилияти пардохтпазириро ҳамчун нишондиҳандаи ягонаи дараҷаи қобили қабул ифода кардан мумкин нест. Хулосаи ниҳоӣ оид ба пардохтпазирӣ аз ҷониби коршинос муайян карда мешавад, ки бисёр

нишондиҳандаҳои дигарро таҳлил кардааст ва дар ин замина, андешаи худро дар бораи эҳтимолияти ба миён омадани вазъ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳо дар ин субъект баровардa метавонад. Аз ин рӯ, таҳлили пурраи молиявӣ тадбири дар назди ҳарду тараф зарурӣ ва арзишманд мебошад.

Тафсири арзёбии иқтидори қарзӣ ва қобилияти қарзадокунию пардохтпазирии ташкилотҳои кишоварзӣ дар расми 2.1.1. оварда шудаанд.




**Расми 2.1.1. Такмили арзёбии иқтидори қарзӣ ва қобилияти пардохтпазирии субъектҳои кишоварзӣ**

**Таҳияи муаллиф**

Раванди пешниҳоди қарзҳоро аз ҷониби бонк вобаста ба меъёрҳои дар нақша пешбинигардида дар панҷ марҳила арзёбӣ намудан мумкин аст.

Марҳилаи 1: Аз рӯи арёбии қобилияти қарзадокунии онҳо ҳатто дар муддати кӯтоҳ нишондиҳандаҳои пасти молиявӣ доранд. Ин амал барои муайянсозии қобилияти қарзадокунӣ ва пардохтпазирии ҷорӣ барои гурӯҳбандии ташкилоти тадқиқшаванда дар гурӯҳи муайяни таснифшуда зарур мебошад.

Арзёбии қобилияти қарзадокунии ҷорӣ имкон медиҳад, ки ҳолати молиявии субъектҳои кишоварзӣ ва мутаносибан қобилияти қарзадокунии онҳо беҳтар арзёбӣ гардад, зеро он ба интихоби омилҳои объективии ба сатҳи қобилияти қарзадокунии ҷорӣ таъсиррасон асос ёфтааст.

Арзёбии қобилияти қарзадокунии ҷории ташкилот аз рӯи усули истифодаи хол (балл) дар якчанд марҳила муайян карда мешавад: интихоби нишондиҳандаҳои молиявӣ, ки вазъи молиявии қарзгирандаро пурра тавсиф мекунад ва аз муайянкунии худуди арзиши ҳар як нишондиҳандаи ба усул дохилшуда, муқаррарнамоии ҷамъи холҳо ва ҷамъбасти онҳо, таносуби маблағи ҷамъшуда бо тавсифи фосилавии вазъи молиявии муайян; муайянсозии дараҷаи қобилияти қарзадокунӣ ва ғайра иборат аст. Усули истифодаи хол аз муайянсозии миқдори холҳо дар асоси вазн ва қимати ҳар яке аз нишондиҳандаҳои молиявӣ иборат аст ва нисбат ба усули арзёбии озмоишӣ бартарӣ дорад.

Дар кишварҳои хориҷа бо истифода аз функсияи коррелатсия 5 нишондиҳандаи молиявиро интихоб мекунанд, ки ҳолати ҷории молиявии субъектро ба таври объективӣ ва пурра инъикос мекунад: зариби мустақилияти молиявӣ, зариби таъминот бо воситаҳои гардони худӣ, даромаднокии дороиҳои гардон аз рӯи фоидаи соф, зариби муносибати воситаҳои қарзӣ ва худӣ, зариби мутлақи пардохтпазирӣ

(бозоргирӣ). Барои асосноккунии қимати меъёрҳои зарибҳои пешниҳодшуда арзиши воқеии онҳо мувофиқи ҳисоботи солонаи ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ ҳисоб карда мешавад.

Дар асоси қимати ташкилоти намунавӣ, бо тарҳи тамоили миёнаи квадратӣ, инчунин, бо назардошти қиматҳои меъёрӣ ва тавсияшуда нишондиҳандаҳои молиявиро аз рӯи қобилияти қарзадокунии ҷории ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ гурӯҳбандӣ мекунанд. Барои баланд бардоштани аҳамиятнокии ҳар як нишондиҳандаи молиявӣ, дар асоси қимати вазнии ҳар як нишондиҳанда, холҳои алоҳида дода мешавад, ки бо истифодаи таҳлили таносуби коррелатсионӣ ва регрессионӣ муайян карда мешаванд. Дар асоси ин холҳо сатҳи қобилияти қарзадокунии ҷорӣ чунин муайян карда мешавад: баланд; миёна; паст.

Сатҳи баланди қобилияти қарзпардохткунии ҷорӣ вазъи устувори молиявии ташкилотро тавсиф менамояд, ки ба ин қимати калони нишондиҳандаҳои молиявӣ шаҳодат медиҳад. Сатҳи миёнаи қобилияти қарзадокунии ҷорӣ бо ноустувории молиявӣ тавсиф карда мешавад. Сатҳи пасти қобилияти қарзадокунии ҷорӣ бо ғайриқаноатбахш будани ҳолати молиявии ташкилот тавсиф карда мешавад.

Марҳилаи 2: Барои кам кардани хавфҳои қарзӣ бонкҳо новобаста аз сатҳи қобилияти қарзадокунӣ ба қарзгирандагон талаботи иловагӣ мегузоранд. Аксарияти қарзҳо таҳти навъҳои гуногуни таъминот дода мешаванд. Аз намудҳои мавҷудаи таъминоти уҳдадориҳо (амволи қарздор, замонат, кафолати бонкӣ, амонат ва ғайра) ҳамчун гарав васеъ истифода мешавад. Дар ин марҳила бонк кифоягӣ ва бозоргирии гарав ва дигар намудҳои таъминотро, ки аз ҷониби субъекти кишоварзӣ пешниҳод шудаанд, баррасӣ менамояд. Зимнан бонк бояд дар арзёбии сифат, басандагӣ ва бозоргирии гарави пешниҳодкардаи ташкилоти соҳаи кишоварзӣ бо масъулияти баланд амал намояд.

Дар марҳилаи 3 муайян кардани таносуби қобилияти қарзадокунии қарзгир ва дараҷаи таъминоти қарз, ки нишондиҳандаи хавфи бонкиро нишон медиҳад, арзёбӣ карда мешавад. Баҳисобгирии таъмини қарз ва дараҷаи хавфи бонкӣ ба бонк имкон медиҳад, ки ба таври объективона қарзгирандаро ба гурӯҳи муайяни қарзадокунандагон ворид намояд.

Аз ин лиҳоз, субъектҳое, ки ба яке аз ин панҷ гурӯҳи пешниҳодшудаи қобилияти қарзадокунанда ворид шудаанд, тавсифи мувофиқро доранд ва дар ҷадвали 2.1.2. бо назардошти ҳолати воқеии соҳаҳои мазкур инъикос ёфтаанд.

**Ҷадвали 2.1.2. - Тавсифи гурӯҳҳо оид ба қобилияти қарзадокунандагӣ**

| Гурӯҳҳои қобилияти қарзадокунанда | Тавсифномаи ташкилот |
|---|---|
| Гурӯҳи 1 | Субъектҳое, ки ба таври комил қобилияти қарзадокунӣ доранд ва аз ҷиҳати молиявӣ устувор буда, хавфи напардохтани қарзро надоранд |
| Гурӯҳи 2 | Субъектҳои соҳаи кишоварзӣ бо сатҳи миёнаи қарздорӣ ё субъектҳои дорои қобилияти карзадокунӣ ва дар сатҳи қаноатбахши молиявӣ қарордошта, ки дараҷаи қарздории қобили қабулро доранд |
| Гурӯҳи 3 | Субъектҳои соҳаи кишоварзӣ, ки қобилияти карзадокунӣ доранд ва аз ҷиҳати молиявӣ ноустуворанд, ҳангоми пардохти қарз каме мушкилӣ доранд, аммо дар вақти баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ба гӯруҳи қобилияти бештари қарзадокунидошта мегузаранд |
| Гурӯҳи 4 | Субъектҳои ноустувор, ки қодир нестанд қарзи ҷориро дар сатҳи кунунии самаранокии истеҳсолот пӯшонанд, карздориашон зиёд мешавад, аммо дурнамои рушдро |

| | |
|---|---|
| | тавассути коҳиш додани хароҷоти моддӣ, афзоиши даромаднокӣ имкони кам кардани қарзро доранд |
| Гурӯҳи 5 | Субъектҳое, ки қобилияти карзадокунӣ ва заминаи бозпасгардонии қарзро надоранд |

**Таҳияи муаллиф дар асоси вазъи воқеии соҳа**

Марҳилаи 4: Арзёбии қобилияти қарзадокунӣ ҳамчун дурнамои дарозмуддати вазъи молиявии субъект барои бонк аҳамияти хоса дорад. Барои таҳияи пешгӯии вазъи молиявии субъектҳо кластерикунонии онҳо аз рӯи намудҳои устувории молиявӣ, бо назардошти таъминоти захираҳо бо манбаъҳои маблағгузорӣ бо истифода аз усули классикӣ  гузаронида шудааст. Чунин раванди арзёбӣ имконияти имрӯза ваояндаи низоми ягонаи муайянкунандаи иқтидори қарзадокунии соҳаро дар давраҳои оянда боназардошти вазъияти баамаломада дар як давраи муайян инъикос менамояд.

Қобилияти қарзадокунии соҳаи кишоварзӣ дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои асосӣ дар робита бо ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, масъалаи пурзӯр кардани ин раванд барои минбаъд идома ёфтани қарздиҳии бонкҳои тиҷоратии кишвар дар ин самт боқӣ  мемонад.

**Ҷадвали 2.1.3. - Андозаҳои   қарздиҳӣ барои субъектҳои кишоварзӣ вобаста аз арзёбии қобилияти қарзадокунӣ**

| **Сатҳи қобилияти карзадокунӣ** | **Тартиби камкунии хавфи бонкӣ** | **Тартиби қарздиҳӣ** | **Меъёри фоиз** | **Фаврияти қарз** |
|---|---|---|---|---|
| Сатҳи баланд, устувории мутлақи молиявӣ | нақшаи чандирии адои қарз; имтиёз ҳангоми адои пеш аз муҳлат | кушодани суратҳисоби шартномавӣ; боздоди якдафъагӣ | имтиёзнок, стандартӣ | дарозмуддат, миёнамуҳлат |
| Сатҳи миёна, устувории муътадили молиявӣ | тақозои гарав ва ё кафолатдиҳанда ва суғуртаи қарз | боздеҳии якдафъагӣ | стандартӣ | миёнамуҳлат; кӯтоҳмуддат |
| Сатҳи паст, вазъияти ноустувори молиявӣ | банақшагирии муштараки тиҷорат, кафолатдиҳанда ва суғуртаи қарз | кушодани хатҳои қарзии таҷдидшаванда ва мавсимӣ | зиёдшуда, баландшуда | кӯтоҳмуддат |

**Таҳияи муаллиф дар асоси вазъи воқеии соҳа**

Ҳамин тавр, қобилияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ ба муҳлати қарз, меъёри фоизи он, раванди қарздиҳӣ ва муносибатҳои минбаъдаи бонк ба он таъсири манфӣ ё мусбӣ мерасонад.

Марҳилаи 5: Дар ҷадвали 2.1.3 муайянкунии андозаҳои қарздиҳӣ вобаста ба қобилияти қарзадокунӣ ва дараҷаи хавфи бонкӣ оварда шудааст.

Бозоргирии таъмин, таъҷилии қарз ва хавфи кулл қобилияти қарзадокунии қарзгиранда ва андозаи қарзи эҳтимолиро муайян мекунанд. Омилҳои муайянкунандаи арзёбии қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва субъектҳои кишоварзӣ дар ҳама шароит ба ҳамдигар алоқамандии зич дошта, дар ҳар шароит якдигарро пурра мегардонанд ва онҳо метавонанд ба якдигар таъсири мусбат ё манфӣ расонанд.

Тамсилаи пешниҳодшудаи арзёбии маҷмаавии самаранокии қарздиҳӣ барои субъектҳои  соҳаи кишоварзӣ имкон медиҳад, ки ин амалҳо иҷро карда шаванд:

- таснифи қарзгирандагон аз рӯи сатҳи қобилияти ҷории қарзадокунӣ;

-муайянкунии гурӯҳи қобилияти қарзадокунӣ ва дараҷаи хавфи бонк вобаста ба таъмини кифоягии қарз;

- пардохтпазирӣ ва вазъи молиявии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ барои давраи миёнамуҳлат ва дар баъзе ҳолатҳо дурнамои дарозмуддат;

-таҳияи тавсияҳо оид ба усули қарздиҳӣ, меъёри фоиз, муҳлатҳои пешниҳоди қарзҳо;

-таҳлили таърихи(оқибати) қарзии қарзгирандагон;

-мониторинги қобилияти қарзадокунии қарзгирандагон.

**Адабиётҳои истифодашуд**

1. Дастурамали №176-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» аз 9 октябри соли 2009, таҳти №304, бо Қарори Раёсати БМТ тасдиқ гардидааст (аз 19 ноябри соли 2009, таҳти №550 «ж», дар Вазорати адляи ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст).

2. Дастурамали №186-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ» аз 28 апрели соли 2011, таҳти №73, бо Қарори Раёсати БМТ тасдиқ гардидааст (аз 10 июни соли 2011, таҳти №612, дар Вазорати адляи ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст).

3. Дастурамали №194-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд» аз 25 апрели соли 2012, таҳти №77, бо Қарори Раёсати БМТ тасдиқ гардидааст (аз 4 июни соли 2012, таҳти №238 «е», дар Вазорати адляи ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст).

4. Дастурамали №195-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи кор бо қарзҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон» аз 21 июни соли 2012, таҳти №124, бо Қарори Раёсати БМТ тасдиқ гардидааст.

5. Раҳимзода Ш., Ашуров Ғ.М., Рушди иқтисодиёти кишоварзӣ ва мушкилотҳои он. Паёми Донишгоҳи давлати молия ва иқтисоди Тоҷикистон.№1 (17) 2019.саҳ 9.

6. Хайрзода Ш.Қ., Хоҷаев Б.Б. Необходимость и роль микрокредитования агарного сектора национальной экономика Республики Тадикистан // Финансово – экономический вестник. 2019. № 4 (20). С. 20.;

7. Хикматов У.С., Койчуева М.Т. Правильный выбор финансово-кредитного учреждения для сотрудничества как элемент финансовой грамотности населения//Вестник Кыргызско-Российского Славянского университета. 2016. Т. 16. № 2. С. 157-160.

8. Хикматов У.С., Койчуева М.Т. Необходимость повышения финансовой грамотности населения (теоретический аспект)//Вестник Кыргызско-Российского Славянского университета. 2015. Т. 15. № 8. С. 174-178.

9. Хикматов У.С., Хикматов М.С. Необходимость и значение редитного бюро в сокращении рисков микрофинансирования//Вестник Кыргызско-Российского Славянского университета. 2013. Т. 13. № 2. С. 22-25.

# НИЗОМИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО НАЗАРДОШТИ ТАЪСИРИ ФАЪОЛНОКИИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ШАРОИТИ САНОАТИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

**Зокир Хушмуҳаммадзода** н.и.и., муаллими калони кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ
E-mail: z.hushmuhammadzoda@tgfeu.tj, тел: 93-408-99-39
**Исматуллозода Азизулло Исматулло** *н.и.и., муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ*
E-mail: azizullo_ismatullozoda@mail.ru, тел: 98-100-21-12
**Маҳмадҷонзода М.Т. –** *донишҷӯи курси 3 – юми ихтисоси молияи факултети молия ва қарзи ДДМИТ*

*Амалӣ намудани ҳадафҳои асосии стартегияи миллии рушд то соли 2030 бештар аз таъмини саноатикунонии кишвар вобаста мебошад, ки он ҳамчун шарти муҳим дар заминаи истифодаи даромадноки нерӯи захиравию табиӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Рушди он то андозае аз комилан мувофиқ будани сиёсати давлатӣ, сохтор ва самти захираҳои маблаггузориҳо вобаста аст, ки зарурати ҷалби сармоягузорӣ ва фаъол намудани фаъолияти сармоягузориро тақозо менамояд. Ин вазифаҳо ба якдигар алоқаманд буда, ба шарте судманд ва самаранок ҳалли худро меёбанд, ки низоми саноат ҳамчун соҳаи бунёдии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб гирифта шавад, зеро бе он таъмини рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии кишвар ба пуррагӣ имконнопазир аст.*

***Калидвожаҳо:*** *фаъолнокии сармоягузорӣ***,** *рақамикунонии иқтисодиёт, тамоюли рушд, ҳосилнокии омили маҷмуӣ, боқимондаи Солоу, технологияи рақамӣ, вобастагии регрессионӣ, низоми саноат, арзиши изофа*

Бахши асосии саноат тағйироти саноатиро дар кишвар муқаррар намуда, барои ташкили истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти ватании ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда имконият фароҳам меорад. Аз ин рӯ, афзалиятҳои рушди саноатии кишвар бояд дар асоси ҳамоҳангсозии ядрои он бо дигар унсурҳои сохтори низоми саноатӣ муайян карда шаванд.

Дар баробари ин дар чунин шароити душвор, ба монанди номуайянӣ ва ғайриякрангӣ, номувофиқӣ ва нопурраги иттилоот, нақши расмикунонии идоракунии низоми саноат тавассути муайян кардани як қатор вазифаҳо барои таҳлили рушди низом дар умум, аҳамияти калон пайдо мекунад [1, 2].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумони кишвар қайд карда шуд, ки “Бо назардошти равандҳои муосир ... мо нақшаи гузариши иқтисоди кишварро аз модели аграрӣ-индустриалии рушд ба индустриалӣ-аграрӣ амалӣ менамоем”[23].

Инчунин, дар мулоқот бо саноатчиёни кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд кард, ки «рушди саноат заминаро барои таъмини субот ва рақобатпазирии иқтисодиёт фароҳам меорад. Ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилоти соҳаи саноат, пеш аз ҳама, аз масъулини соҳа ва соҳибкорон вобаста аст. Аз ин рӯ,

---

[23] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018с. www.prezident.tj

барои ноил шудан ба ҳадафи чоруми миллӣ тағйир додани принсипи таҳия ва механизми татбиқи сиёсати саноатии кишвар зарур аст».[24]

Барои ноилшавии самаранок ба ин ҳадафи стратегӣ зарурати таҳияи модели расмикунонидашудаи рушди «ядро»-и низоми саноат вуҷуд дорад, ки он дар ин бахши иқтисодӣ барои идоракунии самаранок ва мониторинги иҷрои барномаҳои давлатӣ манбаи иттилоотию таҳлилиро ба вуҷуд меорад.

Аз ин рӯ, моделсозӣ ва дурнамосозии низоми саноат ба ҳисоб гирифтани таъсири байниҳамдигарии "ядро"-и низоми саноат ва омилҳои экзогению эндогениро, ки фаъолияти онро муайян мекунанд, дар бар мегирад [3, 4].

Дар айни замон, мушкилоти таҳияи қарорҳои саривақтӣ ва оқилонаи идоракунӣ дар заминаи таҳлили амиқ ва сохтани вариантҳои гуногуни сенария аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар давраи рушди истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои гуногуни рушди соҳаи саноат таҳия карда шуданд, аммо татбиқи барномаҳои қабулшуда рушди босуръати соҳаро дар сатҳи зарурӣ таъмин накарданд. То ба имрӯз, гарчанде кишвар дорои захираҳо ва иқтидорҳои бузург бошад хам, бозори истеъмолии кишвар аз ҳисоби молҳои саноатии беруна таъмин карда мешавад.

Расмикунонии усулҳои идоракунии низоми саноат раванди танзим, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва дурнаморо, аз рӯйи ҳамаи омилҳои таркибии рушди саноатии кишвар, имкон медиҳад, ба хусус фаъолнокии сармоягузорӣ.

Бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ, ҷиҳати муайян намудани саҳми фаъолнокии сармоягузорӣ дар шароити муосири рақамикунонии иқтисодӣ дар бахши саноати ҷумҳурӣ, ҳосилнокии омилии маҷмуиро (ҲОМ), ки бо истилоҳи англисӣ TFP (total-factor productivity) дар иқтисодиёти ҷаҳон васеъ истифода мешавад, ҳисоб намудан мумкин аст. Ҳисоб ва таҳлили ин нишондиҳанда имкон медиҳад, ки ҳиссаи саҳми сармоя, меҳнат ва технология, аз ҷумла технологияи рақамӣ дар рушди низоми саноат, муайян карда шавад [2, 7].

Дар таҳқиқоти мазкур нишондиҳандаи ҲОМ бо истифода аз маълумоти ҷамъбастӣ, ки дар он хароҷоти сармоявӣ – ин ченаки сармояи асосӣ ва хароҷоти меҳнат – яъне, шумораи умумии соатҳои коркардашуда ё шумораи шуғл ба сифати хароҷоти меҳнат баромад мекунад, дар асоси формулаи зерин ҳисоб карда шудааст:

$$Y_t = f(K_t, ET_t) = A_t \left[\alpha K_t^{(\delta-1)/\delta} + (1-\alpha) ET_t^{(\delta-1)\delta}\right]^{\delta/(\delta-1)}, \quad (1)$$

ки дар ин ҷо $Yt$ – истеҳсоли маҳсулот, $Kt$ – сармоя, $ETt$ – шуғл ва $At$ - ҳосилнокии омилии маҷмӯӣ мебошад.

Натиҷаҳои ҳисоби ҲОМ дар низоми саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1 пешниҳод гардааст.

**Ҷадвали 1. ҲОМ дар низоми саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон** [7, 8]

| Солҳо | Ҳосилнокии омилии маҷмуии низоми саноат | Суръати афзоиши сармоя дар низоми саноат | Суръати афзоиши шуғл дар низоми саноат |
|---|---|---|---|

[24] Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаи саноати кишвар аз 14.10.2019с. www.prezident.tj

| | | | |
|---|---|---|---|
| **2001** | 112,7 | 129,0 | 101,7 |
| **2002** | 178,9 | 47,3 | 99,2 |
| **2003** | 107,8 | 111,2 | 94,3 |
| **2004** | 112,7 | 139,2 | 102,6 |
| **2005** | 108,0 | 140,8 | 102,5 |
| **2006** | 101,6 | 292,9 | 97,5 |
| **2007** | 107,2 | 169,2 | 96,6 |
| **2008** | 93,7 | 186,9 | 91,2 |
| **2009** | 91,8 | 69,7 | 100,0 |
| **2010** | 107,3 | 91,7 | 101,3 |
| **2011** | 104,0 | 81,8 | 85,6 |
| **2012** | 108,9 | 82,5 | 105,3 |
| **2013** | 101,9 | 102,0 | 102,4 |
| **2014** | 102,9 | 120,6 | 99,1 |
| **2015** | 108,3 | 191,0 | 95,4 |
| **2016** | 113,8 | 125,9 | 96,5 |
| **2017** | 119,0 | 96,2 | 132,2 |
| **2018** | 108,3 | 129,8 | 98,5 |
| **2019** | 111,4 | 74,0 | 106,4 |
| **2020** | 106,9 | 91,5 | 103,3 |
| **2021** | 118,9 | 90,4 | 102,8 |
| **2022** | 107,7 | 95,7 | 100,1 |

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф бо истифода аз маълумотҳои оморӣ [5, 6]

Ҳисоби дар ҷадвал овардашуда нишон медиҳад, ки рушди ҳосилнокии омилии маҷмӯии низоми саноат нисбат ба рушди сармоя ва шуғл дар ин низом пешсаф мебошад, ки дар соли 2022 рушди он 107,7%-ро нисбат ба 95,7% ва 100,1% ташкил дод ва ин нишондод шаҳодат аз он медиҳад, ки солҳои охир дар ин низом технологияи навин (рақамикунонӣ) татбиқ гардида истодааст.

Дар ин таҳқиқот қайд карда шудааст, ки вобастагии регрессионии арзиши изофаи ҳаҷми саноат нисбат ба қувваи корӣ дар саноат, сармоягузорӣ дар саноат ва ҲОМ дар саноат чунин мебошад, яъне агар қувваи корӣ дар саноат 1% зиёд шавад он гоҳ арзиши изофаи ҳаҷми саноат 1,3% рушд меёбад, ба ҳамин монанд агр 1% сармоягузорӣ дар бахши саноат зиёд гардад, он гоҳ арзиши изофаи ҳаҷми саноат 0,5% рушд меёбад ва агар ҲОМ дар саноат 1% зиёд гардад, он гоҳ арзиши изофаи ҳаҷми саноат 0,3% рушд меёбад, ки натиҷаи таҳлили регрессионӣ дар ҷадвали зерин оварда мешавад (Ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Натиҷаҳои таҳлили регрессионии арзиши изофаи ҳаҷми умумии саноат нисбат ба қувваи корӣ, сармоя ва ҳосилнокии омилии маҷмуӣ**

Тағйирёбандаи вобаста: LOG(T_IND_ADD)
Усул: Квадрати хурдтарин
Давра (таҳриркардашуда): 2002 2022
Мушоҳидаи дохилкардашуда: 21 баъди таҳриркунӣ

| Тағйирёбандаҳо | Коэффитсиентҳо | Хатои стд. | t-омор | Эҳтимолият |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Log(l_ind) | 2.315415 | 0.251183 | 9.218029 | 0.0000 |
| Log(k_ind) | 0.557115 | 0.019345 | 28.79906 | 0.0000 |
| Log(tfp_ind(-1)) | 0.597945 | 0.270746 | 2.208512 | 0.0421 |
| dummy | -1.105214 | 0.108714 | -10.16627 | 0.0000 |
| c | -9.032588 | 1.559586 | -5.791657 | 0.0000 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| R-квадрат | 0.984299 | Тағйирёбандаи миёнаи воб. | 8.511608 |
| R-квадрати тасҳеҳшуда | 0.980374 | Таҳрифи станд. тағйир. воб. | 0.953916 |
| Хатои стандартии регрессия | 0.133638 | Меъёри иттилоотии Акаике | -0.983107 |
| Ҳосили квадрати бақияҳо | 0.285746 | Меъёри Швартс | -0.734412 |
| Эҳтимолияти логарифмӣ | 15.32263 | Меъёри Ханнан-Куинн | -0.929134 |
| F-омор | 250.7594 | Омори Дарбин-Уотсон | 2.192919 |
| Эҳтимолияти (F-омор) | 0.000000 | | |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф бо назардошти нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 дар барномаи EViews тартиб дода шудааст

Дар ин ҷадвал T_IND_ADD – арзиши изофаи ҳаҷми саноат, l_ind – қувваи корӣ дар саноат, k_ind – ҳаҷми сармоягузории барои бадастоварии дастгоҳҳо дар саноат нигаронидашуда ва tfp_ind(-1) – ҲОМ-и соли қаблӣ дар саноат мебошад.

Аз руи таҳлилҳои овардашуда чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

1. Ҷиҳати дақиқ муайян ва масъалагузорӣ кардани рушди низоми саноати кишвар, ба мақсад мувофиқ мебошад, ки аз ҷониби мақомотҳои блоки иқтисодӣ ба роҳ мондани ҷамъоварии маълумоти оморӣ нисбат ба ҳосилнокии омилии маҷмуӣ дар маҷмуаҳои оморӣ;

2. Бо мақсади дурнамои нишондиҳандаи ҲОМ ва андешидани чораҳои зарурӣ барои ноил гаштан ба рушди воқеии низоми саноати кишвар, тавсия дода мешавад, ки модели истеҳсолӣ (Solow residuals - боқимондаи Солоу) аз ҷониби мақомотҳои блоки иқтисодӣ, таҳия карда шуда, мавриди амал қарор дода шавад;

3. Ҷиҳаи самарнок истифода бурдани сармоя, ки фаъолнокии он он дар бахши саноати кишвар нисбат ба қувваи корӣ ва ҲОМ дар ҳолати коҳишёбӣ қарор дорад (тибқи нишондоди ҷадвали 1), аз ҷониби мақомотҳои дахлдори ҷумҳурӣ чораандешӣ намуда, механизми ҷалби сармояи дохилӣ аз ҳисоби соҳибкорони ватанӣ нисбати бунёд ва барқарор намудани иқтидорҳои истеҳсолии саноати кишвар тариқи ҳавасмандсозии онҳо дарёфт карда шуда, амалӣ карда шавад.

**Адабиёт:**


1. Что такое цифровая экономика? Тренды, компетенции, измерение Ч-80 [Текст]: докл. к XX Апр. междунар. науч. конф. по проблемам развития экономики и общества, Москва, 9–12 апр. 2019 г. / Г. И. Абдрахманова, К. О. Вишневский, Л. М. Гохберг и др. ; науч. ред. Л. М. Гохберг ; Нац. исслед. ун-т «Высшая школа экономики». — М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2019. — 82
2. Некоторые аспекты моделирования и прогнозирования ВВП в Республике Таджикистан [Текст]: доклад в рамках Проекта ЕС «Поддержка отдельных направлений реформ в сфере управления государственными финансами», Душанбе, ноябрь 2017 г.
3. R. Lal, Shifting Cultivation Versus Sustainable Intensification / Reference Module in Earth Systems and Environmental Sciences. Carbon Management and Sequestration

Center, The Ohio State University, Columbus, OH, USA Available online 7 February 2015
4. Шарифзода М., Ризоқулов Т., Татбиқи технологияҳои рақамӣ – омили муҳими рушди иқтисодиёти кишвар / Ҷумҳурият №: 79, санаи нашр 23.04.2020
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023
6. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.

## САРМОЯГУЗОРӢ БА РУШДИ МИНТАҚАИ ХАТЛОН ХАМЧУН САМТИ МУҲИМИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ

**Расулов Ҷ. Қ**. – муаллими калони кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милли Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Бобоев Ҷ. М.** - аспиранти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

*Дар мақола масъалаҳои сармоягузорӣ ба рушди минтақаи Хатлон ҳамчун самти муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ оварда шудааст. Муаммоҳои асосии ҷалби сармояҳо ба истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди бозори дохилии озуқаворӣ ва амсоли инҳо дида баромада шудааст. Илова бар ин, масъалаи алби бештари сармояҳои хориҷӣ ва самаранокии истифодаи онҳо дар рушди минтақа дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешниҳод гардидааст.*

**Калидвожаҳо:** *минтақа, иқтидори захиравӣ-табиӣ, бехатарии озуқаворӣ, сармоягузориҳо.*

## ИНВЕСТИЦИИ В РАЗВИТИЕ ХАТЛОНСКИЙ РЕГИОН КАК ВАЖНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**Расулов Дж. К.** - старший преподаватель кафедры государственного управления и народного хозяйства Академии управления при Президенте Республики Таджикистан
**Бабаев Дж. М.** - аспирант Таджикского государственного финансово-экономического университета

*В статье рассмотрены вопросы инвестирования в развитие Хатлонский регион как важного направления обеспечения продовольственной безопасности. Рассмотрены основные проблемы привлечения капитала для эффективного использования природных ресурсов региона, обеспечения продовольственной безопасности и развития внутреннего продовольственного рынка и др. Кроме того, предлагается вопрос привлечения большего количества инвестиции и эффективности его использования в развитии региона в условиях цифровой экономики.*

***Ключевые слова:*** *регион, природно-ресурсный потенциал, продовольственная безопасность, инвестиции.*

## INVESTMENT IN THE DEVELOPMENT OF THE KHATLON REGION AS AN IMPORTANT DIRECTION FOR ENSURING FOOD SECURITY

**Rasulov J.K.** - senior lecturer of the Department of Public Administration and National Economy of the Academy of Management under the President of the Republic of Tajikistan
**Babaev J.M.** - graduate student of the Tajik State University of Finance and Economics

*The article discusses the issues of investing in the development of the Khatlon region as an important area of ensuring food security. The main problems of attracting capital for the efficient use of the region's natural resources, ensuring food security and developing the domestic*

*food market, etc. are considered. In addition, the issue of attracting more investment and the effectiveness of its use in the development of the region in the digital economy is proposed.*

***Klyuchevyye slova:*** *region, natural resource potential, food security, investment.*

Масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ яке аз масъалаҳои муҳими байналхалқӣ ба ҳисоб меравад ва агар онро дар сатҳи минтақавӣ баҳогузорӣ намоем, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз чор ҳадафҳои асосии стратегияи рушди иқтисодиёти миллии кишвар масҳуб меёбад. Ҳанӯз 10-сол пеш аз ин Пешвои Миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 63-юми СММ баромад намуда, се масъалаи асосиро дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун масъалаҳои аввалиндараҷа ва глобалӣ арзёбӣ намуда, бо чунин тарз, яъне тағйирёбии иқлим дар рӯйи замин, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ. Чунки маҳз таъмини талаботи ҳаррузаи аҳолӣ бо маводи озуқаи ватанӣ аз рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо, аз махсусгардонӣ ва ҷойгиркунии соҳаи кишоварзӣ, ки ҳамчун омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ барои рушди минтақаҳо, ки ҳамчун қисми ҷудонашавандаи сиёсати аграрии давлат ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ (аз 26.01.2021с.) қайд намуданд, ки бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷаҳонии имрӯза мо минбаъд низ бояд тарзе кору фаъолият намоем, ки ба ҳар гуна мушкилоти эҳтимолӣ омода бошем ва нагузорем, ки мардумамон аз норасоии маводи ғизоӣ танқисӣ кашанд.[25] Масъалаи мазкур дар пасманзари буҳрони (COVID-19), ноорамиҳои сиёсӣ тайи солҳои охир дар баъзе аз кишварҳои ИДМ (ба монанди Ҷумҳурии Украина) ва давом ёфтани буҳрони молиявӣ-иқтисодӣ ба яке аз масъалаи муҳими иқтисодиёт табдил ёфтааст. Ва минтақаҳои ҷумҳурӣ дар шароити яку якбора болоравии нархҳои маҳсулотҳои озуқаворӣ ва камчинии онҳо ва душвор гардидани дастрасии аҳолӣ ба маводи ғизоӣ он ба яке аз масъалаи муҳими таъмини бехатарии иқтисодӣ мубаддал мегардад.

Сиёсати агрозуқаворӣ, ки дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои истиқлолияти кишвар пиёда сохта шуда истодааст, пеш аз ҳама ба амалӣ сохтани тадбирҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ, махсусан бартараф намудани гуруснагӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ, дастрасии аҳолии минтақа бо маҳсулотҳои ниёзи аввали озуқаворӣ ва худтаъминкунии озуқа, дар заминаи истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва беҳдошти вазъи экологӣ равона карда шудааст. Новобаста ба комёбиҳо ва дастовардҳои рушди иқтисодӣ муаммои таъмини бехатарии озуқаворӣ тайи даҳсолаҳои охир ҳамчун масъалаи муҳим дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ боқӣ хоҳад монд.

Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ, афзоиши аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ тайи 25 соли охир (1995-2023) 4,6 млн. нафар зиёд гардида, аз руйи пешгӯйҳои мутахассисони соҳа бо чунин раванди афзоиши аҳолӣ он то соли 2025 ба зиёда аз 12 млн. нафар мерасад, ки ин дар навбати худ ба сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ, сатҳу сифати зиндагии аҳоли минтақаҳои кишвар бетаъсир намемонад. Ин равандҳо зарурати

[25]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.01.2021.

татбиқи ҳадафҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва тадбирҳои амалии сиёсати агроозуқавориро тақозо намуда, барои бартараф намудани масъалаи воридоти маҳсулотҳои озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ бо маводҳои озуқаи ватанӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Мафҳуми бехатарии озуқаворӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳанӯз дар солҳои 70-уми асри гузашта, баъд аз буҳрони ғалла аз тарафи ФАО (Ташкилоти байналхалқии кишоварзӣ ва озуқаворӣ) ворид карда шуда, дар вобастагӣ ба мушкилоти болоравии нархи ҷаҳонии озуқаворӣ, аз ҷумла ғалла истифода бурда шудааст. Аниқтараш ин мафҳум соли 1974 дар шаҳри Рим (давлати Италия), дар конфронси байналмилалӣ, ки бо ташаббуси ФАО баргузор гардид, баъдан ба микдори се маротиба болоравии нархи ҷаҳонӣ ба ғалла ва муаммоҳои озуқаворӣ тайи солҳои 1972-1974 пайгирӣ карда шудааст, ки дар шароити минтақа ҳамчун маводи асосии ғизоӣ ба ҳисоб рафта, мутобиқи маълумоти ташкилоти ФАО вай ҳамчун эталони ченкунии тавозуни озуқаворӣ қабул шудааст.

Минтақаҳои Тоҷикистон имконияти истеҳсоли намудҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ, яъне иқтидори захиравӣ-табиӣ дошта, ба истеҳсоли маҳсулотҳои нонӣ, картошка, навъҳои гуногуни меваю сабзавоту, тавассути истифодаи самараноки заминҳои кишти кишоварзӣ, натиҷаҳои баланди иқтисодиро соҳиб гарданд. Рушди минтақаҳо метавонад сатҳи коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ ва рушди бозори озуқавориро таъмин намуда,барои рушди устувори минтақа саҳми калон мегузорад. Аз ин лиҳоз, шароитҳои доимӣ дастрас будани ғизо, истеъмол ва ҳазм намудани озуқа бо миқдори зарурӣ ва барои саломати одамон безарар доимо таҳти назорати давлат бояд қарор дошта бошад.

Қайд кардан зарур аст, ки рушди афзоиши аҳолӣ дар минтақа, пеш аз ҳама, ба норасоии маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ ва бадшавии сифати ғизо оварда мерасонад. Дар шароити кунунӣ норасоии маҳсулотҳои ниёзи аввалаи озуқаворӣ дар муқоиса бо меъёри физиологӣ дар вилояти Хатлон аз 20 то 60% мебошад ва истеҳсоли маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ, ба мисли гушт, шир ва тухм ҳамасола 8,7, 25,4 ва 5,7%-и зарурияти аҳолӣ минтақа камтар мебошад (ҷадвали 1).

Маълумотҳои ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои Хатлон истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ ба ҳар як аҳолӣ нисбати меъёри муқарарагардидаи физиологӣ камтар мебошад. Илова бар ин, қонеъгардонии талаботи рӯзафзуни аҳолии минтақа бо маводҳои асосии ғизоӣ талаботи нисбатан баланд дошта, истифодаи оқилонаи захираҳои замини кишоварзиро тақозо менамояд. Аз ин хотир, барои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди устувори кишоварзӣ дар минтақа, зарур аст, ки самаранокии истеҳсоли зироатҳои асосии озуқавориро 3-5 маротиба баланд бардорем.

**Ҷадвали 1. - Динамикаи истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ ба сари ҳар аҳолӣ дар вилояти Хатлон, кг/одам**

| | 1991 | 2021 | 2021г. /1991г. (+, - ) | МТ(М)* ба 1 одам | Норасоии аз МТ(М) дар 2021г. (+, - ) |
|---|---|---|---|---|---|
| Гандум | 54,3 | 165,0 | + 110,7 | 130,0 | + 35,0 |
| Картошка | 32,3 | 108,7 | + 76,4 | 45,0 | + 36,7 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Сабзавот | 112,1 | 263,5 | +151,4 | 114 | + 37,4 |
| Мевагиҳо | 31,6 | 49,7 | +18,1 | 63 | - 13,3 |
| Полезиҳо | 31,2 | 80,7 | +49,5 | 30,0 | +50,7 |
| Ангур | 21,6 | 25,4 | +3,8 | 16,0 | +9,4 |
| Гушт (дар вазни зинад) | 26,9 | 13,2 | -13,7 | 60 | - 46,8 |
| Шир | 104,9 | 108,5 | +3,6 | 250 | - 141,5 |
| Тухм, дона | 81,1 | 104,5 | +23,4 | 165,0 | - 60,5 |

***Эҳзоҳ:** МТ(М) – меъёри талаботи ҳадди ақал (минималӣ), ки аз ҷониби Кумитаи таъмини озуқаворӣии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.
**Сарчашма:** Тоҷикистон: 15 соли истиқлолияти давлатӣ. - Душанбе, 2006. - С. 310; Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. Маҷмӯаи оморӣ. – Бохтар, 2022. - С.34.

Яке аз самтҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ ин ҷалби сармояҳо ба истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ- табиии минтақа ба ҳисоб меравад. Татбиқи амалии стратегияи миллии рушди иқтисодӣ дар минтақаҳои кишвар низ ба самаранокии истифодаи заминҳои кишти кишоварзӣ, захираҳои меҳнатӣ, ҷалби маблағгузориҳои молиявӣ равона карда шудааст. Дар ин ҷода, фишанги муҳим ин ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ ва сармояҳои хориҷӣ ба рушди минтақа ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, ҷалби фаъоли сармоягузориҳо ба рушди соҳаҳои агросаноатӣ, тавассути ташаккули кластерҳои минтақавӣ ва рушди соҳаҳои кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 ва ҳам Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои кишвар барои солҳои 2020-2025 барои таъмини сармоягузории рушди бахши ҳақиқии иқтисодиёт, бахусус, рушди соҳаи кишоварзӣ диққати махсус дода шудааст. Таносуби ҳаҷми сармоягузориҳо дар ММД, ки дар сенарияҳои дурнамои рушди иқтисоди миллии кишвар нишон дода шудаанд, далели илман асоснок будани назари коршиносони ватанӣ ва ҳамтоёни хориҷии онҳо буда метавонад.

Ҳамзамон сиёсати агрозуқаворӣии давлат дар минтақаҳои кишвар бояд такмил дода шуда, шароитҳои нав ва ҷалби технологияи нави инноватсионӣ барои рушди зироатҳои кишоварзӣ лозим мебошад. Дахолати давлат то он замоне зарур мебошад, ки бахши кишоварзӣ ба ҳадди ақалли рушди устувор расида, ниҳодҳои давлатӣ низ бояд дар раванди истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ иштироки фаъол дошта бошанд. Барои амалӣ намудани сиёсати агарарӣ дар минтақа, бояд стратегияи рушди соҳаҳои кишоварзӣ куллан тағйир дода шуда, он ба рушди бозори дохилии озуқаворӣ барои солҳои тӯлонӣ хизмат намояд.

Умуман, сиёсати давлатӣ дар самти сармоягузорӣ ба таъмини бехатарии озуқаворӣ бояд хусусияти барномавии мақсаднок дошта, аз маҷмӯъи тадбирҳои ҳуқуқӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ-маъмурӣ ва ғайраҳо иборат буда, тавассути механизмҳои махсуси идоракунӣ, робитаҳои мустақим ва истеҳсолӣ ба роҳ монда мешавад. Ба ғайр аз ин, чораҳои танзими рушди бозори озуқаворӣ ва сатҳи таъмини бехатарии

озуқаворӣ дуруст интихоб карда шуда, истифодаи усули мақсадноки барномавиро дар робита ба таҳия ва татбиқи барномаҳои махсусгардонидашудаи рушди минтақа барои намудҳои асосии озуқа ва истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа ба роҳ монда шавад.

## АДАБИЁТ


1. Дудина Е.В. Обзор научных подходов к определению понятий «природные ресурсы», «природный потенциал региона», «природно-ресурсный потенциал региона» / Дудина Е.В. // Власть и управление на Востоке России. – Хабаровск, 2014. - №4. - С.50
2. Кудратов Р.Р. Проблемы обеспечения продовольственной безопасности в условиях малоземелья и трудоизбыточности. -М.: МАКС Пресс, 2005. - 214с.
3. Солиев А.А., Фасихов И. С. Модернизация системы продовольственного обеспечения региона и ее кластеризация //Вестник Тадж. нац. ун-та.-Душанбе, 2012. -№2/2. -С.3-9.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.01.2021.
5. Шералиев Э. Н., Ҷанбаҳои экологӣ-иқтисодии ислоҳоти замин - қисмати муҳими рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ //Паёми Донишгоҳи миллӣ (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иқтисодӣ. №1 (33). - Душанбе: «Сино», 2007. - С. 213-216.


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҲИСОБГИРИИ МОЛИЯИ ХОҶАГИҲОИ ХОНАВОДА


***Бобомуродов Бобомурод Элмуродович*** *– н.и.и., дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Нахимов 64/14. Телефон:* +(992) 919416226

**Назаров Қудратулло Саидҷаллолович** магистранти курси 2 ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ



*Мақола ба масоили назариявии баҳисобгирии молияи хоҷагиҳои хонавода бахшида шудааст. Дар шароити муосир, ки талабот ба сатҳи саводнокии молиявии субъектҳои хоҷагидор хеле баланд аст, якҷоя бо мушкилоти тезутундшудаи коҳиши сатҳи даромади воқеии дар ихтиёри шаҳрвандонбуда дар пасманзари бӯҳрони тӯлонии молиявию иқтисодӣ, ба роҳ мондани баҳисобгирии самараноки молияи шахсӣ дар сатҳи хонаводаҳои алоҳида аҳамияти ниҳоят калон дорад. Дар натиҷаи таҳлилҳои илмие, ки аз тарафи муаллиф анҷом дода шуданд, хусусиятҳои назария ва амалияи пешбурди баҳисобгирии даромадҳо, хароҷотҳо, амвол ва уҳдадориҳо дар сатҳи хоҷагиҳои хонавода тавзеҳ дода шудаанд.*

*Муаллиф хулоса кардааст, ки инкишофи назариявии равиши пешниҳодгардида нисбат ба низоми баҳисобгирии шахсии молияи хоҷагиҳои хонавода дар оянда як системаи ягона ва чандири ҳисобҳо ва объектҳои баҳисобгирии шахсии муҳосибиро дар сатҳи хоҷагиҳои хонавода ба вуҷуд меорад, ки бо афзорҳои собити барӯйхатгирии ҳисобҳо ва объектҳо зич алоқаманд буда, таъминоти бисёр босифати барномавии раванди автоматикии баҳисобгирӣ доранд.*



***Калидвожаҳо:*** *молия, муҳосибот, хоҷагиҳои хонавода, дороӣ, уҳдадорӣ, сармоя, баҳисобгирӣ, тавозун, лифофа, ҳисобҳо, объект, шахсӣ, маблағ, пул, оила, даромад, хароҷот.*


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УЧЕТА ФИНАНСОВ ДОМАШНИХ ХОЗЯЙСТВ


***Бобомуродов Бобомурод Элмуродович*** *– к.э.н., доцент, заведующий кафедрой бухгалтерского учёта Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон:* +(992) 919416226

**Назаров Кудратулло Саидчаллолович** магистрант 2- курса специалносты бухгалтерский учет

*Статья посвящена теоретическим аспектам учета финансов домашних хозяйств. В современных условиях, когда очень завышены требования к уровню финансовой грамотности хозяйствующих субъектов, вместе с обостряющим снижением уровня располагаемых реальных доходов населения, в контексте затянувшегося финансового и экономического кризиса, внедрение эффективного учета личных финансов на уровне отдельных домохозяйств имеет огромное значение. В результате научных анализов, выполненных автором, раскрыты и объяснены особенности теории и практики ведени учета доходов, расходов, имущества и пассивов на уровне домашних хозяйств.*

*Автор резюмирует, что теоретическое развитие предложенного подхода к системе учета личных финансов домашних хозяйств в будущем создаст единую и гибкую систему счетов и объектов персонального бухгалтерского учета на уровне домохозяйств, которые очень тесно переплетены с фиксированными инструментами учета счетов и объектов и имеют качественное программное обеспечение автоматического учета.*

***Ключевые слова:*** *финансы, бухгалтерия, домашние хозяйства, активы, пассивы, капитал, учет, конверт, счета, объект, личный, средства, деньги, семья, доходы, расходы.*

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF HOUSEHOLD FINANCE ACCOUNTING

***Bobomurodov Bobomurod Elmurodovich*** *- Candidate of Economics, Associate Professor, Head of the Accounting Department , Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Phone: + (992) 919416226*

***Nazarov Kudratullo Saidgallovich*** *2nd year undergraduate majoring in accounting*

*The article is devoted to the theoretical aspects of accounting for household finances. In modern conditions, when the requirements for the level of financial literacy of business entities are very high, along with an aggravating decrease in the level of disposable real incomes of the population, in the context of the protracted financial and economic crisis, the introduction of effective accounting for personal finances at the level of individual households is of great importance. As a result of scientific analyzes carried out by the author, the features of the theory and practice of keeping records of income, expenses, property and liabilities at the household level are disclosed and explained.*

*The author concludes that the theoretical development of the proposed approach to the system of accounting for personal finances of households in the future will create a unified and flexible system of accounts and personal accounting objects at the household level, which are very closely intertwined with fixed tools for accounting accounts and objects and have high-quality automatic accounting software .*

***Keywords****: finance, accounting, households, assets, liabilities, capital, accounting, envelope, accounts, object, personal, funds, money, family, income, expenses.*

Дар шароити муосир, ки талабот ба сатҳи саводнокии молиявии субъектҳои хоҷагидор хеле баланд аст, якҷоя бо мушкилоти тезутундшудаи коҳиши сатҳи даромади воқеии дар ихтиёри шаҳрвандонбуда дар пасманзари бӯҳрони тӯлонии молиявию иқтисодӣ, ба роҳ мондани баҳисобгирии самараноки молияи шахсӣ дар сатҳи хонаводаҳои алоҳида аҳамияти ниҳоят калон дорад. Дар зимни ин, дараҷаи омӯзиши соҳаи молияи хонаводаҳо дар назарияи илмӣ дар сатҳи хеле паст қарор дорад.

Дар айни замон, соҳаи донишҳои илмӣ дар ин самт аз ҳисоби инкишофи пойгоҳи эмпирикӣ оид ба масъалаҳои идоракунии молияи шахсӣ рушд ёфта истодааст ва дар нашрияҳои маъруфи илмӣ аз ҷониби иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок ва сармояи қарзӣ, яъне аз ҷониби брокерҳо, тоҷироне, ки фондҳои сармоягузорро роҳбарӣ

мекунанд, аудиторҳо ва ғайра маводҳо мунташир мешаванд. Рушди афкори илмӣ дар ин самт дар доираи мактабҳои анъанавии илмӣ ниҳоят суст ҷараён дорад.

Дар натиҷаи таҳлилҳои илмие, ки аз тарафи мо анҷом дода шуданд, мо ба хусусиятҳои зерини назария ва амалияи пешбурди баҳисобгирии даромадҳо, хароҷотҳо, амвол ва уҳдадориҳо дар сатҳи хоҷагиҳои хонавода воқиф гардидем:

- якум, дар адабиёти илмии ватанӣ равиши ягона оид ба муҳтаво ва шаклҳои пешбурди чунин баҳисобгирӣ вуҷуд надорад;
- дуюм, системаҳои мавҷудаи баҳисобгирӣ механизми собити барӯйхатгирии ҳисобҳоро бо объектҳои чунин баҳисобгирӣ дар бар намегиранд;
- сеюм, маълумоти баҳисобгирии ин системаҳо барои идораи молиявии объектҳои баҳисобгирӣ қобили истифода нестанд;
- чорум, барномаҳои мавҷудаи баҳисобгирии автоматии маблағҳои шахсӣ ба системаи мақсадҳои пешбурди он мувофиқат намекунанд.

Равишҳо нисбати системаи баҳисобгирии молияи шахсии хоҷагиҳои хонавода дар адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, чун қоида, ба принсипҳои бунёдии баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳо такя мекунанд. Дар ин маврид, мантиқист фарз кунем, ки баҳисобгирии муҳосибии шахсӣ, ки дар сатҳи хоҷагии хонавода сурат мегирад, бояд аввалан, тибқи методи тавозунӣ сохта шавад, ки ин маҳдудсозии дақиқро дар баҳисобгирии манбаъҳои воридоти маблағҳои пулӣ бо назардошти маблағҳои худӣ ва қарзӣ ва самти маблағгузории онҳо бо назардошти амволи худӣ ва истеъмоли ҷорӣ тақозо мекунад; сониян, он бояд ба талаботи принсипи сабти дубора ҷавобгӯ бошад, ки ин бунёди низоми мутаносиби ҳисобҳои баҳисобгирии шахсиро тақозо менамояд.[6, с.74-77 ]

Дар миёни муҳаққиқони хориҷӣ, равиши В. Титов ба ин гуфтаҳои мо хеле мувофиқат мекунад [5,с.50]. Номбурда барномаи компютерии таҳиякардаашро комилан ба тавозуни ширкат ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар он мувофиқ карда, онро «ЛьФ» унвон кардааст. Ба назари мо, камбудии ин равиш дар зарурати сабткунӣ дар намуди сабти ҳар як амалиёт зоҳир мегардад, ки аз истифодабарандаи барнома донишу малакаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро (аз ҷумла, дар сатҳи баланд донистани баҳисобгирии муҳосибии шахсиро аз рӯйи системаи В. Титов) ва сарфи зиёди вақтро талаб мекунад. Як рӯйдоди басо оддӣ, чунончӣ ба мисли харидории маҳсулоти ғизоӣ бо маблағи як қисми пешпардохт гузаронидани чор сабтро тақозо мекунад:

1. Баҳисобгирии амалиёти даромад оид ба гирифтани пешпардохт (аванс);
2. Баҳисобгирии амалиёти хароҷот оид ба дарёфти маҳсулоти ғизоӣ;
3. Баҳисобгирии амалиёти бақия дар дороиҳои шахсии хоҷагии хонавода;
4. Ба сифр фаровардани ҳисоби “Хӯрока” – зеро маводи ғизоиро хӯрданд. [5, с. 54–56].

Дидгоҳи муаллифони дигар нисбат ба равиши олими мавсуф содатар буда, аз назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибии ширкат дур буда, бо номувофиқатии ҳисобҳо ва объекти баҳисобгирӣ ва самтгирӣ ба идораи молиявӣ дар сатҳи хоҷагии хонавода фарқ мекунанд. Чунончӣ, тақсимоти амволи хонавода ба дороиҳо (амволе, ки даромад меоранд) ва уҳдадориҳо (амволе, ки хароҷотро дар назар доранд), ки аз ҷониби А. Покудов пешниҳод гардидааст, хеле баҳснок ба назар мерасад [1, с. 37–39]. Зимни чунин равиш пасандози бонкӣ дороии хонавода ва автомобил – уҳдадорие маҳсуб мешавад, ки барои нигоҳдориаш хароҷотро талаб мекунад. Дар айни ҳол норӯшан аст, ки амволи оиларо, ки даромаднокиашро ба талафот ё баръакс бадал мекунад, инчунин, амволеро, ки дар як вақт даромад меорад ва хароҷотро низ дар пай дорад (масалан, агар хонавода автомошинаашро

бо шарти ба зиммаи худ гирифтани хароҷоти нигоҳдории он ба шахси дигар ба иҷора диҳад), чӣ тавр ҳисоб кардан даркор аст.

Барои аз таркиби амволи хонавода ҷудо кардани дороиҳои он В. Савенок меъёри пардохтпазириро ворид кардаат. Ӯ ба дороиҳо тамоми он чизеро, ки фурӯхтан ё иваз кардан мумкин аст, шомил намуда, онҳоро сармоягузорӣ номидааст ва ба уҳдадориҳо – тамоми он чизеро, ки хоҷагии хонавода бояд онро баргардонад (вомҳо, кредитҳо), дохил кардааст [3, с. 29]. Ин равиш на барои баҳисобгирии мустақими захираҳо, балки бештар ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои идораи молиявии онҳо, муносибтар аст. Аз ин ҷост, ки дороиҳо ба воқеӣ ва дигар намуд ҷудо гардида, зарурати ченкунии мунтазами меъёри даромаднокии дороиҳо ва арзиши уҳдадориҳо дар намуди фоизи солона ба миён меояд.

Сармояи хоҷагии хонавода ҳамчун фарқияти байни дороиҳо ва уҳдадориҳои он арзёбӣ мегардад, ки бешубҳа, формулаи содагардидаи ҳисобкунии сармояи худии гардони ширкат маҳсуб меёбад.[7, с. 18-23] Ҳамин тавр, комилан ивазшавии афзорҳои баҳисобгирии муҳосибии шахсӣ бо афзорҳои идораи молиявӣ равшан ба назар мерасад.

Мутахассисони дигар низ ин равишро дастгирӣ карда, бар замми ин, боз муайянкунӣ ва сабткунии ҳиссаи дороиҳоро дар арзиши умумии онҳо пешниҳод кардаанд [2, с. 31]. Як қатор олимони дигар, умуман шакли сабткунии даромадҳо ва хароҷоти хоҷагии хонаводаро канор гузошта, тамоми диққати худро ба раванди идоракунии воситаҳо ва амволи оила, алалхусус, ба ҷараёни тақсимоти оқилонаи даромади хонавода дар байни истеъмол ва пасандоз / сармоягузорӣ равона кардаанд. Чунончӣ, Г. Эрдман [8, с.44] принсипи асосии тақсимоти даромадҳоро чунин баён кардааст: пеш аз он, ки ягон хароҷоти сифати истеъмолидоштаро анҷом диҳанд, хонаводаҳо бояд ҳиссаи муайяни даромади бадастомадаро пасандоз ва сармоягузорӣ кунанд. Чунин равиш аз ҳама оқилонатар ба назар мерасад, зеро аз як тараф, вай доимӣ будани ташаккули пасандозҳоро бо сармоягузории минбаъдаи онҳо таъмин менамояд ва аз тарафи дигар, пешбурди баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷоти ҷории хонаводаҳоро инкор намекунад.

Ҳамзамон, усулҳои содаи баҳисобгирӣ ва идоракунии буҷети оила вуҷуд доранд. Масалан, усули маъмули ба истилоҳ “чор лифофа”, ки моҳияташ дар тақсими маҷмӯи даромадҳои пулии хонавода бо тарҳи хароҷот барои пардохтҳои ҳатмӣ (пули хона, пардохтҳои қарзӣ, суғурта, пули боғчаи кӯдакон ва ғ.) ба чор лифофа зоҳир мегардад. Пули ҳар як лифофа барои пӯшонидани хароҷотои якҳафтаинаи оила таъин шудаанд. Чунин равиш имкон медиҳад, ки маблағҳои пулии хонаводаро ба як моҳ басо оқилона тақсим намоем. Зимнан пешбурди баҳисобгирии муфассали даромадҳо ва хароҷоти оила ҳатмӣ не, балки бо ихтиёри аъзоёни он сурат мегирад. Чунин метод барои хоҷагии хонаводае, ки таркиби сода дорад, бисёр самаранок аст ва агар хонавода аз аъзоёни сершумор таркиб ёфта бошад, мушкилии тақсимоти оқилонаи воситаҳои як лифофа ба хароҷоти тамоми истифодабарандагони он ба миён меояд.

Ҳамин тавр, чуноне ки мебинем, масъалаи набудани равиши ягонаи универсалӣ ба муҳтаво ва шакли баҳисобгирии даромадҳо/хароҷот, амвол ва уҳдадории хоҷагии хонавода асосан бо сабаби дуруст муайян нагардидани ҳадафу вазифаҳои асосии чунин баҳисобгирӣ ба вуҷуд меоянд. Маҳз ҳадаф ва вазифаҳо таснифоти объектҳо ва ба низомдарории ҳисобҳоро муайян мекунанд.

Мо молияи шахсии хонаводаҳоро, ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои пулии як ё якчанд фарде, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд ва буҷети якҷоя доранд, бо дигар субъектҳои хоҷагидори иқтисод ва ҳуқуқ тавсиф мекунем, ки дар ҷараёни он фондҳои умумиоилавии маблағҳо ташаккул меёбанд, тақсимот, азнавтақсимкунӣ ва истифодаи инфиродӣ ё оилавии онҳо

сурат мегирад. Ба андешаи мо, вазифаҳои баҳисобгирии молияи шахсии хонаводаҳо асосан, аз ниёз ва эҳтиёҷи аъзоёни оила ба унсурҳои зерин бармеояд :

a) Сабткунӣ ва мувофиқсозии манбаи воридот ва самти истифодаи маблағҳои пулии хоҷагии хонавода ҳам аз рӯйи маблағ ва ҳам тибқи муҳлат;

b) Муносибгардонии таносуби даромадҳои хонавода бо хароҷоти он ҷиҳати қонеъсозии талаботи аъзоёнаш дар алоҳидагӣ ва дар маҷмӯъ (шахсӣ ва умумихонаводагӣ), бо назардошти қоидаи рушди бештари талаботи инсон нисбат ба имкониятҳои қонеъгардонии онҳо (яъне, хароҷоти оила ҳамеша нисбат ба даромадҳои он тезтар меафзоянд);

c) Ҷудо кардани маблағҳо аз буҷети оила барои хароҷоти ғайриистеъмолӣ – барои пасандоз ва сармоягузорӣ;

d) Имкониятҳои идоракунии тағйирёбандаи ӯҳдадориҳои қарзии оилавӣ, дороиҳо ва ӯҳдадориҳои он (суғуртавӣ, сармоягузорӣ, нафақавӣ ва дигар намудҳои ҷомадонҳо);

e) Бунёди болиштаки амниятии молиявии оила ҳамчун як сохтори дороиҳои пардохтпазириашон баланд, ки таъиноти асосии онҳо таъмин намудани аъзоёни хоҷагии хонавода бо воситаҳои рӯзгузаронӣ дар мавриди пайдоиши хароҷоти ғайричашмдошт ва ҷуброн намудани талафоти муваққатии манбаи асосии даромад ба муҳлати аз се то шаш моҳ (масалан, дар ҳолати корношоям шудани коргари асосии оила) мебошад.

Бар замми ин, баҳисобгирии молияи шахсии хонаводаҳо бояд ба талаботи қобили таҳлил ва мулоҳиза будан, сода будани назорат ва танзими объекти баҳисобгирӣ ҷавобгӯ бошад.

Ба талаботи мазкур баҳисобгирии муҳосибие, ки дар корхонаҳо истифода мегардад, ба пуррагӣ мувофиқат мекунад. Бешубҳа, дар муқоиса бо ширкатҳо, баҳисобгирии муҳосибӣ дар сатҳи хонаводаҳо хислати сода ва аз тарафи қонунгузорӣ танзимнашудаеро дорад. Дар айни ҳол, дар сатҳи хонаводаҳо баҳисобгирӣ дар як вақт бояд барои оқилонатар кардани идораи молиявии захиравии онҳо низ ба роҳ монда шавад.

Мо пешниҳод мекунем, ки баҳисобгирии маблағҳои буҷети хонаводаҳо ва раванди тақсимоти онҳоро ба самтҳои хароҷот ва истифодбарандагон аз ҳам ҷудо намоем. Барои баҳисобгирии маблағҳои буҷети хонавода истифода бурдани феҳристи даромадҳо ва хароҷоти оила ва дар баъзе ҳолатҳо, феҳристи амвол (дороиҳо), уҳдадориҳо ва манбаъҳои ғайрифаъол (манбаъҳои воридшавии даромад) ба мақсад мувофиқтар аст.

Барои оқилона идора кардани маҷроҳои пулии оила бояд банақшагирии (ояндабинии) даромадҳо ва хароҷоти оила, ҳадди ақал барои як моҳ пешакӣ, дурусттараш барои аз шаш то 12 моҳи оянда, бо назардошти усули барои хоҷагии хонавода мақбули иҷрои пасандозҳо, ба роҳ монда шавад. Усулҳои зерини пасандозкунӣ имконпазир мебошанд:

- Пасандози сифрӣ, вақте ки тамоми даромади ҷорӣ харҷ карда мешавад;
- Пасандози бақиявӣ, вақте ки маблағи салдои мусбӣ байни даромадҳо ва хароҷоти оила пасандоз мегардад;
- Пасандози пешакӣ, вақте ки аз даромадҳои ба дастомада маблағи пасандозшавандаи пул гирифта мешавад (андозаи он ё ба таври маблағи собит муайян мегардад ё ба таври ҳисса аз даромадҳои оянда ифода меёбад).

Бо чунин усул иртибот байни баҳисобгирии маблағҳои буҷети хонавода ва тақсимоти воқеии пул дар оила мувофиқи маблағҳои даромаду хароҷот таъмин гардида, барои ташаккули саривақтии захираҳои пулӣ ҷиҳати пӯшонидани салдои манфӣ дар давраҳои оянда шароит фароҳам меояд.

Барои осонтар кардани баҳисобгирии молияи шахсӣ метавон аз барномаҳои махсуси компютерии баҳисобгирӣ тавассути ҷадвалҳои электронии Excel, GoogleDocs ва амсоли онҳо истифода бурд. Дар айни ҳол, бояд дар назар дошт, ки чунин баҳисобгирӣ ба онҳое дуруст мегирад, ки як манбаи даромад доранд. Мавҷудияти манбаъҳои иловагии даромад чунин баҳисобгириро мураккабтар гардонида, сохтани низоми худии баҳисобгириро тақозо мекунад, ки барои истифодабарандагони аз ҷадвалҳои электронӣ бебаҳра ва малакаи заруриро надошта, амалан ғайриимкон аст. Яъне, танҳо маълумотро сари вақт ба ҷадвал дохил кардан ва ҳосили маблағро баровардан кофӣ нест. Зарур аст, ки низоми баҳисобгирии аз тарафи истифодабаранда интихобгардида имконияти таҳлили маълумоти дохилшударо дошта бошад, то ки иттилооти андӯхташуда сари вақт таҳлили худро ёбанд.

Дар ҳоли ҳозир, ҷорисозии принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар амалияи хоҷагиҳои хонавода дар ду самт татбиқ мешавад: якум, назарияи содагардидаи баҳисобгирии муҳосибӣ ҷиҳати идоракунӣ ва баҳисобгирии молияи шахсӣ – баҳисобгирии шахсии муҳосибӣ ташаккул меёбад; дуюм, барномасозии компютерӣ хеле бошиддат рушд карда, аз як тараф, барои баҳисобгирии автоматикии даромаду хароҷоти хонаводаҳо (барномаҳо оид ба баҳисобгирии воситаҳои буҷети оилавӣ), аз тарафи дигар, ҷиҳати арзёбӣ ва ҳисобкунии самаранокии маблағгузорӣ ба афзорҳои алоҳидаи молиявӣ (ҳисобкунакҳои қарзӣ, нафақавӣ, ипотекӣ) ба роҳ монда мешавад.

Дар байни барномаҳои баҳисобгирии автоматикии молияи шахсӣ метавон инҳоро ҷудо кард: «Family 10», «MoneyTracker – Муҳосиботи хонаводагӣ», «Муҳосиботи хонаводагии 4.0», «1С: Пул 8», «Молияи хонавода (PRO)», «Life молия», «Мумсикча», «MyMoney», «Молияи шахсӣ (Personal Finances)», «X-Cash: Буҷети оилавӣ», «Молияи шахсӣ (AbilityCash Beta)», «Муҳосибот барои хона», «Баҳисобгирии молияи шахсӣ», «CashFly- Муҳосиботи хонаводагӣ» ва ғ. [4].

Инкишофи назариявии равиши пешниҳодгардида нисбат ба низоми баҳисобгирии шахсии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои хонавода дар оянда як системаи ягона ва чандири ҳисобҳо ва объектҳои баҳисобгирии шахсии муҳосибиро дар сатҳи хоҷагиҳои хонавода ба вуҷуд меорад, ки бо афзорҳои собити барӯйхатгирии ҳисобҳо ва объектҳо зич алоқаманд буда, таъминоти бисёр босифати барномавии раванди автоматикии баҳисобгирӣ доранд.

Адабиёт :

1. *Покудов А. В.* Личные финансы-2. Секреты управления и индивидуальный финансовый план./ *А. В. Покудов* -М.: ЭКСМО, 2007.-176с.

2. *Пятенко С. В.* Как управлять личными деньгами. Не думая – не разбогатеешь./ *С. В. Пятенко, Т. Ю. Сапрыкина*- СПб: Питер, 2008.-400с.

3. *Савенок В. С.* Личные финансы. Самоучитель./ *В. С. Савенок* - СПб: Питер, 2008.- 432с.

4. *Сяткина Н.* Специальные компьютерные программы и on-line сервисы. URL: //http://www. brainity.ru/articles/1283.

5. *Титов В.* Личные финансы на кончиках пальцев./ *Титов В.*- М.: Маска, 2006.-256с.

6. *Шобеков М.* Ҳисобгирии молиявӣ./ *М. Шобеков, М.У Бобоев., Т.Т. Ҷонбеков*-Китоби дарсӣ. –Душанбе.: ҶДММ «Дақиқӣ», 2014.-400с.

7.*Шерназаров А.Ш.* Назарияи ҳисобгирии бухгалтерӣ./ *А.Ш. Шерназаров,А.Ҳайдаров*-Душанбе, 2003.-245с/

8. *Эрдман Г. В.* Инвестируй и богатей./ *Г. В. Эрдман*- М.: FullFreedom, 2007.-224с.

## БАҲОДИҲИИ ҚАРЗИ БОНКӢ ДАР НИШОНДИҲАНДАҲОИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Сафаров Қаландар Саймаҳмудович** – *н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара.* ***Суроға:*** *735320, н.Данғара, к. Маркази 25. Телефон:* ***108-70-70-70.***

**Султон Зебунисо Рушан** – *унвонҷӯи кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.* ***Суроға:*** *734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон:* ***111-03-00-17.***

*Да мақола таҳлили вазъи қарзҳои бонкӣ ва ҷараёни идоракунии хавфҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Аз нуқтаи назари муаллиф бонкҳо локомотиви муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, низоми фаъолияти онҳо ҳамчун муҳаррики пешбарандаи иқтисодиёти давлат, субъектҳои хоҷагидорӣ ва шахсони дигар амал мекунанд.*

*Идоракунии хавфҳои қарзи бонкӣ аз чунин нишондиҳандаҳо, ба монандӣ қарзҳои қолабӣ, қарзҳои ғайриқолабӣ, қарзҳои шубҳанок, қарзҳои хавфнок ва қарзҳои беэътимод вобастагӣ дорад. Дар ҳолати дуруст баҳогузорӣ ва кам намудани хатарҳои ин нишондиҳандаҳо эҳтимолияти хавфи қарзи бонкӣ низ кам мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *бонк, қарз, хавф, идоракунӣ, қарзи бонкӣ, бозор, хизматрасонӣ, бозори хизматрасонии бонкӣ, бозори хизматрасонии қарзи бонкӣ, хавфи бонкӣ, қарзҳои қолабӣ, қарзҳои ғайриқолабӣ, қарзҳои шубҳанок, қарзҳои хавфнок, қарзҳои беэътимод ва ғайра.*

## ОЦЕНКА БАНКОВСКИХ КРЕДИТОВ В ПОКАЗАТЕЛЯХ ФИНАНСОВОЙ УСТОЙЧИВОСТИ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Сафаров Каландар Саймахмудович** - *к.э.н., доцент, заведующий кафедрой финансов и банковского дела Дангаринского государственного университета.* ***Адрес:*** *735320, р. Дангара, улиц. Центровая 25. Телефон:* ***108-70-70-70.***

**Султан Зебунисо Рушан** – *соискатель кафедры таможенной деятельности Таджикского национального университета.* ***Адрес:*** *734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон:* ***111-03-00-17.***

*В статье представлен анализ состояния банковских кредитов и процесса управления рисками в Республике Таджикистан. С точки зрения автора, банки рассматриваются как важный локомотив развития национальной экономики, а их система деятельности выступает в качестве движущей силы экономики государства, хозяйствующих субъектов и других лиц.*

*Управление банковским кредитным риском зависит от таких показателей, как проблемные кредиты, неработающие кредиты, сомнительные кредиты, рискованные кредиты и неработающие кредиты. В случае правильной оценки и снижения рисков этих показателей снижается и риск банковских кредитов.*

***Ключевые слова****: банк, кредит, риск, управление, банковский кредит, рынок, услуга, рынок банковских услуг, рынок банковских кредитных услуг, банковский риск, стандартные кредиты, нестандартные кредиты, сомнительные кредиты, рискованные кредиты, ненадежные кредиты и др.*

# ASSESSMENT OF BANK LOANS IN INDICATORS OF FINANCIAL STABILITY OF THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Safarov Kalandar Saimakhmudovich** - Ph.D., Associate Professor, Head of the Department of Finance and Banking at Dangara State University. **Address:** 735320, p. Dangara, streets. Center 25. Phone: **108-70-70-70.***

***Sultan Zebuniso Rushan** is an applicant for the Department of Customs Activities of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: 111-03-00-17.*

*The article presents an analysis of the state of bank loans and the risk management process in the Republic of Tajikistan. From the author's point of view, banks are considered as an important catalyst for the development of the national economy, and their system of activities acts as the driving force of the economy of the state, economic entities and other persons.*

*Bank credit risk management depends on indicators such as problem loans, non-performing loans, doubtful loans, risky loans and non-performing loans. If the risks of these indicators are properly assessed and reduced, the risk of bank loans is also reduced.*

***Keywords:** bank, credit, risk, management, bank credit, market, service, banking services market, banking credit services market, bank risk, standard loans, non-standard loans, dubious loans, risky loans, unreliable loans, etc.*

Дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ бонкҳои тиҷоратӣ яке аз лакамативи муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, низоми фаъолияти онҳо ҳамчун муҳаррики пешбарандаи иқтисодиёти давлат, субъектҳои хоҷагидорӣ ва шахсони дигар амал мекунанд. Беҳуда нест, ки онро низоми хунгарди иқтисодиёти ҳар як кишвар низ мегӯянд. Аз нуқтаи назари муҳақиқон *«бозори хизматрасонии бонкӣ ҳамчун низоми хунгарди инсон буда, зиёдатии воситаҳои молиявиро бо ҷустуҷӯи истифодаи нисбатан самаранок байни соҳаҳои истеҳсолот ва субъектҳои хоҷагидорӣ тақсим менамояд»[6].*

*Тамоюли бозори хизматраслниҳои бонкӣ дар иқтисоди миллӣ нақши ҳалкунандаро иҷро менамояд[3].* Низоми фаъолияти бонкӣ ба ҳукумат ва корхонаҳо имкон медиҳад, ки доираи манбаъҳои молиякунонии худро бе иштироки воситаҳои буҷетӣ, худмаблағгузорӣ ва қарзгириҳои байнибуҷетӣ васеъ намоянд. Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки дар давраи аввали асри 21, бозори хизматрасонии қарзи бонкӣ манбаи асосии захираҳои маблағгузоришаванда дар давлатҳои саноатӣ гардид. Яке аз ҳадафи бонк ин иваз шудани пасандоз ба сармоя буда, он ба раванди босуботи иқтисодӣ ба андозаи муайян ва некуаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Аз нуқтаи назари Икромов Н.Қ. «*бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷкистон аз даврони аввали соҳибистиқлолӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ҳамчун низоми ташаккулёфта ба ҳисоб меравад, чунки бонкҳо дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ қариб ба як қисми давраҳои ҳаёти иқтисодиро, ба монанди таъсисёбӣ, рушди ҷаҳишнок, фоидаи барзиёд ва муфлисшавӣ гузаштанд*»*[7].* Аз ин лиҳоз, дар давраи иқтисоди бозорӣ ҷараёни рушди низоми бонкӣ ба амалиётҳои ғайрифаъол аҳамияти ҷиддӣ дода намешуд, чунки онҳо нисбат ба амалиётҳои фаъол дуюмдараҷа ба ҳисоб мерафтанд.

Албатта, дар рушди иқтисоди миллӣ муносибатҳои қарзӣ ба воситаи бонкҳо ба таври васеъ истифода мегарданд, чунки бонк яке аз сохторҳои муҳим ва ҷудонашавандаи иқтисоди бозорӣ буда, таъсири мусбию манфияш ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, низоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ва азнавтақсимнамоии сармояҳо мерасад. Барои амиқ намудани

гуфтаҳои боло, мо дар мадди аввал нишондиҳандаҳои қарзи бонкии низоми бонкии Тоҷикистонро дида мебароем.

Ҳамин тариқ, тамоюли рушди бозори бонкӣ нишон медиҳад, ки пӯёи дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ дар Тоҷикистон дар нӯҳ соли охир тамоюли пастравӣ дорад: агар дар соли 2013 дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ нисбат ба ММД 31,22 фоизро ташкил дода бошанд, пас дар соли 2021 ин нишондиҳанда то 18,21 фоиз коҳиш ёфт. Бояд қайд кард, ки барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, хусусан Тоҷикистон сатҳи аз ҳама муътадилии нишондиҳандаи дороиҳои низоми бонкӣ мутаносибан аз 80 то 100%-и ММД мебошад, ки он барои дастгирии рушди иқтисодии кишвар таъсири начандон калон дорад (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1**

**Баҳодиҳии пӯёи нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ**

| Нишонди-ҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/13 (+/-, %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳо | 12653 | 14854 | 18639 | 21187 | 20932 | 21201 | 21976 | 22643 | 18009 | **42,3** |
| Бо % нисбат ба ММД | 31,22 | 32,57 | 38,51 | 38,86 | 34,28 | 30,80 | 28,41 | 27,43 | 18,21 | **-13,01** |
| Дороиҳои пардохтпазир | 2 853 | 2960 | 4484 | 6482 | 6283 | 6472 | 6068 | 6969 | 6116 | **114,4** |
| Бо % нисбат ба ММД | 7,04 | 6,49 | 9,26 | 11,90 | 10,28 | 9,40 | 7,84 | 8,44 | 6,18 | **-0,86** |
| Қарзҳо, ҳамагӣ | 7 399 | 9 661 | 11229 | 9823 | 8506 | 8 677 | 9 703 | 8809 | 9437 | **27,5** |
| Бо % нисбат ба ММД | 18,26 | 21,18 | 23,20 | 18,03 | 13,92 | 12,60 | 12,54 | 10,67 | 9,54 | **-8,72** |
| Қарзҳо бо асъори хориҷӣ | 4 182 | 5087 | 5917 | 4788 | 5 017 | 4 828 | 4 762 | 4 417 | 3 810 | **-8,9** |
| Қарзҳои таъхирафтода | 673 | 1 163 | 2039 | 3441 | 2014 | 1 994 | 1 476 | 1 149 | 274 | **-59,3** |
| **ФПТИ** азрӯйи қарзҳо | -500 | -1241 | -1 657 | -1823 | -1800 | 2 097 | 1 869 | 1 790 | 1 431 | **-386,2** |
| Сармоягузо-риҳо, ҳамагӣ | 204 | 227 | 276 | 1604 | 2172 | 2 427 | 2 232 | 2 585 | 739,8 | **262,6** |
| Воситаҳои асосӣ | 1 387 | 1576 | 1991 | 3176 | 4200 | 4 207 | 4 149 | 4 412 | 1 589 | **14,6** |
| Дигар дороиҳо | 1 310 | 1671 | 2316 | 1904 | 1571 | 1 514 | 1 652 | 1 658 | 1 558 | **18,9** |
| Уҳдадориҳо+ сармоя | 12 653 | 14854 | 18639 | 21166 | 20932 | 21 201 | 21 976 | 22643 | 18009 | **42,3** |
| Уҳдадориҳо | 10 063 | 12508 | 16222 | 15690 | 15207 | 15 287 | 15 749 | 16635 | 14277 | **41,9** |
| Пасандозҳо | 5 519 | 6691 | 8614 | 9244 | 9283 | 9 724 | 9 682 | 10463 | 8 921 | **61,6** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сармоя | 2 590 | 2346 | 2417 | 5497 | 5725 | 5 913 | 6 226 | 6 009 | 3732 | **44,1** |
| Бо% нисбат ба ММД | 6,39 | 5,14 | 4,99 | 10,9 | 9,37 | 8,59 | 8,05 | 7,28 | 3,77 | **-2,62** |

***Сарчашма***: Бюллетени омори бонкӣ, 2018. - № 12 (281). – С.77-78. Бюллетени омори бонкӣ, 2019. - №12 (293). – С.84-85. Бюллетени омори бонкӣ, 2020. -№12 6 (299). – С.57-58. Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2020. - №12 (305). - С.86-87. Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2021. - №12 (316). - С.24-25.

Нишондиҳандаи дигари устувории молиявии низоми бонкӣ ин додани қарзҳо, ба ибораи дигар, амалиётҳои қарздиҳии бонкҳо мебошанд, ки ин як воситаи маблағгузории бонк ба рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Ҳиссаи қарзҳои додашуда нисбати ММД аз ҷониби низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли пастравӣ дорад, агар дар соли 2013 ҳиссаи қарзҳои додашуда 18,26% -ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2021 ин нишондиҳанда то 9,54 % коҳиш ёфт. Сарфи назар аз нишондиҳандаҳои паст, бонкҳои тиҷоратӣ қарзҳоро барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мекунанд (ниг. ба расми 1).




**Расми 1. - Пӯёи тағйирёбии нишондиҳандаҳои устувории низоми бонкӣ нисбат ба ММД (бо %).**

***Сарчашма***: Бюллетени омори бонкӣ, 2018. - № 12 (281). – С.77-78. Бюллетени омори бонкӣ, 2019. - №12 (293). – С.84-85. Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2020. - №12 (305). - С.86-87. Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2021. - №12 (316). - С.24-25.

Дар низоми фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ восилаҳои молиявии ҷалбгардида қисми калонро ишғол намуда, нишондиҳандаҳои он нисбат ба ММД дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ ба таназул овардааст. Тибқи назари муҳақиқон, *ҳар қадаре, ки ҳиссаи воситаҳои ҷалбгардидаи бонк зиёд бошад, ҳамон қадар имкониятҳои молиявӣ ва низоми фоидагирӣ зиёд мегардад*. Мутаассифона, назарияи мазкур, айни ҳол чандон дуруст нест, чунки таҷрибаи бозори хизматрасониҳои қарзи бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки аз меъёр зиёд ҷалб шудани воситаҳои молиявӣ (хусусан, пасандозҳои аҳолӣ) ба хавфи барнагаштани воситаҳои ҷалбшудаи (пасандозҳои) бонк оварда мерасонад. Албатта, дар ин ҷо назарияи мо ба назарияи “меъёри муайншудаи талабот ба воситаи ҷалбшуда”

мебошад. Яъне, бонкҳо вобаста ба талаботи воситаҳои бонкӣ пасандозҳоро ҷалб намоянд, лекин меъёри пасандозҳои ҷалбшуда бояд нисбати дороиҳои бонк то 60-70% бошанд, то қобилияти бозоргирии бонк таъмин гардад.

Айни ҳол, аҳамияти муҳимро дар нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ сифати сандуқи қарзӣ мебозад. Ҳар як бонк мустақилона сифати сандуқи қарзиро вобаста ба дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон арзёбӣ менамояд. Дар ҳама гуна бонк таҳлил ва арзёбии сандуқи қарзӣ гузаронида мешавад, то ки бонкҳо амалиётҳои қарзии худро мустақиман идора созанд.

Идоракунандагони бонк арзёбии сифати сандуқи қарзиро аз рӯйи ҳар як намуди қарзҳо, ба монанди қарзҳои қолабӣ, қарзҳои ғайриқолабӣ, қарзҳои шубҳанок, қарзҳои хавфнок ва қарзҳои беэътимод гузаронида, назоратро аз рӯйи шартномаҳои қарзӣ, беҳтарсозии ин ё он элементҳои ташкили ҷараёни қарзӣ ва ғайраро муайян месозанд (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2**

**Нишондиҳандаҳои сифати сандуқи қарзии бонкҳо, млн. сомонӣ**

| Номгӯй | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/13 (+/-, %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сандуқи қарзӣ | 7178,2 | 9396,7 | 10955,3 | 9591,6 | 8307,3 | 8426,4 | 9447,9 | 9448,8 | 9437,4 | **+31,5** |
| Қарзҳои қолабӣ | 5771,9 | 7224,0 | 6767,6 | 3894,2 | 4719,5 | 4989,7 | 6711,6 | 5667,6 | 7530,9 | **+30,5** |
| Бо % нисбат ба маблағи умумӣ | 80,41 | 76,88 | 61,78 | 40,60 | 56,81 | 59,22 | 71,04 | 59,98 | 79,8 | **-0,61** |
| Қарзҳои ғайриқолабӣ | 423,4 | 179,8 | 1 305,1 | 1 130,2 | 557,5 | 819,7 | 269,8 | 312,9 | 235,9 | **-44,3** |
| Бо % нисбат ба маблағи умумӣ | 5,90 | 1,91 | 11,91 | 11,78 | 6,71 | 9,73 | 2,86 | 3,31 | 2,5 | **-3,4** |
| Қарзҳои шубҳанок | 367,8 | 99,7 | 1 128,5 | 1 022,3 | 537,3 | 250,1 | 41,1 | 47,3 | 22,6 | **-93,9** |
| Бо % нисбат ба маблағи умумӣ | 5,12 | 1,06 | 10,30 | 10,66 | 6,47 | 2,97 | 0,43 | 0,50 | 0,2 | **-4,92** |
| Қарзҳои хавфнок | 176,7 | 620,3 | 219,2 | 245,6 | 349,6 | 458,3 | 157,8 | 307,1 | 380,6 | **+115,4** |
| Бо % нисбат ба маблағи умумӣ | 2,46 | 6,60 | 2,00 | 2,56 | 4,21 | 5,44 | 1,67 | 3,25 | 4,0 | **+1,54** |
| Қарзҳои беэътимод | 438,4 | 1272,9 | 1534,8 | 3299,4 | 2143,3 | 1908,5 | 2267,7 | 2566,6 | 1267,2 | **+189,1** |
| Бо % нисбат ба маблағи умумӣ | 6,11 | 13,55 | 14,01 | 34,40 | 25,80 | 22,65 | 24,00 | 27,16 | 13,4 | **+7,29** |

***Сарчашма*:** Бюллетени омори бонкӣ, 2018. - № 12 (281). – С.85. Бюллетени омори бонкӣ, 2019. - №12 (293). – С.92. Бюллетени омори бонкӣ, 2020. -№12 6 (299). – С.65. Бюллетени омори бонкӣ, 2021. -№12 (316). – С.62.

Ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар портфели қарздиҳандагон тамоюли болоравии ҳиссаи қарзҳои «хавфнок» мушоҳида мешавад, ки воқеан аз меъёрҳои қобили қабул барои бехатарӣ, махсусан барои бонкҳо зиёдтаранд. Ин омил дар оянда ба бад шудани имкониятҳои молиявии муштариён низ оварда мерасонад, чунки дар ҳолати

пардохтнопазирии бонк байни “муштариён” ва “бонк” таъсири манфии мутақобила ба миён меояд. Бухрони солҳои 2015-2016 ба фаъолияти қарзгирандагон-мизоҷон (соҳибкорон) сахт таъсир расонидааст, ки дар натиҷаи он тамоюли афзоиши тафовут барои ин нишондиҳанда байни арзишҳои меъёрӣ ва воқеӣ ба назар мерасад.

Дар шароити имрӯза ба ҷузъҳои асосии идоракунии самараноки қарзҳо ин сиёсати хуб инкишофёфтаи қарзӣ ва амалиётҳо, идоракунии хуби сандуқ, назорати самаранок аз рӯи қарзҳо ба ҳисоб мераванд.

Сиёсати қарзӣ асоси тамоми раванди идоракунии қарзҳоро фароҳам меорад. Он стандартҳои объективиро муайян месозад ва кормандони бонкӣ, ки барои пешниҳод ва тартибдодани қарзҳо ва идоракунии онҳо ҷавобгаранд, бояд аз ин стандартҳо истифода баранд. Ҳангоме, ки сисёсати қарзӣ дуруст ба роҳ монда шуда бошад, он ба роҳбарияти бонк имкон медиҳад, ки стандартҳои дурустро дар соҳаи қарзҳо дастгирӣ намоянд, аз хавфи барзиёд худро эмин дошта имкониятҳои рушди фаъолиятро дуруст баҳогузорӣ намояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ принсипҳои асосии сиёсати қарзӣ ба чунин зерқисмҳо ҷудо мешаванд (ниг. ба расми 2).

**Расми 2.** Принсипҳои асосии сиёсати қарзӣ дар низоми бонкӣ*




***Таҳияи муаллиф.**

1) Консерватизм – бонк бояд сиёсати қарзии консервативиро пеш гирад ва кӯшиш намояд, ки пурра хавфҳои худро рӯпуш намояд. Қарз танҳо ба қарзгирандагони боэътимод, ки дорои сифати баланди менеҷмент мебошанд, дода мешавад.

2) Бартарияти мавҷудияти таъминот – шарти муҳими қарор дар бораи додани қарз бояд мавҷудияти таъминоти кифояи бозоргирӣ бошад, ки нархи он бо баҳисобгирии дисконт, ки хароҷотҳоро барои татбиқи гарав ва беарзишшавии имконопазирӣ ба ҳисоб мегирад, бояд барои рӯпуш намудани маблағи асосии қарз ва фоизҳо аз рӯи он кифоя бошад. Гарав бояд суғурта карда шавад.

3) назорат аз рӯи истифодаи мақсадноки қарз, ҳифзи гарав, вазъи молиявии мизоҷ – бояд имкониятҳои назоратро аз рӯи амалиётҳои мизоҷ ва ҷараёнҳои молиявии ӯ бо роҳи пардохти суратҳисобҳои ӯ, назорати воридотҳо, ҳифзи гарав ва ғайра ҷустуҷӯ кард. Баъди додани қарз мониторинги вазъи молиявии мизоҷ гузаронида мешавад.

4) Диверсификатсияи сандуқи қарзӣ – бонк бояд аз диверсификатсияи сандуқи қарзӣ нигоҳдорӣ намояд, аз рӯи имконият якҷоя кардани қарзҳоро аз рӯи соҳаҳои якнавъаи тиҷорат, соҳаҳо, намудҳои гарава ва ғ. маҳдуд созад. Омили муҳими пасткунии хавф додани шумораи зиёди қарзҳои худ назар ба шумораи ками қарзҳои калон мебошад.

5) Маҳдудияти хавф барои як қарзгиранда – муқаррарсозии ҳади хавфи имконпазир, чунки хавф вобаста аз навъи қарзгиранда муқарра карда мешавад.

6) Маҳдудияти хавфи маҷмӯии қарзӣ – вобаста аз дараҷаи бозоргирии бонк, бартарияти базаи пасандозӣ ва бузургии сармоя, меъёрҳои Бонки миллӣ хавфи зиёдтарини қарзӣ ба бонк муқаррар карда мешавад, яъне махдудият ба ҳаҷми сандуқи қарзии бонк дар маҷмӯъ.

7) Маркетинги фаъоли қарзгирандагони боэътимод – барои таъмини сифати сандуқи қарзӣ бояд ҷустуҷӯи фаъоли қарзгирандагони боэътимодро, хусусан байни мизоҷони бонк бурдан лозим аст.

Ба ҷузъҳои асосие, ки мазмуни сиёсати қарзиро таркиб медиҳанд чунин ҷузъҳоро нисбат додан мумкин аст:

1. Мақсад, ки бо дар назардошти он сандуқи қарзӣ ташаккул меёбад (яъне нишондоди аломатҳои сандуқи хуби қарзӣ: намудҳои қарзҳо, муҳлатҳои пардохти қарзҳо, ҳаҷмҳо ва сифати қарзҳо).

2. Тавсифи ваколатҳо дар соҳаи додани қарзҳо, ки бо ин ваколатҳо ҳар як назоратчии аниқ ва комитети қарзӣ сафарбар карда шудааст (маблағи зиёдтарин ва намуди қарз, ки он аз ҷониби корманди аниқ тавсиб шуда метавонад, инчунин бо имзоҳои зарурӣ).

3. Ӯҳдадориҳо оид ба интиқоли ҳуқуқҳо ва пешниҳоди маълумот дар чаҳорчӯбаи идоракунии қарзӣ.

4. Таҷрибаи дархосткунӣ, тафтиш, баҳогузорӣ ва қабули қарорҳо оид ба дархостҳои қарзии мизоҷон.

5. Ҳуҷҷатгузории зарурӣ, ки ба ҳар як дархости қарзгиранда замима карда мешавад, инчунин ҳуҷҷатҳое, ки бояд дар парвандаи қарзӣ (кредитӣ) нигоҳ дошта шаванд (ҳисоботи молиявӣ, шартномаҳои кафолат ва гарав ва ғ.).

6. Ҳуқуқҳои кормандони бонк бо нишондоди аниқи он, ки барои нигоҳдорӣ ва тафтишоти парвандаҳои қарзҳо, кӣ ҷавобгар аст.

7. Қоидаҳои асосии қабул, баҳогузорӣ ва татбиқи таъминоти қарзӣ.

8. Тавсифи сиёсат ва таҷрибаи муқаррарсозии меъёрҳои фоизӣ ва комиссияҳо оид ба кредитҳо, шартҳои пардохти қарзҳо.

9. Тавсифи меъёрҳои сифат, ки нисбати ҳамаи қарзҳо истифода бурда мешаванд.

10. Нишондоди ҳаҷми ниҳоят калони маблағгузориҳои қарзӣ (яъне сатҳи ниҳоят калони имконпазири таносуби маблағгузорӣ ва дороиҳои маҷмӯӣ).

11. Тавсифи бозори мақсаднок (соҳа, минтақа ва ғ.), ки ба он бояд қисмати асосии маблағгузориҳои қарзӣ амалӣ карда шаванд.

12. Тавсифи таҷрибаи ошкорсозӣ, ташхис ва ҳалли ҳолатҳое, ки бо қарорҳои ҳаётан муҳим алоқаманданд.

Самаранокии идоракунии хавфи қарзӣ дар бонк пеш аз ҳама аз ба тартибандозии амалиётҳои қарздиҳӣ дар ҳамаи марҳилаҳо вобастагӣ дорад. Ин марҳилаҳоро муфассал дида мебароем.

Тартиботи қарздиҳӣ аз идентификатсияи қарзгирандаи имконпазир оғоз мегардад. Бояд дар хотир дошт, ки ба зиммаи корманди шуъбаи қарзӣ (кредитӣ) иҷроиши ду вазифа гузошта мешавад – фурӯшандаи қарз ва мумайиз (эксперт). Баъди идентификатсияи

қарзгирандаи эҳтимолӣ корманди шуъбаи қарзӣ раванди қабули қарорро тавассути гирифтани маълумот аз ин қарзгиранда оғоз менамояд, то маълум намояд, ки дархости қарзгиранда оид ба пешниҳоди қарз бо сиёсати ҷории бонк мувофиқ аст ё не. Инчунин, корманд бояд муайян намояд, ки ба қарзгиранда маблағҳои иловагӣ барои чӣ лозим мебошанд. Сабаби асосӣ на ҳамеша бо он сабабе, ки қарзгиранда пеш меорад, мувофиқ меояд. Бо фаҳмида гирифтани сабаби асосӣ корманди бонк метавонад сохтори мувофиқи қарзро аз рӯи мӯҳлатҳо муайян созад ва графики пардохтани қарзро тартиб дода, барои ин қарз намуди ба он мувофиқро пайдо намояд.

Баъд аз оне, ки корманди бонк моҳияти дархости мизоҷро дарк намуд ва муқаррар сохт, ки он қобили қабул аст ва ба ҳақиқати фаъолияти бонк мувофиқат менамояд, ӯ бояд ташхиси сарчашмаҳои пардохти қарзро гузаронад. Ин ташхис, ки манбаҳои ибтидоӣ ва дуюмдараҷаи пардохти қарзро муайян менамояд, ба корманд имконият медиҳад, ки дархости мизоҷро оид ба гирифтани қарз қабул намояд ва ё онро рад намояд. Барои он ки эҳтимолияти пардохти қарз муайян карда шавад, корманди бонк бояд паҳлуҳои суст ва пурқуввати мизоҷ, дархости мизоҷ аз нуқтаи назари ҳисоботи молиявии ӯ, ҳаракати пули нақд, стратегияи кори мизоҷ, бозори фаъолияти ӯ, ихтисосмандии роҳбарии ӯ, маълумот дар бораи ӯ ва таҷрибаи кории ӯро таҳқиқ намояд. Хеле муҳим аст, ки қарз барои мақсади мизоҷ нишон додашуда, коркард шавад. Мақсади қарз ва пардохти он бо якдигар печ дар печ мебошанд – дарки моҳияти қарз ба қарзгиранда ва қарздиҳанда имкон медиҳад, ки шартҳои пардохти қарзро ба мақсади он тавъам созанд.

Ҳангоми гузаронидани ташхиси амиқ, ташхиси сарчашмаҳои пардохти қарз барои намудҳои гуногуни қарз ҳархела мебошад. Ин фарқият махсусан барои қарзҳои дарозмуддат ва кутоҳмуддат хеле бузург аст, чунки ҳамчун сарчашмаи пардохти қарз дар ин ҷо воридотҳо аз маблағгузориҳо хизмат менамоянд. Дар ин ҳолат бо қарзҳои кӯтоҳмуддат бояд ташхиси амиқи давраи савдоӣ ва ё давраи гардиши дороиҳо гузаронида шавад – захираҳои молӣ ба қарзи дебиторӣ ва пули нақд – то ки муайян созад, ки кадом моддаҳои тавозун ба пули нақд барои пардохти қарз баргардонида мешаванд.

Корманд бояд шартҳои қарзро муайян созад: меъёри фоизӣ, таъминот, кафолатҳо ва моддаҳои махсус, ки хавфи ба қарз хосро инъикос менамоянд.

Сохтори қарз бояд бо сарчашмаҳо ва мӯҳлатҳои чашминтизори пардохти қарз зич алоқаманд бошад.

Марҳилаҳои ниҳоии раванди сохторбандии қарз, тасвиби он, тайёр намудани ҳуҷҷатҳо ва тартиб додани ҳисобот дар бораи он мебошад.

Тасвиби қарзҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ одатан ё дар чаҳорчӯбаи Комитети қарзӣ ва ё дар чаҳорчӯбаи раванди батадриҷи тасвиби қарзҳо ба миён меояд. Дар ҳолати якум қарзҳо аз ҷониби Комитети қарзӣ ба тасвиб мерасанд, ки одатан аъзоёни ин Комитет роҳбарони бонк ва шуъбаи қарзии он мебошанд. Дар ҳолати дуюм тасвиби қарзҳо аз поён ба боло аз рӯи занҷира – аз кормандони оддии шуъбаи қарзӣ то роҳбарият, ки он ҳуқуқ дорад (дар мувофиқа бо талаботҳои сиёсати қарзии бонк) тасвиби хотимавии қарзро қабул намояд.

Дараҷаи ҷавобгарии аъзоёни Комитети қарзӣ оиди қарзҳои аз ҷониби онҳо ба тасвиб расида тағйир меёбанд. Дар бисёре аз бонкҳо овоздиҳӣ ба фоида ва ё зидди ин ва ё он қарз дар шакли бардоштани дастҳо ва ё дар шакли ҷавобҳои «тарафдор ва ё зид» ба амал меояд. Дар баъзе аз бонкҳо овози ҳар як аъзои Комитет ба қайд гирифта мешавад. Ва ҳар чанд, ки то кадом дараҷа ҷавобгарии ҳар як аъзо ба самаранокии раванди қабули қарорҳо таъсир мерасонад, бояд гуфт, ки дараҷаи ҷавобгарӣ ҳангоми тасвиби пайдарпайи қарз баландтар аст.

Андозаи бонк ва миқёси амалиётҳои он дараҷаи муттамарказии раванди қабули қарорҳоро муайян месозанд. Чун қоида, чӣ қадаре, ки бонк хурд аст, ҳамон қадар дараҷаи муттамарказкунонӣ зиёд аст, чӣ қадаре, ки бонк калон аст, ҳамон қадар дараҷаи ғайримарказикунонӣ калон аст. Баъзе аз додугирифтҳо бо сабаби ба таъхиргузории бюрократӣ дар раванди тасвиби қарз аз ҷониби бонк аз даст мераванд. Бо ба ҳисобгирии ин, бисёре аз бонкҳо ваколатҳоро оиди тасвиби қазҳо бар души роҳбарияти шуъбаҳои минтақавии худ вогузор менамоянд ва онҳо дар навбати худ метавонанд ин ваколатҳоро ба роҳбарияти филиалҳо ва ё ба кормандони алоҳидаи он вогузор намоянд.

Дар ҳар як низоми ғайримарказикунонидашуда, ваколатҳои қарзӣ дар сатҳҳои гуногун одатан бо тавсияи шуъбаҳо оид ба сиёсати қарзӣ ва назорати бонкӣ муайян карда мешавад ва баъд аз ҷониби роҳбарияти бонк ва Шӯрои назоратӣ ба тасвиб мерасад. Назорат аз рӯи дурустии истифодаи ин ваколатҳо бо воситаи тартиб додани ҳисоботҳои даврӣ ва гузаронидани тафтишҳо аз ҷониби аудиторони дохилӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳуҷҷатгузории қарзӣ ҳимояро аз хавф таъмин менамояд ва ба бонк имконият медиҳад, ки дар ҳолати иҷро нагардидани ӯҳдадориҳо ва ё вайронсозии нақшаи пардохти қарзҳо аз ҷониби қарзгиранда чораҳои ҳуқуқӣ қабул намояд. Шартномаи қарзӣ – ин қарордод байни бонк ва қарзгиранда мебошад, ки дар он ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои ҳарду ҷониб нисбат ба қарз шартнок карда мешаванд. Ҳар чанд, ки шартномаи қарзӣ ба қарздиҳанда имконият намедиҳад, ки сарчашмаи пардохти қарзро назорат намояд, лекин дар он шартҳо ва маҳдудиятҳо дарҷ гардида, бо чунин тарз тартиб дода шудаанд, ки онҳо вазъи молиявии қарзгиранда, сатҳи даромаднокии ӯ, ҳаракати воситаҳои пулиии ӯро беҳтар месозанд ва манфиатҳои бонкро низ ҳимоя менамояд. Шартномаи хуби қарзӣ, ки дар асоси аниқи ҳуқуқӣ тартиб дода шудааст, ба қарзгирандагон дар гуфтугӯҳо бартарӣ медиҳад, агар вазъи қарз бад шавад.

Пеш аз он ки шартнома ба имзо расад, хуб мешуд, ки ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ бодиққат аз ҷониби хадамоти мушоияткунандаи ҳуқуқӣ тафтиш карда шаванд. Хеле муҳим аст, то ки ҳуҷҷатгузории қарзӣ ба талаботҳои базаи қонунгузории амалкунанда ҷавобгӯ бошад.

Ҷанбаи муҳим дар тартиботи қарздиҳӣ – ин ҳалли масъала оид ба таъминоти баргардонидани қарзи додашуда мебошад.

Таъминот – ин дороии моддӣ буда ба он бонк ҳуқуқи гаравро дорад. Истифодаи гарав барои дастгирии қарз ба бонк имконият медиҳад, ки дороиҳоро дар ҳолати вайронсозии шартҳои қарз аз ҷониби қарзгиранда назорат намояд. Таъминот сарчашмаи имконпазири дуюмдараҷаи пардохти қарз мешавад:

Ҳангоми баҳогузории гарав зарур аст, ки ба саволҳои зерин ҷавоб гирем:

- объекти гарав;
- гара то чӣ андоза нархгузорӣ мешавад;
- то чӣ андоза гарав метавонад қарз ва фоизҳоро аз рӯи он рӯпуш намояд;
- то чи андоза гаравро метавон ба фурӯш монд;
- кӣ нигоҳдории гаравро таъмин менамояд.

Бечунучаро, ба гарав, ки рӯпуши пурраи қарз ва фоизҳоро аз рӯи он таъмин менамояд, бояд афзалият дода шавад.

Баъд аз он ки қарз дода мешавад, бонк бояд чораҳоро барои баргардонидани он андешад. Идоракунии қарзҳо яке аз вазифаҳои асосии шуъбаи қарзии бонк ба ҳисоб меравад. Идоракунии хуби қарз қарзи «бадро» ислоҳ карда наметавонад, лекин бисёре аз қарзҳои «хуб» дар ҳолати идоракунии бесамари онҳо аз ҷониби кормандони шуъбаи қарзии бонк душворӣ ба пеш меорад.

Бонкҳо аз болои қарзгирандагон назорат мебаранд, то ки ба некуаҳволии вазъи молиявӣ ва иҷроиши шартномаи қарзӣ аз ҷониби онҳо, инчунин барои ҷустуҷӯи имкониятҳои нави ҳамкорӣ бо мизоҷ боварӣ ҳосил намоянд. Назорат аз рӯи қарз барои он зарур аст, то ки дар марҳилаи ибтидоӣ аломатҳои онро, ки қарзгиранда ҳангоми пардохти қарз бо душвориҳо рӯ ба рӯ мешавад, ошкор намояд. Инро бояд дар марҳилаи ибтидоӣ анҷом додан лозим аст, то ки самараи амалиётҳои тасҳеҳкунандаи бонкро зиёд ва талафотҳои онро кам намоянд. Назорат аз рӯи қарзҳо махсусан дар марҳилаи пардохти онҳо ва ё ҳангоме, ки пардохти онҳо аз мӯҳлати муқарраргардида мегузарад ё ки ҳангоми вайронсозии шартҳое, ки бо шартномаи қарзӣ муқаррар карда шудаанд, хеле муҳим мебошад.

Яке аз шартҳои муҳими таъминоти идоракунии пурсамари хавфҳои қарзӣ бартарии механизми идоракунии қобили қабули сандуқи қарзӣ мебошад. Идоракунии сандуқи қарзӣ миконият медиҳад, ки хавфи тамоми сандуқ мувозӣ карда шавад ва инчунин, нигоҳ дошта шавад, бо нигаронӣ ва назорати хавф, ки ба ин ва ё он бозорҳо, мизоҷон, фишангҳои қарзӣ, қарзҳо ва шароитҳои фаъолият таалуқ доранд. Идоракунии сандуқи қарзӣ дар алоқа бо диверсификатсияи амалиётҳои қарзии худ аз ҷониби бонк хеле муҳим мегардад.

Дар чаҳорчӯбаи идоракунии сандуқи қарзӣ бояд муайян карда шаванд:

- омилҳо, сатҳҳои хавф дар бозорҳои мақсаднок ва зерқисмҳои он;
- тавъамкунии намудҳои гуногуни қарзҳо, фишангҳои қарзӣ ва асъорҳои қарзӣ;
- имконияти қарзкунӣ ва муттаҳидсозии сандуқи қарзӣ.

Бозорҳои мақсаднок одатан аз рӯи таснифотҳои бахши муайян радабандӣ карда мешаванд. Ҳангоми интихоби бозорҳои мақсаднок муҳим аст, ки ҳамаи хвфҳое, ки ба бозори аниқи мазкур дахл доранд, дида баромада шаванд.

Зерохтори мизоҷони мақсадноки бонкҳои тиҷоратӣ одатан бо истифодаи шумораи зиёди маҳакҳо муайян карда мешаванд. Масалан, мизоҷи идеалӣ бояд чунин бошад:

- бояд дорои таҷрибаи бойи фаъолияти корӣ бошад;
- ӯ бояд бо истеҳсолот ва ё фурӯши молҳо ва ё хидматгузориҳо машғул бошад, ки онҳо дар бозор серхаридор мебошанд;
- ӯ бояд дорои таҷрибаи хуби роҳбарӣ дошта бошад то ки фаъолияти ширкатро самаранок идора карда тавонад;
- вазъи молиявии ӯ бояд устувор бошад.

Пардохтпазирии мизоҷи эҳтимолӣ бо пардохтпазирии мизоҷон дигар бояд муқоиса карда шавад. Агар сохтори молиявӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолияти бонк аз сохтори молиявӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкҳое, ки дар ҳамин соҳа фаъолият менамоянд, фарқ намояд, он гоҳ барои муайянсозии қобили қабул будани мизоҷ бояд ташхиси иловагӣ гузаронида шавад. Хуб мебуд, агар бонкҳо дорои таснифоти хусусии қобили қабул будани мизоҷон аз рӯи хавф бошанд, ки он бо соҳаҳои иқтисодиёт, ки дар он мизоҷон фаъолият менамоянд, асоснок карда шаванд. Ин таснифот одатан дар нишондиҳандаҳои ҳаҷм фурӯш, бузургии дороиҳо, меъёрҳои даромаднокӣ ва бозоргирӣ асос меёбад. Ба қарзгирандагоне, ки зери нишондодҳои ин маҳак намеафтанд, бояд қарз дода нашавад ва ё қарз танҳо баъди гирифтани иҷозати махсус ҳамчун истисно аз сиёсати бонк дода шавад.

Намуди қарз, яъне шакли он ки дар он қарз пешниҳод карда мешавад, вобаста аз талаботҳои бозор ва мизоҷ, қонунгузорӣ, миқёси амалиётҳо ва дастрасии ҳайати таҷрибанок муайян карда мешавад.  Вобаста аз намудҳои гуногуни қарз андозаи хавф тағйир меёбад. Ҳамин тариқ, намуди қарз ва сохтори он бояд натанҳо ба талаботҳо, инчунин ба қобили

пардохти қарз будани мизоҷи эҳтимолӣ мувофиқат намояд. Одатан, рӯйхати қарзҳое, ки дар фаъолияти бонк ҷорӣ карда шудаанд, иборатан аз:

- қарзҳои кӯтоҳ- миёна- дарозмуддат;
- қарзҳои таъминшуда ва қарзҳои таъмин нашуда;
- қарзҳои якмаротибагӣ ва ё хатҳои қарзӣ (овердрафт).

Корманди шуъбаи қарзӣ бояд донад, ки кадом намуди қарзҳо ва фишангҳои қарзӣ, ки ба талаботҳои мизоҷ ҷавобгӯянд, дар бонк мавҷуданд, чунки аз интихоби дуруст пардохти саривақтии қарз вобастагӣ дорад. Аҳамияти ҷобаҷогузории дурусти қарзҳоро набояд аз madди назар дур намуд. Сохтори қарз бояд ба мақсади он мувофиқат намояд.

Ҳалли масъалаи он ки қарз бо кадом намуди асъор дода мешавад, низ хеле муҳим мебошад. Асъорҳои миллӣ бисёр вақт ноустуворанд, фишангҳои хедҷикунонӣ вуҷуд надоранд ва хавфи беқурбшавии асъор сифати дороиҳоро паст менамояд. Қарзгирандае, ки асъори хориҷӣ ва имкониятҳои хедҷикунониро надорад ва қарзи асъорӣ мегирад, барои бонк хавфи хеле ҷиддиро ба бор меорад, агар асъори миллӣ беқурб шавад.

Бонкҳои гуногун дорои имкониятҳои гуногуни қарздиҳӣ мебошанд. Дар ин ҷо таҷриба ва тайёрии ҳайати кормандони бонк нақши муҳимро мебозад. Баъзе аз бонкҳо назар ба дигарон хавфҳои хеле баландро идора менамоянд. Лекин, бонк бояд бо маблағгузории хавфӣ танҳо он вақт машғул шавад, ки агар бо тарзи мувофиқ барои фаъолият дар бозор тайёр бошад. Бисёр вақт чунин тайёрӣ бояд аз таҷриба оид ба бастани созишномаҳо дар бораи гарав ва маблағгузорӣ бо дороиҳо иборат бошад. Инчунин, бояд базаи қонунгузории устувор бояд вуҷуд дошта бошад.

**Адабиёт**


1. Бердиев Р.Б., Алиева Т. Правильное и эффективное кредитование рыночных отношений - залог устойчивого развития национальной экономики [Текст] / Бердиев Р.Б., Алиева Т. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2014.-№2-3 (135).-С.209-218.
2. Бюллетени омори бонкӣ, 2018. - № 12 (281). – С.77-78. Бюллетени омори бонкӣ, 2019. - №12 (293). – С.84-85. Бюллетени омори бонкӣ, 2020. -№12 6 (299). – С.57-58. Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2020. - №12 (305). - С.86-87. Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2021. - №12 (316). - С.24-25.
3. Иброхимов И.Р. Формирование условий развития денежного рынка открытой экономики [Текст] / И.Р. Иброхимов // Вестник ТНУ.- 2016.- №2/3(201). С.7-21.
4. Икромов Ф.Н. Масоили назариявию амалии фонди нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.М. Давлатмуродов, Ф.Н. Икромов // Паёми молия ва иқтисод. 2021. № 1 (25). С. 87-94.
5. Икромов Ф.Н., Икромов Н.К. Механизм регулирования антикризисных мер банков в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.Н. Икромов, Н.К. Икромов // В сборнике: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамановой. Симферополь, 2022. С. 227-231.
6. Икромов, Н.Қ. Муҳити институтсионалии танзими зиддибуҳронии бонк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Қ. Икромов // Маҷалаи илмӣ Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: «ТГУК», 2021. - №1(35). - С. 14-25.
7. Икромов, Н.Қ. Назария ва амалияи танзими зиддибуҳронии низоми бонкӣ [Матн] / Н.Қ. Икромов, Ф.С. Обидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.-Душанбе: 2020. -№6. -С.95-103.

# УСЛУСҲОИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ЛОҲИЯҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**РУСТАМ РАҲМАТЗОДА**
*д.и.и.профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори ДДМИТ*
***УБАЙДУЛЛОЗОДА ФАЙЗУЛЛО УБАЙДУЛЛО***
*Номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 735700, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, тел: 918101051*
***ҚУДРАТОВА ФАРЗОНА РУСТАМОВНА***
*Номзади илмҳои иқтисодӣ, устоди кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 735700, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, тел: 907022000, Email: farzona070489@.ru.*

*Дар мақола усулҳои идоракунии ҳисобкунии лоҳияҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Инчунин Барномаи қарзгирии давлатии хориҷӣ сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии давраи гузариш омӯхта шудаанд. Барои ба соҳаи кишоварзӣ чалб намудани сармояи хориҷӣ он таҳлили муфассал дода мешаванд. Вобаста ба сатҳи неруи сармоягузорӣ ҳамаи корхонаҳои соҳаҳоро аз рӯйи маблаги холҳо ба гурӯҳҳо тақсим кардаанд, ки арзёбии ҷамъбастии иқтидори сармоягузории онҳо бо сатҳи миёна, мӯътадил ва пасти иқтидори сармоягузорӣ мушоидат менамояд. Ҳамчун нишондиҳандае, ки хавфи иқтисодиро муайян мекунад, фарсудашавии фондҳои асосии истеҳсоли пешниҳод шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузорӣ, манбаъҳои сармоягузорӣ, тамоюлҳои ғайримарказикунонӣ, қарзи кредитории корхонаҳо, таваррум, меъёри қарздиҳӣ, рейтенги ҷолибияти сармоягузорӣ, сармоягузориҳои қарзӣ ва молӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ.*

# МЕТОДЫ ОЦЕНКИ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИТСНА

*В статье рассмотрены основные перспективы инвестиционной деятельности в сельском хозяйстве Республики Таджикистан. Исследованы современные тенденции инвестиционной деятельности в сельском хозяйстве переходного периода. Дан подробный анализ для привлечения иностранных инвестиций диверсификация в сельское хозяйство республики. В зависимости от уровня инвестиционного потенциала дана оценка предприятий, исходя из суммы баллов, т.е. суммарной оценки их инвестиционного потенциала со средним уровнем, умеренным и с низким уровнем инвестиционного потенциала. В качестве показателя, определяющего экономический риск, мы выбрали износ основных производительных фондов.*

***Ключевые слова:*** *инвестирования, тенденции децентрализации, кредиторская задолженность предприятий, инфляция, кредитные ставки, рейтинг инвестиционной привлекательности, кредитные и товарные инвестиции, инвестиционная привлекательность.*

*In paper considering the main directs of investment activity in agriculture sphere of the Republic of Tajikistan. A detailed analysis is given to attract foreign investment diversification into agriculture of the republic. Depending on the level of investment potential, an assessment of*

*enterprises is given based on the sum of points, i.e. a summary assessment of their investment potential with an average level, a moderate level and a low level of investment potential. Detailed analyses made us available to attract foreign investment in the agriculture of the republic. Potential that this investment depending - are all enterprises that can be divided into several groups based on the sum of points, i.e. a summary assessment of their investment potential with an average level, moderate and low level of investment potential. As a indicator which will determines the economic risk, we have chosen the depreciation of fixed productive assets.*

***Key words:*** *investment, export, diversity evolution, innovation of technologies, risk of payback, investment attractiveness rating, credit and commodity investments, investment attractiveness.*

Сиёсати сармоягузорӣ маҷмӯи тадбирҳои оид ба танзим ва ҳавасмандгардонии раванди сармоягузорӣ бо мақсади таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад. Сиёсати минтақавии сармоягузорӣ тавассути ҳамкории мақомоти давлатии идоракунӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин мақомоти худидораи маҳаллӣ таҳия ва татбиқ карда мешавад. Ин ҳамкорӣ бояд дар асоси Конститутсия ба роҳ монда, бо санадҳои қонунгузорию меъёрии қабулнамудани парлумон, президент ва ҳукумат, инчунин бо шартномаҳои байни марказу минтақаҳо танзим шаванд.

Рушди устувори бахшҳои иқтисодии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз арзёбии самаранокии иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ вобаста аст. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ зарурати ба таври доимӣ таҳия намудани баҳодиҳии микдорӣ ва сифатии фаъолияти инвеститсионӣ, инчунин муайян намудани занҷири робитаи мутақобила, таъсири мутақобила ба самаранокии он ва таъсири он ба суръати рушди иқтисодиёт, афзоиши иқтисодиёт зарур аст. бо кор таъмин намудани ахолӣ, паст кардани дарачаи камбизоатӣ ва баланд бардоштани дарачаи некуахволии ахолӣ умуман [6, С. 74].

Ниҳоди амалгардонии сиёсати сармоягузорӣ дар сатҳи мамлакат бояд барномаву нақшаҳои минтақавии сармоягузорӣ бошанд, ки тибқи усули ягонаи кишвар дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти давлатӣ таҳия карда мешаванд [7, С. 76]. Танҳо лоиҳаҳои сармоягузорие, ки ба ин барномаҳо дохил карда мешаванд, метавонанд дар маблағгузорӣ аз сарчашмаҳои ҷумҳуриявӣ иштирок кунанд. Имрӯз норасоии захираҳои сармоягузорӣ эҳсос мешавад, бинобар ин сармоягузориро ба ҷойҳое равон бояд кард, ки самараи баланди иқтисодӣ дода тавонанд.

Ҳукумати Тоҷикистон дарк мекунад, ки яке аз шартҳои рушди кишоварзӣ ба вуҷуд овардани шароити мусоид бахри ҷалби сармоягузорӣ ва кӯмак дар воридшавии сармояи ватанӣ ва хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мебошад. Ин раванд гузаронидани ислоҳоти амиқи ҳуқуқӣ, сохторӣ ва ниҳодӣ, инчунин зерсохтори муносиби бозорӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоиро дар назар дорад .

Солҳои охир дар Тоҷикистон як қатор санадҳои усулан муҳиме қабул карда шуданд, ки моҳияту самти сиёсати давлатии сармоягузориро инъикос мекунанд. Онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки ба кам кардани монеаҳои маъмурӣ, дастгирии соҳибкории хусусӣ ва коҳишдиҳии хароҷоти марбут ба фаъолияти сармоягузорӣ равона гардидаанд [7, С. 56].

Барномаи қарзгирии давлатии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 (минбаъд - Барномаи мазкур) номгӯи қарзгириҳои хориҷии Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои соли навбатии моливи ва ду соли баъдӣ бо тақсими қарзгирӣ дар байни қарздеҳону бахшҳои иқтисодиёт ва бо дарназардошти қарзгириҳои нави банақшагирифта, инчунин маълумоти муқоисавӣ оид ба азхудкунии воситаҳои қарзии амалкунанда ва банақшагирифташудаи қарзӣ мебошад [2, С. 76].

Барномаи мазкур мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирӣ ва қарзи давлатӣ ва аз ҷониби давлат кафолат додашуда» таҳия карда шуда, ба сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст, ки он афзалиятҳои асосии дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 муқарраршударо, ки ба ноилшавии Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола нигаронида шудаанд, инъикос мекунад [6, С. 55].

Нишондиҳандаҳои асосии Барномаи қарзгирии давлатии хориҷӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирӣ ва қарзи давлатӣ ва аз ҷониби давлат кафолат додашуда» ва «Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ барои солҳои 2018-2020» муайян карда шудаанд. Барнома миёнамуҳлат буда дар асоси усулу мизони муайянкардаи Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ, бо мақсади коҳишдиҳии хавфҳои фискалӣ ва таъмини идоракунии муносиби қарзгирии хориҷӣ татбиқ карда мешавад.

Ҷадвали 1

**Истифодаи сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои соҳаи кишоварзӣ аз рӯйи сарчашмаҳои маблағгузорӣ**

| № | Бахшҳои иқтисод | Микдори лоиҳаҳо | Маблағи умумии лоиҳаҳо | Вазни хоси лоиҳа дар ҷузъдон |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бонки ҷаҳонӣ | 28 | 206029,94 | 11,12% |
| 2 | Бонки Осиёии рушд | 17 | 362437,6 | 19,56% |
| 3 | Бонки исломии рушд | 9 | 111400,62 | 6,01% |
| 4 | Бунёди рушди иқтисодии Кувайт | 3 | 27800,00 | 1,50% |
| 5 | Бунёди рушди Арабистони Саудӣ | 2 | 21980,00 | 1,20% |
| 6 | Бунёди ОПЕК | 5 | 36350,00 | 1,96% |
| 7 | Бонки бозсозӣ ва рушди Аврупо | 7 | 19839,00 | 1,07% |
| 8 | Эксимбанки Хитой | 6 | 703552,00 | 37,96% |
| 9 | Ҳукумати Эрон | 2 | 31200,00 | 1,68% |
| 10 | Ҳукумати Швейтсария | 6 | 23936,38 | 1,29% |
| 11 | Фонди кувайт | 2 | 5496,00 | 2,95% |
| 12 | Ҳукумати Франсия | 1 | 23460 | 1,27% |
| 13 | Саҳмияҳои Ҳукумати ҶТ | 31 | 127591,38 | 6,88% |
| 14 | Дигар сармоягузорон | 60 | 103226,3 | 5,56% |
| 15 | Ҳамагӣ: | 179 | 1853399,22 | 100,00% |

***Манбаъ: ҳисоби муаллифон аз рӯйи** маълумоти кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 2022. Саҳ. 122.

Чӣ тавре, ки дар ҷадавали 1 нишон медиҳад сармоягузорӣ аз рӯйи намудҳои фаъолият соли 2022 дар ҷадвал оварда шуданд. Маълумоти ҷадвал нобарбарии

тақсими сармоягузоиро дар минтақаҳо нишон медиҳанд, ки алалхусус дар сармоягузорӣ ба зерсохтору хоҷагии пойтахт равшантар намоён аст. Аз вилоятҳо аз ҷиҳати истифодаи сармоягузорӣ мстақим, ки ин бештар аз 2,1 маротиба афзуда

Бинобар аз маълумоти пешакии Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми ками сармоягузорӣ ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ асосан аз ширкатҳои тиҷоратӣ ва калони саноатӣ гирифта шуда, бештар ба сохтмон ё густариши корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ равон шудаанд.

Барномаи мазкур 74 лоиҳаи қарзии амалкунанда ва 67 созишномаи қарзиро, ки дар марҳилаи лоиҳа қарор доранд, дар бар мегирад. Ҷамъи арзиши умумии қарзҳои азхудкардашуда тибқи Барномаи мазкур то 1 январи соли ҷорӣ (2021) 990,02 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Инчунин, дар доираи Барномаи нави қарзии Фонди Байналмилалии Асъор барои солҳои 2019-2022 имконияти ҷалбкунии воситаҳои иловагӣ пешбинӣ карда мешавад [8. с -13].

Ҷадвали 2.

**Ҳаҷми сармоягузорӣ ба самтҳои фаъолияти иқтисодӣ дар соли 2022**

| Соҳаҳо | Ҷамъ дар оғози с. 2022 | | | Сармоя гузошта шуд дар с. 2022 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сармоя-гузории мустақим | Сармоя-гузории ҷузъдонӣ | Сармоя-гузории мустақим | Сармоя-гузории ҷузъдонӣ | Сармоя-гузории мустақим | Сармоя-гузории ҷузъдонӣ |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ | - | - | - | 1060,6 | - | - |
| навкоркарди меваю сабзавоти консервӣ | 600,0 | - | 1700,0 | 600,0 | - | 1700,0 |
| Истеҳсоли орд | 10,3 | 0,0 | 0,0 | 10,3 | 0,0 | 0,0 |
| Истеҳсоли нӯшокиҳои беспирт, оби маъдан | 67386,6 | 0,0 | 47237,4 | 81886,6 | 0,0 | 31272,6 |
| Истеҳсоли семент | 155585,5 | - | - | 131116,5 | - | - |
| Истеҳсоли масолеҳи дигари сохтмон | 3718,5 | - | - | 13652,7 | - | - |
| Истеҳсоли хишти сохтмонӣ ва сафоли бомпӯшӣ | 5811,5 | - | - | 190552,9 | - | - |
| Истеҳсоли алюминиҳо ва фториди намакҳо | 47290,8 | - | - | 47290,8 | - | - |
| Истеҳсоли неруи барқӣ | 644933,4 | - | - | 79793,9 | 644933,4 | 0,0 |
| Сохтмони биноҳо ва иншооти сохтмонӣ | 51408,1 | - | 8692,8 | 50502,1 | - | 8254,8 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Алоқа | 64473,8 | - | 11800,0 | 121328,3 | - | 105474,8 |
| **Ҳамагӣ** | **1041218,5** | **-** | **69430,2** | **717794,7** | **644933,4** | **146702,2** |

***Манбаъ: ҳисоби муаллиф аз рӯйи:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе 2023. саҳ. 239-244.

Дар мақола рафти омӯзиши муаммо ва сабабу заминаҳои объективие, ки омилҳои асоси барои ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзии Тоҷикистон монеа эҷод мекунанд, муайян гардиданд. Ба сабабҳои асосии низомнок, ки фаъолияти сармоягузориро маҳдуд меунанд, бесуботии рушди иқтисодӣ, оқибатҳои бухрони молиявии ҷаҳон, таваррум, сатҳи пасти сохтори органикии сармояи соҳа дохил мешаванд.

Таҳлили ҷадвали 2 маълумоти омории кишоварзии Тоҷикистон вобастагии зичи суръати рушди истеҳсоли маҷмӯи маҳсулот бо ҳаҷми сармоягузориро нишон медиҳад. Масалан, соли 2021 маҷмӯи маҳсулот ба 2,2%, сармоягузорӣ ба 8% зиёд шуд. Аз ин хулоса метавон кард, ки бе афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ соҳаи кишоварзиро аз бухрон раҳо кардан мумкин нест.

Бо ақидаи муаллифон чунин қайд кардан бамаврид аст, ки дар солҳои охир фуруши махсулоти хочагии кишлоқ дигаргуниҳои калони структуравӣ ба амал омадаанд вобастагии зичи суръати рушди истеҳсоли маҷмӯи маҳсулот бо ҳаҷми сармоягузориро нишон медиҳад. Масалан, соли 2021 маҷмӯи маҳсулот ба 2,2%, сармоягузорӣ ба 8% зиёд шуд. Аз ин хулоса метавон кард, ки бе афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ соҳаи кишоварзиро аз бухрон раҳо кардан мумкин нест.

**Адабиёт**

1. Мадаминов А.А и др. Микрофинансирование сельских товаропроизводителей основа устойчивого развития аграрного сектора А.А Мадаминов // Кишоварз, ТАУ, 2004, № 4. 71 -с.

2. СМР – 2030. Изд. Душанбе – 2016.- 88 с.

3. Барномаи қарзгирии давлатии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021.-36 -с.

4. Кандиёрова Д.О.- Интеграционные процессы в странах с переходной экономикой: теория, методология практика: монография //Д,О Кандиёрова – Душанбе, 2006- 179- с.

5. Қудартова Ф.Р. Сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон: смараноки, самтҳо ва дурнамои он. Монография // Кудартова Ф.Р. Душанбе. Инфон - 2021, – С- 160

6. Қудартова Ф.Р. Кошонова М.Р Дурнамои рушди раванди сармоягузорӣ дар Чумхурии Тоҷикистон. Пайеми молия ва иқтисод // Қудартова Ф.Р. Кошонова М.Р- Душанбе, 2022, -338 –С

7. Пиризода Дж. С. Совершенствование размещения сельско-хозяйственного производства в новых условиях хозяйствования Дж. С. Пиризода // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. Душанбе, 2002.- №5-6. –137- с.

# КРЕДИТ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ

***Рахимова Азима Валиевна*** *– ст. преподаватель кафедры банковское дело Таджикского государственного финансово экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимов 64/14. E-mail: R_Azima_81_81.@mail.ru. Тел: (+992)918750767*

*В данной статье автор проводит исследование одной из ключевых проблем, без которой невозможно представить новое общество, которое в современных условиях активно способствует возобновлению ряда вопросов в сфере развития форм кредитования. Автор также уделяет приоритетное внимание историческим аспектам развития форм кредитных отношений и исследует различные взгляды на этот вопрос. Автор также высказал свое мнение об этапах развития форм кредитных отношений*

***Ключевые слова.*** *Экономические отношения, нестабильность, денежный рынок, кредит, заемщики, процент, субъект, капитал, кредитные отношения, банковское дело, эволюция.*

## *CREDIT AS A FACTOR IN ECONOMIC DEVELOPMENT*

***Rakhimova Azima Valievna -*** *Art. Lecturer of the Department of Banking, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. E-mail: R_Azima_81_81. @ Mail.ru. Tel: (+992) 918750767*

*In this article, the author conducts a study of one of the key problems, without which it is impossible to imagine a new society, which in modern conditions actively contributes to the renewal of a number of issues in the field of development of forms of lending. The author also pays priority attention to the historical aspects of the development of forms of credit relations and explores different views on this issue. The author also expressed his opinion on the stages of development of forms of credit relations*

***Keywords.*** *Economic relations, instability, money market, credit, borrowers, interest, subject, capital, credit relations, banking, evolution.*

## *ҚАРЗ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ*

***Раҳимова Азима Валиевна*** *– м.калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: R_Azima_81_81.@mail.ru. Тел: (+992)918750767*

*Муаллиф дар ин мақола тадқиқоти яке аз муаммоҳои асосиеро, ки бе он ҷамъияти наверо тасаввур кардан мумкин нест, ки дар шароити ҳозира ба навсозии як қатор масъалаҳои соҳаи инкишофи шаклҳои қарздиҳӣ фаъолона мусоидат мекунад. Муаллиф ба ҷанбаҳои таърихии инкишофи шаклҳои муносибатҳои қарзӣ низ аҳамияти аввалиндараҷа дода, доир ба ин масъала андешаҳои гуногунро таҳқиқ кардааст. Муаллиф инчунин оид ба марҳалаҳои инкишофи шаклҳои муносибатҳои қарзи фикри худро баён кардааст*

***Калидвожаҳо:*** *Муносибатҳои иқтисодӣ, ноустуворӣ, бозори пул, қарз, қарзгирандагон, фоизҳо, субъектҳо, сармоя, муносибатҳои қарзӣ, фаъолияти бонкӣ, эволютсия.*

Одной из важнейших категорий экономической науки является кредит. Это обусловлено, в первую очередь, тем, что кредит играет огромную роль в хозяйственной жизни, являясь, по сути, стимулятором производственного процесса, двигателем торговли. При этом кредит выполняет и социальную функцию, обеспечивая удовлетворение потребностей населения в тех или иных благах в настоящий момент. Объективно кредит может и не оказывать воздействие на жизнь отдельного человека, однако в жизни общества при его поступательном развитии, роль кредита неоценима.

Термин «кредит» происходит от латинского слова «creditum» - ссуда, долг. В

настоящее время в научном сообществе еще не сформировалось единой трактовки данного понятия, в связи с чем, возникают определенные трудности при изучении этой категории. Некоторые ученые отождествляют кредит с движением ссудного капитала, а ссудный капитал представляют как денежный капитал. На наш взгляд, такое понимание кредита не полное и не охватывает всю сложность этого явления. [2, с.57-62]

Для раскрытия сущности кредита, необходимо обратиться к истокам экономической мысли и дальнейшему ее развитию.

Зарождение кредитных операций можно напрямую связать с обменом экономическими благами между субъектами, то есть их развитие началось еще до появления примитивных форм денежных отношений. В дошедших до нас источниках античных мыслителей, на ранних стадиях научного анализа, основная масса экономических явлений остается лежать нетронутой на территории здравого смысла, и лишь небольшие фрагменты этой массы возбуждают научное любопытство, и превращаются в объекты исследования.

В античной философии мы встречаем поверхностные размышления лишь о природе процента на капитал и его влиянии на жизнь общества, как и об экономике в целом. Например, Аристотель осуждал процент, который во всех случаях считал «ростовщическим», на том основании, что не существует оправдания росту денег при переходе из рук в руки. Последователи его учения - ранние схоласты - Александр из Гэльса, Альберт Великий, Фома Аквинский, - также осуждали процент как противоречащий коммутативной справедливости, не внося ничего нового в идеи Аристотеля. О причинах выплаты процента стали задумываться значительно позже, лишь во времена позднего средневековья.

Необходимо отметить, что греко-римская философия и философия средневековья мало акцентировалась на экономических проблемах. Она скорее носила характер эмпирического учения о вещах и явлениях, а в дальнейшем стала более теологизированной, вскользь рассматривая экономические процессы. Какой-либо системы экономической знаний в то время не существовало, а рассматриваемые экономические проблемы позиционировались скорее с моральной стороны, чем научной.

Еще одной причиной малой изученности кредитных отношений в античный период и период средневековья является существовавшая в то время денежная система, в основе которой лежали полноценные деньги. Например, схоласты и их светские последователи, наблюдая договоры купли-продажи, предусматривающие оплату с рассрочкой, аналитически разделяли их на собственно продажу и предоставление денежного займа. В результате для схоластов ни ссуда в обычном смысле слова, ни предоставление или получение кредита в ходе торговой или любой другой сделки не были связаны с монетарной системой и ее работой. Конечно, данные операции предполагали использование денег, но лишь в том смысле, в каком они используются при простой покупке за деньги.

Кредитные операции любой формы и типа оказывают воздействие на работу денежной системы и экономики; еще более важно то, что они влияют на работу капиталистического механизма в такой степени, что становятся существенной его частью; без постижения их сути совершенно невозможно понять остальное. Такова была суть открытий экономистов 17 века, а экономисты 18 века пытались выработать соответствующие концепции. При этом неизгладимый отпечаток на исследования экономистов того время оставила бурно развивающаяся банковская система. Поэтому кредит, кредитные операции, влияние кредита на торговлю и промышленность

рассматривались через призму банковского кредитования.

Многие экономисты современности выделяют две основные концепции, возникшие на рубеже 17-18 веков: капиталотворческая и натуралистическая.

Основоположником капиталотворческой концепции является английский экономист Дж. Ло. Причина появления капитал творческой концепции связана, в первую очередь, с бурным развитием в то время банков и эмиссии ими кредитных обязательств. Дж. Ло отмечал, что наличие неиспользованных земель и рабочих рук есть следствие недостаточного количества денег. Вместе с тем, простейший способ увеличения их количества без расширения добычи золота он видел в выпуске кредитных денег. Дж. Ло отождествлял кредит с деньгами и богатством. По его мнению, кредит способен привести в движение все неиспользованные возможности страны, создавать богатство и капитал.

Банки он рассматривал не как посредников, а как создателей капитала. Ло принадлежит идея об организации эмиссионного банка. Но ввиду краха банковской системы, предложенной Ло, данная концепция не стала популярной в те годы.

Однако она была возрождена во второй половине 19 века английским экономистом Г. Маклеодом. Почвой для этого послужило интенсивное развитие кредитных операций банков на основе депозитной эмиссии. Яркими представителями этой теории являлись также И. Шумперт и А. Ган. И. Шумперт считал, что расширенное воспроизводство начинается с создания банками дополнительной покупательной силы, т. е. кредитования предприятий за счет депозитной эмиссии как единственного источника финансирования прироста производственных мощностей.

Причину образования капитала А. Ган также видел в кредитовании. По этому поводу он писал: «Образование капиталов не есть следствие сбережений, а кредита; кредит предшествует капиталообразованию», «Без кредитования не могут производиться другие капитальные блага, не может происходить капиталообразование в смысле образования средств производства».

Натуралистическую концепцию впервые обосновали видные английские экономисты А. Смит и Д. Рикардо. Этой концепции придерживались представители так называемой исторической школы Германии и Австрии, французские экономисты Ж. Сэй, Ф. Бастия и американский экономист Д. Мак-Куллох.

Основные постулаты экономистов натуралистической концепции заключались в следующем:

* объектом кредита являются натуральные, т. е. не денежные вещественные блага;
* кредит представляет собой движение натуральных общественных благ, и поэтому он есть лишь способ перераспределения существующих в данном обществе материальных ценностей;
* ссудный капитал тождественен действительному, следовательно, накопление ссудного капитала есть проявление накопление действительного капитала, а движение первого полностью совпадает с движением производительного капитала;
* поскольку кредит выполняет пассивную роль, то коммерческие банки являются лишь скромными посредниками.

Конечно, каждая концепция несла много положительных идей, но ни одна не была единственно достаточной и полной, всеобъемлюще описывающей состояние кредита и кредитной системы того времени.

В современной экономической науке нашей страны сложились два подхода к определению сущности кредита: перераспределительная и фондовая теории. В основе первого направления лежит представление о кредите как перераспределении временно

свободных денежных средств. По мнению В.С. Геращенко, Н.Г. Сычева, Б.Г. Болдырева, Б.В. Лаврова, содержание кредитных отношений состоит в аккумуляции денежных средств и передаче их кредитующим организациям, хозяйствующим субъектам или отдельным лицам во временное пользование с обязательным возвратом в установленный срок и внесением платы за пользование ресурсами. [3, с.7]

Сторонники второго направления характеризуют кредит как движение ссудного капитала. Эта концепция исходит из необходимости изучения сущности кредита на базе его простейших форм, например, обычной кредитной сделки. Согласно данной трактовке, между кредитором и заемщиком могут быть разнообразные субъекты воспроизводственного процесса и отношения между ними будут кредитными, если они по своим свойствам характерны для кредита в целом.

Указанные теории имеют существенные различия, из которых наиболее важные представлены в табл. 1.

**Таблица 1 - Сравнительная характеристика перераспределительной и фондовой теории**

| Критерии оценки | Перераспределительная теория | Фондовая теория |
|---|---|---|
| Функции Кредита | Перераспределительная функция кредита является единственно важной, так как именно перераспределение благ показывает сущность кредита. | Помимо перераспределительной функции, кредит выполняет и другие: воспроизводственную, стимулирующую, эмиссионную и др. |
| Границы кредита | Сторонники этой концепции рассматривают кредитные отношения как отношения банка с другими участниками общественного производства. | Кредитные отношения могут возникать между различными субъектами хозяйственной деятельности, если они по своей сути являются кредитными. |
| Объект кредита | Объектом передачи являются временно свободные денежные средства, оседающие на счетах в банках, у населения, а также находящиеся в обращение | передачи во временное пользование является ссуженная стоимость, которая может иметь и отличные от денежной формы |
| Основные стадии кредита | Наиболее важной стадией кредита является аккумуляция денежных средств | Исходной стадией движения ссуженной стоимости является размещение |

Как видно из данных табл. 1, существующие подходы в некоторой степени противоречат друг другу, что, как мы уже отмечали, порождает определенные трудности

при изучении категории «кредит».

В первую очередь, это предопределяет множество подходов к пониманию сущности кредита, на основании которых разрабатываются разнообразные классификации, системы, понятия, связанные с кредитом, что приводит к различным толкованиям в научном сообществе равнозначных явлений.

На наш взгляд, кредит представляет собой систему экономических отношений, объединяющую субъектов кредита по поводу разновременного предоставления и возврата объекта кредита.

**Список использованной литературы**


1. Астапович, А. Банковская система и проблемы кредитования экономики / А. Астапович // Мировая экономика и международные отношения. - 2003. - № 10.
2. Банковское дело / Под ред. О.И. Лаврушина. - М: Финансы и статистика, 2018.-57-62 с.
3. Куручбекова А. Б. Развитие кредитных отношений в условиях трансформации экономики. Дисс. Стр. 7.
4. Бартенев, С. А. История экономических учений / С. А. Бартенев.- М: Юрист, 2001.-456 с.
5. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе «Эр-граф» 2018. Саҳ 485
6. Электронный ресурс. Wikipedia. wikipedia - кредит. [В Интернете] 2012 г. [Цитировано: 16 Ноябрь 2013 г.] http://ru.wikipedia.org/wiki (дата обращения 16.04.2020)
7. Электронный ресурс. Time.by/uspeshnyy-biznes/vsyo-o-kreditah-istoriya-vozniknoveniya-kredita (дата обращения 25.01.2019)


## БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАНЗИМИ МАКРОИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


**ДОСИЕВ М. Н. -** *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, Тоҷикистон, Душанбе, маҳ. С.Носир, 33. тел: (+992) 918 11 96 48. E.mail; dostiev68@mail.ru.*



*Дар мақола буҷети давлатӣ ҳамчун омили танзими макроиқтисодӣ дар шароити муосир баррасӣ карда шудааст. Таъкид шудааст, ки буҷети давлатӣ звенои асосии системаи молиявии мамлакат буда, муносибатҳои иқтисодиро оиди ташаккул, тақсим ва истифодаи фонди пулии марказонидашуда инъикос менамояд. Давлат бо ёрии буҷети давлатӣ имкон дорад захираҳои молиявиро ба самтҳои муҳим ва ҳалкунандаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равона кунад. Маҳз тавассути буҷети давлатӣ азнавтақсимкунии даромади миллӣ байни соҳаҳо, минтақаҳо ва бахшҳои фаъолияти ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад.*



***Калидвожаҳо:*** *буҷети давлатӣ, даромади миллӣ, фонди пулии марказонидашуда, иқтисоди миллӣ, маблағҳои пулӣ, механизми молиявӣ, низоми молиявӣ.*


## ГОСУДАРСТВЕННЫЙ БЮДЖЕТ КАК ФАКТОР МАКРОЭКОНОМИЧЕСКОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ


*В статье рассматривается государственный бюджет как фактор макроэкономического регулирования в современных условиях. Подчеркнуто, что государственный бюджет является основной единицей финансовой системы страны и*

*отражает экономические отношения по формированию, распределению и использованию централизованного денежного фонда. С помощью государственного бюджета государство имеет возможность направлять финансовые ресурсы на важные и решающие направления социально-экономического развития. Именно через государственный бюджет осуществляется перераспределение национального дохода между отраслями, регионами и отраслями общественной деятельности.*

***Ключевые слова:*** *государственный бюджет, национальный доход, централизованный денежный фонд, национальная экономика, денежные фонды, финансовый механизм, финансовая система.*

## STATE BUDGET AS A FACTOR OF MACROECONOMIC REGULATION IN MODERN CONDITIONS

*The article examines the state budget as a factor of macroeconomic regulation in modern conditions. It is emphasized that the state budget is the main unit of the country's financial system and reflects economic relations regarding the formation, distribution and use of a centralized monetary fund. With the help of the state budget, the state has the opportunity to direct financial resources to important and decisive areas of socio-economic development. It is through the state budget that the redistribution of national income between industries, regions and sectors of public activity is carried out.*

***Key words:*** *state budget, national income, centralized monetary fund, national economy, monetary funds, financial mechanism, financial system.*

Дар ташаккул ва рушди сохти иқтисодии ҳамаи давлатҳо нақши ҳалкунандаро танзими давлатӣ, ки дар доираи сиёсати иқтисодиии интихобнамудаи давлат амалӣ карда мешавад, мебозад. Яке аз механизмҳои хело муҳим, ки ба давлат имкон медиҳад танзими иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди ҷомеаро амалӣ намояд, механизми молиявӣ мебошад, ки он низоми молиявии ҷомеа буда, звенои асосии он буҷети давлатӣ ба шумор меравад. Маҳз тавассути низоми молиявӣ давлат фондҳои пулии марказонидашударо ташаккул дода, ба ҷараёни ташаккули фондҳои пулии ғайримарказонидашуда мусоидат менамояд ва имконияти иҷрои вазифаҳои ба уҳдаи мақомоти давлатӣ вогузоршударо таъмин мекунад.

Буҷети давлатӣ механизмест, ки ба давлат имкон медиҳад сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии худро дар амал татбиқ намояд. Ҳаракати фаъолонаи мамлакатҳо бо роҳи иқтисоди бозорӣ, рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ аз бисёр ҷиҳат бо шарофати фаъолияти самараноки системаи буҷетии мамлакат амалӣ мегардад [4].

Буҷети давлатӣ звенои асосии системаи молиявии мамлакат буда, муносибатҳои иқтисодиро оиди ташаккул, тақсим ва истифодаи фонди пулии марказонидашуда инъикос менамояд. Давлат бо ёрии буҷети давлатӣ имкон дорад захираҳои молиявиро ба самтҳои муҳим ва ҳалкунандаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равона кунад. Маҳз тавассути буҷети давлатӣ азнавтақсимкунии даромади миллӣ байни соҳаҳо, минтақаҳо ва бахшҳои фаъолияти ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад.

Буҷет равшан нишон медиҳад, ки захираҳои молиявӣ аз субъектҳои хоҷагидории гуногун чӣ тавр ба ихтиёри давлат ворид мешавад, оё ҳаҷми захираҳои марказонидашудаи давлат ба андозаи талаботи он мувофиқат мекунад.

Буҷети давлатӣ ба рушд ва болоравии соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, тезонидани суръати прогрессии илмӣ-техникӣ, навсозӣ ва такмили манбаи моддӣ-техникии истеҳсоситаи ҷамъиятӣ таъсири воқеӣ мерасонад.

Буҷет аз калимаи англисии «budget» буда, маънои «киса» ё «халта»-ро дорад. Вақте палатаи намояндагони Англия дар асрҳои XVI-XVII субсидияро барои шоҳ

тасдиқ менамуд, он гоҳ пеш аз анҷоми ҷаласа канслери хазинадорӣ (вазири молия) портфелеро кушод, ки дар он қоғазе нигоҳ дошта мешуд ва дар он қоғаз лоиҳаи қонун дар бораи буҷети давлат сабт гардида буд. Ин ҳолатро кушодашавии буҷет номида, баъдтар номи он портфелро буҷет номиданд. Дар Англия аз охири асри XVII сар карда ҳуҷҷатеро, ки дар он нақшаи даромадҳо ва хароҷоти давлат сабт шуда буд ва аз ҷониби парламент тасдиқ карда мешуд, буҷет меномиданд [3].

Буҷет - нақшаи ташаккул ва истифодаи воситаҳои пулӣ барои таъмини татбиқи вазифаҳои давлат. Эътирофи буҷети давлатӣ ҳамчун нақшаи асосии молиявӣ нақши муҳими онро дар азнавтақсимкунии даромади миллӣ муайян менамояд.

Ба воситаи буҷети давлатӣ нисфи (баъзан бештар) даромади миллӣ аз нав тақсим карда мешавад.

Аз ин ҷост, ки буҷет ба давлат имкон медиҳад на фақат талаботи худро ба захираҳои молиявӣ таъмин кунад, балки ба ҳаёти ҷомеа таъсири фаъолона расонида, иҷрои барномаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатро таъмин намояд.

Буҷети давлатӣ қисми асосӣ ва марказии низоми давлатии молиявӣ буда, муносибатҳои пулиеро дар бар мегирад, ки дар ҷараёни он фонди буҷетӣ ташкил ва истифода мешавад.

Моҳияти иқтисодии буҷети давлатиро чунин шарҳ додан мумкин аст:

- аввалан, буҷети давлатӣ нақшаи асосии молиявии ташкил ва истифодаи воситаҳои пулии мақсаднок барои таъмини вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ буда, дар шакли тавозуни даромадҳо ва хароҷот ташкил карда мешавад;

- дуюм, буҷети давлатӣ маҷмӯи муносибатҳои пулиест, ки хосияти объективӣ дошта, дар байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ оиди азнавтақсимкунии даромади миллӣ (баъзан боигариҳои миллӣ низ) вобаста ба зарурати қонеъ гардонидани манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаи мамлакат ва ё воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии мувофиқ (вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо, ҷамоатҳо) ба вуҷуд меояд [4].

Аз таҳлили адабиёти иқтисодӣ бар меояд, ки буҷети давлатӣ ба ҷараёни ташаккули нишондиҳандаҳои муҳими иқтисодӣ бевосита таъсир мерасонад (расми 1).

**Расми 1. Таъсири буҷети давлатӣ ба ҷараёни ташаккули нишондиҳандаҳои муҳими иқтисодӣ**




*Манбаъ: Ҳасанов А.Р., Содиқов Р.Ҳ. Буҷети давлатӣ (китоби дарсӣ). - Душанбе: «ЭР-граф», 2018. - 368 с. [7].*

Мазмуни моддии буҷети давлатӣ ҳаҷми даромадҳо ва хароҷоти онро муайян менамояд ва он аз бисёр омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста мебошад.

Дар байни омилҳои объективӣ ҷойи аввалро сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, иқтидори иқтисодии мамлакат, характери муносибатҳои истеҳсолӣ, хусусиятҳои иқтисодӣ, табиӣ, иҷтимоӣ ва ғайра ишғол менамоянд. Ба омилҳои субъективӣ сохти идоракунии давлат, сиёсати иқтисодии ҳукумат, сатҳи рушди илмҳои иқтисодӣ, аз ҷумла, молиявӣ ва ғайра мансубанд.

Дар моддаи 2-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, ки «буҷети давлатӣ - фонди асосии маблағҳои пулӣ, шакли ташаккул ва хароҷоти маблағҳои пулии мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва фондҳои мақсадноки буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад» [1].
Буҷети давлатӣ чунин таъриф додан мумкин аст (расми 2).

Расми 12.2. Таърифи буҷети давлатӣ




Манбаъ: Ханкевич П.И. Государственный бюджет: учебное пособие.

Под. ред. Ткачук М.И.. Мн.: Высш. шк. - 2019. - 240 с. [6].

Буҷет барои давлат, аз як тараф, асоси таъмини бевоситаи фаъолияти он буда, аз ҷониби дигар, воситаи муҳими молиявӣ барои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад.

Мазмуни дохилии буҷети давлатӣ пурра дар вазифаҳои он ифода ёфтааст. Буҷети давлатӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- тақсимкунӣ (азнавтақсимкунии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ);
- танзимкунӣ ва ҳавасмандгардонӣ (танзимкунии давлатӣ ва ҳавасмандкунии рушди иқтисодиёт);
- иҷтимоӣ (таъмини иҷтимоии татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат);
- назоратӣ (назорат ба ҷараёни ташаккул ва истифодаи фонди пулии марказонидашудаи давлат) [3].

Тавассути вазифаи тақсимкунии буҷет ҷараёни тақсимкунии маблағҳо ба соҳаҳои иистеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, тақсимкунии байниминтақавӣ ва байнисоҳавии захираҳои молиявӣ амалӣ карда шуда, фондҳои таъиноти махсус ташкил карда мешавад ва воситаҳои пулӣ ба ихтиёри давлат гузашта, бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи умумидавлатӣ истифода бурда мешавад.

Тақсимкунии байниминтақавӣ ва байнисоҳавии даромади миллӣ мувофиқи талаботи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо, соҳаҳои хоҷагии халқ амалӣ карда мешавад. Соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ дар ташкили даромади миллӣ иштирок намекунанд, вале истеъмолкунандаи фаъоли он ба шумор меравнд.

Аз буҷети давлатӣ маблағҳо барои пардохти музди меҳнат, таъмини техникӣ ва нигоҳдошти соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг) ҷудо карда мешавад. Вазифаи тақсимкунии буҷети давлатӣ маънои онро дорад, ки давлат маблағҳои дар фонди марказонидашудаи давлатӣ ҷамъовардашударо аз нав тақсим менамояд, яъне он маблағҳоро барои рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, маблағгузорӣ ба соҳаҳои афзалиятнок, бозсозии сохтории иқтисодиёт, тезонидани прогрессии илмӣ-техникӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ равона мекунад [5].

Моҳияти вазифаи танзимкунӣ ва ҳавасмандгардонии буҷети давлатӣ дар он ифода меёбад, ки буҷети давлатӣ ба воситаи хароҷот ва андозҳо ҳамчун воситаи муҳими танзимкунӣ ва ҳавасмандгардонии иқтисодиёт ва сармоягузорӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсвосита истифода мешавад.

Давлат ба воситаи буҷет соҳаҳои хоҷагии халқро дастгирӣ ва ҳимоя менамояд. Барои танзими иқтисодиёт давлат аз механизми андозбандӣ васеъ истифода мебарад.

Ба андешаи мо мазмуни вазифаи иҷтимоии буҷети давлатӣ дар он инъикос меёбад, ки ҳангоми тақсимкунии захираҳои молиявии давлат тавассути буҷет диққати аз ҳама бештар ба маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дода мешавад. Дар сиёсати иҷтимоии давлат, ки асосан аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешавад, афзалият ба дастгирии қишрҳои эҳтиёҷманд (нафақахурон, маъюбон, донишҷӯён, оилаҳои камбизоат), инчунин муассисаҳои тиббӣ, маориф, ҳимояи иҷтимоӣ, фарҳанг дода мешавад.

Назорати буҷетӣ се ҳадафи асосиро дар бар мегирад:

- сафарбаркунии маблағҳо ба фонди марказонидашудаи давлатӣ;
- риояи низоми сарфакорӣ ҳангоми хароҷоти маблағҳои буҷетӣ;
- баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ.

Ҳамин тавр, бояд зикр намуд, ки вазифаи назоратии буҷети давлатӣ дар ҷараёни ташаккул ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ амалӣ карда шуда, имкон медиҳад муайян карда шавад, ки захираҳои молиявӣ (андозҳо ва ғайра) аз субъектҳои хоҷагидории гуногун чӣ тавр ба буҷет ворид мешаванд. Асоси вазифаи назоратии буҷети давлатиро ҳаракати захираҳои буҷетӣ, ки дар нишондиҳандаҳои мувофиқи даромад ва хароҷот инъикос меёбад, ташкил мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №5, 2011.
2. Алимардонов У. Молия. - Душанбе, Ирфон. - 2014. - 358 с.
3. Акобиров Ҳ.А. Молия. - Душанбе, Сумани Қудрат. - 2011. - 284 с.
4. Гурӯҳбандии даромаду хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.06.2019. №40.
5. Каримова М.Т., Мӯминова Ф.М., Соҳибов Ш.К. Роҳнамои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2012. - 188 с.
6. Ханкевич П.И. Государственный бюджет: учебное пособие. Под. ред. Ткачук М.И.. Мн.: Высш. шк. - 2019. - 240 с.
7. Ҳасанов А.Р., Содиқов Р.Ҳ. Буҷети давлатӣ (китоби дарсӣ). - Душанбе: «ЭР-граф», 2018. - 368 с.

# АУДИТИ ДОХИЛӢ: РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ОН ДАР НИЗОМИ НАЗОРАТИ ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ

***Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич** – ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к. Нахимов,64/4. (+992)93-535-30-05 **E-mail:** Fakhriddin0007@mail.ru*

***Саёраева Рухшона Шайховна** – ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к. Нахимов,64/4. (+992)931-14-30-10*

***Аннотация:** Дар мақолаи мазкур оид ба нақши аудити дохилӣ дар низоми назорати корпоративӣ моҳият ва аҳамияти он, вазифаҳои он, муаммоҳо ва ҳалли онҳо самтҳои имконпазир таъкид карда мешаванд. Инчунин дар мақола хусусиятҳои низоми муосири назорати корпоративӣ, аудити дохилӣ ва масъулияти аудиторҳо дида баромада мешаванд.*

***Ключевые слова:*** *налоги, налоговая система, налоговый кодекс, влияние налогов на производсто, экономический рост, налоговое бремя, эластичность налоговой системы.*

## *METHODOLOGICAL AND PRACTICAL ASPECTS OF THE INFLUENCE OF THE TAX SYSTEM ON ECONOMIC GROWTH*

*Based on an analysis of the views of representatives of different schools and areas of economic theory, the article shows the influence of the tax system on economic growth and substantiates the position that taxes, when properly managed, are the most important factor in ensuring economic growth. The authors also investigated trends in the tax burden and elasticity of the tax system during the years of state independence and assessed the current tax system of*

*the country. It is noted that the influence of the tax system on economic growth depends, first of all, on the level of the tax burden of the degree of implementation of the stimulating function of taxes. In this context, there is a need to review the main components of the tax system on the basis of the development and adoption of a new version of the Tax Code of the country, but taking into account the implementation of the principle of sufficiency of tax revenues to the budget and strengthening the stimulating role of taxes in expanding the tax base of all their types of taxes.*

***Keywords:*** *taxes, tax system, tax code, the impact of taxes on production, economic growth, tax burden, elasticity of the tax system.*

Дар адабиёти иқтисодӣ ба таъсири низоми андоз ва унсурҳои он ба рушди иқтисодӣ таваҷҷӯи хоса дода мешавад. Назарияҳои зиёде мавҷуданд, ки аз пурра рад кардани таъсири низоми андоз то эътироф намудани он ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ бахшида шудааст.

Аз ин лиҳоз, арзёбии таъсири низоми андоз ба рушди иқтисодӣ яке аз масъалаи мубрами назарияи андоз ва андозбандӣ мебошад, зеро дар шароити иқтисоди бозорӣ андозҳо фишанги асоси танзими давлатии иқтисодиёт баромад мекунад.

Бори аввал масъалаи таъсири андозҳо ба рушди иқтисодӣ аз ҷониби иқтисодшиноси англис Маккол Д. гузошта шуда буд. Вай менависад, ки «Смит фаромӯш кардааст, ки болоравии андоз ба миллат монанди ба хароҷоти зарурии шахси алоҳида афзоиши оилаи ӯ, таъсир мерасонад. Фишори афзояндаи андоз дар давраи ҷанг, аз соли 1793 сар карда, ки онро ҳамаи синфҳо эҳсос карданд, ба меҳнатдӯстӣ, кордонӣ ва ихтироъ водор намуд ва рӯҳияи иқтисодиётро баланд бардошт, ки мо онро бо воситаи фишангҳои дигаре сусттаъсиррасон ба даст оварда наметавонистем. Агар андозҳо бори гаронтар намебуданд, онҳо чунин натиҷа дода наметавонистанд.[32]

Дар асарҳои марҷиналистҳо (Госсен Г., Ҷевон В., Валрас Л. ва дигарон) таъсири андозҳо ба рушди иқтисодӣ боз ҳам асоснoктар карда мешавад. Нуқтаи назари онҳо: дар натиҷаи маҳрум кардани пардохткунанда аз миқдори муайяни маҳсулоти истеҳсолкардаи ӯ, лаззате, ки аз неъмати ниҳоӣ ба даст оварда мешавад, аз ранҷу талошҳои меҳнатӣ ҳангоми тавлид кардани он зиёдтар хоҳад буд, аз ин рӯ истеҳсол то лаҳзаи ҳаловат ва ранҷу азоб баробар шудан идома меёбад, яъне таъсири маҷбуран супорандаи миқдори муайяни молҳо бидуни эквиваленти махсус барои афзоиши истеҳсолот мусоидат мекунад.[33]

Таъсири танзимкунандаи андоз ба равандҳои макроиқтисодӣ аз ҷониби Ҷ. Кейнс дар асари машҳури вай «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» ҳамаҷониба омӯхта шудааст. Тибқи назарияи кейнсионӣ, низоми андоз бояд табиати прогрессивӣ дошта, ҳамчун воситаи ба даст овардани пасандозҳои нолозим барои сармоягузории минбаъдаи онҳо ба иқтисодиёт ва маблағгузории хароҷоти ҷории давлатӣ, ки ба афзоиши маҷмӯаи талабот дар натиҷаи афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

---

[32] Пушкарева В. М. История финансовой мысли и политики налогов: Учеб. пособие. – М.: ИНФРА-М, 1996. – 192 с.
[33] Пушкарева В. М. История финансовой мысли и политики налогов: Учеб. пособие. – М.: ИНФРА-М, 1996. – 192 с.

(ММД) оварда мерасонад. Дар ин ҷо, таъсири андозҳо ба рушди иқтисодӣ метавонад ҳавасмандкунанда ё маҳдудкунанда бошад ва он ба тариқи зайл сурат мегирад:

1. Афзоиш (коҳиш)-и хароҷоти давлатӣ дар ҳолати бетағйироти таъсири дигар омилҳо, бо назардошти таъсири мултипликатсионӣ, афзоиш (коҳиш)-и ҳаҷми ММД меорад.

2. Андозбандӣ боиси коҳиши ҳаҷми даромад баъди пардохти андозҳо мегардад. Ин коҳиш, дар навбати худ, ба кам шудани истеъмол ва пасандозҳо ва дар ниҳоят ҳаҷми ММД оварда мерасонад. Аз ин рӯ, зиёд кардан ва ё кам кардани воридотҳои андозӣ ба буҷет боиси коҳиш (зиёд) шудани ҳаҷмиММД мегардад.

3. Афзоиши баробари хароҷоти давлатӣ ва андозҳо аз сабаби таъсири нобаробари мултипликатсияи онҳо, боиси зиёд шудани ҳаҷми ММД аз ҳисоби хароҷоти давлатӣ ва андозҳо мегардад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ бояд афзоиши хароҷоти давлатӣ ё кам кардани андозҳо, ё ҳамзамон хароҷоти давлатиро афзоиш дода, андозҳо ба самти касри буҷет кам карда шаванд. Барои паст кардани суръати рушди иқтисодӣ, амалиёти баръакс ба ҷо оварда шавад: кам шудани хароҷоти давлатӣ ё баланд бардоштани меъёрҳои андоз ва ё ҳамзамон кам кардани хароҷоти давлатӣ ва баланд бардоштани меъёрҳои андозҳо дар самти ташаккули изофаи буҷа бо мақсади маҳдуд ё боз доштани афзоиши маҷмӯаи пешниҳод.

Таъсири андозбандӣ ба рушди иқтисодӣ дар ҳар ду ҳолат аз оқибатҳои каср ё профисити буҷет вобаста аст. Ҳангоми касри буҷети давлатӣ, ҳавасмандгардонии он ба иқтисод аз усулҳои маблағгузории каср вобаста аст (гирифтани маблағ бо фурӯши коғазҳои қиматнок ё гирифтани қарз аз Бонки марказӣ). Барои маблағи муайяни барзиёдии буҷет, таъсири дефлятсионии он аз чӣ гуна барҳам додани барзиёдии буҷет вобаста аст (баргардонидан ё бозхонд аз муомилот.[34]

Намояндагони мактаби иқтисодиёти пешниҳод (Ҷ. Мид, М. Вейденбаум, М. Бернс, Ҷ. Штайн, А. Лаффер ва дигарон) баръакси дастурҳои кейнсионӣ, бо баробарии коҳиш додани андозҳо ва васеъ кардани имтиёзҳои андозӣ барои корпоратсияҳо, коҳиши назарраси хароҷоти давлатро пешниҳод мекунанд. Андозҳои камтар, ба фикри онҳо, пасандозҳои хонаводаҳо ва даромаднокии сармоягузориро афзоиш дода, ба афзоиши меъёри андӯхт оварда мерасонад. Ба ибораи дигар, ҳангоми паст гардидани меъёрҳои андоз, иқтидори истеҳсолӣ нисбат ба пештара бо суръати баландтар афзоиш хоҳад ёфт ва боиси афзоиши маҷмӯаи пешниҳод ва афзоиши ММД тавассути фаъолияти пуршиддати соҳибкории субъектҳои иқтисодӣ мегардад. Ҳамин тавр, кам кардани меъёрҳои андоз метавонад тавассути зиёд кардани манбаи андоз афзоиши воридоти андозро ба буҷет таъмин намояд.

Бояд қайд кард, ки аксари иқтисодшиносони муосир (П. Самуэлсон, С. Умбелл, Р. Маконелл, Л. Брю ва дигарон) дар тафсири коҳиши андоз аз нуқтаи назари иқтисодиёти пешниҳод эҳтиёт ҳастанд. Аввалан, таъсири мусбати коҳиши андоз ба ҳавасмандкунӣ ба меҳнат, пасандозҳо ва сармоягузорӣ ва инчунин ҳавасмандкунӣ ба таваккалӣ то он дараҷае, ки намояндагони назарияи иқтисодиёти пешниҳод умедбахш мебошанд, шуда наметавонад. Дуюм, зиёд шудани маҷмӯаи пешниҳод аз ҳисоби васеъ намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ давраи нисбатан дарозро талаб

[34] Маконнелл К.Р., Бру С.Л. Иқтисод: принсипҳо, мушкилот ва сиёсат. Ҷилди II, М., 1997, саҳ. 249-254.

мекунад, вале таъсири афзоиши маҷмӯаи талабот ба иқтисодиёт зудтар эҳсос хоҳад шуд.

Консепсияҳои мухталифи илмиро оид ба таъсири макроиқтисодии андозҳо ба рушди иқтисодӣ таҳлил ва муқоиса намуда истода, бояд қайд кард, ки дастурҳои кейнсионӣ хусусияти дарозмӯҳлати стратегӣ доранд, вале назарияи иқтисодӣ пешниҳод, аз ҷумла монетаризм чораҳои тактикӣ мебошанд. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки онҳоро якҷоя (синтез) кардан ба мақсад мувофиқ мебошад. Синтези назарияи кейнсионӣ бо назарияи классикиро иқтисодчии маъруфи амрикоӣ Самуэлсон П. дар асари машҳури худ «Иқтисодиёт» анҷом додааст.[35]

Бо баробарии андозҳо бояд дар назар дошт, ки омилҳои зиёде ба монанди сармояи инсонӣ, сатҳи нархҳо, вазъи базавии иқтисодӣ ва раванди технологӣ пайдо мешаванд, ки ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ таъсир мерасонанд.

Дар модели намояндаи неокейнсионии Ҳаррод-Домар сармоягузорӣ омили асосии рушди иқтисодӣ ҳисобида мешавад. Ин модел барои тавозун байни шуғл, даромад, сармоягузорӣ ва истеҳсол дар кишварҳои пешрафта бештар мусоид ҳисобида мешавад. Мувофиқи ин модел, пешрафти иқтисодӣ бо афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ вобаста мебошад.[36]

Яке аз назарияҳои умумии таъсири сиёсати андозӣ ба рушди иқтисодӣ модели неоклассикии Роберт Солоу мебошад. Дар модел омилҳои калидии рушди иқтисодӣ инҳоянд: тағйироти технологии экзогенӣ ва даромади миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ. Тибқи ин назария, вақте рушди иқтисодӣ экзогенист, пас нақши давлат дар раванди рушди иқтисодӣ камтар хоҳад буд. Дар назарияи рушди экзогении Солоу, сиёсати андоз ва тағйироти меъёрҳои андоз ба рушди иқтисодии кӯтоҳмуддат таъсир мерасонад.[37]

Андозҳо, инчунин омили муҳими рушд ва танзим дар сатҳи микроқтисодӣ мебошанд. Бо ёрии имтиёзҳои андозӣ метавон ҳавасмандгардонии истеҳсоли маҳсулот барои содирот, сармоягузорӣ аз фоида дар маблағгузорӣ азнавсозӣ ва таҷдиди техникии корхонаҳо, истифодаи самараноки дороиҳои истеҳсолӣ, рушди тиҷорати хурд, ташкили ҷойҳои корӣ барои нафақахӯрон ва маъюбон, фаъолияти экологӣ ва хайрия таъмин карда шаванд. Андоз ҳамчун фишанги сиёсати микроқтисодӣ ба сарфа намудани захираҳои истеҳсолӣ мусоидат намуда, ба рушди иқтисодиёт таъсири мусбӣ мерасонад.

Андозҳо дар сатҳи микроиқтисодӣ, инчунин метавонанд ба истифодаи самараноки дороиҳои корхона таъсир расонанд. Масалан, андоз аз амволи ғайриманқул корхонаҳоро маҷбур месозад, ки таркиб ва сохтори дороиҳои истеҳсолиро муносиб кунанд ва онҳоро самаранок истифода баранд. Бояд қайд кард, ки андоз аз амволи ғайриманқул аз корхонаҳои зараровар низ ситонида мешавад ва аз ин рӯ онҳо нисбати истифодаи амволи истеҳсолии худ ғамхорӣ мекунанд.

Ҳамин тавр, андозҳо ҳангоми идоракунии моҳиронаи онҳо омили таъсирбахши таъмини рушди иқтисодӣ дар сатҳи макро ва микро иқтисодиёт мегарданд. Бо ёрии андозҳо давлат метавонад ба истеҳсолоти иҷтимоӣ, сохтор, динамика ва тақсимоти он таъсир расонда, ба пешрафти илмӣ ва техникӣ суръат

---

[35] П. Самуэльсон. Экономика. Том II. – М: НПО «АЛГОН» ВНИИСИ «Машиностроение», 1994.
[36] M.Boianovsky. Modeling Economic Growth: Domar on Moving Equilibrium, CHOPE Working Paper No.2015-10. Pg. - 41 (file:///C:/Users/acer/Downloads/SSRN- id2664149.pdf).
[37] П. Самуэльсон. Экономика. Том II. – М: НПО «АЛГОН» ВНИИСИ «Машиностроение», 1994.

бахшад, рушди иқтисодиётро ба манфиати ҷомеа тобеъ кунад, оқибатҳои манфии механизми бозорро бартараф намуда, барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ шароит фароҳам орад.

Таъсири андозҳо ба рушди иқтисодиёти миллӣ, тавре таҳқиқот нишон медиҳад, аз мукаммалӣ ва мутобиқати низоми андоз ба низоми умумии иқтисодӣ, самаранокии сиёсати фискалии давлат ва истифодаи самарабахши маблағҳои буҷетӣ, инчунин аз дараҷаи иҷрои вазифаи ҳавасмандкунии андозҳо вобаста аст.

Механизми таъсири андозҳо ба рушди иқтисодӣ пеш аз ҳама аз тағйир додани теъдод ва меъёри андозҳо, манбаҳои андозбандӣ, тағйир додани таносуби андозҳои мустақим ва ғайримустақим дар даромади андозии буҷети давлатӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва сифати маъмурикунонии андоз иборат мебошад.

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ барои таъмини рушди устувории иқтисодиёти миллӣ ва беҳтарсозии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамаи унсурҳои механизми таъсири андозҳо ба рушди иқтисодӣ васеъ истифода бурда, марҳила ба марҳила гарони андозро ба назардошти таъмини принсипи кофӣ будани даромадҳои андозӣ то ҳадди имкон паст намуд.

Бояд қайд кард, ки таъсири андозҳо ба рушди иқтисодиёти миллӣ дар болоравии ММД ва буҷаи кишвар инъикос меёбад. Барои пайгирӣ кардани зуҳуроти ин тамоюл мо динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии рушди ҷумҳуриро дар солҳои 2000 - 2021 баррасӣ менамоем. Дар солҳои 2000-2021 ММД-и кишвар 55,4 маротиба, даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ мутаносибан 84,2 ва 119,4 маротиба, даромади пулии аҳолӣ 80,1 маротиб, ҳангоми афзоиши аҳолӣ 1,6 маротиб, афзудааст. Ҳаҷми воридотҳои андозӣ ба буҷет дар ин давра 65,8 маротиб афзудааст. Инчунин, дар солҳои 2000-2021 хароҷоти буҷет барои маблағгузории бахши воқеӣ 144,8 маротиб афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети давлатӣ дар ин давра аз 14,5% то 18,7 % расидааст.[38] Ин аз таваҷҷӯи хосаи Ҳукумати мамлакат ба рушди бахши воқеъии иқтисодиёти миллӣ шаҳодат медиҳад. Истифодабарии воридотҳои андозӣ бештар ба рушди соҳаҳои бахши воқеъии иқтисодиёти миллӣ, бешубҳа, ба афзудани таъсири андозҳо ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки дар тӯли тамоми солҳои давраи таҳлилшаванда суръати афзоиши хароҷоти буҷет аз даромади он баланд буд ва бинобар ин, буҷети ин давра ҳамеша каср дошт. Дар ин ҷода, касри буҷет ҳамчун омили ҳавасмандкунандаи рушди иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад, зеро он на бо кам шудани воридотҳои андозӣ, балки бо суръати баланди афзоиши хароҷоти давлатӣ вобаста мебошад. Чунин ҳолат дуруст будани ақидаи неокейнсиониро нисбат ба касри буҷет нишон медиҳад: зиёд кардани хароҷоти давлатӣ бо баробарии паст кардани меъёрҳои андоз, яъне истифодаи касри ҳавасмандкунандаи буҷет барои зиёд кардани маҷмӯи талабот оварда мерасонад.

Аз таҳлили иҷрои буҷети давлатӣ дар солҳои охир бармеояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пӯшонидани касри буҷет аз усулҳои самаранок истифода мебарад: баровардани маблағҳои иловагӣ, ки аз ҳисоби қарзҳои ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ дастгирӣ мешаванд, хусусигардонии моликияти давлатӣ,

[38] Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ, 2021. С. 36, 37, 200, 201. 334, 335, 653-564, 658-677. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. С.449-464. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. С.25, 124, 213, 384-389.

барориш ва ҷойгиркунии векселҳои хазинавӣ, ки қурби пули миллӣ ва таваррумро нигоҳ медоранд. Чунин тарзи пӯшонидани касри буҷет, бешубҳа, ба таъмини рушди иқтисодӣ тавассути такмили низоми андозро имконпазир менамояд.

Таъсири низоми андозро ба рушди иқтисодӣ таҳқиқ карда истода қайд кардан ба маврид аст, ки таъсири низоми андоз, пеш аз ҳама аз тағйирёбии гаронии андоз ва сатҳи татбиқи вазифаи ҳавасмандгардонии андозҳо вобаста мебошад.

Дар иқтисодиёти миллӣ муайянкунии бори оптималии андоз аз нигоҳи таъмини манфиатҳои ҳам давлат ва ҳам супорандагони андоз муҳим аст. Дар аксари ҳолатҳо, бори андоз то 35% муқаррарӣ, 36-45% миёна, баланд 46-55% ва бештар аз 55% зиёд ҳисобида мешавад.[39] Ҳиссаи андозҳо дар ММД (%) дар соли 2016: Олмон - 40,6, Фаронса -47.9, Белгия -47.9; Ҷопон -28.3; Англия -34.4; Финляндия -43.6; ИМА 26.9; Испания -37.3; Ҳолланд -39,8; Туркия -32.5; Италия -43.5; Русия -19.5; Беларус -24.2; Украина -28.1, дар Озарбойҷон -21,5. [40]

Дар кишварҳои Аврупо бори андоз ба 40-50% баробар аст, то 70% даромади андозҳо ба некӯаҳволии ҷамъиятӣ (тиб, маориф, интиқолҳои гуногуни иҷтимоӣ) дар доираи васеъ сарф карда мешаванд. Тавассути чунин тақсимот, сифати зиндагии тамоми аҳолӣ меафзояд ва барои истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт ҳавасмандӣ ба вуҷуд меояд. Ин он маънои "иҷтимоию иқтисодии" андозҳоро бештар аз "иқтисодӣ" ифода мекунад. Агар дар фаҳмиши "иқтисодии" андозҳо ин ташаккули андозҳои ҷамъшуда ба манфиати давлат бошад ва дар фаҳмиши "иҷтимоию иқтисодӣ" андоз тақсимоти як қисми ММД дар сатҳи кофӣ барои рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа ва иқтисод мебошад. Ин ифодаи дурусттар ва мантиқии муносибати андозҳо ва буҷа аст.[41]

Фишанги асосии сиёсати молиявӣ ва манбаи даромади буҷет андозҳо мебошанд, ки рушди иқтисодро ҳавасманд мекунанд ва дар тақсимоти одилонаи даромад истифода мешаванд. Дар кишварҳои пешрафта, ҳиссаи андозҳо дар буҷа 70-80% -ро ташкил медиҳад.

Таҳқиқоти дарозмуддат, ки дар ҷаҳон дар соҳаи омӯзиши механизмҳои таъсири сиёсати андоз ба рушди иқтисодӣ нишон медиҳад, хусусиятҳои умумӣ таъсири андозҳо дар кишварҳои алоҳида дараҷаҳои мухталиф доранд.[42]

Баъди қабул ва амали Кодексҳои аввал, дуюм ва сеюми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтар гардидани фаъолияти мақомоти андоз ва пойдоршавии интизоми андозӣ вазъият ба таври куллӣ тағйир ёфт ва дар натиҷа сатҳи ҷамъоварии андозҳо боло рафта, бақияи қарзҳои андозӣ то ҳадди имкон кам карда шуда, воридоти андоз ба буҷети давлат афзуд.

Тибқи Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021) ба низоми андози амалкунанда тағйиротҳои куллӣ ворид карда шудаанд, аз ҷумла:

1. Шумораи андозҳо аз 10 намуд то ба 7 намуд кам карда шудаанд:

---

[39] Алакбаров Т. Налогового бремени на предпринимательской деятельности. Налоговые новости Азербайджана. №-4, 2012. - с 173.
[40] http://www.worldbank.org; http://www.imf.org.
[41] Швецов А.В. Бюджетно-налоговая политика как социально-экономическая категория. Вопросы экономики и права. Москва, 2011. № 11. - С.131.
[42] Алакбаров Т. Налогового бремени на предпринимательской деятельности. Налоговые новости Азербайджана. №-4, 2012. стр.171-180.

Ба андозҳои умумидавлатӣ инҳо дохил мешаванд: андоз аз даромад; андоз аз арзиши иловашуда; андози аксиз; андозҳо барои захираҳои табиӣ; андози иҷтимоӣ; андоз аз фурӯш (алюминийи аввалия).

Ба андози маҳаллӣ бошад, дохил мешавад: андозҳо аз молу мулк (андозҳои замин, молумулки ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт).

2. Меъёри стандартии андоз аз арзиши иловашуда аз 18% ба 15% кам гардид.

3. Меъёри андоз аз даромади шахсони воқеъӣ аз 13% ба 12% кам карда шуд.

4. Меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба намуди фаъолият:

- барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо - 13 фоиз (бетағйир);
- барои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ширкатҳои мобилӣ - 20 % (3% кам карда шудааст);
- барои фаъолият оид ба истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ -18% (5% зиёд карда шудааст);
- барои ҳама намуди фаъолияти дигар - 18 фоиз (5% кам карда шудааст).

5. Меъёри андози даромад барои ғайрирезидентҳо мутобиқи Кодекси қаблӣ 25% ва мувофиқи Кодекси нав 20% яъне 5% кам гардид.

6. Мувофиқи Кодекси қаблӣ меъёри андози иҷтимоӣ барои суғуртакунанда 25% ва барои суғурташаванда 1%, дар Кодекси андози нав бошад, барои муассисаҳои ғайрибуҷетӣ нисбати суғуртакунанда 20% ва барои суғурташаванда 2% , барои муассисаҳои буҷетӣ нисбати суғуртакунанда - 25 % ва барои суғурташаванда 1% пешбинӣ гардидааст.

7. Дар Кодекси нав имтиёзҳои андозӣ барои ҳамаи намудҳои андоз нисбат ба Кодекси қаблӣ бештар пешбинӣ гардидааст.

Инчунин дар Кодекси нав низомҳои махсуси андозбандӣ (низоми андозбандии фаъолият дар минтақаи озоди иқтисодӣ, низоми андозбандии субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок, низоми андозбандии фаъолияти соҳибкории шахсони воқеӣ дар асоси патент ё шаҳодатнома анҷом дода мешавад, низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд, низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ, низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво, низоми содакардашудаи андозбандӣ барои фаъолияти инноватсионию технологӣ) пешбинӣ гардиданд, ки онҳо имтиёзҳои зиёде андозиро дошта, барои ҳавасмандкунии соҳибкорони истеҳсолӣ нигаронида шудааст.[43]

Дар маҷмӯъ Кодекси андози таҳрири нав, ки аз 01 январи соли 2022 мавриди амал қарор гирифт, бешубҳа, сарбории андозро ба субъектони соҳибкории истеҳсолӣ коҳиш дода, онҳоро барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ҳавасманд мекунад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 омадааст: «То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораҳои сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст. Дар соли 2022

маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла аз ҳисоби паст ва бекор кардани меъёрҳои 5 намуди андоз зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ҳамчун дастгирӣ дар ихтиёрӣ субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мемонад».[44]

Дар натиҷаи такмили низоми миллии андоз тибқи Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021) фазои соҳибкорию сармоягузорӣ беҳтар гашта,ба рушди соҳибкорӣ мусоидот намудааст. Тибқи ҳисоботи Кумитаи андози дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 теъдоди соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳо 681114 нафарро ташкил додааст ва нисбат ба солҳои 2020 ва 2021 мувофиқан 11,4% ва 5,3% зиёд мебошад. Ҳаҷми андозҳои ба буҷет супоридашудаи онҳо дар соли 2022 13156,6 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба солҳои 2020 ва 2021 мувофиқан 54,9% ва 13,8 % зиёд мебошад.

Бинобар ин, паст намудани гарони андоз ва муносибкунии муносибатҳои андозӣ, аз ҷумла баланд бардоштани сифати маъмурикунонии андоз, бешубҳа, ба рушди соҳибкорӣ, афзоиши ҳаҷми даромадҳои андозӣ ва ММД-и мамлакат мусоидот мекунад.

**Адабиёт:**


7. Пушкарева В. М. История финансовой мысли и политики налогов: Учеб. пособие. – М.: ИНФРА-М, 1996. – 192 с.
8. Пушкарева В. М. История финансовой мысли и политики налогов: Учеб. пособие. – М.: ИНФРА-М, 1996. – 192 с.
9. Маконнелл К.Р., Бру С.Л. Иқтисод: принсипҳо, мушкилот ва сиёсат. Ҷилди II, М., 1997, саҳ. 249-254.
10. П. Самуэльсон. Экономика. Том II. – М: НПО «АЛГОН» ВНИИСИ «Машиностроение», 1994.
11. M.Boianovsky. Modeling Economic Growth: Domar on Moving Equilibrium, CHOPE Working Paper No.2015-10. Pg. - 41 (file:///C:/Users/acer/Downloads/SSRN- id2664149.pdf).
12. П. Самуэльсон. Экономика. Том II. – М: НПО «АЛГОН» ВНИИСИ «Машиностроение», 1994.
13. Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ, 2021. С. 36, 37, 200, 201. 334, 335, 653-564, 658-677. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. С.449-464. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. С.25, 124, 213, 384-389.
14. Алакбаров Т. Налогового бремени на предпринимательской деятельности. Налоговые новости Азербайджана. №-4, 2012. - с 173.
15. http://www.worldbank.org; http://www.imf.org.
16. Швецов А.В. Бюджетно-налоговая политика как социально-экономическая категория. Вопросы экономики и права. Москва, 2011. № 11. - С.131.
17. Алакбаров Т. Налогового бремени на предпринимательской деятельности. Налоговые новости Азербайджана. №-4, 2012. стр.171-180.
18. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомали Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» https://mfa.tj/tg/main/view/11820/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-muhtaram-emomali-rahmon-dar-borai-samthoi-asosii-sijosati-dokhili-va-khorijii-jumhuri (санаи муроҷиат: 12.01.2023).

# ЗАРУРАТИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХУСУСӢ БА СОҲАИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Бобошерова Ф.Г.***– *докторанти PhD курси 3-юм, аз рӯйи ихтисоси молия, кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.*

***Тоҳири Мурсал*** – *магистрани курси 2 – юми ихтисоси молия ва қарзи ДДМИТ*

***Аннотатсия:****Дар мақолаи мазкур муаллиф нақши сармоягузории хусусиро дар маблағгузории соҳаҳои илму маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф бар ин ақидааст аст, ки маблагҳои буҷетӣ на ҳамеша барои рушди соҳаҳои иҷтимоии иқтисодиёт, ки рушди инноватсионии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд, кифоя мебошанд. Дар мақола санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, ки ҷанбаҳои маблағгузории соҳаҳои илму маорифро дар бар мегиранд, таҳлил карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳаҳои илму маориф, системаи маориф, сармоягузории хусусӣ, маблағгузорӣ, рушди инноватсионӣ, фаъолияти инноватсионӣ.*

***Аннотация:*** *В данной статье автором изучена роль частных инвестиций в финансировании отраслей науки и образования в Республике Таджикистан. Автор полагает, что бюджетных средств не всегда достаточно для развития социальных отраслей экономики, которые обеспечивают инновационное развитие системы образования в Республике Таджикистан. В статье проанализированы национальные нормативно-правовые акты содержащие аспекты финансирования отраслей науки и образования.*

***Ключевые слова:*** *отрасли науки и образования, система образования, частные инвестиции, финансирование, инновационное развитие, инновационная деятельность.*

***Annotation:*** *In this article, the author studied the role of private investment in financing the branches of science and education in the Republic of Tajikistan. The author believes that budgetary funds are not always sufficient for the development of social sectors of the economy, which ensure the innovative development of the education system in the Republic of Tajikistan. The article analyzes national legal acts containing aspects of financing the branches of science and education.*

***Key words:*** *branches of science and education, education system, private investment, financing, innovative development, innovative activity.*

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи рушди “иқтисодиёти дониш” меистад, ки яке аз самтҳои афзалиятноки такмили таҳсилоти касбии муосир ҳамкории ташкилотҳои илмӣ ва таълимӣ бо бахши воқеии иқтисодиёт дар заминаи инноватсионию соҳибкорӣ мебошад. Зарурати ташаккули салоіиятіои устувор ва навовариіо шарти муіими таъмини пешрафти возеҳ ва дарозмуілат шуда истодааст. Іамзамон сухан на таніо дар бораи баланд бардоштани дастрасҳ ба таісилот ва навовариіо, балки дар бораи сифати таісилот ва натиҷанокии илм меравад.

Мувофиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 дурнамои рушди дарозмуҳлати низоми маорифи ҷумҳурӣ бояд дар принсипҳо ва талаботҳои асосии зерин асос ёбанд:

- сифат ва миѕёси таҳсилоти касбӣ бояд рақобатпазирии иқтисодиёти кишварро таъмин намояд;

- бунёди иқтидори инноватсионҳо, корҳои илмию таҳқиқотҳо ва таҷрибавию лоиҳакашии худмаблағгузор, ки бо истеҳсолот алоқаи зич доранд;

- низоми маориф дар тамоми сатҳҳо бояд барои ташаккулёбии дониш ва малакаи зарурӣ ҷиҳати рушди устувор мусоидат намояд [5,с.49].

Ҳамзамон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон санаи 1 сентябри соли 2022 қайд намуданд, ки "Ҳукумати мамлакат маблағгузориро барои рушди илму маориф сол ба сол афзоиш дода истодааст. Соли 2022 ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 706 миллион сомонӣ ё ин ки 11,3 фоиз зиёд буда, 19 % ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, дар соҳаи маориф 4 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии беш аз 1 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Яъне барои соҳа, дар маҷмӯъ, қариб 7 миллиард сомонӣ равона гардидааст. Илова бар ин, соли 2022 аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои барномаҳои давлатии соҳа, хусусан, дар самти таҳсилоти томактабӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ, таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз, инчунин, рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ аввалин маротиба ба таври мутамарказ 32 миллион сомонӣ ҷудо карда шуд". [6].

Ба соҳаи маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок аҳамияти махсус дода, маблағгузорӣ ба ин бахши муҳим сол аз сол афзоиш ёфта истодааст. Сарчашмаҳои муҳимтарини маблағгузории низоми ватании маориф маблағҳое мебошанд, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ дар шакли маблағгузорӣ ва грантҳо, инчунин маблағҳо аз пешниҳоди хизматрасониҳои таълимии пулакӣ ҷудо карда мешаванд.

Дар даврони Истиқлолият дар бахши иқтисод ва молияи соҳаи маориф ислоҳоти зиёде гузаронида шуд, яъне дар солҳои охир ба маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) гузаронидани муассисаҳои таҳсилоти умумии кишварро аз комёбиҳои ин соҳа шуморидан мумкин аст. Низоми маблағгузорӣ тақсимоти шаффофу боадолатонаи маблағҳои буҷетӣ ва самаранок истифода бурдани онҳоро таъмин менамояд. Мақсади асосии ба шаклҳои нави маблағгузорӣ гузаронидани муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар таъмини истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ мебошад, ки он бо роҳи васеъ намудани мустақилияти мактабҳо дар идораи захираҳои молию пулӣ ва инсонӣ ба даст оварда мешавад [4,с172]

Аммо бояд гуфт, ки барои рушди соҳаи маориф манбаъҳои иловагии маблағгузории соҳаро пайдо кардан лозим аст. Ин манбаъҳо сармоягузории хусусӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, татбиқи Стратегия рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2020 татбиқи афзалиятҳои зеринро дар соҳаи маблағгузории илм, маориф ва дастгирии инноватсия пешбинӣ менамуд [3]:

- дар доираи маблағҳои пешбинишуда тадриҷан зиёд намудани ҳаҷми маблағгузории хусусӣ ва давлатии тадқиқоти илмӣ, маориф ва дастгирии инноватсионӣ.

Барои он ки соҳаи маориф дар кишвари мо барои сармоягузории хусусӣ ҷолиб гардад, бояд як қатор монеаҳо бартараф карда шаванд, ки ба сармоягузорон имкон намедиҳанд, ки даромаднокии сармоягузориҳои худро назорат кунанд. Чунон ки маълум аст, маблағҳои буҷетӣ барои тараққиёти соҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоии иқтисодиёт дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон на ҳамеша кифоя мекунанд.

Аз ин рӯ, ҳар як кишвар барои ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ ба соҳаи маориф бархӯрди хоси худро дорад. Дар барномаи давлатии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармоя ба соҳаи маориф аз сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ пешбинӣ шудааст. Аммо дар айни замон дар ҷумҳурии мо сармояи хусусӣ ҳамчун манбаи асосии маблағгузории бахши маориф баромад намекунад. Одатан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории мустақими хориҷӣ ба бахшҳои иқтисод, аз қабили саноати кӯҳӣ, роҳсозӣ ва коммуникатсия ва ғайра ворид карда мешаванд. Тибқи маълумоти оморӣ, сармоягузории мустақими хориҷӣ ба соҳаи маориф дар ҷумҳурии мо дар соли 2021 инҳоро ташкил додааст: ба таҳсилоти олӣ 90865,3 ҳаз.долл.ИМА; дар таҳсилоти калонсолон ва дигар таҳсилот 413.7 ҳаз.долл.ИМА.

Муаммоҳои таъминоти кадрии фаъолияти илмию техникӣ ва инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати азнавташкилдиҳии низоми миллии маорифро, ки нерӯи зеҳнӣ ва маънавии ҷомеаро ташаккул медиҳад.

Аён аст, ки барои бахши тиҷорат ин соҳа аз ҷиҳати ҷолибият яке аз ҷойҳои охиринро ишғол мекунад. Дар баробари ин ҳоло тамоми имкониятҳо мавҷуданд, ки низоми самарабахши ҷалби маблағҳои шахсӣ барои эҳтиёҷоти муассисаҳои таълимӣ ба вуҷуд оварда шаванд. Бо ёрии ин воситаҳо масъалаҳои гуногуни низоми маорифи моро ҳал кардан мумкин аст. Аммо дар соҳаи сармоягузорӣ дар соҳаи маориф баъзе мушкилот боқӣ мондааст.

Дар ин ҷо тиҷорати бузург метавонад кӯмак кунад - ширкатҳои байналмилалӣ метавонанд барои сохтмони мактабҳо ҳамчун сармоягузорӣ маблағ ҷудо кунанд, бо шарти бозгашти тадриҷан дар тӯли 10-15 сол. Инро тавассути гузоштани маблағ ба сармояи оинномавии мактаб анҷом додан мумкин аст.

Аммо танҳо бартараф кардани ин монеа барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳаи маориф кофӣ нест. Ҳар як соҳибкор мехоҳад ба баргардонидани сармоягузориҳои худ боварӣ дошта бошад. Дар шароити мавҷудаи маблағгузории муассисаҳои таълимӣ кафолат додан ба ин хеле душвор аст. Илова бар ин, механизмҳои самараноки тақсими пул ва назорат аз болои маблағҳои ҷудошуда ҷорӣ кардан лозим аст.

Ҳамаи ин тадбирҳо ба он нигаронда шудаанд, ки худи муносибат ба ҷалб ва харҷ кардани маблағ дар низоми маориф тағйир дода шавад ва аз модели анъанавии сарф кардани пул ба модели сармоягузорӣ гузаштан зарур мебошад. Ба ақидаи мо, бо ин роҳ метавон ба корҳои сохтмон, муҷаҳҳазсозӣ, азнавтаҷҳизонидани мактабҳо, марказҳои таълими иловагии мактабҳои миёна ва касбӣ, марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии ин сохторҳо соҳибкорони калону миёнаро ҷалб кард.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ”, ш. Душанбе, 16.04.2016, №822.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ш. Душанбе, 22 июли соли 2013, № 1004.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 2022. С.237
4. Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ. - Душанбе: Маориф, 2016. С-200
5. Стратегия рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2020. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2015 тахти №354 тасдиқ шудааст, Душанбе.-С.-94
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392 тасдиқ шудааст, С-104.
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, 1.09.2022 Захираи электронӣ: http://prezident.tj/ санаи муроҷиат: 15.05.2023.

## ЗАРУРИЯТИ ТАҲЛИЛИ МОЛИЯВӢ ДАР ТАЪМИНИ СУБОТИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ

***Дустова Хушнуда Фатҳуллоевна*** - *Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия, курси 2.* ***Суроға****: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон:* ***93-518-82-82.*** *E-mail:* ***hushnuda93@bk.ru***

***Аннотатсия:*** *Дар мақола масалаҳои арзёбии мунтазами вазъи молиявии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ҳамчун яке аз омилҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирӣ таҳқиқ гардидааст. Муаллиф аҳамияти истифодаи таҳлили молиявиро ҳамчун восита идоракунии фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ баррасӣ намуда, объектҳои асосии таҳлили молиявии корхонаҳои агросаноатиро гурӯҳбандӣ намудааст. Дар хулоса самтҳо ва вазифаҳои таҳлили молиявиро бо мақсади таъмини суботи корхонаҳои агросаноатӣ муайян намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *захираҳои молиявӣ, истеҳсолот, комплекси агросаноатӣ, сармоягузорӣ, пардохтпазирӣ, таҳлили молиявӣ.*

## *НЕОБХОДИМОСТЬ ФИНАНСОВОГО АНАЛИЗА В ОБЕСПЕЧЕНИИ СТАБИЛЬНОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА*

***Дустова Хушнуда Фатхуллоевна*** - *Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D кафедры финансов, курс 2.* ***Адрес:*** *734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон:* ***93-518-82-82.*** *E-mail:* ***hushnuda93@bk.ru***

***Аннотация:*** *В статье рассматриваются вопросы регулярной оценки финансового состояния предприятий агропромышленного комплекса как одного из факторов повышения эффективности производства и конкурентоспособности. Автор рассмотривая важность использования финансового анализа как средства управления деятельностью агропромышленных предприятий, классифицировал основные объекты финансового анализа агропромышленных предприятий. В заключении определены*

*направления и задачи финансового анализа в целях обеспечения устойчивости агропромышленных предприятий.*

***Ключевые слова:*** *финансовые ресурсы, производство, агропромышленый комплекс, инвестиции, ликвидность, финансовый анализ.*

## *THE NEED FOR FINANCIAL ANALYSIS IN ENSURING THE STABILITY OF ACTIVITY OF AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX ENTERPRISES*

***Dustova Khushnuda Fathulloevna*** - *Tajikistan State University of Finance and Economics, Ph.D student of the Department of Finance, course 2.* ***Address:*** *734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov street, 64/14. Telephone:* ***93-518-82-82****. E-mail:* ***hushnuda93@bk.ru***

***Annotation****: The article discusses the issues of regular assessment of the financial condition of agricultural enterprises as one of the factors for increasing production efficiency and competitiveness. The author, considering the importance of using financial analysis as a means of managing the activities of agro-industrial enterprises, classified the main objects of financial analysis of agro-industrial enterprises. In conclusion, the directions and tasks of financial analysis are identified in order to ensure the sustainability of agro-industrial enterprises.*

***Key words:*** *financial resources, production, agro-industrial complex, investments, liquidity, financial analysis.*

Баҳисобгирии номукаммал ва ба эътибор нагирифтани омилҳои берунӣ ҳангоми татбиқиислоҳоти бозорӣ дар комплекси агросаноатӣ боиси ноустувории соҳаи аграрӣ, номутаносибии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо, фарқияти назарраси даромадҳо ва коҳиш ёфтани вазъи иҷтимоию иқтисодии аксарияти аҳолии деҳоти мамлакат гардиданд.

Молия ва иқтисоди бозор ду ҷанбаи ба таври органикӣ ба ҳам алоқаманди раванди ягонаи инкишофи муносибатҳои молу пул мебошанд. Дар байни онҳо системаи ниҳоят мураккаби робитаҳои мустақим ва бозгашт вуҷуд дорад. Самаранокии фаъолияти худи молия ва умуман иқтисодиёти воқеӣ бештар аз хусусият ва шаклҳои татбиқи онҳо вобаста аст. [2, с. 62].

Молияи корхонаҳои агросаноатӣ, ки қисми муҳимтарини системаи молиявии кишварро ташкил медиҳад, хусусиятҳои худро дорад, ки бо омилҳои табиию иқтисодии раванди истеҳсолоти аграрӣ муайян карда мешавад. Ин вазъият дар баробари сиёсати давлатии комплекси агросаноатӣ ва механизми маблағгузории соҳа, ташкили истифодаи самараноки захираҳои молиявии хоҷагидориро дар сатҳи корхонаҳои комплекси агросаноатӣ тақозо мекунад.

Дар шароити ҳозира фаъолияти комплекси агросаноатӣ аз зуд тағйирёбии вазъи молиявии соҳаҳо, зерсоҳаҳо вобаста мебошад. Ин тағйирот ба фаъолияти молиявию иқтисодӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои агросаноатӣ таъсири сахт мерасонад, ки натиҷаи онҳо бо кам ё зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ва даромади гирифташуда тавсиф карда мешавад.

Дар асоси ин, таҳлили мунтазами молиявии комплекси агросаноатӣ ҳамчун яке аз омилҳое баромад мекунад, ки имкониятҳои беруна ва захираҳои дохилии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии корхонаҳоро муайян менамояд. Раванди гузаронидани таҳлили мазкур ба соҳаҳои функсионалӣ нигаронидашуда (аз ҷиҳати технологӣ ба ҳам алоқаманд) буда, фаъолияти комплекси

агросаноатӣ, яъне молия, сармоягузорӣ, истеҳсолот, маркетинг ва фурӯш, инноватсия, кадрҳо ва ғ., ки бо ҳадафҳои стратегӣ ва тактикӣ муттаҳид шудаанд, муайян мекунад.

Бинобар ин, аз руи хосияти объективии худ ва то ҳадди имкон низоми мутаносиби нишондиҳандаҳои молиявие, ки фаъолияти молиявию иқтисодии комплекси агросаноатиро ошкор мекунад, ба низоми васеъи идоракунӣ табдил ёфтааст. Ин низоми равандҳо, сохтори таркибии муайянеро дар бар мегирад, ки барои гузаронидани таҳлили молиявии оперативӣ шароити мусоид фароҳам меорад, то ба тағйироти манфӣ зуд таъсир расонад.

Дар ин мавврид аҳамияти истифодаи таҳлили молиявӣ ҳамчун воситаи идоракунии фаъолияти иқтисодии бахшҳо ва корхонаҳои агросаноатӣ меафзояд. Аз нигоҳи умумӣ объектҳои асосии таҳлили молиявии корхонаҳои КАС инҳоянд:

❖ таҳлили молиявии таркиб ва сохтори дороиҳои мавҷуда бо мақсади таъмини қобилияти доимии пардохт ва тавлиди (шакли) фоидаи корхонаҳо. Яъне ҳадафи асосии коронаҳои комплекси агросаноатӣ зиёд кардани фоидаи софи корхона, афзоиши гардиши пули накд ва сармояи саҳомӣ, инчунин баланд бардоштани арзиши бозор мебошад. Ҳамчунин, фоидаи соф ин зиёдгардии даромади умумӣ аз хароҷоти умумӣ дар фаъолияти иқтисодии комплекси агросаноатӣ мебошад. Дар маҷмӯъ қайд, намудан мумкин аст, ки таҳлили вазъи молиявии корхонаи комплекси агросаноатӣ таҳлили баҳодиҳии қобилияти корхона барои ноил шудан ба ҳадафи ниҳоӣ мебошад.

❖ таҳлили молиявии таркиб ва сохтори фондҳои асосӣ ва гардон бо мақсади омухтан ва нигоҳ доштани устувории молиявӣ ва қобилияти пардохтпазирии корхонаҳои косплекси агросаноатӣ. Тезонидани гардиши фондҳои асосӣ ва гардон ба кам шудани давомнокии давраи амалиёт ва зиёд шудани фоида оварда мерасонад. Устувории молиявии корхонаҳои КАС бо сохторҳои оптималии сармоя ва таносуби оқилонаи маблағҳои қарзӣ ва ҷалбшаванда зич алоқаманд аст. Дар баробари ин, дараҷаи даромади фондҳои дохилӣ – даромади сармоя ҳам барои соҳибмулк ва ҳам барои сармоягузорон аҳамияти калон дорад. Ҳамин тавр таъмини таносуби оқилонаи онҳо бо мақсади пешгирии таҳдиди аз даст додани устувории молиявӣ ва муфлисшавии корхонаҳо зарур аст.

❖ таҳлили молиявии тадбирҳои маҷмуавии замин оид ба баланд бардоштани ҳосилхезии иқтисодии хок, муайян кардани самаранокии маблағҳои молиявие, ки барои беҳтар намудани ҳолати заминҳои корам гузошта мешаванд: андохтани нуриҳои органикӣ ва маъданӣ (ба ҳисоби 100 фоиз) барои зироатҳо, ба таври бояду шояд гузарондани чораҳои агротехникӣ. Дар маҷмӯъ дар ҳоли имруз ба муаммоҳои муҳимтарини тараққиёти иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ масъалаи оқилона истифода бурдани захираҳои замин дохил мешаванд, ки таъмини амнияти озуқавории давлат ва дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ ба онҳо вобаста аст.

❖ таҳлили молиявии самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулот ва хизматрасонии корхонахо дар асоси тадбиқи инқилоби илму техника. Ин таҳлил маҷмӯи шаклу усулҳои пешқадами низоми идоракунии агросаноатӣ — усулҳои самарабахши идоракунии истеҳсолот, тезонидани равандҳои фаъолияти молиявию инвеститсионӣ, фаъол гардондани соҳибкорӣ ва ғайраро дарбар мегирад. Дар натиҷа имконияти қабули қарорҳои идоракуние, ки ба фаъолияти шуъбаҳо ва коркунони алоҳида таъсир мерасонад пайдо мегарданд. Ва тамоюлҳои манфии тараққиёти комплекси агросаноатӣ ошкор гардида, стратегияи дарозмуҳлат тартиб дода мешавад.

Чихеле, ки муҳақиқ Мустафаев А. А. қайд менамояд, тақвияти фаъолияти соҳибкории корхонаҳои комплекси агросаноатӣ гузаштан аз намуди фаъолияти сармоягузории суст ба рушди инноватсионии «фаъол» тамоми заминаҳои заруриро барои таъмини афзалияти рақобатӣ фароҳам меорад. [1, с. 83]. Яъне ин нуқта а он дарак медиҳад, ки таҳлили мунтазами молиявӣ зарурати ташаккули нерӯи зеҳнии корхонаҳои агросаноатиро, ки асоси афзоиши фаъолияти иқтисодии онҳо мебошад муайян мекунанд.

Яке аз нишондиҳандаҳои таҳлили молиявӣ, ки самаранокӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои агросаноатиро тавсиф мекунад, афзоиши фоида ва даромаднокӣ мебошад. Раванди идоракунии фоида тақсимоти самаранок ва истифодаи дурусти онро, яъне конеъ гардонидани талаботи корхонаҳо ба захираҳои зарурии сармояро дар бар мегирад. Фоида натиҷаи ниҳоии фаъолияти молиявии корхонаҳо буда ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкорӣ ва истеҳсолӣ мебошад.

Аз ин рӯ, ташкили устувории гардиши пулӣ, ки он аз омилҳои муҳити беруна ва дохилии корхона вобаста буда, имкон медиҳад, ки тамоми хатарҳои фаъолияти он (системавӣ ва ғайрисистемавӣ) ба назар гирифта шаванд ва шарти муҳимтарини стратегӣ мебошад. [3, с. 187].

Дар ин асно малум аст, ки натиҷаи ба даст овардани гардиши устувори пулӣ сатҳи рақобатпазирии корхона дар бозорҳои мол, сармоя ва меҳнат мебошад.

Ҳамин тариқ, захираҳои молиявӣ дар раванди такрористеҳсол нақши басо муҳим дорад. Яъне, барои пеш бурдани раванди истеҳсолот захираҳои молиявӣ заруранд. Истифодаи онҳо дар шакли аванс ва маблағгузорӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ ба амал бароварда мешавад.

Нақш ва шартҳои истифодаи захираҳои молиявӣ дар раванди такрористеҳсолии корхона тавассути вазифаҳои асосии онҳо: ҳавасмандкунӣ, тақсимотӣ ва назорат муайян карда мешавад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти ҳавасмандгардонӣ маблағгузории буҷетии бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт мебошад. Ин функсия инчунин имкон медиҳад, ки барои корхонаҳо системаи пушонидани хароҷоти истеҳсолот ва тақсими фоида ба воситаи системаи андоз (бо мақсади тезонидани суръати истеҳсолот додани имтиёзҳои андоз барои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт) муқаррар карда шавад.

Моҳияти функсияи тақсимнамоӣ, тақсимоти захираҳои молиявӣ дар раванди муомилоти маблағҳо бевосита дар корхонаҳо мебошад. Он ба корхона имкон медиҳад, ки захираҳои молиявӣ ва маблағҳоро барои мақсадҳои махсус ташаккул диҳад, ки талаботи рушди корхона ва воҳидҳои алоҳидаи онро қонеъ гардонанд.

Бо ёрии функсияи назоратӣ аз болои ҳаракатҳои чараёнҳои молиявӣ назорати доимӣ бурда мешавад, ки дар асоси он метавон назорати воқеиро аз ҳолати, динамика ва самаранокии истифодаи амволи корхона амалӣ намуд.

Дар маҷмӯъ ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар шароити муосир таъмини рақобатпазирӣ барои рушди корхонаҳои агросаноатӣ аҳамияти калон дошта, роҳбарон иқтисодчиёнро зарур аст ба дороиҳои ғайримоддӣ диққати махсус зоҳир намоянд. Такя намудан ба дороиҳои молиявӣ (сармояи анъанавӣ) кӯҳна шудааст, барандаи сармояи зеҳнӣ дар идоракунии корхона аҳамияти бештар пайдо карданд. Набояд фаромӯш кард, ки модели қаблӣ таҳияшуда барои истифодаи самараноки дороиҳои корхона ба ҳолатҳои гуногун на ҳама вақт қодир ҳастанд. Ҳар қадар нақши рақобатнокӣ баланд гардад, ҳамон қадар на аз

рӯи принсипҳои истеҳсолот, балки аз рӯи фитрат ва ё таҷрибаи ғуншуда қарор қабул карда мешавад.

Ҳамин тавр ба ақидае, омадан мумкин аст, ки маҳз дар оқилонаву самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ, сармояи зеҳнӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Гузаронидани таҳлили молиявӣ ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи корхонаҳои агросаноатӣ аз он вобаста аст.

Дар робита ба ин вазифаҳои асосии таҳлили молиявии комплекси агросаноатиро ба чунин гуруҳҳо қисматбандӣ намудан мумкин аст:

- ✓ сари вақт муайянсозӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои манфӣ ва камбудиҳои фаъолияти молиявию хоҷагии комплекси агросаноатӣ, ҷустуҷӯи манбаъҳои боэътимоди берунии маблағгузорӣ ва истифода бурдани захираҳои дохилии бо мақсади беҳтар намудани вазъи молиявии корхонаҳои агросаноатӣ ва қобилияти пардохтпазирии онҳо.
- ✓ кор карда баромадани тадбирҳои дахлдори амиқи ташаккули низоми мутаносиби нишондиҳандаҳои молиявӣ, ки ба зиёд кардани самараи истифодаи захираҳои молиявӣ ва мустаҳкам намудани низоми молиявию иқтисодии комплекси агросаноатӣ нигаронида шудаанд.
- ✓ дар асоси гузаронидани таҳлили амиқи молия ва натиҷанокии он амалинамоии банақшагирӣ ва пешгӯии захираҳои молиявӣ бо мақсади таъмини суботи иқтисодии корхонаҳои КАС.

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Мустафаев А. А. Интеллектуальный капитал – основа обеспечения конкурентоспособности предприятий // Материалы VIII Международной научно- практической конференции «Конкуренция и конкурентоспособность. Организация производства конкурентоспособной продукции». Новочеркасск, 2010. 192 с.
2. Реструктуризация экономики дотационного региона / под. ред. Татаркина А. И. М.: Наука, 2001. 663 с.
3. Новикова Н. Б. Оценка конкурентоспособности при планировании модернизационных мероприятий // Материалы VIII Международной научно- практической конференции «Конкуренция и конкурентоспособность. Организация производства конкурентоспособной продукции». Новочеркасск, 2010. 192 с.
4. Ельмурзаева А. Б. Источники формирования и оптимизация структуры капитала предприятия / А. Б. Ельмурзаева // Российское предпринимательство. – 2010 – №5. Вып. 2(159). – С. 90-93.

# ИННОВАЦИИ В ЭКОНОМИКЕ: РОЛЬ ТЕХНОЛОГИЙ В УСТОЙЧИВОМ РАЗВИТИИ

***Фатхуддинзода Озодбахти Тохир:*** *заместитель директора по науке и инновациям среднего образовательного учреждения при Главном управление образования города Душанбе*

***Мирджанова Мавлюда:*** *магистрант 1 курса специальности веб-дизайн и компьютерная графика Государственного института изобразительного искусства и дизайна Таджикистана*

***Аннотация:****Научная статья посвящена анализу взаимодействия между экономикой и технологиями, выявляя текущие тенденции и рассматривая перспективы их влияния на различные аспекты современного общества. В статье рассматриваются ключевые факторы, влияющие на эти две области, а также обсуждаются возможные пути оптимизации взаимодействия для достижения устойчивого экономического роста.*

***Ключевые слова****: экономика, технологии, взаимодействие, искусственный интеллект, интернет вещей, цифровая трансформация, инновации, производительность*

***Annotation:****The research article analyzes the interaction between economy and technology, identifying current trends and examining the prospects for their impact on various aspects of modern society. The article examines the key factors affecting these two fields and discusses possible ways to optimize the interaction to achieve sustainable economic growth.*

***Keywords****: economy, technology, interaction, artificial intelligence, Internet of Things, digital transformation, innovation, productivity*

В современном мире технологические инновации стали ключевым фактором, определяющим развитие экономики. С появлением новых технологий растет не только эффективность производства, но и возможности для устойчивого развития. В данной статье мы рассмотрим, как роль технологий содействует созданию устойчивой экономики и как инновации формируют будущее бизнеса и общества.

Современные технологии, такие как искусственный интеллект, блокчейн, биотехнологии и другие, становятся движущей силой для новых экономических возможностей. Искусственный интеллект оптимизирует бизнес-процессы, повышает производительность и способствует автоматизации. Блокчейн, в свою очередь, обеспечивает прозрачность и безопасность в финансовых операциях, создавая новые стандарты в области доверия и управления данными.

Современные технологии не только улучшают экономические показатели, но и являются инструментом для решения экологических проблем. Умные города, энергоэффективные технологии и средства переработки отходов становятся составной частью устойчивого развития. Технологии, направленные на экологическую устойчивость, способствуют снижению негативного воздействия на окружающую среду и создают условия для долгосрочного благосостояния.

С развитием технологий меняются и модели бизнеса. Появление платформенных решений, облачных технологий и цифровых экосистем открывает новые возможности для предпринимательства. Экономика совместного пользования, цифровые рынки и технологии блокчейна формируют новые стандарты в организации бизнеса, стимулируя инновации и устойчивость.

Одним из ключевых аспектов роли технологий в устойчивом развитии является создание соответствующей инфраструктуры. Государственная поддержка инноваций,

образование в сфере технологий и научные исследования играют важную роль в формировании экосистемы, способствующей развитию инноваций и устойчивости экономики.

Несмотря на положительные тенденции, существуют вызовы, которые требуют внимания при интеграции технологий и устойчивого развития. Вопросы кибербезопасности, этические аспекты использования искусственного интеллекта, а также доступность новых технологий для различных слоев общества - все это требует тщательного анализа и разработки соответствующих регулирующих механизмов.

С увеличением роли технологий становится важным обеспечение обучения и развития рабочей силы. Программы по переквалификации и обучению новым технологиям должны быть доступными и адаптированными к быстро меняющимся требованиям рынка труда. Это также способствует справедливости в области занятости и уменьшению цифрового разрыва.

Успех инноваций в экономике требует глобального сотрудничества. Обмен знаний, передовыми технологиями и лучшими практиками между странами и регионами способствует более эффективному использованию инноваций для достижения устойчивого развития.

Современная динамика требует постоянного исследования и развития. Ключевым фактором в успешном соединении технологий и устойчивого развития является совместное действие. Бизнес-сектор, государственные органы, академические и исследовательские институты, а также общество в целом должны объединить свои усилия для создания стратегий, направленных на устойчивое использование технологий.

Инновации должны быть инклюзивными и уважать принципы устойчивости. Развитие новых технологий должно учитывать потребности различных социальных групп и стремиться к устойчивому экономическому развитию без исключения какой-либо части общества.

Интеграция технологий становится основой для создания устойчивых экосистем. Связанные системы, работающие в синергии, могут решать сложные проблемы более эффективно. Примеры включают в себя совместные усилия в области энергетики, транспорта и управления городами.

Устойчивое развитие требует постоянного освоения новых горизонтов и переосмысления подходов. Регулярные инновации в области экономики и технологий создают благоприятную среду для более эффективного использования ресурсов, улучшения качества жизни и обеспечения устойчивого будущего.

В современном мире экономика и технологии становятся все более взаимосвязанными, влияя друг на друга и формируя новые условия для развития общества. Рост технологических достижений неизбежно оказывает воздействие на экономические структуры, производственные процессы, а также на рыночные отношения. В данной статье мы рассмотрим текущие тенденции взаимодействия между экономикой и технологиями, а также проанализируем перспективы их дальнейшего развития.

В последние десятилетия наблюдается стремительный рост технологических инноваций, включая искусственный интеллект, интернет вещей, блокчейн и другие. Эти технологии изменяют традиционные модели бизнеса, создавая новые возможности для автоматизации, улучшения производительности и развития новых отраслей.

Внедрение искусственного интеллекта в бизнес-процессы и производственные цепочки приводит к повышению эффективности и снижению затрат. Однако, сопряженное

с этим увеличение автоматизации может вызывать вопросы о занятости и навыках рабочей силы.

Развитие интернета вещей способствует появлению "умных" городов, предприятий и домов, что влияет на потребление ресурсов, управление транспортными системами и повседневную жизнь граждан. Цифровая трансформация обеспечивает более гибкие и адаптивные бизнес-модели.

Экономика, в свою очередь, формирует запросы и потребности, стимулируя инновации и развитие технологий. Гибкость экономических моделей и их способность адаптироваться к новым технологическим решениям играют ключевую роль в устойчивом развитии общества.

Страны и компании, активно инвестирующие в исследования и разработки, имеют потенциал лидерства в области технологий. Экономическая стабильность и стратегический подход к инновациям способствуют привлечению инвестиций и выходу на мировой рынок.

Создание эффективных правовых и стандартных рамок важно для сбалансированного развития технологий и экономики. Регулирование должно способствовать инновациям, защищая интересы общества и предотвращая возможные негативные последствия.

Понимание взаимодействия экономики и технологий позволяет прогнозировать будущие тенденции и эффективно управлять развитием общества. Оптимальное взаимодействие этих сфер требует сбалансированного подхода, учитывающего социальные, экономические и этические аспекты.

Развитие новых технологий требует новых навыков у работников. Инвестиции в образование и переподготовку кадров являются неотъемлемой частью успешного взаимодействия между экономикой и технологиями.

С развитием технологий возникают вопросы этики и социальной ответственности. Обеспечение справедливости и равенства в доступе к технологиям становится ключевой задачей для обеспечения устойчивого развития.

Взаимодействие экономики и технологий представляет собой сложную систему, в которой каждый элемент влияет на другой. Понимание текущих тенденций и перспектив этого взаимодействия является ключевым аспектом формирования стратегий развития общества в условиях быстрого технологического прогресса. Оптимальное использование возможностей, которые предоставляют новые технологии, в сочетании с устойчивыми экономическими практиками, позволит создать равновесную и процветающую общественно-экономическую систему.

В эпоху быстрого технологического прогресса и изменений в экономической динамике, понимание и активное использование роли технологий в устойчивом развитии становится приоритетом. Это требует от нас не только технического развития, но и принятия совместных усилий для создания общего понимания и стратегий. Только сбалансированный подход, ориентированный на устойчивость, может обеспечить процветание и благосостояние в нашем постоянно меняющемся мире.

Технологии неотъемлемо связаны с экономикой, и их роль в устойчивом развитии становится все более значимой. Инновации формируют не только будущее бизнеса, но и общества в целом, обеспечивая баланс между экономическим ростом, социальной справедливостью и экологической устойчивостью. Осознанное использование технологий открывает дорогу к новой эре устойчивого и инновационного развития.

Роль технологий в устойчивом развитии экономики несомненно критическая. Однако, для полного раскрытия их потенциала, необходимо уделять внимание не только технологическим аспектам, но и социальным, экологическим и этическим вопросам. Инновации должны стать инструментом для создания более устойчивого, справедливого и прогрессивного общества, и только при сбалансированном подходе они смогут привести к настоящему улучшению качества жизни нашей планеты.

## Список литературы


1. Андрейчиков, А. В. Стратегический менеджмент в инновационных организациях : системный анализ и принятие решений / А. В. Андрейчиков, О. Н. Андрейчикова. – М. : Вуз. учебник : ИНФРА-М, 2013. – 394 с.
2. Артюшина, Е. В. Исследование прогнозного новшества на наличие стратегического соответствия в диверсифицированной организации / Е. В. Артюшина // Менеджмент в России и за рубежом : журнал. – 2013. – № 2. – С. 48-53.
3. Беляев, А. А. Антикризисное управление / А. А. Беляев – М. : ЮНИТИ, 2013. – 311 с.
4. Бухарова, М. Управление трансфером технологических инноваций: отраслевая цепочка ценностей / М. Бухарова // Проблемы теории и практики управления. – 2013. – № 1. – С. 111-119.
5. Долженко, Р. А. Инновации в управлении персоналом в коммерческом банке : монография / Р. А. Долженко ; Алт. ин-т труда и права (фил.) Образоват. учреждения профсоюзов "Акад. труда и социал. отношений". – Барнаул : Азбука, 2012. – 177 с.
6. Иванус, А. И. Гармоничный инновационный менеджмент / А. И. Иванус ; предисл. д-ра техн. наук, проф. А. П. Стахова. – М. : URSS: ЛИБРОКОМ, 2011. – 247 с.
7. Иншакова, А. О. Реализация эффективной конкурентной политики ЕС в сфере инноваций посредством общего интеллектуального права / А. О. Иншакова, Д. В. Кожемякин // Законы России: опыт, анализ, практика. – 2013. – № 2. – С. 19–23.

# АФЗАЛИЯТҲОИ РУШДИ БАХШИ МОЛИЯВӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Мансуров Шаҳбоз Мансурович** - *мутахассиси пешбари шуъбаи таҳлил ва рушди хизматрасониҳои молиявии рақамии идораи низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон*

Фаъолияти муосири бонкӣ бидуни истифодаи технологияҳои муосири молиявии рақамӣ, ки сифати хизматрасониҳоро беҳтар ва номгӯи онҳоро зиёд мекунад, ғайриимкон аст. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ татбиқ намудани технологияҳои муосиру инноватсионӣ афзоиши назарраси фаъолияти ҷории онҳоро таъмин намуда, эътимоди аҳолии кишварро ба низоми бонкӣ боз ҳам тақвият мебахшад. Дурнамои рушди бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бештар ба такмили усулҳои фаъолияти бонкӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосир алоқаманд мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон, ҳамчун ҷузъи асосии инфрасохтори молиявӣ ва мақоми танзимкунандаи низоми пардохти кишвар, бо мақсади иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шарикони рушд мунтазам тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

Бо ин мақсад як қатор ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ технологияҳои муосирро татбиқ намуда, ба аҳолӣ имкониятҳои осон, дастрас ва ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро пешниҳод менамоянд. Дар баробари ин, ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар амал татбиқ намудани технологияҳои муосир (хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ), аз қабили кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, бонкдории мобилӣ, интернет-бонкинг ва пардохтҳо тавассути POS – терминал ва QR-рамзро дар сатҳи зарурӣ идома медиҳанд. Аз ҷониби ташкилотҳои мазкур мунтазам корҳои ҳавасмандгардонии муштариён барои истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ ва вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ анҷом дода мешаванд, ки пешниҳоди “Cash back”, яъне баргардонидани маблағи муайян ба муштарӣ дар мавриди пардохти ғайринақдӣ, аксияҳои бурднок, бонусҳо, пешниҳоди фоиз ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ ва ғайра аз қабили онҳо мебошанд.

Қобили қайд аст, ки айни замон шабакаи терминалии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ васеъ паҳн гардида, кортҳои пардохтии бонкии низоми пардохтии миллии “Корти миллӣ”, инчунин низомҳои пардохтии байналмилалии Visa, Mastercard, UnionPay ва American Express – ро хизматрасонӣ менамояд ва ин ба муштариён имкон медиҳад амалиёти пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ, гирифтани пули нақд ва дигар хизматрасониҳоеро, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар роҳандозӣ гардидаанд, бе мамониат анҷом диҳанд.

Ҳамзамон қайд намудан бамаврид аст, ки дар амал татбиқ кардани технологияи интиқоли маблағҳои электронӣ яке аз равандҳои муосир дар низоми бонкии кишвар маҳсуб ёфта, аз соли 2018 инҷониб ташкилотҳои қарзии молиявӣ ин усули пардохтҳои ғайринақдиро ба муштариёни худ пешниҳод менамоянд.

Бо истифода аз маблағҳои электронӣ муштариён имкон пайдо карданд, ки як қатор хизматрасониҳоро, аз қабили пардохти молу хизматрасониҳо дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, пардохти ҳаққи хизматрасониҳои коммуналӣ, баъзе аз намудҳои андоз, пардохти қарз, интиқоли маблағ ба дигар ҳамёни электронӣ, пардохт дар интернет мағозаҳо, пардохти хизматрасониҳои алоқа ва ғайраро тавассути смартфонҳо ба таври ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

Инчунин, бо тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, ташкилотҳои қарзии молиявӣ шуруъ аз 1 августи соли 2023 қабули маблағи пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасонии тиббӣ, хизматрасонии коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасонии давлатиро тариқи нақдӣ манъ намуда, қабули

онҳоро танҳо ба таври ғайринақдӣ бо истифода аз ҳамёнҳои электронӣ, замимабарномаҳои мобилӣ ва дигар воситаҳои ғайринақдии пардохтӣ роҳандозӣ намуданд.

Бо мақсади таъмини инфрасохтори пардохтӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ навъҳои гуногуни хизматрасонии пардохтиро бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ ва замимабарномаҳои мобилӣ (ҳамёнҳои электронӣ) пешниҳод намуда, имкон фароҳам овардаанд, ки тавассути низомҳо ва инфрасохтори пардохтӣ маблағи пардохтҳои давлатиро ба таври ғайринақдӣ қабул ва дар сомонаҳои расмии вазорату идораҳои давлатӣ хизматрасонии интернет-эквайрингро ташкил намоянд (пардохт тавассути сомонаи мақомоти давлатӣ), инчунин тавассути ҳамгироӣ бо низомҳои иттилоотию билингии мақомоти давлатӣ дар ҳамёни мобилии худ (замимабарномаи мобилӣ) пардохти ҳизматрасониҳои давлатиро барои муштариён имконпазир гардонанд.

Тибқи маълумотҳои оморӣ то 31 октябри соли 2023 аз ҷониби 24 ташкилоти қарзии молиявӣ дар маҷмуъ 6,5 млн. адад корти пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шудааст, ки шумораи онҳо нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 35,6% зиёд мебошад.

**Диаграммаи 1. Афзоиши шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ (млн. адад)**




Ба санаи 31 октябри соли 2023 теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии 22 ташкилоти қарзии молиявӣ 7,8 млн ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли 2022 1,7 млн. адад (27,5%) афзудааст.

**Диаграммаи 2. Афзоиши шумораи ҳамёнҳои электронӣ (млн. адад)**




Ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои бо пули нақд таъмин кардани дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ 2 151 адад банкомат ва 3 376 адад терминали электронӣ дар нуқтаҳои

пешниҳоди пули нақд (НППН) насб намудаанд. Нишондиҳандаҳои мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 мувофиқан 34,3 фоиз ва 62,8 фоиз зиёд мебошанд. Илова бар ин, барои қабули пардохтҳои ғайринақдии молу хизматрасонӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 5 030 адад POS - терминал ва 11 380 адад QR–рамз насб карда шуданд, ки назар ба ҳамин давраи соли 2022 теъдоди онҳо мувофиқан 27,9 фоиз зиёд ва 32,5 фоиз кам мебошанд. Сабаби кам шудани теъдоди QR-рамзҳо ин гузариш ба QR-рамзи ягона мебошад. Шумораи терминалҳои худкори худхизматрасон ба санаи ҳисоботӣ ба 9 836 адад баробар гардид.

**Диаграммаи 3. Рушди инфрасохтори пардохт (адад)**




Натиҷаи рушди босуръати воситаҳои электронии пардохтӣ ва инфрасохтори пардохтӣ дар 5 соли охир динамикаи мусбати афзоиши ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёти кишвар мебошад. Дар моҳҳои январ - октябри соли 2023 бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 44,2 млн. адад амалиётҳои ғайринақдӣ ба маблағи 11,8 млрд. сомонӣ гузаронида шуданд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 аз рӯи шумора 68,1 фоиз ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 93,6 фоиз афзоиш ёфтааст.

**Диаграммаи 4. Амалиётҳои тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ анҷомдодашуда**




Ҳамин тавр, дар ин давра таносуби ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ 81,2 фоиз ба 18,8 фоизро ташкил дода, ҳиссаи амалиётҳои пардохти ғайринақдӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 7,8 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

Боиси қайд аст, ки яке аз навовариҳо дар низоми пардохтии кишвар татбиқи лоиҳаи “QR-рамзи ягона” мебошад, ки он дар доираи Низоми пардохтҳои босуръат амалӣ гардида, аллакай ба фаъолият шуруъ кард. QR-рамзи ягона ба рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар кишвар мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, ки дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ пардохтҳо аз дилхоҳ ҳамёни электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ амалӣ карда шаванд.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон Низоми пардохтии “Ватан”-ро, ки барои интиқоли маблағ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар дохили кишвар имкон фароҳам меорад татбиқ намуд.

Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам таҷрибаи беҳтарини ҷаҳониро дар самти рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ мавриди омӯзиш қарор дода, дар ҳамкори бо шарикони рушд, вазорату идораҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии моливӣ як қатор лоиҳаҳоро ба нақша гирифтааст:

1. Таъсиси Маркази ягонаи мушаххаскунӣ (SMART ID)

Лоиҳаи мазкур талаботи асосии рақамикунонии хизматрасонии молиявӣ, фароҳам овардани шароит барои осон кардани раванди мушаххассозии муштарӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани механизми мушаххаскунии фосилавӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба шумор меравад, ки оғози фаъолияти он ба фарогирии молиявии аҳолии кишвар, аз ҷумла дар минтақаҳои дурдаст мусоидат менамояд.

2. Таъсиси Платформаи ҳамгирои миллӣ (National SWITCH)

Мақсади созмон додани платформаи мазкур ба шабакаи ягона пайваст намудани тамоми марказҳои протсессингии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва низомҳои пардохтии байналмилалӣ дар доираи Низоми пардохтии миллии «Корти миллӣ» мебошад, ки он ба ташаккули экосистемаи ягонаи пардохтӣ дар кишвар замина гузошта, дар оянда барои таҳлил ва истифодаи маълумоти калонҳаҷм (Big Data) мусоидат менамояд.

3. Татбиқи Низоми пардохтҳои босуръат (IFT)

Ин Низом ба муштариёни ТҚМ кишвар, дастрасӣ таъмин менамояд, ки дар реҷаи 24/7 бо осонӣ аз ВЭП истифода кунанд. Илова бар ин, тавассути ҳамгирой бо низомҳои мақомоти давлатӣ имкон фароҳам меояд, ки аҳолӣ, маблағҳои хизматрасонии давлатиро пардохт намоянд. Дар назар аст, ки ҳаққи хизматрасонӣ тавассути Низоми пардохтҳои босуръат, камтар хоҳад буд.

Умуман оммавӣ гаштани истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва ғ.) ҳангоми пардохти молу хизматрасонӣ ба вусъат ёфтани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар мусоидат намуда, як қатор афзалиятҳоро фароҳам меоварад, аз ҷумла:

- дар иқтисодиёт ҷараёнҳои молиявӣ шаффоф гардида, ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ коҳиш меёбад, дар натиҷа воридоти маблағҳои андоз зиёд мешавад, инчунин барои ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоварад;

- пардохти молу хизматрасонӣ, аз ҷумла пардохтҳои давлатӣ осон ва дастрас гардида, талаботи аҳолӣ ба пули нақд коҳиш меёбад. Дар натиҷа, навбатпоӣ дар назди банкоматҳо ва хазинаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои гирифтани пули нақд кам шуда, боиси сарфаи вақту камшавии роҳкирои муштариён мегардад;

- ташкилотҳои қарзии молиявӣ имкон пайдо мекунанд, ки амалиётҳои иловагиро коҳиш дода, вақтро сарфа намоянд ва бо тезонидани суръати пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ муштариёни навро ҷалб кунанд.

Дигар афзалияти муҳим, ҳамчун омил барои мутобиқшавии муваффақ ба шароити иқтисоди рақамӣ, ин баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ мебошад.

Дар ин росто Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи иҷрои вазифаҳои дар асоси Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

2022- 2026, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022 таҳти рақами 314 қабул шудааст чораҳои зарурӣ андешида истодааст.

Стратегияи зикршуда чаҳор самти асосиро дар бар мегирад:

- каналҳои интиқол ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ;
- гуногунии маҳсулоти молиявӣ;
- ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ.

Татбиқи самтҳои пешниҳодшуда метавонад ба рушди саводнокии молиявии аҳолӣ мусоидат намуда, ба рушди иқтисодӣ ва рушди устувор мусоидат намояд. Дар натиҷаи татбиқи самтҳои пешниҳодшуда, сатҳи саводнокии молиявӣ ва паймоиши аҳолӣ дар иқтисодиёти рақамӣ метавонад беҳтар гардад. Инчунин, метавонад боиси коҳиши қаллобии молиявӣ, беҳтар шудани маълумоти молиявӣ ва дар натиҷа, рушди устувори иқтисодӣ гардад. Бояд гуфт, ки муваффақият дар ин самт ба ҳамкории сохторҳои давлатӣ, бахши хусусӣ, муассисаҳои таълимӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ вобаста аст. Танҳо тавассути саъю кӯшиши муштарак мо метавонем болоравии бомуваффақияти сатҳи саводнокии молиявӣ ва бунёди ҷомеаи шукуфонро дар иқтисодиёти рақамӣ таъмин кунем.

Пас аз ба итмом расидани мӯҳлати амалисозии Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 дар назар, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо шарикони рушд тадқиқот гузаронда сатҳи саводнокии молиявии ахолиро муайян намояд.

## АДАБИЁТ:

1. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон - www.nbt.tj

## ПРИЧИНЫ И ФАКТОРЫ СОВРЕМЕННЫХ БАНКОВСКИХ КРИЗИСОВ

***Тохиров Валишер Собитджонович*** *– Докторант phd 2 курса Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, г Душанбе. Телефон: (+992) 92-639-06-62.*

***Абдураҳмонов Точиддин Хайридинович*** - *магистрант 2 курса по специальности «Финансы и кредит» ТГФЭУ*

В статье предложена система причин банковских кризисов в современных условиях, учитываюшая различные типы рисков в банковском секторе. Разработана экономико-математическая модель банковского кризиса на основе банковской паники, форсирующей его наступление. Банковский кризис характеризуется резким увеличением доли сомнительной и безнадежной задолженности в кредитных портфелях банков, ростом их убытков в связи с переоценкой непокрытых рыночных позиций, уменьшением реальной стоимости банковских активов.

**Ключевые слова:** Банковская система, банковский кризис, причины кризисов, банковская паника, банкротство, повышенной эффективности, высокой инфляции.

## CAUSES AND FACTORS OF MODERN BANKING CRISES

*The article proposes a system of causes of banking crises in modern conditions, taking into account various types of risks in the banking sector. An economic-mathematical model of the banking crisis has been developed on the basis of banking panic, which speeds up its onset. The banking crisis is characterized by a sharp increase in the share of doubtful and bad debts in the loan portfolios of banks, an increase in their losses due to the revaluation of uncovered market positions, and a decrease in the real value of bank assets.*

***Key words**: Banking system, banking crisis, causes of crises, banking panic, bankruptcy, increased efficiency, high inflation.*

Банковская система - это важнейшая сфера национального хозяйства любого развитого государства. Ее практическая роль определяется тем, что она управляет в государстве системой платежей и расчетов; большую часть своих коммерческих сделок осуществляет через вклады, инвестиции и кредитные операции; наряду с другими финансовыми посредниками банки направляют сбережения населения к фирмам и производственным структурам.

Находясь в центре экономической жизни, обслуживая интересы производителей, банки опосредуют связи между промышленностью и торговлей, сельским хозяйством и населением. Банки - это атрибут не отдельно взятого экономического региона или какой-либо одной страны, сфера их деятельности не имеет ни географических, ни национальных границ, это планетарное явление, обладающее колоссальной финансовой мощью, значительным денежным капиталом.

Создание устойчивой, гибкой и эффективной банковской инфраструктуры – одна из важнейших и в тоже время сложных задач экономической реформы в Таджикистана. Именно банковская система при правильном управлении и устранении всех сдерживающих ее развитие проблем может стать ведущим звеном в осуществлении экономической политики, обеспечивающей экономический рост.

Банки, как правило, предусматривают определенные потери в своем портфеле активов. Однако никогда не было и не будет абсолютно безопасных кредитов, выдаваемы частному сектору, поскольку существует проблема асимметричных потоков информации. Солидные и платежеспособные банки покрывают эти убытки за счет заранее созданных рисковых резервов. Банки рассчитывают степень риска по каждой статье активов и создают соответствующие фонды для компенсации ожидаемых потерь. Определение степени риска не возврата кредитов и принятие превентивных мер является обязательным условием нормального функционирования банков.

Плохое управление и (или) негативные внешние факторы могут привести к кризису банка, который становится явным, когда существующие резервы и капитальная база не могут покрыть все убытки по статьям активов. В этом случае акционеры теряют свои первоначальные вложения, и требуется дополнительное финансирование для покрытия всех убытков [2, с. 401].

Опыт зарубежных стран и Российской Федерации показывает, что банковские кризисы отражают сложный процесс приспособления банковских систем к новым макроэкономическим условиям.

Характерно, что в 90-х годах банковские кризисы повторились практически в тех же самых странах, но в еще больших масштабах, несмотря на принятые в свое время меры по укреплению банковского надзора и значительные улучшения в макроэкономической политике. Многие их этих программ проводились при непосредственном участии и под контролем международных финансовых организаций. Валютно-финансовые потрясения в виде значительной девальвации национальной валюты и роста процентных ставок прервали период быстрого экономического роста, сопровождавшегося спекулятивным бумом на фондовом рынке и рынке недвижимости, и вызвали неплатежеспособность большинства кредитных учреждений. При этом существенную роль в возникновении и распространении кризисов сыграли падение доверия к экономике отдельных стран и регионов со стороны

международных портфельных инвесторов, а также действия крупных валютных спекулянтов.

*Ухудшение условий торговли* наблюдалось в большинстве стран, где имели место банковские кризисы. В выборке из 29 стран с системными кризисами условия торговли имели тенденцию к ухудшению за несколько лет перед кризисом. В целом предкризисное падение объема внешней торговли достигло 17 %. Для стран с частичными кризисами этот показатель составил 4 %, в то время как в странах, где не было банковских кризисов, условия торговли улучшались. Падение цен на важнейшие статьи экспорта после нескольких лет бума привело к резкому ухудшению финансового положения компаний-экспортеров и обслуживающих их банков и способствовало развитию банковских кризисов, в частности, в Чили, Малайзии, Норвегии.

*Фиксированный валютный курс*, используемый в целях стабилизации цен, при поддержании на искусственно высоком уровне приводит, как правило, к истощению валютных резервов Центральных банков. В этом случае обостряются проблемы обслуживания внешнего долга, активизируется параллельный валютный рынок, процентные ставки достигают чрезвычайно высокого уровня, ухудшается платежеспособность заемщиков.

Представляется возможным выделить три типа банковских кризисов.

**Первый тип** соответствует кризису, действующему на микроэкономическом уровне, вне зависимости от величины бюджетных расходов. Яркими примерами в этом смысле являются кризисы в США (1984-1991 г.г.), Швеции (1990-1993 г.г.), Финляндии (1991-1994 г.г.) и Франции (1991-1998 г.г.). В этих случаях банкротство ограниченного числа банков не распространялось на всю финансовую систему и не вызвало крупномасштабного макроэкономического спада. В частности, открытый кризис ликвидности в Швеции вынудил ЦБ вложить в банковскую систему значительные средства. Однако за интервенцией Центрального банка вскоре последовала четкая стабилизационная стратегия: обанкротившиеся коммерческие банки были национализированы и реструктурированы, тогда как вложения денег «повышенной эффективности» были нейтрализованы в течение последующих месяцев путем выпуска долгосрочных долговых обязательств. В итоге, несмотря на огромные финансовые ресурсы, мобилизованные для преодоления кризиса, он не оказал дестабилизирующего воздействия ни на инфляцию, ни на бюджетный сектор.

**Второй тип** банковского кризиса связан с гораздо более разрушительными последствиями, распространяясь на макроэкономический уровень. Опыт Чили (1981-1984 г.г.), вероятно, наиболее показателен. Первоначально банковский кризис вызвал спад в 13% ВВП в 1982-1983 г.г. Подавляющая часть банковской сферы была национализирована, а расходы государства на ее реструктуризацию до сих пор полностью не компенсированы. Недавний валютно-финансовый кризис в Юго-Восточной Азии имеет много общих черт с более ранним чилийским опытом, по крайней мере, на государственном уровне. Воздействие кризиса на экономическую активность, доходы и безработицу весьма заметно в таких странах, как Таиланд, Южная Корея и Индонезия. Резкий спад ожидается в краткосрочной перспективе, а расходы на реструктуризацию могут составить 15 — 20% ВВП. Другой урок чилийского кризиса состоит в том, что политика реструктуризации финансового сектора и смягчение деструктивных последствий ограничения кредитования заметно влияет на развитие любой страны. В противовес кризису «шведского типа», азиатский кризис оказывает воздействие на потенциал экономического роста, финансовую

и промышленную структуру, отношения стран Юго-Восточной Азии с внешним миром, на распределение богатства и доходов.

Макроэкономические потрясения при развертывании кризиса «чилийского типа» не вылились в полномасштабную бюджетно-финансовую дестабилизацию, ведущую к высокой инфляции, демонетизации экономики, что характерно для кризисов **третьего типа** [4, с. 117].

Вариантами банковского кризиса являются:

– стратегический кризис (угроза потенциалу развития);

– кризис результатов (угроза финансовым результатам деятельности, их потеря, дефицит баланса - превышение пассивов над активами);

– кризис ликвидности (опасность потери ликвидности вследствие превышения пассивов над активами) [3, с. 13].

Рис.1. Мероприятия по выходу из кризиса




Как видно из рисунка 1 все используемые мероприятия по выходу из кризиса можно разделить на оперативные и стратегические [3, с. 15].

Во Франции анализ кредитоспособности заемщика коммерческие банки дополняют данными из картотеки Банка Франции, состоящей из четырех разделов:

– 10 групп, в которых предприятия распределяются в зависимости от размера актива баланса;

– 7 групп с шифром от 0 до 6. Предприятие занимает свою позицию доверия, судя по оценкам руководителей, держателей капиталов, с которыми оно имеет деловые связи;

– классификация предприятий по их платежеспособности. Банк Франции фиксирует все случаи неплатежей и в зависимости от этого разделяет клиентов на три группы, которые шифруются цифрами 7, 8, 9 («7» - пунктуальные выплаты, отсутствие трудностей; «8» - временные затруднения, не подрывающие платежеспособности; «9» - весьма ненадежный клиент);

– деление всех клиентов на две группы в зависимости от того будут или нет их векселя и ценные бумаги переучтены Банком Франции [3, с. 17].

Банковские кризисы были чрезвычайно широко распространены в странах Латинской Америки и Карибского бассейна, именно к этим странам относится Аргентина

и Бразилия. В таблице 2 перечислены основные банковские кризисы стран Латинской Америки.

Таблица 2

**Эпизоды кризисов стран Латинской Америки**

| Страна | Дата начала |
|---|---|
| Аргентина | 1980, 1989, 1995, 2001 |
| Боливия | 1986, 1994 |
| Бразилия | 1990, 1994 |
| Венесуэла | 1994 |
| Гайана | 1993 |
| Гаити | 1994 |
| Доминиканская Республика | 2003 |
| Колумбия | 1982, 1999 |
| Коста-Рика | 1987 |
| Мексика | 1981, 1994 |
| Никарагуа | 1990, 2000 |
| Панама | 1988 |
| Парагвай | 1995 |
| Перу | 1993 |
| Сальвадор | 1995 |
| Уругвай | 1981, 2001 |
| Чили | 1976, 1981 |
| Эквадор | 1982, 1996, 1998 |
| Ямайка | 1995 |

Источники: издания МВФ; база данных Всемирного банка (Caprio and Klingebiel, 2003).

В этих условиях недальновидности политики и слабого финансового посредничества изъятие вкладов быстро приводит к сокращению кредитования, что может еще более ухудшить ситуацию, поскольку фирмы лишаются оборотного капитала, а объем инвестиций ограничен. Страны этого региона нередко испытывали ужесточение доступа к кредитам, когда чистое кредитование частного сектора резко сокращалось, тем самым усиливая вероятность и ожидаемую остроту банковских кризисов и порождая порочный круг.

Опыт банковских кризисов в Латинской Америке и за ее пределами свидетельствует о том, что эти эпизоды, как правило, характеризуются схожими дефектами, хотя их причины и последствия различны. Кризисы возникают вследствие ненадлежащей банковской практики или в результате слабой макроэкономической политики; в большинстве случаев в их основе лежит сочетание обоих этих факторов[1, с. 33].

## Заключение

Учитывая развивающийся характер таджикской экономики, вопросы исследования банковских кризисов будут еще долго оставаться актуальной темой для исследования.

Банковский кризис характеризуется резким увеличением доли сомнительной и безнадежной задолженности в кредитных портфелях банков, ростом их убытков в связи с

переоценкой непокрытых рыночных позиций, уменьшением реальной стоимости банковских активов. Все это ведет к массовому ухудшению платежеспособности банков и отражает неспособность банковской системы осуществлять эффективное распределение финансовых ресурсов.

Выделяют следующие формы банковских кризисов: латентный кризис представляет собой ситуацию, когда значительная часть банковских институтов несостоятельна, но продолжает функционировать, открытая форма кризиса - банковские банкротства, которым до Великой Депрессии предшествовали банковские паники, выражавшиеся в массовых изъятиях вкладов из банков, системный банковский кризис означает несостоятельность большей части банковской системы.

**Список литературы**


1. Агустин Г. Карстенс, Дэниел С. Харди, Джейла Пазарбашиоглу Предотвращение банковских кризисов в Латинской Америке // Финансы и развитие. – 2004. - №9. – С. 30-33. Жарковская Е.П. Банковское дело: Учебник. 5-е изд. - М.: Омега-Л, 2007. - 496с.
2. Жарковская Е.П. Банковское дело: Учебник. 5-е изд. - М.: Омега-Л, 2007. - 496с.
3. Ковалев А. Актуальные вопросы банковского кризис-менеджмента // Финансовый директор. – 2007. - №11. – С. 13-17.
4. Марамыгин М.С. Деньги Кредит Банки: Учебник. - М.: Экономистъ, - 2007. – 656с.


## МУШКИЛОТ ВА САМТҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Албинаи Карим*** *– ассистенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

***Макинаи Карим*** *– донишҷӯи бахши 2-юми шуъбаи фосилавии ДДОТ ба номи С.Айнӣ*

**Тоҳири Мурсал** – магистранти курси -2 юми ихтисоси молия ва қарз *Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*



*Дар мақола оид ба моҳият, хусусият ва аҳамияти иқтисодии инноватсияҳо дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти инноватсионӣ баён гардида, нақши онҳо дар рушди мамлакат асоснок карда шудааст. Асосҳои ташкил ва маблаггузории фаъолияти инноватсионӣ баррасӣ гардида, таҳлили хусусиятҳои ҳавасмандкунии молиявии инноватсияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст. Инчунин самтҳои асосии такмили ҳавасмандкунии молиявии инноватсияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини гардида, хулоса ва пешниҳодҳои зарурӣ оварда шудааст.*



***Калимаҳои калидӣ:*** *рушди инноватсионӣ, иқтисодиёти инноватсионӣ, иқтидори инноватсионӣ, захираҳои молиявӣ, ҳавасмандкунии молиявӣ, рушди иқтисодӣ.*


## ПРОБЛЕМЫ И НАПРАВЛЕНИЯ ФИНАНСИРОВАНИЯ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


*В статье отмечается сущность, особенность и экономическое значение инноваций в условиях формирования и развития инновационной экономики, обоснована их роль в развитии страны. Рассмотрены основы организации и финансирования инновационной деятельности, проводится анализ особенностей финансового стимулирования инноваций в Республике Таджикистан. Также предусмотрены основные направления*

*совершенствования финансовой стимулирование инноваций в Республике Таджикистан, сделаны необходимые выводы и предложения.*

***Ключевые слова:*** *инновационное развитие, инновационная экономика, инновационный потенциал, финансовые ресурсы, финансовое стимулирование, экономическое развитие.*

Тамоюлҳои муосири рушди ҷаҳонӣ бо гузариши ҷомеа ба марҳилаи хело баланди ҷорӣ намудани техникаву технологияи нав алоқаманд мебошад. Тамаддуни инсонӣ ба давраи нави рушди худ - ҷомеаи иттилотӣ ворид гардид. Бо рушди ҷомеа тадриҷан технология, маҳсулот ва ихтироъотҳои нав ба нав пайдо шуда истодааст.

Имрӯз сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаро аз бисёр ҷиҳат инкишофи дараҷаи инноватсионӣ муайян менамояд, ки он ба захираҳои зеҳнӣ, технологияҳои иттилоотӣ, истифодаи самаранок ва такмили сифатнокии ҳамаи омилҳои истеҳсолот такя менамояд.

Ҳар як мамлакат (минтақа, корхона, ташкилот) маҷмӯи муайяни иқтидорҳоро дорад (илмӣ, техникӣ, захиравӣ, ашёи хом, иқтисодӣ, истеҳсолӣ ва ғайра). Дар солҳои охир иқтидори инноватсионӣ ба яке аз қисмҳои муҳими таркибии иқтидори умумии ҷомеа табдил ёфтааст.

Ҳамаи қисмҳои таркибии иқтидори умумии ҷомеа бо ҳам сахт алоқаманд мебошанд. Истифодаи самарноки иқтидори умумӣ аз ҳолати ҳар як қисми таркибии он ва инчунин таъсири тарафайни он қисмҳо вобаста мебошад. Бинобар ин, тавозуннокии қисмҳои иқтидори умумӣ шарти асосии татбиқи пурраи он ба шумор меравад, зеро ақибмонии яке аз он қисмҳо метавонад омили сусткунанда гардад.

Гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ барои тезонидани суръати рушди сифатии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он зарур мебошад. Мавҷудияти ҳаҷми кофӣ ва сифати баланди иқтидори инноватсионӣ бояд чунин гузаришро таъмин намояд.

Инноватсия (навоварӣ) - натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ буда, дар шакли маҳсулоти нав ва ё такмилёфтаи дар бозор фурӯхташаванда ва ё ҷараёни технологии нав ва такмилшудаи дар фаъолияти корхона истифодашаванда, амалӣ карда мешавад.

Иқтидори инноватсионӣ - яке аз унсурҳои муҳимтаринест, ки рушди ояндаи на фақат минтақаҳои алоҳида, балки мамлакатро муайян мекунад. Аз ин ҷост, ки рушди инноватсионӣ яке аз самтҳои барномаи инкишофии маҷмӯии ноҳия буда, инчунин тараққиёти ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, ғайримоддӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои баланд бардоштани сатҳи рушди инноватсионии иқтисодиёт ва самаранокии фаъолияти инноватсионии субъетҳои хоҷагидории дар мамлакат фаъолияткунанда ҳавасманд мебошад, зеро истифодаи инноватсия афзалияти рақобатнокӣ, даромади зиёди соҳибкориро таъмин мекунад, ки дар натиҷа рақобатнокии ҷумҳурӣ пурзур мегардад.

Шарти заминавӣ барои фаъолияти инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ мавҷудияти номгӯи захираҳои зарурӣ ва низоми ташкилӣ-иқтисодӣ ба шумор меравад, ки табдилдиҳии ин захираҳоро ба маҳсулоти инноватсионӣ амалӣ месозад. Унсури мазкур сатҳи имконпазири рушди инноватсионии мамлакатро нишон дода, ҳамчун мафҳуми алоҳидаи иқтисодӣ - иқтидори инноватсионӣ истифода мешавад.

Қобилияти ҷумҳурӣ дар самти тараққиёти инноватсионӣ дараҷаи иқтидори инноватсионии онро муайян менамояд. Ҳадафи рушди инноватсионии мамдакат

баланд бардоштани дараҷаи характери инноватсионӣ доштани иқтисодиёти он мебошад, ки ин ҳадаф бо роҳи ташкили истеҳсолоти технологияи баландро истифодабаранда амалӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, рушди инноватсионии мамлакатро ҳамчун ҷараёни иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъриф додан мумкин аст, ки асоси онро ташаккули низоми инноватсионии минтақавӣ ташкил менамояд.

Низоми инноватсионии минтақавӣ метавонад бо роҳи истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳои гуногун сатҳи иқтидори инноватсионии шаҳрро баланд бардорад. Асоси рушди инноватсионии мамлакатро принсипҳои зерин ташкил медиҳад:

1. Тараққиёти инноватсионии мамлакат дар шароити мавҷудияти муҳити инноватсионии мамлакат амалӣ карда мешавад.

2. Ҷараёни рушди инноватсионии мамлакат дар асоси ташаккули низоми инноватсионии он ба роҳ монда мешавад.

3. Асоси рушди инноватсионии мамлакатро қобилияти тафаккур ва ҳиссиёти инноватсионии ҳар як шахси алоҳида ва тамоми ҷомеа ташкил мекунад.

4. Самаранокии рушди инноватсионии мамлакат бевоситаи аз фарҳанги инноватсионӣ, яъне низоми ҳавасмандии фаъолияти инноватсионӣ вобаста мебошад.

5. Сиёсати инноватсионии давлат ба рушди инноватсионии мамлакат таъсири идоракунанда мерасонад.

6. Қобилияти мамлакат барои рушди инноватсионӣ сатҳи иқтидори инноватсионии онро муайян мекунад.

Инкишофи инноватсионии мамлакат мавҷудияти маҷмӯи муайяни шароити ибтидоиро барои инкишоф талаб мекунад, ки он сифати захираҳои мавҷуда ва механизми табдилдиҳии он захираҳоро ба маҳсулоти инноватсионии ниҳоӣ дар бар мегирад. Маҷмӯи омилҳо ва шароит, ки қобилияти шаҳрро барои инкишофи инноватсионӣ муайян мекунад, иқтидори инноватсионии ноҳияро ташкил менамояд.

Иқтидори инноватсиониро ҳамчун қобилияти табдилдиҳии захираҳои мавҷуда ба ҳолати нав, бо мақсади қонеъ намудани талаботи мавҷуда ва ё нав пайдошаванда (субъекти навоварӣ, истеъмолкунанда, бозор ва ғайра) муайян кардан мумкин аст. Бояд қайд намуд, ки дар сурати истифодаи самараноки иқтидори инноватсионӣ гузариш аз имконияти пинҳонӣ ба имконияти кушоди воқеӣ, яъне аз як ҳолат ба ҳолати дигар (маҳз аз ҳолати муқаррарӣ ба ҳолати нав) ба амал меояд.

Иқтидори инноватсионӣ ин қобилиятест, ки барои тағйирёбӣ, беҳтаршавӣ, пешравӣ омода буда, на фақат имкониятҳои мавҷударо барои инкишофи инноватсионии мамлакат тавсиф менамояд, балки метавонад муҳити инноватсиониро фароҳам оварда, ба механизме табдил ёбад, ки рушди инноватсионии мамлакатро то ҳадди зарурӣ таъмин кунад.

Иқтидори инноватсионӣ дар таркиби иқтидори умумии мамлакат мавқеи муҳимро ишғол менамояд (расми 1).




Расми 3.2. Мавқеи иқтидори инноватсионӣ дар иқтидори умумии мамлакат [27]

Принсипи асосии ҷудо намудани унсурҳои захиравии иқтидори инноватсионии мамлакат ба иқтидори мутахассисӣ, моддӣ-техникӣ, иттилоотӣ, ташкилӣ ва молиявӣ, нақши ин унсурҳо дар ҷараёни инноватсионӣ ба шумор меравад. Ҳар яке аз ин унсурҳои иқтидори инноватсионӣ мазумуни мустақил дошта, мавқеъ ва аҳамияти хоса дорад ва ивазнашаванда мебошад. Чунончӣ, иқтидори мутахассисӣ ҳаракатдиҳандаи ғояҳои инноватсионӣ буда, иқтидори моддӣ-техникӣ ба сифати манбаи моддии ташаккули иқтидори инноватсионӣ истифода мешавад.

Иқтидори ташкилӣ маҷмӯи мақомоти идоракунанда, шӯъбаҳо ва иҷрокунандагоне мебошад, ки вазифаҳои ба уҳдаашон гузошташударо иҷро менамоянд, аз ҷумла маҷмӯи усулҳое, ки бо ёрии онҳо таъсири идоракунӣ амалӣ карда мешавад. Иқтидори иттилоотӣ асоси ҷараёни идоракунии иқтисодиётро ташкил менамояд, зеро самаранокии фаъолияти субъекти иқтисодӣ дар ҳолати мавҷуд набудани иттилоот ва технологияи иттилоотии мувофиқ ғайриимкон мебошад.

Захираҳои молиявии иқтидори инноватсионӣ вазифаҳои таъмини воридоти воситаҳои молиявӣ, таъсир расонидан ба интихоби мавзӯи лоиҳаҳои инноватсионӣ мувофиқи талаботи фаъолият ва рушди соҳаи инноватсионӣ, мусоидат намудан ба ташкили самаранокии хароҷот барои инноватсия ва ғайраро иҷро намуда, умуман

шароити татбиқи унсурҳои дигари иқтидори мамлакатро таъмин менамояд ва онҳоро миқдоран баҳогузорӣ мекунад.




**Расми 1. Манбаъҳои маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ**

Иқтидори захиравӣ ҳамчун унсури таркибии иқтидори инноватсионӣ аз захираҳои мушаххаси хоҷагидорие иборат мебошад, ки дар шаклҳои муайяни иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ истифода мешавад. Аммо иқтидори захиравии низоми иқтисодӣ бо иқтидори инноватсионӣ якхела ё як чиз намебошад, зеро самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ аз ҳолати муҳити иҷтимоӣ-иқтисодии субъект, мавҷудияти механизми самаранок, ки муносибатҳои иқтисодиро дар муҳити инноватсионӣ идора ва ҳавасманд менамояд, вобаста мебошад.

Ҳангоми ташкили истеҳсолот истифодаи захираҳо ҳамеша мақсаднок мебошад, яъне истифодаи захираҳо бояд барои татбиқи талаботи субъектҳои хоҷагидорӣ ба таври муайян ва мақсаднок ташкил карда шавад. Ҳамин тариқ, иқтидори ташкилӣ-иқтисодӣ ҳамчун қисми таркибии иқтидори инноватсионии мамлакат дар истифодаи самараноки он ва сатҳи рушди зерсохтори инноватсионии ноҳия ифода меёбад ва он табдилдиҳии иқтидори захиравии мамлакатро ба иқтидори инноватсионӣ таъмин мекунад.

Омилҳое, ки ба иқтидори инноватсионии мамлакат таъсир мерасонанд:

- сиёсати инноватсионе, ки давлат амалӣ месозад;
- стратегияи инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ;
- сиёсати муассисаҳои молиявӣ-қарзии дар мамлакат фаъолияткунанда;
- тағйирёбии талаботи истеъмолкунандагон;
- сатҳи мавҷудаи рушди зерсохтори инноватсионии мамлакат.

Яке аз самтҳои муҳими ҳавасмандкунии инноватсияҳо низоми бонкӣ ба шумор меравад. Баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасониҳои бонкӣ аз бисёр ҷиҳат аз татбиқи инноватсияҳо вобаста мебошад. Бинобар ин, ба андешаи мо, барои иштироки фаъолона дар мубориза рақобатнок, ба муассисаҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст дарояндаи наздик вазифаҳои зеринро иҷро намоянд:

- тезонидани ҷараёни мутобиқшавӣ ба рақобат дар бозор;
- автоматикунонии ҷараёнҳои бонкӣ, гузариш ба технологияҳои нави компютерии худхизматрасонӣ, хизматрасонии фосилавӣ, истифодаи шабакаи алоқаи байналхалқӣ дар системаи «бонк-мизоҷ», технологияҳои фаъоли бонкӣ ва молиявӣ;

- таҳия ва ҷорӣ кардани маҳсулот ва хизматрасониҳои нави бонкӣ дар заминаи технологияи нав;

- истифодаи маҷмӯии технологияи нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои маркетинги электронӣ;

- ҷорӣ намудани инноватсия дар самти шаклҳо ва усулҳои идоракунӣ, тағйирот дар тахассуси кормандон.

Ҳамин тариқ, татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ ва таҳияи маҳсулоти нави бонкӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ - зарурати ногузир барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассисаҳои қарзӣ ба шумор меравад.

Барои дар шароити рақобати ҷаҳонӣ истодагарӣ карда тавонистан, ба субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки танҳо аз технологияҳо ва маҳсулоти аз ҳама пешқадам истифода баранд.

Дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули системаи технологияҳои нави бонкӣ дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дошта, хосияти номуташаккил дорад ва дар масъалаи таъмини молиявии он мушкилоти зиёд мавҷуд мебошад.

Барои дар шароити муосири рушди хосияти инноватсионидошта ба сатҳи баланд расидан, бояд дар асоси баҳодиҳии таҷрибаи бонкҳои пешқадами хориҷӣ ва пешгӯии рушди инноватсионии онҳо, самтҳои афзалиятноки рушди техника ва технологияи нави бонкӣ, менеҷмент муайян карда шавад.

**Адабиёт:**


1. Комилов С. Дж., Махмадаминов М.Б. Иновационное развитие и совершенствование антикризисного управления предприятиями - Душанбе, 2011. - 148 с.
2. Комилов С. Дж., Файзуллоев М. Необходимость формирования национальной инновационной системы РТ как условие обеспечения модернизации экономики страны. Евразийский научно-аналитический журнал «Проблемы современной экономики», №2, 2011. - С. 277-283.
3. Разиков В.А. Инвестиционная политика Республтки Таджикистан и основные направления её активизации. - Душанбе: Сарпараст, 2014. - 384 с.
4. Терновский Д.Н. Инновационные банковские продукты кредитования малого и среднего бизнеса., Научно-практическая конференция «Инновационное развитие отраслей национальной экономики». Новосибирск, 2018г. с. 289.

# ФИНАНСОВОЕ ОБРАЗОВАНИЕ НАСЕЛЕНИЯ В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

***Хакимова Мавзуна Саторовна*** *- старший преподаватель кафедры финансового менеджмента, Таджикский государственный финансово – экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 987819656. mavzuna.khakimova.83 @mail.ru*

***Мирзоев Хокимджон Халимович*** *- ассистент кафедры финансового менеджмента, Таджикский государственный финансово – экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 907321321. 907321321m@gmail.com*

***Карахонова Нигина*** *- ассистент кафедры налог и страхование, Таджикский государственный финансово – экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 907909046.*

***Аннотация:*** *В данной статье авторами было отмечено, что практически в любой ситуации способность собирать, хранить, анализировать и преобразовывать данные создает конкурентные преимущества. Цифровые данные лежат в основе всех стремительно развивающихся цифровых технологий, в том числе в сфере финансов, что обязательно должно быть учтено в программах повышения финансовой грамотности.*

***Ключевые слова:*** *цифровые данные, цифровизация, финансовая грамотность, цифровая экономика, финансовая система, финансовые услуги.*

## *FINANCIAL EDUCATION OF THE POPULATION IN THE CONTEXT OF THE TRANSITION TO A DIGITAL ECONOMY*

***Khakimova Mavzuna Satorovna*** *- Senior Lecturer, Department of Financial Management, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Telephone: 987819656. mavzuna.khakimova.83 @mail.ru*

***Mirzoev Hokimjon Halimovich*** *- assistant of the department of financial management, State University of Finance and Economy of Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Telephone: 907321321. 907321321m@gmail.com*

***Karakhonova Nigina*** *- assistant of the department of tax and insurance, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Telephone: 907909046.*

***Annotation:*** *In this article, the authors noted that in almost any situation, the ability to collect, store, analyze and transform data creates a competitive advantage. Digital data underlies all rapidly developing digital technologies, including in the field of finance, which must be taken into account in programs to improve financial literacy.*

***Key words:*** *digital data, digitalization, financial literacy, digital economy, financial system, financial services.*

Использование данных и разведданных является важным инструментом, помогающим выявить конкретных профессиональных исполнителей, а также более широкий спектр схем и структур, которые они используют. Однако, профессиональные помощники представляют собой подгруппу профессионалов, действующих в различных операциях, которые могут контролироваться различными регулирующими органами или органами расследования (например, профессиональными регулирующими органами, финансовыми регуляторами, подразделениями финансовой разведки и налоговой администрацией), разведданные часто хранятся в разных базах данных и системах как внутри компании, так и за ее пределами. Это затрудняет выявление тенденций и закономерностей или даже рецидивистов. Улучшенный анализ рисков отдельных профессиональных исполнителей - это один из способов расширения спектра расследований и вмешательств, а также наращивания эффективных скоординированных усилий по нарушению и сдерживанию.

Ни одно правоохранительное ведомство, действующее в одиночку, не может комплексно решить проблему профессиональных помощников, которые работают в самых разных областях и за пределами границ. Чтобы устранить этот пробел, необходимо отказаться от разрозненных подходов, и вместо этого органы по борьбе с налоговыми преступлениями должны сотрудничать с другими ведомствами в своей собственной юрисдикции, а также с другими ведомствами на международном уровне.

Различные государственные учреждения участвуют на различных этапах борьбы с финансовыми преступлениями, включая предотвращение, выявление, расследование и судебное преследование правонарушений, а также возвращение доходов, полученных преступным путем. Таким образом, различные агентства будут взаимодействовать с профессиональными пособниками, осуществлять надзор за ними или проводить активные расследования. Это могут быть налоговые органы, финансовые регуляторы, подразделения финансовой разведки, полиция и прокуратура.

Финансовые преступления, в том числе налоговые, - это глобальная проблема, которая нуждается в глобальном решении. С глобализацией возросла способность профессиональных посредников осуществлять трансграничные операции и организовывать транзакции, которые мгновенно отправляют средства за границу. Однако

правоохранительные органы меньше осведомлены о деятельности за пределами своих границ. Таким образом, международное сотрудничество является важным аспектом поиска профессиональных помощников. Это включает в себя традиционные каналы обмена информацией, а также новые формы международного сотрудничества в режиме реального времени.

**Библиографический список:**


1. Финансовая безопасность: теоретические и практические аспекты / Н. В. Кудреватых, Т.Ф. Мамзина, О.Б. Шевелева [и др.]. Кемерово: Экономика, 2018. 197 с.
2. Правовые основы финансовой и экономической безопасности: учебное пособие / Составители О.Н. Амвросова, Г.Ю. Атаян, Е.В. Касевич. Ставрополь: Северо-Кавказский федеральный университет, 2017. 107 с.
3. Ли, Р.И. Основы научных исследований: учебное пособие / Р.И. Ли. Липецк: Липецкий государственный технический университет, ЭБС АСВ, 2013. 190 с.
4. Рузавин, Г.И. Методология научного познания: учебное пособие для вузов / Г. И. Рузавин. М.: Юнити-Дана 2017. 287 с.


## ТАҲЛИЛИ МАЪМУРИКУНОНИИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ


***Курбонов Абдулхайр Каримович*** *- д.э.н., профессор кафедры экономического анализа и аудита, Таджикского национального университета, Адрес: проспект Рудаки 17, Душанбе, 734025. Телефоны: (+992) 917-24-24—83*

***Назирзода Назир*** *ассистент кафедры экономического анализа и аудита, Таджикского национального университета, Адрес: проспект Рудаки 17, Душанбе, 734025. Телефоны: (+992) 919 03 04 19*



*Дар мақола таҳлили раванди маъмурикунонии андоз ва имтиёзҳои он дар системаи иқтисоди миллӣ омӯхта шудааст. Барои тавсифи маъмурикунонии соҳаи андоз ин мафҳум аз кодекси андоз ва дигар сарчашмаҳои илмӣ – назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Махсусан чораҳоро, ки дар заминаи се барномаи давлатии маъмурикунонии системаи андоз амалӣ мешавад, дар бар мегирад. Умуман таҳлили як қатор номгӯи андозҳо, ки меъёри пастшавии онҳо ба рушди соҳавии барномавии иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад, нишон дода шудааст.*



***Калидвожаҳо:*** *андоз, андозбандӣ, имтиёзҳои андоз, маъмурикунонӣ, иқтисоди миллӣ, соҳа, барнома.*



*В статье рассматривается анализ процесс администрирование и налоговые льготы в системе национальной экономике. Было изучено трактовка слова налоговое администрирование в соответствие налоговой кодекс Республики Таджикистан. Далее указано период реализации программы налоговой администрирование в Республики Таджикистан. В целом было анализировано ряд наименование налогов который снижение их доля ставки способствовало в дальнейшем для развития отраслевой программы национальной экономики.*



***Ключевые слова:*** *налог, налогообложения, налоговые льготы, администрирование, экономика, национальная экономика, отрасль, программа.*


Мақсад аз пешниҳоди имтиёзҳо ва сабукиҳо ин таъмини ҳавасмандгардонии молиявию иқтисодии андозсупорандагон мебошад. Он метавонад ба васеъ намудани доираи фаъолияти соҳаҳои афзалиятнок, махсусан таъсиси ҷойҳои кории нав, баланд

бардоштани музди меҳнат, ҳавасмандгардонӣ ва беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии кормандон мусоидат кунад. Ташаккули шароити муносиби иқтисодӣ барои рушди истеҳсолот, ҷалби сармоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҳалли мушкилиҳои хусусияти иҷтимоидошта нигаронида шудааст.

Дар навбати худ, имтиёзҳои андозӣ бартарияти пешбининамудаи қонунгузории андоз эътироф карда мешаванд, ки ба гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон дар муқоиса бо андозсупорандагони дигар, аз ҷумла, вобаста ба пардохт накардани андоз ё пардохт кардани онҳо бо андозаи камтар пешниҳод карда мешаванд. Дар Кодекси нави андоз, ки моҳи январи соли 2022 мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар моддаи 2 дар бораи мафҳумҳои асосие, ки дар кодекси мазкур истифода мешаванд. Аввалин мафҳумҷойдошта ин маъмурикунонии андоз мебошад. Маъмурикунонии андоз – маҷмӯи чораҳои аз ҷониби мақомти андоз бо риояи талаботи кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ амалишавандае, ки ба таъмини татбиқи санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои андозӣ, боҷи давлатӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет равона гардидаанд [1]. Бояд қайд кард, ки дар ин моддаи кодекси андоз 56 номгӯи чораҳои ба раванди андозбанди мансуб мавриди тавсиф қарор дода шудааст, ки ҳар кадоми онҳо ба таъмини мӯътадилсозии андоз дар системаи иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад. Дар давоми солҳои 2011-2020 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 барномаи маъмурикунонии андоз қабул карда шуд, ки онҳо мақсад, вазифа ва ҷараёни амалигардонии тақвият бахшидани рушди соҳаи андозбандиро дар бар мегирад.

Дар Кодекси андоз дар таҳрири нав бо мақсади рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ илова ба сабукӣ ва имтиёзҳои қаблан муқарраршуда, ки онҳо ба зиёда аз 160 адад баробар буданд ва боз як қатор ҳавасмандкуниҳои нав низ пешниҳод карда шудааст.

Дар кодекси мазкур андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз номгӯи андозҳо хориҷ гардида, меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (андоз аз фоида) барои фаъолияти истеҳсоли молҳо ба андозаи имтиёзноки 13 фоиз нигоҳ дошта шудааст.

Барои дастгирӣ намудани субъектҳои соҳибкорӣ ва фаъолгардонии иқтидорҳои онҳо меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда аз 18 фоиз (амалкунанда) ба 15 фоиз паст карда шуд.Дар баробари ин ба аз 1 январи соли 2022 то 1 январи соли 2027 давра ба давра аз 15 то ба 13 фоиз паст намудани меъёри ин намуди андоз пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади зиёд намудани ҳавасмандии корхонаҳои истеҳсолӣ ва марказҳои калони савдо барои харидории маҳсулоти кишоварзӣ аз хоҷагиҳои деҳқонии маҳаллӣ, дар Кодекси андоз меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда нисбат ба фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи 5 фоиз пешбинӣ гаридидааст.

Барои таъмини шаффофияти баҳисобгирӣ, аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ дар ҳисоботҳо нишон додани шумораи воқеии кормандон ва музди миёнаи моҳона, меъёри андози иҷтимоӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ, ки то ин давра 25 фоизро ташкил медод он ба 20 фоиз кам карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар кодекси мазкур дар боби 48,52,53 ва дар боби 27-и моддаи 189, ки “Озодкунӣ аз андоз” унвон гирифтааст, ва ҳаммаи ин номгуи моддаҳо мушаххасан ҷараёни имтиёзи андозбандии соҳаҳоро дар худ таҷассум мекунанд. Барои возеъу равшан фаҳмидани мафҳуми маънoии “имтиёз” мо ба омӯзиши ин

калимаи аз луғати русӣ-тоҷикии таҳти таҳрири академик М.С. Осимӣ истифода намудем,"ки дар он калимаи русии "лигота" мафҳуми маъноии он бо забони тоҷикӣ "имтиёз, сабукӣ" мебошад" [2]. Дар адабиёти иқтисодӣ бошад, мафҳуми маънои имтиёз, "ки аз тарафи як қатор олимон Ю. Иванов, Тишенка, В. Карпов, А.Карпов, В. Мельник, А.Дрига, И. Люти, М.Петренка омӯхта шуда, онҳо ва дигар муҳаққиқон калимаи "имтиёз"-ро бо калимаи "преференсии", сабукиҳое, ки дар бастани шартномаҳои байнидавлатӣ савдоӣ ба вуҷуъ мепайвандад ва баробар қиммат баҳо медиҳанд"[3].

Ба ақидаи ин олимон мо ҳамфикр нестем чунки имтиёзҳои андозӣ вобаста ба соҳаҳо дар давоми муайяни вақт аз тарафи давлат муқарар карда мешавад. Сабукӣ бошад ба як соҳае нигаронида шудааст, ки ин ҳам дар шартномаи савдоии байнимамлакатҳо амалӣ карда мешавад.

Дар баробари ин, дар Кодекси нави андоз ҷиҳати дастгирии давлатии соҳаи саноат, аз ҷумла вобаста ба азнавтаҷҳизонидани истеҳсолот ва ҷалби сармоя иҷозати тарҳи хароҷотҳо аз даромади андозбандишаванда бо роҳи зиёд намудани меъёри тарҳи хароҷоти истеҳлоки воситаҳои асосӣ, рекламавӣ, намояндагӣ ва дигар хароҷоти шабеҳ васеътар амалӣ кунонида шудааст. Ба андозсупорандагон ҳуқуқ дода шудааст, ки ҳангоми насби таҷҳизоти технологии нав, азнавтаҷҳизонии техникӣ, тарҳкунии сармоягузориро бо меъёри аз 5 то 10 фоизи арзиши воситаҳои асосии қайдшуда аз даромади умумии андозбандишаванда истифода баранд.

Дар амал чунин ҳолатҳоро низ вохурдан мумкин аст, ки баъзе аз сармоягузорон ва соҳибкорон аз имтиёзҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар амал самаранок истифода бурда наметавонанд. Аз ин баъзе ҳолатҳо нисбат ба натиҷаи корҳои назоратии мақомоти андоз, ки ба субъектҳои хоҷагидорӣ ин гуна сабукиҳоро пешниҳод намудааст онҳо инро мақсаднок истифода метавонанд.

Имрӯз мақомоти андоз ҷиҳати таъмини иҷрои муқаррароти Кодекси андоз, татбиқи амалии санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда як катор корҳоро ба анҷом расонидааст, ки инҳо мебошад:

- ҷиҳати ташкили махзани ягонаи маълумот ва баҳисобгирии имтиёзҳои андозӣ, дар эъломияҳои ҳар як намуди андоз, банд ва сатрҳои алоҳида оиди «имтиёзи андозӣ» пешбинӣ карда шудааст, ки аз рӯи натиҷаи онҳо метавонанд андозсупорандагон пурра ҳисоботи алоҳида пешниҳод кунанд;
- бо мақсади дуруст ба ҳисоб гирифтани маблағи имтиёзҳои андозии татбиқгардида дар барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо дар қатори «Ҳисоботҳои таҳлилӣ аз рӯи соҳаҳо», «Маълумот оид ба маблағи имтиёзҳои андозӣ» ҷойгир карда шудааст. Баъдан аз махзани маълумотҳои Кумитаи андоз маълумот оид ба маблағи имтиёзҳои андозӣ аз рӯи соҳаҳо бо нишондоди номгӯи андозсупорандагон ва маблағи имтиёз аз рӯи ҳар як намуди андоз вобаста ба давраи дахлдор дастрас карда мешавад, ки ин маълумотҳо барои гузаронидани корҳои таҳлилӣ ва самаранокии онҳомавриди истифода қарор гирифтааст;
- бо мақсади ташкили махзани ягонаи маълумот доир ба маблағҳои аз ҳисоби созишномаҳои қарзӣ ҷойгир карда шуда, субъектҳои хоҷагидорӣ маълумотҳоро дар ин қисмат тавассути ҳуҷраи шахсии андозсупоранда, ҳармоҳа ба мақомоти андоз пурра пешниҳод мекунад. Яъне тратиби андоз аз арзиши иловашуда андоз аз лоиҳаҳои грантӣ субъектҳои хоҷагидорӣ нишон дода шудаанд. Замина барои он қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2020, таҳти №670 «Тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои андозӣ ва гумрукӣ» тасдиқ гардида мебошад. Он баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳоро, ки дар як сол як маротиба барои давраи ҳисоботӣ гузаронидашавандаро нишон медиҳад.

Баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшуда тибқи қарори мазкур нисбати ҳар як имтиёзи пешниҳодшуда ва ҳар як андозсупоранда - имтиёзгиранда амалӣ карда мешавад, ки замимаҳои ҳисоботӣ ва усулҳои баҳодиҳии самаранокии он муқаррар карда шудааст.

Дар шароити имрӯза, самаранокии имтиёзҳои андозӣ бо назардошти усулҳои дар амал истифодашаванда, ки мувофиқи муқаррароти кодекс нисбати ҳар як соҳа дар алоҳидагӣ аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор арзёбӣ карда мешавад. Натиҷаи ниҳоии он бошад то 1 майи баъди соли ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Имрӯз бо мақсади таъмини иҷрои муқаррароти моддаи 32 Кодекси андоз «Дар бораи Тартиби пешниҳод ва арзёбии самаранокию мақсаднокии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ» ҷиҳати баҳисобгирии пурраи имтиёзҳои истифодашуда аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор ва таъмини самаранокии имтиёзҳои андозӣ, шурӯъ аз 1 феврали соли ҷорӣ модули «Бақайдгирии электронии имтиёзҳои андозӣ ва озодкунӣ аз андозҳо»-и Системаи мутаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз мавриди амал қарор дода шудааст.

Аз маълумотҳои авала дар соли 2022 манбаҳои андозбандие, "ки нисбат ба онҳо имтиёзи андозӣ татбиқ гардидаанд, махсусан маблағи имтиёзҳои андозии истифодашуда (бе назардошти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ) дар ин давра ба 6,6 млрд. сомонӣ баробар мебошад" [4].

Ба ақидаи мо амалигардонии имтиёзҳои андоз ва ҳавасмандгардониҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ба рушди соҳибкорӣ нигаронидашуда имконият фароҳам меоранд, ки субъектҳои хоҷагидорӣ фаъолияти худро самаранок ба роҳ монда, бо ин восита ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, коҳишёбии нарх, шаффофияти баҳисобгирӣ ва истифодаи технологияи рақамӣ замина мегузоранд.

**Адабиёт**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, - 2022. - 384с.
2. Луғати русӣ-тоҷикӣ таҳти таҳрири М.С. Осимӣ. – М. 1985. 1020с.
3. Налоговые льготы. теория, практика, применение. Монография для магистрантов. И.А. Майбуров, Ю.Б. Иванова. –М. 2015. 487с.
4. Ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022.


## ТАЪМИНИ САМТҲОИ ИНФРАСОХТОРИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ БАРОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА


***Ҳасанова Махфират Иномовна**, омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ дар кафедраи умумидонишгоҳии информатикаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"*



***Аннотатсия:** Технологияи иттилоотӣ ва ҷоришавии он дар ҷамъият яке аз хусусиятҳои хоси иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Дар мақолаи мазкур, барои рушди иқтисодиёти рақамӣ таъмини он бо инфрасохтори иқтисодиёти рақамӣ, ки аввалин дараҷа бояд бошад, мавриди таҳлил қарор дода шудааст.*

***Аннотация:** Информационные технологии и их внедрение в общество одна из отличительных черт мировой экономики. В данной статье, анализируется обеспечение*

*инфраструктурой цифровой экономики для развития цифровой экономики, что должно стать первым шагом.*

***Annotation:*** *Information technology and its introduction into society is one of the features of the global economics. The article analyzes the provision of digital economy infrastructure for the development of the digital economy, which should be the first step.*

***Калидвожаҳо:*** *иттилоот, иттилоотонӣ, иқтисодиёти рақамӣ, технологияи иттилоотӣ, коммуникатсионӣ, компютеркунонӣ, шабака, иттилоотонии иқтисодиёт, идоракунии иқтисодиёт, хизматрасонии электронӣ, тиҷорати электронӣ.*

***Ключевые слова:*** *информация, информатизация, цифровая экономика, информационные технологии, коммуникация, компьютеризация, сеть, информатизация экономики, управление экономикой, электронные услуги, электронная коммерция.*

***Keywords:*** *information, informatization, digital economy, information technologies, communicative, computerization, network, informatization of economy, economy management, electronic services, electronic commerce.*

Гузариш ба иқтисодиёти иттилоотӣ имкониятҳои нав ба навро дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ пайдо менамояд. Вале, ин имкониятҳоро, сараввал, дарк кардан ҷоиз аст, соният онҳоро дуруст инъикос ва ба ҳисоб гирифта, аз рӯи таъинот барои расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ равона кардан ҷоиз аст. Дар акси ҳол, ба натиҷаҳои манфӣ низ расидан мумкин аст. Масалан, ба тезутундшавии муаммоҳои иҷтимоӣ, ки дар натиҷа, пастшавии рушди иқтисодиёт ба назар мерасад. Дар ин самт дар илми иқтисодиёт аз ҷониби олими иқтисоддон М. Бангенман чунин омадааст: “Он кишварҳое, ки аввалин шуда ба ҷамъияти иттилоотӣ ворид мегарданд, имкониятҳои ғайриодии бузургро дастрас менамоянд. Хусусан, онҳо шарту шароитҳоро барои дигар кишварҳо пешниҳод менамоянд, ки бояд бо кадом роҳ тараққӣ диҳанд. Баръакс, он кишварҳое, ки дар самти гузариш ба иқтисодиёти иттилоотӣ ба сусткорӣ роҳ медиҳанд, қарорҳои нобасомонро қабул менамоянд, ба муаммоҳои камшавии сармоягузорӣ ва пастшавии шуғли аҳолӣ рӯбарӯ меоянд”. [1]

Умуман, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шароити муосир технологияҳои иттилоотӣ дар ташаккули иқтисодиёт нақши муҳимро бозида ба ҳама соҳаҳо, секторҳо, хусусан, дар солҳои охир он самараи баланди синергетикӣ дошта, бо суръати тез ворид шуда истодааст. Сабаби асосии чунин ҳолати кор дар нуктаҳои зерин инъикос меёбад:

-сектори технологияи иттилоотӣ табиатан сермаҳсул аст, ки он пурра ба иқтисодиёт таъсир мерасонад;

- воридшавии технологияи иттилоотӣ дар секторҳои иқтисодиёт сифати корро куллан тағйир медиҳад ва ҳосилнокии меҳнат якчанд маротиба баланд мегардад;
- иқтидори омили инсонӣ ба сармояи инсонӣ табдил мегардад, ки донишҳои махсус барои истифодабарии технологияи инноватсионӣ зарур аст;
- ҷараёни ташкили меҳнати коргарон самаранок гардида, ҳавасмандии коргарон барои баланд бардоштани сатҳи самараи кори худ равона мегардад;
- алоқа байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда торафт алоқаманд мегардад;
- истифодабарии технологияи иттилоотӣ сад дар сад то ҳазорҳо маротиба хароҷотҳои транзаксиониро аз байн мебардорад.

Барои тараққиёти иқтисодиёи рақамӣ аввалин дараҷа бояд инфрасохтори иқтисодиёти рақамиро таъмин бояд кард. Пеш аз баррасии инфрасохтори иқтисодиёти рақамӣ, мо бояд худи мафҳуми “инфрасохтори иқтисодиёти рақамӣ”-ро мушаххас созем.

Инфрасохтори иқтисодиёти рақамӣ – маҷмӯи соҳае мебошад, ки барои эҳё намудани муҳити мусоид барои рушд, амалӣ намудани технологияи рақамӣ дар ҷамъият мебошад.

Инфрасохтори иқтисодиёти рақамӣ аз низоми қонунгузорӣ барои рушди иқтисодиёти рақамӣ; шабакаҳои провайдерӣ; системаҳои таҷҳизотҳои физикӣ барои ташкили Интернети баладсуръати телекоммуникатсионӣ; мактабҳои миёна ва олие, ки кадр барои иқтисодиёти рақамӣ таёр мекунанд иборат аст.

Дар Мақомотҳои идоракунии маҳаллии давлатӣ таъминнокии иттилоотӣ ҳам барои Мақомоти иҷроияи давлатии вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳо ва ҳам барои вакилӣ ба намояндагони маҳаллӣ низ хеле зарур аст. Боиси қайд аст, ки пас аз қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 декабри соли 2011, таҳти №643 дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо баҳри татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти идоракунӣ чораҳои зарурӣ андешида шудаанд.

Дар асоси Консепсияи ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳо нақшаи чорабиниҳои махсуси худро самаранок коркард намуда, баҳри баланд бардоштани хизматрасонии давлатӣ дар асоси истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ фаъолияти худро танзим менамоянд. Аз ҷумла, дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд барномаи махсуси «Автоматизатсиякунонии ҳуҷҷатгузорӣ дар сохторҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд» қабул гардида, дар натиҷаи татбиқ 22 нуқтаи хизматрасонии иттилоотию коммуникатсионӣ бо пайвастшавии Интернети баландсуръат омода карда шуд.

Соҳаҳои истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ бо тарзи ғайриодӣ ҳаҷми васеъро дар бар гирифта истодааст. Аз ин лиҳоз, хеле зиёд масъалаҳо низ пайдо шуда истодаанд. Яке аз онҳо тағйирёбии моҳияти муносибатҳои байни ҳокимият ва ҷамъият дар шароити муосир мебошад. Моҳияти масъалаи мазкур дар асоси сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотонии муносибатҳои ҳокимият ва ҷамъият муайян хоҳад гардид. Нуқтаи оғози таҳияи иқтисодиёти иттилоотӣ бо қабул ва амалишавии таҳкурсии ҳуқуқии он ифтитоҳ мегирад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолият хеле зиёд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардида истодаанд.

Ҳадафи асосӣ аз амалишавии қонун, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномаҳои қайдгардида таҳияи ҷамъияти иттилоотӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ба воситаи татбиқи технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ мебошад. Кишварҳои мутараққии ҷаҳон исбот намудаанд, ки иттилоотонӣ ҳамчун локомотиви рушди иқтисодиёти миллӣ ва омили асосии баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ мебошад. Барои ҷорӣ намудани технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ дар навбати аввал муҳити мусоид зарур аст, ки ташаккули он яке аз вазифаҳои афзалиятноки стратегияи миллӣ бояд бошад. Дар ин радиф, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, яъне амалишавии вазифаҳои давлатӣ дар минтақаҳои алоҳида яке аз равияҳои афзалиятнок дар самти истифодабарии технологияи коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили тамоюли рушди индустрияи иттилоотонӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маълумоти шумораи корхонаҳое, ки дар зерсохтори хизматрасонии иттилоотиву телекоммуникатсионӣ ва шумораи корхонаҳои зерсохтори дигар, яъне, ширкатҳое, ки барои коркарди барномаҳо машғуланд, мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

**Ҷадвали 1. Иттилоот дар бораи ширкатҳое, ки дар вилояти Суғд таъминоти барномаи компютерӣ ва хизматрасонии иттилоотӣ пешниҳод менамоянд**

| | | 2000 | 2005 | 2010 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ширкатҳое, ки хизматрасонии | Шумораи ширкатҳо, адад | 4 | 6 | 9 | 12 | 14 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| иттилоотию компютериро мерасонанд | Кормандон, нафар | 12 | 15 | 20 | 23 | 26 |
| Ширкатҳое, ки барномаҳои махсуси компютерӣ таҳия менамоянд | Шумораи ширкатҳо, адад | - | - | 1 | 5 | 7 |
| | Кормандон, нафар | - | - | 2 | 60 | 72 |

***Сарчашма:*** *Ҳисоботи Шуъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд (аз маводҳои ибтидоӣ)*

Тибқи додаҳои ҷадвал, дар вилояти Суғд шумораи ширкатҳои махсус, ки хизматҳои иттилоотӣ-компютерӣ мерасонанд, ҳамчунин бо коркарди таъминоти барномавӣ ва фурӯши он дар бозори иттилоотии маҳаллӣ машғуланд, рӯ ба афзоиш дорад. Агар соли 2000 дар минтақа ҳамагӣ чор ширкати пешниҳодкунандаи хизматҳои иттилоотӣ-компютерӣ бо 12 корманд мавҷуд бошад, соли 2021 шумораи онҳо ба 14 ва теъдоди кормандонаш ба 26 нафар расидааст. Дар умум, ин тамоюлот динамикаи мусбатро инъикос кунад ҳам, он қонеъкунанда ба шумор намеравад, зеро дар тӯли қариб 21 сол миқдори чунин ширкат ҳамагӣ 10 адад, кормандон бошад 13 нафар зиёд шудааст. Аксар маврид технологияҳои иттилоотӣ дар асоси барномаҳои дар хориҷа коркардшуда амал мекунанд. Дар соҳаи фаъолияти ширкатҳое, ки бо коркарди таъминоти барномавӣ машғуланд, низ чунин вазъият ҳукмфармо аст. То соли 2010 дар вилоят ягон ташкилоте мавҷуд набуд, ки бо барномарезии компютерӣ машғул бошад. Дар ин самт қадамҳои аввалин танҳо соли 2010 гузошта шуданд. Дар натиҷа, соли 2010 ҳамагӣ як ширкат бо коркарди таъминоти барномавӣ машғул буд ва он ду корманд дошт. Соли 2021 теъдоди чунин ширкат ба 7 адад, шумораи кормандон бошад, ба 72 нафар расид, ки ин тамоюли хуб аст, вале кофӣ нест.

Барои ташаккули ширкатҳое, ки дар боло қайд гардид, самаранокии баланди таъмини инфрасохтори иқтисодиёти рақамӣ дар минтақаҳо ба даст меояд. Аммо барои ташаккули ин инфрасохтор кадрҳои баландихтисос ва маблағи кофе зарур аст. Албатта дар шароити маҳдуд будани захираҳои буҷетӣ, масъалаи маблағгузорӣ проблема мебошад. Барои ҳалли ин муаммо сиёсати иқтисодии минтақавӣ бештар ба фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ равона карда шавад, ки ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ ва соҳибкорони маҳаллиро таъмин намояд. Айнан ҳамин самти сиёсати иқтисодии минтақаро самти афзалиятноки он шуморидан мумкин аст.

Чунин ба хулоса омадан мумкин аст, ки аз ҳама муҳим, рушди хизматрасониҳои иттилоотӣ, истифодабарии технологияи муосири иттилоотӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ маънои онро дорад, ки қаламрави иттилоотии вилояти Суғд васеъ мегардад. Ин имконият медиҳад, ки сатҳи зиндагии мардум беҳтар мегардад, самаранокии фаъолияти сохторҳои давлатӣ ва ҳамкории он бо ҷамъият, аҳолӣ мустаҳкам мегардад. Умуман, гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа мусоидат менамоянд.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. Егина Н.А. Экономика знаний: глобальный тренд и перспективы России// Финансовая экономика. - 2018. - №3. – С. 44-47.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 "Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". // mmk.tj.

## ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВИИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИДОРИ САРМОЯГУЗОРӢ

***Кошонова Манзура Раҳматҷоновна*** *- д.и.и., профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи 2 гуз. Маяковский 6/2 ҳ.40. тел.: 93-555 50 72, e-mail: manzura@ yandex.ru*

***Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович*** *муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14, Тел.: (+992) 931 52 55 22, e-mail: Jonibek-010188@mail.ru*

***Асматбекзода Фирдавс*** *сардори раёсати омори саноат ва сармоягузориҳо дар сохтмони Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

*Дар мақола такмили механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ, алалхусус муайян кардан ва сафарбар намудани имкониятҳои молиявии минтақаҳо ҳамчун объекти таҳқиқотӣ баррасӣ мегардад.*

*Таҳлил ва омузиши масъала нишон медиҳад, ки дурнамои рушди минтақа, такмили механизми ташкилию иқтисодии идоракунии иқтидори сармоягузориро ба рушди иқтисоди соҳаҳои саноатию аграри ва сармоягузори дар НТҶ вобастааст. Дар баробари тадбирҳои беҳсозии омилҳои заминагузори рушд, ташаббусҳои инфиродии нисбати сармоягузорони дохилӣ ва хориҷиро муаллиф дар заминаи ташаккулёбии маҳсулоти саноатию аграрии инноватсионӣ ҳамчун маҷмӯи стратегия пешниҳод менамояд. Ин ташкили ҷойгирсозии иқтидорҳои афзалияноки истеҳсолиро дар НТҶ баэътибор мегирад.. Ҳамин тавр, дар ин замина ташаккул ва истифоабарии оқилонаи иқтидори инсонӣ дар минтақа аз ҳисоби кувваи кории арзони он бар меояд. Муаллиф қайд мекунад, ки омузиши сатҳу вазъи истеҳсоли маҳсулоти саноатию аграрии НТҶ ҳамчун натиҷаи рушди иқтидори зеҳнӣ ва беҳсозии сифати фазои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ сатҳи зиндагии аҳолиро дар НТҶ рушд медиҳад.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Такмили иқтидори сармоягузорӣ, механизми молиявӣ, ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ, имкониятҳои молиявии минтақа, нишондиҳандаи натиҷавӣ, вазъи сармоягузорӣ, идоракунии иқтидори сармоягузоӣ, маблаггузории самаранок.*

## СОВЕРШЕНИЯ ФИНАНСОВОГО МЕХАНИЗМА УПРАВЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫМ ПОТЕНЦИАЛОМ

*В статье рассматривается совершенствование финансового механизма управления инвестиционным потенциалом, в частности определение и мобилизация финансовых возможностей регионов в качестве объекта исследования.*

*Анализ и изучение вопроса показывает, что перспективы развития региона, совершенствования организационно-экономического механизма управления инвестиционным потенциалом зависят от развития индустриально-аграрной отрасли экономики и инвестиций в РРП. Наряду с мерами по улучшению факторов, лежащих в основе развития, автор представляет индивидуальные инициативы в отношении отечественных и зарубежных инвесторов на основе формирования инновационной промышленно-аграрной продукции как комплекса мер по стратегии развития региона. Это предполагает организацию размещения приоритетных производственных мощностей в РРП. В этом же контексте формирование и рациональное использование человеческого потенциала в регионе происходит за счет его дешевой рабочей силы. Автор*

*считает, что изучение уровня и состояния производства промышленной и аграрной продукции в РРП как результат развития интеллектуального потенциала позволит повышению уровня жизни населения данного региона.*

***Ключевые слова:*** *Совершенствование инвестиционного потенциала, финансовый механизм формирование инвестиционного потенциала, финансовые резервы региона, результативные показатели, инвестиционный ситуация, управление инвестиционного потенциала, инвестиционных вложений.*

## IMPROVING THE FINANCIAL MECHANISM OF MANAGING INVESTMENT POTENTIAL

*The article discusses the issues of improving financial mechanisms for managing investment potential, in particular, the definition and mobilization of financial opportunities as an object of research*

*The analysis of the issue shows that the prospects and development of the region, and the improvement of the organizational and economic mechanism for managing investment potential depend on the development of the industrial and agricultural field of economic and investments in the DRS.*

*Along with measures to improve the factors which provide development of the region, the author presents individual initiatives regard to domestic and foreign investors which are base for the formation of innovative industrial and agricultural products as a set the strategy of development. This implies the organization of the allocation of priority production capacity in the DRS. Thus, in this context, the formation and rational use of human potential in the region is due to its cheap labor. The author notes that the explore of the level and state of production of industrial and agricultural products of the DRS as a result of the development of intellectual potential and improvement*

***Key words:*** *Improvement of investment potential, financial mechanism, formation of investment potential, regional financial opportunities, performance indicator, investment condition, investment potential management, effective financing.*

Такмили механизми молиявию иқтисодии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ асосан ба самте нигаронида мешавад, ки дар асоси тақвият додани иқтидори иқтисодӣ, алалхус дар шароити дигаргуншавиҳои сохтории иқтисодӣ самаранокии идоракуни таъмин гардонида шавад.

Ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ дастгирии давлатии пешрафти сармоягузориро дар шакли сармоягузории буҷетии объектҳои алоҳида ва ҳам қарздиҳии имтиёзнок дар асоси омехта дар назар дорад. Механизми молиявию иқтисодии ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ ва танзими раванди сармоягузориро унсурҳои зерин муайян мекунанд: ояндабинӣ, танзим, таъмин, таҳлил, ҳавасмандгардонӣ.

Чунончӣ, ояндабинӣ барои тавсифи талабот ба захираҳои молиявӣ ва қарзӣ; танзим барои истифодабарии фишангҳои таъсиррасонӣ ва назорат; таъмин барои фаҳмондану иттилоъдиҳӣ; таҳлил барои муайян намудани тамоюли рушди муносибатҳои қарзӣ дар асоси ошкорнамоии омилҳои асосии таъсиркунанда ба ташаккул ва талаботи захираҳои молиявию қарзӣ, тартибу самти истифодабарии онҳо лозим аст. Самаранокии истифодабарии захираҳо ва асоснокии сиёсати молиявӣ ва қарзӣ, арзёбии арзиши захираҳои молиявию қарзӣ аз рӯи сатҳу самти истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ, назорати ташаккулёбӣ ва истифодабарии ин захираҳо бо

дарназардошти ҳавасмандсозӣ шартҳои муҳимтарини идоракунии захираҳои молиявию қарзии минтақа мебошанд.

Ҷои хосро татбиқи низоми пешрафтаи ҳисоби тақозо ба сармоягузорӣ, қарзу хизматрасониҳои бонкӣ, омӯхтани таҷрибаи пешқадами ватанию хориҷии хизматрасонии қарзӣ, таҳияи низоми оқилонаи андозбандӣ, ташкили хизматрасонии бонкӣ ишғол мекунанд.

Ба ин васила, унсурҳои зикршуда сохтору низомеро ташкил медиҳанд, ки дар он дар шароити иқтисоди бозорӣ асоси такмили механизми молиявию қарзии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ муайян карда мешавад. Бояд гуфт, ки сатҳу вазъи сармоягузориҳо хусусан аз ҳисоби манбаъҳои дохилии ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ нишондиҳандаи суботи иқтисодӣ ва симои муайяни мусбати минтақа дар ҷалбнамоии сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ маҳсуб мешавад.

Дар марҳилаи муосир татбиқи равишҳои нави ташкили манбаъҳои ташаккулёбӣ ва равонасозии сармоягузории афзалиятнок муҳим ба шумор меравад. Дар раванди татбиқи амалӣ маълум шуд, ки аз миёни имкониятҳо ҷои таъинкунандаро баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ чун манбаи тавонои сармоягузорӣ ва воситаҳои буҷетӣ ишғол мекунад. Бо дарназардошти маҳдудии имкони молиявӣ муайян намудани самтҳои афзалиятноки ташаккули сохторҳои ниҳодӣ барои ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ ниҳоят муҳим аст. Зимнан дастгирии таъсиси ширкатҳои ғайридавлатии илмию техникӣ лозим мебошад. Субъектони дорои афкори навоварӣ метавонанд мутахассисони инфиродӣ ва ҳам гурӯҳҳои олимону мутахассисон бошанд. Бо истифода аз муносибатҳои аҳдномавӣ ва шарикӣ дар якҷоягӣ бо сохторҳои хоҷагӣ, бахусус соҳибкорон, онҳо иқтидори зеҳниро ташаккул дода, барои дарёфти усулу бахшҳои самараноки сармоягузории сармояи озод мусоидат мекунанд.

Ба ин васила, такмили механизми молиявию қарзии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ бояд чун низоме баромад кунад, ки унсурҳои баланд бардоштани самаранокии ташаккулёбӣ ва истифодабарии иқтидори сармоягузории НТҶ-ро дар шароити гузариш ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионӣ дар бар мегирад. Дар ин самт ҷустуҷӯи роҳҳои нави рушди муҷтамаи сармоягузорию инноватсионии минтақа, вобаста ба ташкили зерсохтори саноатию аграрӣ дар асоси дастгирии фаъоли сармоягузории давлат ва сиёсати сармоягузории минтақа хеле муҳим мебошад. Чунин роҳи ҳалли масъалаҳо, ба фикри мо, дар ибтидо унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

*Танзими давлатии меъёри фоиз дар сатҳи дастгирикунанда. Ин нишондиҳанда бояд бо сатҳи миёнаи нишондиҳандаҳои молиявии соҳаҳои бахши воқеӣ ва гузариш ба иқтисоди саноатию аграрии инноватсионии НТҶ қобили қиёс бошад;

*Танзим ва роҳҳои арзёбинамоии хавфу хатарҳои имконпазир дар ҳудуди НТҶ. Фароҳам овардани шароитҳо оид ба фаъол гардонидани кафолати давлатии суғурта барои сармоягузориҳое, ки барои иқтисоди саноатию аграрии инноватсионии НТҶ ташаккул дода ва истифода бурда мешаванд;

*Гузариш ба низоми ҳавасмандкунандаи фискали, андозию буҷетӣ барои дастгирии сармоягузорӣ дар НТҶ.

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз сабаби фаъолияти нокифояи сармоягузорӣ дар кишвар, аз ҷумла дар минтақаҳои алоҳидаи он буҳрони тӯлонии напардохтани қарзҳо мебошад. Дар ин шароит даромаднокии субъектҳои иқтисоди

кам гардида садди роҳи такмили иқтидори сармоягузорӣ дар ҳама сатҳҳо мегардад. Аз ин бармеояд, ки фаъолгардонии сармоягузорӣ тибқи низоми ҳавасмандкунӣ ҳисобшудаи рушди иқтидори сармоягузорӣ ва омили таъминкунандаи гузариш ба иқтисоди саноатию аграрии инноватсионии НТҶ мебошад.

Ин вазифаи хеле мушкил аст, зеро дар шароити нави рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ин кор бояд бо сармояи асосии моддӣ ва маънаван куҳнашуда анҷом пазирад. Сиёсати буҷетӣ ва молиявию қарзии ба андоз асосёфта ангезаи субъектони иқтисодиро дар сармоядории даромадҳо ба куллӣ дигаргун мекунад. Чунончӣ, қисми зиёди захираҳои истеҳлоку такрористеҳсол ба маблағгузории эҳтиёҷоти ҷории корхонаҳои амалкунанда масраф шуда, садди роҳи пешравии инноватсионии субъектони иқтисод мегардад. Бинобар ҳамин аз назари мо назорати давлатиро аз болои истифодабарии мақсадноку самараноки сармоягузориҳои давлатӣ, аз ҷумла дар сатҳи ҳукуматҳои маҳаллӣ, тақвият бояд намуд. Саривақтӣ ва пуррагии ҳаҷми захираҳо бояд тибқи маблағгузории баробари барномаҳои мақсаднок, ки он ҷо объектҳои барномаи сармоягузорӣ ба таври шаффоф зикр шудаанд, муайян шавад.

Масъалаҳои такмили механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ аз раванди дуруст ба роҳ мондани унсури назорати вобастагии зич дорад. Бинобар ҳамин назорат ва мониторинги истифодабарии сармоягузориҳои буҷети дар ин самт мақоми хоса гирифта ҳамчун воситаи таъсирбахши идоракуни баромад мекунад. Аз ҷумла чунин амалиётҳо аз ҳисоби маблағгузории барномаҳои давлатии рушди кишвару минтақаҳо хеле зарур буда, аз ин хусус бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд. Ҳамзамон хароҷоти асосии берун аз барномаи ҷумҳуриявии сармоягузорӣ тамвилшаванда тибқи моддаҳои гуногуни буҷет ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ба андешаи мутахассисон, ин механизм дар сурати таҳия ва тасвиб кардани тартиби омодасозӣ ва гузариши ҳуҷҷатҳои падохт боз ҳам таъсир бахш баромад мекунанд. Ин имкон медиҳад то назорати харҷи маблағҳо пурзӯр карда шавад ва инчунин муҳлати ҳаракати захираҳои молиявиро дар ҷараёни татбиқи барномаҳои сармоягузорӣ самаранок гарданд.

Яъне, масъалаҳои такмили механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ дар шароити НТҶ пеш аз ҳама тағйир додани равияҳои консептуалии танзими иқтидори сармоягузориро тақозо менамояд. Аз назари мо чунин механизм бояд ба тағйирдиҳии сохтори фондҳои сармоягузорӣ нигаронда шавад. Бо таваҷҷуҳи асосӣ ба соҳаҳои афзалиятнок, ки аз нуқтаи назари иқтидори ташкили фондҳои сармоягузорӣ дар роҳи расидан ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии НТҶ муҳимтар мебошанд. Дар ин замина механизми идоракунӣ дар сатҳи минтақа имкони баҳисобгирии пурраи шароити мушаххаси муайянкунанда барои таъмини гузариш ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии НТҶ-ро дарбар мегирад. Дар ин самт чунин тадбирҳо муҳим аз қабили мушаххас гардондани самтҳои сармоягузорӣ, истифодабарии манбаъҳои имконпазири сармоягузорӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти субъектон тибқи талаботи бозор ва истифодабарии шаклу усулҳои таъсирбахш ба шумор мераванд. Бо ин роҳ ҷамъбаст ва тақсим кардани захираҳои сармоягузорӣ мувофиқ ба муносибатҳои бозории дар кишвар минтақаҳои алоҳидаи он баромад мекунанд.

Дар натиҷа чунин хулоса кардан мумкин аст, ки барои такмили иқтидори сармоягузории НТҶ дар самти иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии имкониятҳо ба амал омада, дар ин замина стратегияи сармоягузории НТҶ аз мавқеи фаъолгардонии татбиқи модели рушди устувори иқтисодӣ фароҳам оварда мешавад. Аз назари мо бартарии ин пешниҳод, дар тадбиқи ҳадафҳои стратегии рушди минтақаҳо бо сафарбар намудани шарикии давлат бо бахшҳои хусуси аз тариқи шаклҳои нави хоҷагтдорӣ, ташаккули корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ дар раванди рушди минтақавӣ таҷассум меёбад.

Истифодабарии якҷояи танзими давлатӣ ва усулҳои бозории идоракунӣ, ки ба самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ равона шудааст, имкон медиҳад, ки ташаккули иқтидори сармоягузории НТҶ бо риояи шартҳои зерин таъмин карда шавад:

*муайян кардани асосҳои назариявӣ, муқаррароту принсипҳои сиёсати сармоягузории давлат якҷоя бо хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва истифодабарии иқтидори сармоягузории НТҶ;

*асоснок кардани сармоягузории афзалиятноки давлатӣ ва хусусиятҳои соҳавии НТҶ. Таъмини бевоситаи фондҳои сармоягузорӣ ба ислоҳоти прогрессивии сохторию технологии НТҶ бо гузаштан ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии ва ҳалли мушкилоти иҷтимоии аҳолии минтақа;

*ба низом овардани имконоти минтақавии тавсеи иқтидори сармоягузорӣ. Такмили воситаҳои сармоя бо дарназардошти афзоиши саҳми сармояи ватанӣ дар ҳаҷми умумии захираҳои сармоягузории ҷалбшаванда;

* ташкили механизми молиявию иқтисодии расидан ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии НТҶ дар заминаи дарёфту такмили роҳу усули иқтидори сармоягузории НТҶ.

*фаъол гардондани низоми ҳавасмандгардонии ташаккулёбии даромадҳо ва ҷалб намудани захираҳои молиявии озоди субъектони иқтисодии НТҶ бо самтгирӣ ба сӯи афзоиши доимии ҳиссаи сармоявии даромади аҳолӣ барои такмили иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа.

Ба ин васила, тезонидани гузариш ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии НТҶ усулан ва куллан таркиби механизми идоракунии равандҳои сармоягузориро аз мавқеи такмилдиҳии механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ тағйир медиҳад. Ин бо тағйирёбии низоми мутамаркази ташаккулёбӣ ва истифодабарии захираҳои сармоягузорӣ аз ҳисоби таъсири натиҷаи кор вобастагӣ дорад. Дар ин асос ҳаҷми захираҳои сармоя афзоиш меёбад. Ҳаминтавр механизми мазкур бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ тибқи амали низоми пешниҳодҳои алтернатив пешниҳод гардонида мешавад. Бо ин роҳ имкониятҳое ба амал меояд, ки сармоягузории ройгон маҳдуд гардида, дар робита ба иқтидори сармоягузорӣ имкониятҳои рушд сафарбар карда шаванд.

Чунин ҷараён мунтазам имкониятеро фароҳам месозад, ки ҳиссаи хоси бахши дастгирии давлатӣ, ҳамзамон афзоиши ҳиссаи сохторҳои хурди хоҷагидорӣ, хусусан баланд гаштани нақши аҳолӣ ва ҷалби даромади муҳоҷирон боис мегардад. Чунин раванд асосан ба истифодаи усулҳои бозории идоракунии иқтисод вобаста мебошад. Дар ин замина шароити макроиқтисодӣ, аз ҷумла сиёсати макроиқтисодӣ ва тағйири сифати фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар ва минтақаҳои он аз ҳисоби такмил

додани механизми молиявӣ дар низоми идоракунии иқтидори сармоягузорӣ ба амал меояд.

Нуқтаи муайянкунанда барои гузариш ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии НТҶ муқаррар намудани самтҳои афзалиятноки рушди бахшҳо, таҳияи барномаи давлатии сармоягузорӣ ва рӯйхати лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақа мебошад. Ин гарави амалиёти самаранок ва пайгиронаи мақомоти давлатӣ дар зинаҳои гуногун буда, заминаи қонеъсозии манфиатҳои давлат ва дастгирии афзалиятҳои рушди минтақа ба шумор меравад. Яъне, такмили механизми молиявию иқтисодии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ, ки ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии НТҶ нигаронида шудааст, ба андешаи мо, ташкили фазои мусоиди фаъолияти бахшҳои воқеии иқтидори сармоягузориро таъмин менамояд. Аз назари мо чунин механизм ба воридшавии сармоя ба иқтисодии миллӣ ва минтақаҳо, хусусан НТҶ вобастаги дорад. Чунки чунин раванд имкони воқеии ҳаракати озоди воситаҳои сармоявӣ дар бахшҳои афзалиятноки воқеӣ дошта, ба истеҳсоли маҳсулоти аграрии минтақа равона карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, № 1299.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022с.
4. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои солҳои 2016-2020
5. Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми сентябри соли 2021, №358 – 41.;
6. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми апрели соли 2011, №227. – С.4-7;
7. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293. – 67 саҳ.;
8. Н.В., Безлепкина Инвестиционный потенциал как многомерное явление: структура и факторы формирования. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://cyberleninka.ru/search?q]c
9. М.И. Самогородская. Управление региональными инвестиционными процессами: Монография. - Воронеж: Изд-во «Научная книга», 2005. - 295с.
10. Ф.С. Тумусов. Инвестиционный потенциал региона: Теория. Проблемы. — Практика.—М.: Экономика,1999. -171с